**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН**
**ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ**
**ФИНАНСОВО-ЭКОНОМИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ**
**TAJIK STATE UNIVERSITY OF FINANCE AND ECONOMICS**

# ПАЁМИ
# МОЛИЯ ВА ИҚТИСОД
**№ 1 (25)**
**(маҷаллаи илмӣ-амалӣ)**

# ФИНАНСОВО-ЭКОНОМИЧЕСКИЙ
# ВЕСТНИК
**№ 1 (25)**
**(научно-практический журнал)**

# THE FINANCE AND ECONOMIC
# BULLETIN
**№ 1 (25)**
**(**scientific and practical journal**)**

Душанбе, 2021

**Сармуҳаррир**

Хайрзода Ш.Қ. – сармуҳаррир, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Муовинони сармуҳаррир:**

Сафаров Б.Г. – муовини сармуҳаррир, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Саидмуродов Л.Ҳ. – муовини сармуҳаррир, узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Аъзои ҳайати таҳририя:**

Раҳимзода Ш. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, директори Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ

Эргашев Р.Х. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти Донишкадаи муҳандисию иқтисодии Қаршии Ҷумҳурии Ӯзбекистон

Раҳматзода Р. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Фақеров Ҳ.Н. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Шарифов З.Р. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шотемур

Шарипов Б.М. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Ҷонмамадов Ш.Б. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва тиҷорати байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Хоҷаев П. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Қандиёрова Д.О. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Кошонова М.Р. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Бегматов А.А. – номзади илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Насриддинов Ф.Б. – номзади илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Қодиров Ф.А. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Маъдиев С. – номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Ҷумабоев Х. – номзади илмҳои иқтисодӣ, директори ПИТ «Молия»-и Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Давлатов Х.М. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Содиқов М. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Буриева М.Ч. - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи муносибатҳои молиявию қарзии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Фасеҳзода И. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Ғафуров П.Ҷ. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи моделсозии математикӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Ҳомидов А. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Садриддинов М.И. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Убайдов Ф.С. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Убайдуллоев Ф.К. - номзади илмҳои иқтисодӣ, директори Парки технологии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Туйғунов Н.Ҳ. – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони хориҷии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.**

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
таҳти №082/МҶ– 97 аз 15.10.2018 сабти ном шудааст.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 2021
Паёми молия ва иқтисод
Маҷалла ба Феҳристи тақризшавандаи маҷаллаҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил буда, дар он натиҷаҳои асосии илмии рисолаҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктор ва номзади илм чоп мешаванд.
Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии Намояи иқтибосоварии илмии Россия (НИИР) шудааст.

# ФИНАНСОВО-ЭКОНОМИЧЕСКИЙ ВЕСТНИК

**№ 1 (25)**

**(научно-практический журнал)**

Душанбе, 2021

**Главный редактор**

Хайрзода Ш.К. – гл. редактор, кандидат экономических наук, доцент, ректор Таджикского государственного финансово-экономического университета

**Заместители главного редактора:**

Сафаров Б.Г. – зам. гл. редактора, кандидат экономических наук, доцент, проректор по науке Таджикского государственного финансово-экономического университета

Саидмуродов Л.Х. – зам.гл.редактора, член-кор. НАНТ, доктор экономических наук, профессор кафедры международных финансово-кредитных отношений Таджикского государственного финансово-экономического университета

**Редакционная коллегия:**

Рахимзода Ш. – доктор экономических наук, профессор кафедры банковского дела Таджикского государственного финансово-экономического университета, директор Института экономики и демографии НАНТ

Эргашев Р.Х. - доктор экономических наук, профессор кафедры экономики Каршинского инженерно-экономического института Республики Узбекистан

Рахматзода Р. - доктор экономических наук, профессор кафедры экономического анализа Таджикского государственного финансово-экономического университета

Факеров Х.Н. – доктор экономических наук, профессор кафедры экономики предприятия и предпринимательства Таджикского государственного финансово-экономического университета

Шарифов З.Р. - доктор экономических наук, профессор, заведующий кафедрой бухгалтерского учёта и аудита Таджикского аграрного университета имени Шириншо Шотемура

Шарипов Б.М. – доктор экономических наук, профессор кафедры банковского дела Таджикского государственного финансово-экономического университета

Джонмамадов Ш.Б. - доктор экономических наук, профессор кафедры мировой экономики и международного предпринимательства Таджикского государственного финансово-экономического университета

Ходжаев П. - доктор экономических наук, профессор кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета

Кандиёрова Д.О. - доктор экономических наук, профессор кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета

Кошонова М.Р. - доктор экономических наук, профессор кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета

Бегматов А.А. – кандидат экономических наук, профессор кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета

Насриддинов Ф.Б. - кандидат экономических наук, профессор заведующий кафедрой экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета

Кодиров Ф.А. – кандидат экономических наук, доцент, проректор по международным связям Таджикского государственного финансово-экономического университета

Маъдиев С. – кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой бухгалтерского учета Таджикского государственного финансово-экономического университета

Джумабоев Х. – кандидат экономических наук, директор НИИ «Финансы» Таджикского государственного финансово-экономического университета

Давлатов Х.М. – кандидат экономических наук, заведующий кафедрой финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета

Содиков М. - кандидат экономических наук, доцент, декан факультета менеджмента и экономического права Таджикского государственного финансово-экономического университета

Буриева М.Ч. - кандидат экономических наук, зав. кафедрой международной финансово-кредитных отношений Таджикского государственного финансово-экономического университета

Фасехзода И.- кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой экономического анализа Таджикского государственного финансово-экономического университета

Гафуров П.Дж. - кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой математического моделирования в экономике Таджикского государственного финансово-экономического университета

Хомидов А. - кандидат экономических наук, доцент кафедры страхования Таджикского государственного финансово-экономического университета

Садриддинов М.И. - кандидат экономических наук, доцент кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета

Убайдов Ф.С. - кандидат экономических наук, доцент кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета

Убайдуллоев Ф.К. - кандидат экономических наук, доцент директор Технологического парка Таджикского государственного финансово-экономического университета

Туйгунов Н.Х. - кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой иностранных языков Таджикского государственного финансово-экономического университета

**Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.**

*Журнал регистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан под №082/ЖР - 97 с 15.10.2018г.*

Таджикский государственный финансово-экономический университет, 2021

Финансово-экономический Вестник

Журнал входит в Перечень рецензируемых научных журналов ВАК при Президенте Республики Таджикистан, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученых степеней доктора и кандидата наук.

Журнал включен в Российский индекс научного цитирования (РИНЦ).

# THE FINANCE AND ECONOMIC BULLETIN

(scientific and practical journal)

№ 1 (25)

Dushanbe, 2021

**CHIEF EDITOR**

Khayrzoda Sh.K – chief editor, candidate of Economic sciences, Associate Professor, Rector of the Tajik State University of Finance and Economics

**DEPUTY CHIEF EDITORS:**

Safarov B.G. – candidate of Economic sciences, Associate Professor, Vise-Rector for Science of the Tajik State University of Finance and Economics

Saidmurodov L. Kh. – Deputy Editor in Chief, Corresponding Member NAS RT, Doctor of Economics, Professor of the Department of International Finance and Credit Relations of Tajik State University of Finance and Economics

**EDITORIAL BOARD:**

Rakhimzoda Sh. – Doctor of Economics, Professor of the Department of Banking of the Tajik State University of Finance and Economics, Director of the Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan

Ergashev R.Kh. – Doctor of Economics, Professor of the Department of Economics, Karshi Engineering and Economic Institute of the Republic of Uzbekistan

Rahmatzoda R. – Doctor of Economics, Professor of the Department of Economic analysis of the Tajik State University of Finance and Economics

Faqerov Kh.N. – Doctor of Economics, Professor of the Department of Economics and Entrepreneurship of the Tajik State University of Finance and Economics

Sharifov Z.R. – Doctor of Economics, Professor, Head of the Department of Accounting and Auditing of Tajik Agrarian University named after Shirinsho Shotemur

Sharipov B.M. – Doctor of Economics, Professor of the Department of Banking of Tajik State University of Finance and Economics

Dzhonmamadov Sh.B. – Doctor of Economics, Professor of the Department of World Economy and International Entrepreneurship of the Tajik State University of Finance and Economics

Khodzhaev P. – Doctor of Economics, Professor of the Department of Economic Theory of Tajik State University of Finance and Economics

Kandiyorova D.O. - Doctor of Economics, Professor of the Department of Economic Theory of the Tajik State University of Finance and Economics

Koshonova M.R. – Doctor of Economics, Professor, director of research institute of "Finance" of the Tajik State University of Finance and Economics

Begmatov A. – Doctor of Economics, Professor of the Department of Finance and Money circulationof the Tajik State University of Finance and Economics

Nasriddinov F.B. – candidate of Economic sciences, professor of the Department of Economic theory of the Tajik State University of Finance and Economics

Kodirov F.A. – deputy chief editor, candidate of Economic sciences, associate professor, Vise-Rector on International Relations of the Tajik State University of Finance and Economics

Madiev S.– candidate of Economic sciences, Head of the Department of accounting of the Tajik State University of Finance and Economics

Jumaboev Kh. – candidate of Economic sciences, associate professor of the Department ofTax and Taxation of the Tajik State University of Finance and Economics

Davlatov Kh.M. – candidate of Economic sciences, associate professor of the Department of finance of the Tajik State University of Finance and Economics

Sodikov M. – candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Dean of the Faculty of Management and Economic Law of the Tajik State University of Finance and Economics

Burieva M.Ch. - candidate of Economic sciences, Head of the department of international finance and credit relation of the Tajik State University of Finance and Economics

Fasekhzoda I. – candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Economic Analysis of the Tajik State University of Finance and Economics

Gafurov P.J. – candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Mathematical Modeling in Economics of Tajik State University of Finance and Economics

Khomidov A. – candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Insurance of the Tajik State University of Finance and Economics

Ubaydov F. – candidate of Economic sciences, associate professor of the Department of economic theory of the Tajik State University of Finance and Economics

Sadriddinov M.I.- candidate of Economic sciences, associate professor of the Department of finance of the Tajik State University of Finance and Economics

Ubaydulloev F.K. – candidate of Economic sciences, the Director of Tecknological Park of the Tajik State University of Finance and Economics

Tuygunov N.Kh. – candidate of Philology, Associate Professor, Head of the Department of Foreign Languages of the Tajik State University of Finance and Economics

**The journal is printed in Tajik, Russian and English languages.**

The journal is registed in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan №082/ЖР – 97 from 15.10.2018

The Tajik State University of Finance and Economics, 2021

The Finance and Economic Bulletin

The journal is included in the list of scientific journals of the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan, in which the main scientific results of dissertations for the degree of doctor and candidate of science should be published.

The journal is included in the Russian Science Citation Index (RSCI).

**УДК: 336.71**

# МУАММОҲО ВА ИХТИЛОФОТИ ИСТИФОДАБАРИИ «НАЗАРИЯИ ПАЙРОҲА» ВА ТАШАККУЛИ МАТРИТСАИ ИНСТИТУТСИОНАЛӢ ДАР НИЗОМИ БОНКИИ БОЗОРҲОИ РУШДЁБАНДА

***Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ*** - *н.и.и., дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Телефон: 918-94-94-48.*

*Мақола ба таҳқиқи яке аз мафҳумҳои нисбатан нави иқтисодӣ - «назарияи пайроҳа» бахшида шудааст, ки бо назардошти ҳолати низоми бонкӣ ва вазъи бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон басо мубрам мебошад. Муаллиф маънои назарияи пайроҳаро чунин шарҳ додааст, ки имкониятҳои рушди дилхоҳ кишвар қатъан аз интихоби роҳи тараққиёт, ки хеле пештар сурат гирифтааст, вобастагӣ дошта, вижагии ин интихоб дар он аст, ки дар марҳилаи қаблӣ он метавонист ба таври ғайриоптималӣ сурат бигирад. Аммо, ин интихоби бесамар дар гузашта метавонад рушди минбаъдаро аз қабл муайян кунад.*

*Дар идома, муаллиф раванди ташаккули матритсаи институтсионалиро дар иқтисодиёти миллӣ дар робита ба ислоҳоти бозорӣ тавзеҳ дода, ҷиҳати пешгирӣ аз ҳар гуна домҳои институтсионалӣ, яъне меъёрҳои ғайрирасмии бесамари аз даврони гузашта боқимонда, ҳушдор додааст.*

*Чунончи, ба андешаи муаллиф, домҳои институтсионалӣ ба мисли бартер, ришва, коррупсия, омили хешутаборбозӣ, азхудкунӣ, сӯиистифода аз мақом ва қаллобӣ ба фаъолияти самараноки бонкҳо ва дар маҷмӯъ, низоми бонкӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Бо назардошти хусусиятҳои таърихӣ, анъанаҳо ва тафаккуру зеҳнияти аҳолӣ имрӯз сатҳи пасти андӯхти маблағҳо, бесаводии молиявӣ, нокофӣ будани қобилияти соҳибкории аҳолӣ, ҳамчун оқибати роҳи пешинаи рушди мамлакати мо, инкишофи бахши бонкиро бозмедорад.*

***Калидвожаҳо***: *назарияи пайроҳа, аттрактор, бифуркатсия, матритсаи институтсионалӣ, домҳои институтсионалӣ, низоми бонкӣ, бозорҳои рушдёбанда, QWERTY-иқтисодчиён, институтҳо, назарияи интихоби стандартҳо ва меъёрҳо, қобилияти соҳибкории аҳолӣ.*

## ПРОБЛЕМЫ И ПРОТИВОРЕЧИЯ ПРИМЕНЕНИЯ «ТЕОРИИ КОЛЕИ» И ФОРМИРОВАНИЕ ИНСТИТУЦИОНАЛЬНОЙ МАТРИЦЫ В БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЕ РАЗВИВАЮЩИХСЯ РЫНКОВ

***Хайрзода Шукрулло Курбонали*** – *к.э.н., доцент ректор Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: 918-94-94-48.*

*Статья посвящена исследованию одного сравнительно нового экономического понятия – «теории колеи», которая является очень актуальной с учетом состояния банковской системы и конъюнктуры финансового рынка Республики Таджикистан. Автор объясняет значения теории колеи таким образом, что возможности развития любой страны кардинально зависят от выбора путей развития, который осуществлен уже давно, поэтому специфика выбора состоит в том, что в предыдущем этапе он мог осуществиться неоптимальным образом. Но данный неэффектный выбор в прошлом может предопределять дальнейшее развитие. Далее автор объясняет процесс формирования институциональной матрицы в национальной экономике в связи с рыночными реформами и предостерегает от любых институциональных ловушек, то есть неформальных норм, которые остались неэффективными с прошлого периода.*

*Так, по мнению автора, такие институциональные ловушки, как бартер, взяточничество, коррупция, кумовство, растрата, злоупотребление властью и мошенничество негативно влияют на эффективность банков и банковской системы в целом. С учетом исторических особенностей, традиций и менталитета населения, сегодня низкий уровень сбережений, финансовая безграмотность, отсутствие предпринимательских способностей населения, как следствие предыдущего пути развития нашей страны, тормозят развитие банковского сектора.*

***Ключевые слова***: *теория колеи, аттрактор, бифуркация, институциональная матрица, институциональные ловушки, банковская система, развивающиеся рынки, QWERTY-экономисты, институты, теория выбора стандартов и норм, предпринимательские способности населения.*

## PROBLEMS AND CONTRADICTIONS OF APPLICATION OF «THE THEORY OF PATH DEPENDENCE» AND FORMATION OF THE INSTITUTIONAL MATRIX IN THE BANKING SYSTEM OF DEVELOPING MARKETS

***Khayrzoda Shukrullo Kurbonali*** - *candidate of economic sciences, associate professor; rector of The Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova str. 64/14. Phone: 918-94-94-48.*

*The article is devoted to the study of one relatively new economic concept - the theory of path dependence, which is very relevant taking into account the state of the banking system and the conjuncture of the financial market of the Republic of Tajikistan. The author explains the meaning of the path dependence theory in such a way that the development possibilities of any country fundamentally depends on the choice of development paths, which was carried out a long time ago, therefore, the specificity of the choice is that in the previous stage it could have been carried out in a non-optimal way. But, this ineffective choice in the past can predetermine further development. Further, the author explains the process of forming the institutional matrix in the national economy in connection with market reforms and warns against any institutional traps, that is, informal norms that have remained ineffective since the previous period.*

*So, according to the author, such institutional traps as barter, bribery, corruption, nepotism, waste, abuse of power, fraud negatively affect the efficiency of banks and the banking system as a whole. Taking into account the historical characteristics, traditions and mentality of the population, today the low level of savings, financial illiteracy, lack of entrepreneurial abilities of the population, as a consequence of the previous path of development of our country, hinders the development of the banking sector.*

***Key words:*** *the theory of path dependence, attractor, bifurcation, institutional matrix, institutional traps, banking system, emerging markets, QWERTY economists, institutions, theory of the choice of standards and norms, entrepreneurial abilities of the population.*

Олимон ба дарки ҳамин маънӣ расиданд, ки бунёди модели умумии абстрактии назарияи иқтисод аз рӯйи хирад нест, балки пайвастани ботафсили имкониятҳои равишҳои мавҷуда ва навпайдошаванда нисбат ба масоили гуногуни ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ, ки дар назди назарияи иқтисодӣ истодаанд, дурусттар аст. Аз ин рӯ, меарзад, ки самти нави иқтисодиётро бо номи «Path Dependence» («Вобастагӣ аз пайроҳа») мавриди баррасӣ қарор диҳем, ки маънояш назарияи пайроҳа ё вобастагӣ аз масири рушди қаблӣ мебошад. Назарияи мазкур бар он асос ёфтааст, ки технологияҳои нави пурсамар на ҳамеша калиди муваффақият дар ҳамаи соҳаҳо мебошанд. Дар баъзе ҳолатҳо, барои ба даст овардани натиҷаи беҳтарин қонунияти аллакай мавҷудбударо истифода бурдан зарур аст.

Зоҳиран, маънои асосии мафҳуми «вобастагӣ аз масири рушд» ҳамчун як хусусияти динамикӣ бо чунин ақида муайян карда мешавад, ки таърих як раванди бебозгашти ба шохаҳо ҷудошаванда аст. Эҳтимол дорад, ки баъзе шохаҳо дар рафти ҷараёни аз ҷониби бозор идорашаванда ба нокомӣ дучор шуда бошанд, зеро онҳо боиси пайдоиши «бесамарӣ»-ҳои ҳалнашавандаи иқтисодӣ гаштаанд, ки онҳоро пешгирӣ кардан мумкин буд. Ин ғояро ҷонибдорӣ кардан мантиқан хеле осон аст. Гарчанде ки таърифи расмии мафҳуми «вобастагӣ аз масири рушд» нисбатан ба қарибӣ пайдо шудааст, аммо мафҳуми «нокомии бозор» кайҳо ба адабиёти иқтисодӣ дохил гардидааст. Оё метавонист «оқибат» пеш аз «сабаб» пайдо шавад? Албатта, не. Дар ҳақиқат, иқтисоддонҳо мафҳуми «нокомии бозор»-ро дар заминаи таҳлили статикии мувозинати умумӣ таҳия кардаанд. Аз нуқтаи назари ҳадафҳои сиёсати амалӣ муайян кардани шикасти бозор дар робита бо иҷрои ин шартҳо, ки ҳамчун ҳолати ормонӣ тавсиф мешаванд, баҳо дода мешавад, ки чандон дуруст нест.

Номи назарияи Path Dependence (вобастагӣ аз пайроҳа) одатан дар адабиёти иқтисодӣ ҳамчун «вобастагӣ аз масири рушди қаблӣ» ё «самараи пайроҳа» тарҷума мешавад [8, с. 256-289]. Вай диққатро ба тағйироти институтсионалӣ ва нақши институтҳо дар тағйироти техникӣ ҷалб мекунад. Агар ба таври дақиқ гӯем, ҳама чиз дар ҷаҳон аз гузашта ба он маъно вобаста аст, ки ҳеҷ чиз аз ҳеҷ ба вуҷуд намеояд. Маънои назарияи Path Dependence дар дигар чиз аст, яъне маҳз дар он аст, ки имкониятҳои рушд қатъан аз интихоби роҳи тараққиёт, ки хеле пештар сурат гирифтааст, вобастагӣ доранд. Вижагии ин интихоб дар он аст, ки дар марҳилаи қаблӣ он метавонист ба таври дур аз оптималӣ сурат бигирад. Аммо, ин интихоби бесамар метавонад рушди минбаъдаро аз қабл муайян кунад.

Назарияи вобастагӣ аз рушди қаблӣ ва таҳқиқоти илмии ба он монанди марбут ба таърихи алтернативӣ на ба «иқтисодиёти неоклассикӣ» (ба монанди таърихи нави иқтисодии «фогелӣ»), балки ба парадигмаи фалсафии синергетика, ки бо ғояҳои химики маъруфи Белгия Иля Пригожин (барандаи ҷоизаи Нобел), муаллифи назарияи худташкилшавии тартибот аз беназмӣ (хаос) алоқаманд аст, асос ёфтааст [7, с. 9]. Тибқи равиши синергетикии таҳиякардаи ӯ, рушди ҷомеа ба таври ҷиддӣ пешакӣ (мувофиқи принсипи «дар насиб ҳамин қадар будааст») муайян карда нашудааст. Дар асл, вақте ки масири рушдро тағйир додан ғайриимкон аст (ҳаракат дар тӯли

аттрактор) ва нуқтаҳои бифуркатсия, ки дар онҳо интихоб ба вуҷуд меояд, ивазшавии давраҳои таҳаввул вуҷуд дорад.

Дар ин робита, профессор Р.М. Нуреев менависад, ки «вақте QWERTY-иқтисодчиён» дар бораи тасодуфи таърихӣ будани интихоби аввал суҳбат мекунанд, онҳо дақиқан ба нуқтаҳои бифуркатсионии таърих - ба он лаҳзаҳое менигаранд, ки интихоби ягон имкон аз маҷмӯи алтернативаҳои гуногун вуҷуд дорад. Интихоб дар чунин ҳолатҳо тақрибан ҳамеша дар шароити номуайянӣ ва ноустувории таносуби қувваҳои иҷтимоӣ ба амал меояд. Аз ин рӯ, ҳангоми бифуркатсия, ҳатто ҳолатҳои хеле хурди субъективӣ метавонанд мувофиқи принсипи «шапалаки Брэдбери» тақдирсоз бароянд [8, с. 257].

Агар ҳангоми тавсифи таърихи навовариҳои техникӣ онҳо аксар вақт дар бораи QWERTY-самараҳо менависанд, пас дар таҳлили навовариҳои институтсионалӣ онҳо одатан дар бораи вобастагии роҳ (Path Dependence) - вобастагӣ аз масири рушди қаблӣ суҳбат мекунанд. Аммо, ҳардуи ин истилоҳҳоро бисёриҳо ҳамчун синоним истифода мебаранд. Худи П. Дэвид вобастагии пайроҳавиро чунин таъриф додааст: «вобастагӣ аз масири рушди қаблӣ ин чунон пайдарҳамии тағйироти иқтисодиест, ки дар он рӯйдодҳои гузаштаи дур, гузашта аз ин, бо эҳтимолияти зиёд рӯйдодҳои тасодуфӣ, на қонуниятҳои системавӣ, метавонанд ба натиҷаи имконпазир таъсири муҳим расонанд» [13, с. 332].

Дар таърихи рушди институтҳо зуҳуроти вобастагӣ аз рушди қаблиро дар ду сатҳ: аввал, дар сатҳи институтҳои алоҳида (ҳуқуқӣ, ташкилӣ, сиёсӣ) ва дуюм, дар сатҳи системаҳои институтсионалӣ метавон мушоҳида кард. Дар муҳокимаҳо дар бораи назарияи пайроҳа, ҷанбаи аввал бештар ба назар гирифта мешавад.

Аҳамияти самараи мудовимати институтсионалӣ дар он аст, ки он заминаи илмиро барои асосноккунии далели таъсири таҷрибаи таърихӣ, фарҳанг ва менталитети ҷомеа ба ҳолати имрӯза ва ояндаи он фароҳам меорад. Ба ибораи дигар, институтҳо гузаштаро бо имрӯз ва оянда мепайванданд, то таърих ба раванди рушди асосан афзояндаи (бо табдилёбиҳои ҷузъӣ) институтсионалӣ табдил ёбад ва фаъолияти системаҳои иқтисодӣ дар давраҳои тӯлонии таърихӣ танҳо ҳамчун як қисми раванди раванди густурдаи институтсионалӣ фаҳмида шавад.

Ҳамин тариқ, интихоби маъқулкардаи одамон (ё самти тағйирёбии институтсионалӣ, ки онҳо ба ҷустуҷӯяш саъй мекунанд) қатъиян аз ҷониби тамоми таърихи институтсионалии пешинаи ҷомеа муайян карда мешавад, ки тавассути институтҳои ғайрирасмии хусусияти фарҳангидошта - урфу одатҳо, афзалиятҳо ва муқарраротi арзишӣ ифода карда мешаванд.

Бо назардошти он, ки ба истисноӣ ҳолатҳои фавқулода, ҷомеаҳо моил нестанд масири рушди институтсионалии худро тағйир диҳанд, ҳалли як «муаммои ниҳоии иқтисодӣ» душвор нест: чаро баъзе минтақаҳо бойтар мешаванд, баъзеи дигар камбизоат боқӣ монда, намехоҳанд аз ҳамсояҳои комёбтари худ институтҳоро қарз гиранд.

Дар робита ба ин, мувофиқи мақсад мебуд, ки андешаронии Д. Нортро мисол орем, ки «таърих на танҳо аз он сабаб муҳим аст, ки мо аз гузашта сабақ гирем, балки ҳозира ва оянда бо гузашта тавассути институтҳои муттасили ҷомеа пайваст мебошанд. Интихобҳое, ки мо имрӯз ё фардо мекунем, дар гузашта шакл гирифтаанд. Ва гузаштаро мо танҳо ҳамчун раванди рушди институтсионалӣ дарк карда метавонем. Аз ин рӯ, ворид намудани мафҳуми «институтҳо» ба назарияи иқтисодӣ ва таърихи иқтисодӣ маънои гузоштани қадами муҳим дар рушди ин назария ва таърих мебошад» [5].

Дар ин ҷо мо ба проблемаи сарчашмаҳои вобастагии кишварҳои алоҳида аз масири рушди қаблӣ расидем. Дар асл, сабабҳои эҳтимолии зиёде барои вобастагӣ аз рушди қаблӣ, аз сатҳи микро сар карда, то динамикаи тамоми система дар маҷмӯъ, вуҷуд дошта метавонанд. Манбаъҳои вобастагии кишварҳои алоҳида аз масири қаблии рушд ва бебозгашт будани он чунин падидаҳо, аз қабили дар канора ҷойгир будан, иқлими номусоид, қафомондагӣ, тахассусии соҳавии кишвар ва ғайра буда метавонанд. Бо назардошти он, ки масири як вақтҳо интихобкардаи институтсионалиро тарк кардан душвор аст, кишварҳои алоҳидае, ки манбаъҳои қавии дохилии рушд надоранд,

метавонанд ба «доми институтсионалӣ» афтанд ва дар тӯли давраи дурударози таърихӣ бо нишондиҳандаҳои доимо пасти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сарфи назар аз ҳама кӯшишҳои давлат, қарор гиранд.

Яке аз самтҳои муҳими мукаммалгардонии назарияи path dependence ин дарки нақши омилҳои тасодуфӣ дар рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мебошад. Ҷанбаи мазкурро дар шакли умумитаринаш бо истифода аз консепсияи Пригожин оид ба нуқтаҳои бифуркатсия ва аттракторҳо муайян кардан мумкин аст: нақши «тасодуф» ҳангоми бифуркатсия назаррас аст, аммо ҳангоми ҳаракат аз рӯйи аттрактор низ ҷоиз мебошад. Эҷоди дилхоҳ стандарти нав - лаҳзаи бифуркатсия буда, тасодуф дар ин ҷо аҳамияти муҳим дорад. Таваллуди стандарти нав - ин унсури фаъолияти стандарти сатҳи олӣ мебошад (масалан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, интихоби системаи ҳисоббаробаркунии пули нақд дар доираи низоми кайҳо интихобшудаи хоҷагидории бозорӣ сурат мегирад).

Назарияи интихоби стандартҳо ва меъёрҳоро бояд бо назарияи системаҳои иқтисодӣ, ки ивазшавии стандартҳои аз ҳама умумитарини зиндагиро мефаҳмонанд, «пайванд» кард. Таърифи Дуглас Норт дар бораи институтҳо ҳамчун «қоидаҳои бозӣ»- и ба таври стихиявӣ ё дидаву дониста ташаккулёфта асосан саволеро ба миён меорад, ки ин қоидаҳо чӣ гуна ва чаро тағйир меёбанд. Омилҳои ташкилӣ аз омилҳои техникӣ муҳимтаранд, зеро онҳо ба тағйироти институтсионалӣ оварда мерасонанд, ки дар навбати худ, ба рушди иқтисод таъсири назаррас мерасонанд. Тағйироти техникӣ ва дигаргуншавиҳо, ки ба омилҳои муҳими рушди иқтисодиёт мансуб дониста мешаванд, нокифоя ҳисобида мешаванд: ҳамчун унсури раванди рушд баромад карда, дар айни замон онҳо мустақилона онро шарҳ дода наметавонанд. Ташкили самараноки иқтисодӣ метавонад калиди рушди он бошад.

Норт дар осори худ як саволи асосиро муайян мекунад: чаро баъзе давлатҳо сарватманданд, баъзеҳо бой нестанд. Институтҳо асоси сохтореро муайян мекунанд, ки бо ёрии онҳо одамон дар раванди таърихи худ тартиботро ноил гашта, мутаносибан ба ин, дараҷаи нобоварии худро коҳиш медиҳанд. Тағйироти бузурги институтсионалӣ ба сустӣ ҷараён мегиранд, зеро онҳо натиҷаи дигаргуниҳо дар таърих мебошанд, ки рафтори инфиродиро ташаккул медиҳанд. Ҳар қадар нобоварии институтҳо баландтар шавад, хароҷоти трансаксионӣ ҳамон қадар зиёдтар мешавад. Набудани имконияти бастани қарордод, воридшавӣ ба дигар муносибатҳои институтсионалии уҳдадоркунанда, сабаби рукуд дар иқтисодиёт мегардад.

Д. Норт чунин фарз кардааст, ки институтҳо ба мисли стандартҳо, интихоби масирро аз қабл муайян мекунанд ва фарҳанг бошад, онро ба «пайроҳа» мубаддал мегардонад, ки ба мухтасар назарияи пайроҳа номида мешавад [9, с. 188]. Норт, яке аз бартариҳои асосии Америкоро дар муқоиса бо дигар давлатҳо, маҳз дар коҳишёбии доманаи қарорҳои сиёсии қабулшаванда мебинад. Хосияти сахтгирии институтсионалӣ, ба ибораи дигар, аҳамияти тактикӣ дорад, афзоиши ноустуворӣ дар қарорҳои субъективии иқтисодӣ ва сиёсиро пешгирӣ мекунад ва ба ин васила «фурӯпошии» системаи иҷтимоиро пешгирӣ мекунад. Сахтгирии аз ҳад зиёд ва консерватизми институтсионалӣ, аз тарафи дигар, дер ё зуд ба рукуди система оварда мерасонад, ки дарк ва татбиқи навовариҳои пешрафтаро бозмедорад. Ин маънои онро дорад, ки институтҳо бояд як андоза чандирӣ дошта бошанд, то имкон диҳанд, ки сари вақт ба воқеиятҳои нав ва навовариҳои пешқадами дар система тавлидшуда мутобиқ шаванд.

Вақтҳои охир диққати олимон ба домҳои институтсионалӣ - меъёрҳои барҷомондаи бесамар ҷалб шудааст. Дар як лаҳзаи вайроншавии шадиди система, меъёрҳои бесамар ҳатто бидуни ягон таъсири беруна ҳам, метавонанд ғолиб оянд. Намунаи ин гуна «домҳои институтсионалӣ» бартер, коррупсия, напардохтани андозҳо, яъне падидаҳое мебошанд, ки иқтисодиёт аз онҳо зарар мебинад. Ин домҳо - натиҷаи тағйирёбии шароити макроиқтисодӣ, нокифоягии назорати давлатӣ ва сиёсате мебошад, ки ба пешгирӣ ва фурӯ нишондани таваррум «бо ҳар роҳ» равона шудаанд. Чунин таваҷҷуҳи иқтисодчиён ба назарияи вобастагӣ аз масири рушди қаблӣ асосан бо мушкилоти «нокомиҳои» бозор алоқаманд аст. Агар афзалияти меъёрҳои бадтарин бо «кӯтоҳандешии» бозор алоқаманд бошад, пас ин сабаби танзими давлатии иқтисодиёт

мебошад. Аз тарафи дигар, мухолифони ин фарзия низ ҳастанд, ки мегӯянд вобастагӣ аз рушди қаблӣ «нокомиҳо»-и танзими давлатро собит мекунад, на бозорро.

Назарияи пайроҳаро ба онҳо татбиқ карда, мо гуфта метавонем, ки мубориза бо «домҳои институтсионалӣ»-и бавуҷудомада бояд дар асоси дониши қаблан бадастомада, яъне қонуниятҳои муқарраршуда амалӣ карда шавад, зеро онҳо озмудашуда ва эътимоднокaнд. Назарияи «Path Dependence» ба муҳаққиқон имкониятҳои васеъ фароҳам меорад, ки равиши навро барои арзёбии вазъи низоми иқтисодӣ ва сиёсати ҳозираи макроиқтисодӣ татбиқ кунанд. Назария нишон медиҳад, ки баромадан аз «домҳои институтсионалӣ» раванди мураккабест, ки сармоягузориро талаб мекунад. Он моделсозии сиёсати макроиқтисодиро аз нуқтаи назари илм, инчунин тағйир додани арзишҳо ва меъёрҳои рафтореро дар назар дорад, ки давлат эълом мекунад.

Тағйирот дар институтҳои иқтисодӣ метавонанд афзоянда (доимӣ) ё дискретӣ (қатъшаванда) бошанд. Дар сурати тағйирёбии доимии институтсионалӣ, институтҳо тадриҷан тағйир меёбанд, мундариҷаи институтҳои нав ва кӯҳна чандон фарқ намекунанд. Дар сурати тағйирёбии дискретӣ, институтҳои нав аз кӯҳна ба таври назаррас фарқ мекунанд ва чунин тағйирот дар таърих ба мисли инқилобҳо ё ислоҳот сабт мешаванд. Тағйироти институтсионалӣ, чун қоида, пайваста рух медиҳад, яъне раванди тағйирёбии институтсионалӣ одатан афзоянда аст, на канда-канда. Тағйироти институтсионалии афзоянда бо таъсири вобастагӣ аз роҳи қаблии рушд алоқамананд [6, с. 125-130].

Консепсияи вобастагӣ аз пайроҳаи қаблии рушд дар доираи равиши эволютсионӣ аз ҷониби Пол Дэвид ва Брайан Артур - намояндагони ба истилоҳ «иқтисоди неоэволютсионӣ» таҳия шудааст [11, с. 60-73]. Аввалан, ин консепсия барои таҳлили тағйироти технологӣ ва сипас барои омӯзиши эволютсияи институтҳо татбиқ карда шуд.

Дар ибтидо имконияти вобастагӣ аз роҳи қаблии рушд дар эволютсияи технологияро П. Дэвид бо истифода аз мисоли чопкунии технология бо истифодаи клавиатура нишон дод. П. Дэвид дар мақолаи худ «Клио ва назарияи иқтисодии QWERTY» бо истифода аз мисоли тарҳбандии клавиатураи маъмулии англисӣ дар як мошини чопӣ ва компютер нишон дод, ки ҳамбастагии техникӣ, самараи мусбати иқтисоди миқёс ва бебозгашти қалбакии сармоягузорӣ метавонад боиси интихоби эволютсионии технологияҳои бесамар гардад, дар ҳолате ки ба субъектҳои иқтисодӣ технологияҳои самараноктаре дастрас мебошанд. Ба ақидаи П. Дэвид, «пайдарҳамии тағйироти иқтисодии вобаста аз масири рушд намунаи он аст, ки чӣ гуна ҳодисаҳои замони дури гузашта, аз ҷумла мавридҳое, ки на ба таъсири қувваҳои системавӣ, балки дар натиҷаи тасодуфан ба ҳам омадани ҳолатҳо ба амал омадаанд, метавонанд ба натиҷаи ниҳоӣ таъсири назаррас расонанд» [2, с. 139].

Минбаъд, ғояи вобастагӣ аз роҳи қаблии рушд дар шакли мавзунтари математикӣ аз ҷониби Б. Артур инкишоф дода шуд [12, с. 116-131]. Вай, инчунин, ба муайян кардани механизмҳое диққат дод, ки тавассути онҳо вобастагии пайроҳавӣ эҷод мешавад. Зимни ташаккули вобастагӣ аз роҳи қаблии рушд падидаи боздеҳии афзоянда аҳамияти калон дорад. Баръакси афзоиши одии шумораи омилҳои истеҳсолот, ки бо коҳиш ёфтани ҳосилнокии онҳо ҳамроҳ сурат мегирад, эволютсияи технологияҳо имкони боздеҳи афзояндаро аз такмил додани баъзе технологияҳои ояндадор пешниҳод менамояд. Аммо ояндадор будани технология, одатан, қабл аз кӯшиши такмил додани он, пешакӣ маълум нестанд. Дар ин ҳолат, самараҳои ночизи тасодуфӣ аҳамияти калон пайдо мекунанд, ки метавонанд баъзе технологияҳоро дар марҳилаи аввали рушди он ҷолибтар гардонанд. Дар натиҷа, иқтисодиёт бинобар рӯйдодҳои тасодуфии таърихӣ метавонад ба як роҳи муайяни технологӣ пойбаст шавад, ки он мумкин аст самарабахш набошад.

Баъдтар, тарафдорони мафҳуми вобастагӣ аз масири қаблии рушд доираи истифодаи онро васеъ карданд. Ҳамин тариқ, ба ақидаи Дуглас Пufферт, «вобастагӣ аз масири рушди қаблӣ барои институтҳо эҳтимолан ба вобастагӣ аз рушди қаблӣ барои технологияҳо монанд аст, зеро ҳарду ба арзиши баланди мутобиқшавӣ ба баъзе

амалияи маъмул (баъзе техника ё қоидаҳо) асос ёфтаанд, то ин ки дасткашӣ аз онҳо хеле гарон меафтад» [16].

Намунаи татбиқи консепсияи вобастагии пайроҳа нисбат ба институтҳо таҳқиқоти Гари Лейбкеп дар бораи танзими бозори об дар ғарби ИМА мебошад. Бо истифода аз мисоли институтҳое, ки муомилоти обро танзим мекунанд, ӯ нишон дод, ки то чӣ андоза институтҳои дар гузашта қаноатбахш, имрӯзҳо имкониятҳои ҷории иқтисодиро маҳдуд мекунанд [15, с. 163].

Намунаи баррасии вобастагӣ аз роҳи қаблӣ дар таҳаввулоти системаҳои бутуни институтсионалӣ таҳқиқоти Стефан Ҳедлунд мебошад, ки ба пайдоиши як қатор хусусиятҳои манфии институтҳои Россия бахшида шудааст [14].

Барои дарки вазъи кунунии институтҳо ё технологияҳо донистани рӯйдодҳое, ки дар гузашта ба онҳо таъсир расонидаанд, зарур аст. Тибқи ақидаи П. Дэвид, «мӯҳтавои асосии консепсияи вобастагӣ аз роҳи рушд ҳамчун хусусияти динамикӣ бо ақидае алоқаманд аст, ки таърих раванди бебозгашти ба шохаҳо ҷудошавист» [2, с. 183-207].

Консепсияи вобастагӣ аз масири қаблии рушд зарурати таваҷҷуҳро ба таърихи раванди таҳқиқшаванда дар доираи таҳқиқоти иқтисодӣ таъкид мекунад. Аммо, вобастагӣ аз пайроҳаи рушд изҳороти одии «таърих аҳамият дорад» нест. Танҳо қайд кардани он, ки таърих муҳим аст, басанда нест, балки нишон додан даркор аст, ки аҳамияти таърих дар чист? Танҳо нишон додани пайдарпаии таърихии ҳодисаҳо кофӣ нест, сабабҳои рафтори субъектҳоро шарҳ додан лозим аст, ки ҳамкории онҳо ба рӯйдодҳои муайяне оварда расондааст. Ин омил зарурати татбиқи назарияро бо далелҳои таърихӣ муайян мекунад.

Назарияи баёнгари вобастагӣ аз масири рушд, бояд сабабҳои ин вобастагиро муайян кунад, яъне омилҳоеро тавзеҳ диҳад, ки ба субъектҳо таъсир расонида, ба онҳо имкон намедиҳанд, ки технологияи дигарро интихоб намоянд ва ё барои тағйир додани институт кӯшиш кунанд. Сабабҳои зерин муайянкунандаи мавҷудияти вобастагӣ аз пайроҳаи қаблан интихобшудаи рушд дониста мешаванд [2, с. 139-150]:

1) Ҳамбастагии техникӣ ё пуррасозии институтсионалӣ, ки дар он технологияҳо ё институтҳо бо сабаби робитаи наздики онҳо бо дигар технологияҳо ё институтҳои устувор истифода мешаванд.

2) Самараи мусбии миқёс, ки имконнопазирии мавҷудияти ҳамзамони технологияҳои мухталифи алтернативӣ ё институтҳоеро муайян мекунад, ки бо афзоиши самаранокӣ ҳангоми ба соҳаи таъсири институт дохил шудани шумораи ҳар чӣ бештари афрод марбутанд.

3) Бебозгашт будани интихоби кардашуда ва хароҷоти бебозгашт дар хариди сармоя (ҷисмонӣ, инсонӣ ё иҷтимоӣ), ки ҳангоми истифодаи технологияи дигар ё риояи қоидаҳои дигар беарзиш хоҳанд шуд.

4) Боздеҳи афзоянда аз такмили технология, ки имкон медиҳад фоидаи зиёд, на ин ки тавассути ба як технологияи тамоман нав иваз кардани он, балки ба туфайли такмил додани технологияи мавҷуда ба даст оварда шавад. Чунин ҳолат дар мавриди институтҳое низ имконпазир аст, вақте ки тағйироти ночиз дар як институти мавҷуда некуаҳволии субъектҳои фаъолиятро нисбат ба пурра иваз кардани институт баландтар мебардорад (масалан, бо роҳи қарз гирифтани он аз кишвари дигар ё бо роҳи «оқилонатар» сохтани он).

5) Нокомилии иттилоот, ки ба иштирокчиёни ҳамкорӣ имкон намедиҳад, ки дар бораи мавҷудият ва дараҷаи самаранокии технологияҳо ё институтҳои мавҷуда маълумот пайдо кунанд ва фаъолияти онҳоро ҳамоҳанг созанд.

6) Набудани шавқ (ҳавасмандӣ) дар субъектҳое, ки истифодаи технологияи мушаххасро муайян мекунанд ё баъзе навовариҳои институтсионалиро ҷорӣ менамоянд, дар баланд бардоштани самаранокии технологияҳо ё институтҳо.

Ҳамин тариқ, таъсири якҷояи ин омилҳо ба таҳаввулоти институтсионалӣ аксар вақт боиси интихоб ва мавҷудияти устувори институтҳое мегардад, ки аз мавқеи назарияи иқтисодӣ бесамар мебошанд. Бо вуҷуди таъсири манфии онҳо ба некуаҳволии аҳолӣ, институтҳои бесамар (пеш аз ҳама, табиати азнавтақсимкунанда ва манъкунандадошта), ҳам дар байни гурӯҳҳои элита ва ҳам дар байни оммаи васеи

аҳолӣ, ҳам дар кишварҳои дар ҳоли рушд ва ҳам тараққикарда, ҳам дар гузашта ва ҳам дар айни замон хеле маъруф мебошанд.

Инкишофи мафҳуми вобастагӣ аз роҳи қаблии рушд намунаи он аст, ки чӣ гуна такмили назарияи илмӣ тавассути танқиди он ва кӯшиши таҷдиди назарҳои инфиродии он сурат мегирад.

Идеяи муҳимтарини консепсияи вобастагӣ аз роҳи қаблии рушд зери шубҳа гузошта намешавад: таърихи тағйироти иқтисодӣ ба самаранокии иқтисодиёт таъсири калон мерасонад. Дурнамои рушди минбаъдаи ин назария дар пайдо кардани нуқтаҳои тамос, муқаррар намудани робитаи байни мафҳуми вобастагӣ аз роҳи қаблии рушд бо мафҳумҳои дигар дар доираи равишҳои эволютсионӣ ва институтсионалӣ дар назарияи иқтисодӣ дида мешавад.

Бояд қайд кард, ки таҳти таъсири вобастагӣ аз роҳи қаблии рушд дар ҳар як давлат матритсаи институтсионалӣ ҳамчун давомнокии муайяни институтҳое, ки дар марҳилаҳои қаблии рушд ташаккул ёфтаанд, ташаккул меёбад. Матритсаи институтсионалӣ - низоми устувори таърихан бавуҷудомадаи институтҳои бунёдӣ мебошад, ки амалкарди бо ҳам алоқаманди соҳаҳои асосии ҷамъиятӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва идеологиро танзим менамояд [4, с. 67].

Дар асоси таҳлили институтҳое, ки матритсаи институтсионалии Испания ва Англияро ташаккул додаанд, Д. Норт ба хулосае меояд, ки дар ҳар як давлат матритсаи махсуси институтсионалӣ худ бо комплекси хоси институтҳои расмӣ ва ғайрирасмии худ ташаккул ёфтаанд, ки «... пешбарандаи иқтисодиёти ҳар ду кишвар бо роҳи хоси худ, роҳи рушди аз роҳи давлати дигар фарққунанда мебошанд». Ҳамзамон, матритсаи мавҷудаи институтсионалӣ барои интихоби бозингарон маҳдудиятҳо муқаррар намуда, бо ҳамин самараи path dependence-ро ба вуҷуд меорад ва онҳоро маҷбур мекунад, ки ба таври доимӣ амал кунанд [6, с. 23; 147].

Дар Тоҷикистон, дар давраи феодалӣ ва давраи сотсиализм, таҳти таъсири омилҳои махсуси берунӣ ва дохилӣ, матритсаи институтсионалӣ ташаккул ёфт, ки аз матритсаи институтсионалии дигар кишварҳо фарқ мекунад. Матритсаи институтсионалии Тоҷикистон модификатсияи шарқии матритсаи «Маскав» мебошад, ки онро С. Ҳедлунд омӯхтааст [9, с. 179-188]. Он бо мутамарказӣ, шартӣ будани ҳуқуқи моликият, танзими махсуси ҳуқуқӣ (уҳдадориҳои хидматӣ) ва сафарбаркунии маҷбурӣ барои ҳалли мушкилоти умумидавлатӣ ва институтҳои ғайрирасмии исломӣ, ки рафтори афродро муайян мекунанд, тавсиф мешавад.

Бояд қайд кард, ки тағйироти институтсионалӣ дар давраи дигаргуниҳои куллии иҷтимоӣ шиддатноктар ба амал меоянд, зеро маҳз ба чунин давра метавон замони фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва эҳёи давлатдории навини тоҷиконро нисбат дод.

Давраи муҳимтарини рушди Тоҷикистони муосир замони аз соли 1991 то 1994 буд. Маҳз дар ин давра тағйироте ба амал омаданд, ки рушди минбаъдаи кишварро пешакӣ муайян карданд. Матритсаи институтсионалии дар давраҳои қаблӣ ташаккулёфта (аз ИҶШС меросмонда, ки ҳамон «матритсаи Маскав»-и тағйирёфта буд) ҳам омилҳои экзогенӣ ва ҳам эндогениро таҳти таъсир қарор дод. Омили асосии экзогенӣ воридоти институтҳо аз муҳити гуногуни институтсионалӣ (кишварҳои пешрафтаи Ғарб) буд. Ин падида дар иқтисодиёт «трансплантатсияи институтҳо» номида мешавад. Омилҳои эндогенӣ стратегияҳоеро дар бар мегиранд, ки бозингарони асосӣ дар раванди интихоби амалиёт дар мубориза барои захираҳо истифода мебаранд.

Ҳамзамон, ба интихоби стратегия ҳам маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи куҳнаи институтсионалӣ (ки татбиқи вобастагии роҳ дар амалия мебошад) ва ҳам маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи институтҳои нав таъсир расонданд. Дар байни институтҳои кӯчонидашуда инҳоянд: интихобот, моликияти хусусӣ, хусусигардонӣ, соҳибкорӣ ва дигар институтҳои иқтисоди бозорӣ. Табиист, ки институтҳои қабулшуда ба матритсаи муқарраршудаи институтсионалии аз ИҶШС ба меросмонда мувофиқат намекарданд. Вазъияте ба амал омад, ки институтҳои аз берун пазируфташуда дар кишвар реша нагирифтанд ё аз ҷониби ҷомеаи Тоҷикистон рад карда шуданд ва ё ба таври шинохтанашаванда шакли худро дигар карданд.

То соли 1994 дар ҷомеа эҳтимолияти бозгашт ба гузаштаро эътироф мекарданд, институтҳои расмӣ ноустувор буданд ва механизми боэътимод ва муассири риояи онҳо

вуҷуд надоштанд. Ҳамин тариқ, ҳам дар қоидаҳои расмӣ ва ҳам дар меъёрҳо ва механизмҳои ғайрирасмии риояи онҳо тағйироте ба амал омаданд, ки онҳоро ҳамчун як гардиши куллӣ тавсиф кардан мумкин аст.

Пас аз қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1994, ки бисёр институтҳо, аз ҷумла институтҳои иқтисоди бозаргониро муттаҳид кард, мо метавонем дар бораи ба расмият даровардани институтҳои трансплантатсияшуда ва гузариш ба принсипи эволютсионии ташаккули институтҳо суҳбат кунем.

Акнун дар бораи истифодаи «самараи пайроҳа» дар раванди ташаккул ва рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон истода мегузарем.

Бешубҳа, «самараи пайроҳа» ё вобастагӣ аз роҳи қаблии рушд дар ташаккул ва рушди низоми бонкии кишвар осори муайяне дорад. Вазифаи таҳқиқот иборат аз он аст, ки шаклҳои мушаххаси таъсири «самараи пайроҳа» ба соҳаи бонкӣ муайян карда шаванд ва тадбирҳое таҳия гарданд, ки ба рафъи он равона карда шудаанд.

Ба андешаи мо, шаклҳои асосии таъсири «самараи пайроҳа» ба низоми бонкии Тоҷикистон инҳоянд:

1. Монополияи давлатӣ дар соҳаи фаъолияти бонкӣ, ки дар давраи Шӯравӣ вуҷуд дошт ва ҳоло ба сатҳи нисбатан баланди дахолати ҳукумат боис гардидааст (вобастагии бонкҳо аз мақомоти ҳокимияти давлатӣ; идоракунии номуносиби сармоягузорӣ; набудани меъёрҳои шаффоф ва оммавии самаранокии барои ҳамаи институтҳои молиявии давлатӣ ягонаи тимҳои идоракунӣ; татбиқи амалияи «қарздиҳии фармоишии» баъзе ширкатҳо ва соҳаҳои алоҳида бо мақсади дастгирии мақсаднок ё маблағгузории барномаи сармоягузорӣ), ки бо хавфҳои бесамарии соҳа ва ҳассосияти баланди он ба тағйирёбии номусоиди муҳити амалиётӣ алоқаманд аст. Дахолати давлат ба равандҳои иқтисодӣ бояд танҳо бо сатҳе маҳдуд карда шавад, ки берун аз он вайронкунии механизми бозор оғоз мешавад. Танзимгар (Бонки миллии Тоҷикистон) шаклҳо ва усулҳои танзими низоми бонкии кишварро бо назардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ такмил дода, бояд ба фаъолияти самараноки механизмҳои бозор дар бахши бонкӣ мусоидат намояд.

2. Домҳои институтсионалӣ - меъёрҳои ғайрирасмии бесамари боқимонда мебошанд. Ба он бартер, ришва, коррупсия, омили хешутаборбозӣ, азхудкунӣ, суиистифода аз мақом, қаллобиро мансуб мекунанд, ки ба фаъолияти самараноки бонкҳо ва дар маҷмӯъ, низоми бонкӣ таъсири манфӣ мерасонанд.

3. Бо назардошти хусусиятҳои таърихӣ, анъанаҳо ва тафаккуру зеҳнияти аҳолӣ, сатҳи пасти андӯхти маблағҳо, бесаводии молиявӣ, нокофӣ будани қобилияти соҳибкории аҳолӣ, ҳамчун оқибати роҳи пешинаи рушди мамлакати мо инкишофи бахши бонкиро бозмедорад.

Масалан, дида мебароем, ки чӣ гуна рушд накардани қобилияти соҳибкории аҳолӣ ба фаъолияти самараноки низоми бонкӣ таъсири манфӣ мерасонад. Аввалан, он имконияти бо кадрҳо таъмин намудани низоми бонкиро маҳдуд мекунад. Сифати пасти кори роҳбарони сатҳи болоӣ ва миёнаи бонкҳои тиҷоратӣ, бехабарии онҳо аз пояҳои амиқи соҳибкории бонкӣ ва молиявӣ ва набудани мутахассисони ботаҷрибаи бонкӣ ҳоло яке аз сабабҳои буҳрон дар бонкҳои тиҷоратӣ мебошанд. Дар ин радиф, мо ба ақидаи мутахассисон ҳамфикрем, ки роҳбарияти бонкҳо бояд малакаҳои соҳибкорӣ дошта бошанд, тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии мавҷударо донанд, аз онҳо моҳирона истифода баранд ва дар ҳолати зарурӣ барои сари вақт такмил додани онҳо пешниҳодҳо манзур кунанд [1, с. 55-62].

Бисёр зуҳуроти манфии бамиёномада, инчунин рушд накардани низоми бонкӣ ба дараҷаи муайян, на ба салоҳияти мутахассисоне, ки дар соҳаи бонкӣ кор мекунанд, балки ба қобилиятҳои сусти соҳибкории онҳо рабт доранд. Таҳлилгарони бонк бояд вазъро ҳадди ақкал як сол ё ҳатто 2-3 солояндабинӣ карда тавонанд.

Дуюм, инкишоф наёфтани қобилияти соҳибкории аҳолӣ боиси рағбати пасти онҳо ба андӯхти сармоя мегардад ва ба ин сабаб, аксарияти аҳолӣ то ҳол аз хизматрасонии бонкҳо барои амонатгузорӣ истифода намебарад, ки дар ниҳояти кор, ба ташаккули захираҳои молиявии бонкҳо таъсири манфӣ расонида, иқтидори рушди онҳоро маҳдуд менамояд.

Аз тарафи дигар, бинобар рушд накардани қобилияти соҳибкорӣ, аҳолӣ асосан қарзҳои хусусияти истеъмолидошта мегирад ва сари вақт баргардонидани он ба сабаби

набудани манбаъҳои даромад (агар мо пули муҳоҷирони меҳнатиро ба назар нагирем) хавфнок хоҳад буд. Ғайр аз он, ҳиссаи баланди қарзҳои истеъмолӣ дар ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда ҳамкории бонкӣ ва бахшҳои воқеии иқтисодиёти миллиро тақвият намедиҳад.

Бинобар сабаб, имрӯзҳо бартараф кардани вобастагӣ аз пайроҳаи қаблии рушду бозмондаи даврони то истиқлолият ва ҷорӣ намудани навовариҳо дар иқтисодиёти миллӣ муҳимтарин вазифаи ҷомеаи Тоҷикистон дар марҳилаи кунунии рушд гардидааст.

**Адабиёт**


1. Аминов Х.И. Проблемы и пути развития банковской системы и банковского предпринимательства в Республике Таджикистан /Х. И. Аминов, Ф. И. Аминова // Известия Санкт-Петербургского государственного экономического университета. – 2017. - N №1, ч. 2.- С.55-62.
2. Дэвид П. Клио и экономическая теория QWERTY. Истоки: из опыта изучения экономики как структуры и процесса/П. Дэвид. - М.: ГУ ВШЭ, 2006.- С. 139-150.
3. Дэвид П. Зависимость от пути развития и исторические общественные науки: вводная лекция. Истоки: из опыта изучения экономики как структуры и процесса/П. Дэвид. - М.: ГУ ВШЭ, 2006. - С. 183-207.
4. Кирдина С. Г. Институциональные матрицы и развитие России: введение в X-Y-теорию. Изд. 3-е, перераб., расшир. и илл./С. Г.Кирдина. - М.; СПб.: Нестор-История, 2014.- С.67.
5. Некрасов В.Л. Path Dependence и ее возможности в объяснении социально-экономической эволюции регионов [электронный ресурс] URL: http://www.allbest.ru (дата обращения: 02.02.2021г.)
6. Норт Д. Институты, институциональные изменения и функционирование экономики/ Д.Норт. - М.: Фонд экономической книги «Начала»,1997. – 180с.
7. Нуреев Р.М. Россия после кризиса - эффект колеи //Журнал институциональных исследований. – 2010. - Том 2, №2. – С.7-26.
8. Нуреев Р.М. Институционализм в новой экономической истории. Институциональная экономика. Учебник. / Р.М. Нуреев, Ю.В. Латов. - М.:ИНФРА-М, 2007. - С.256-289.
9. Убайдуллоев Ф.К. Распределительные экономические отношения и категория «справедливость» в воззрениях таджикских мыслителей средневековья (монография). / Ф.К.Убайдуллоев. – Душанбе: Ирфон, 2020. – 224с.
10. Хедлунд С. Невидимые руки, опыт России и общественная наука. Способы объяснения системного провала. пер. с англ. / С.Хедлунд. - М. : Изд. Дом высшей школы экономики, 2015.- 424с.
11. Эволюция институциональной структуры системы образования как следствие развития//Экономический вестник Ростовского государственного университета, Т.2. - 2004.- № 4. - С.60-73.
12. Arthur B. W. Competing Technologies, Increasing Returns, and Lock-In by Historical Events / B. W. Arthur // The Economic Journal. - 1989.- vol. 99, no. 394. - P.116-131.
13. David Paul A. Clio and the Economics of QWERTY / A.David Paul // American Economic Review. - 1985. - Vol. 75. - № 2. - P. 332
14. Hedlund S. Russian Path Dependence. New York: Routledge / S.Hedlund. - 2005.
15. Libecap G. D. (2010). Institutional Path Dependence in Climate Adaptation: Coman's «Some Unsettled Problems of Irrigation» // NBER Working Paper № 16324.
16. Puffert D. J. (2003). Path Dependence, Network Form and Technological Change // History Matters: Essays on Economic Growth, Technology and Demographic Change. Stanford: Stanford University Press.



**УДК: 336 22**


# АНДОЗ АЗ ДАРОМАДИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР ҒАНӢ ГАРДОНИДАНИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ


***Ризоқулов Турақул Рабимқулович*** – *доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 17, хонаи 1. Факс:+992(3422)2-51-70. Тел.: (+992) 3422 23594, e-mail: t_rizokulov@mail.ru*



*Дар мақолаи мазкур нақши андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ, таҷрибаи мамлакатҳои хориҷии дуру наздик мавриди таҳқиқот қарор дода шудааст. Динамикаи андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар маҷмӯи воридоти андозии буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст.*

*Дар таҳқиқоти илмии мазкур андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар буриши солҳо таҳлил карда шуда, тағйирёбии он мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Қайд гардидааст, ки андоз аз даромади*

*шахсони воқеӣ яке аз андозҳои мустақим ба шумор рафта, ба қатори андозҳои умумидавлатӣ дохил мешавад.*

*Дар кори илмӣ оварда шудааст, ки иҷроиши қисми даромадҳои буҷети давлатӣ аз ҳисоби андоз аз даромад аз вазъи иқтисодии аҳолии қобили меҳнат вобастагии зиёд дорад.*

***Калидвожаҳо:*** *буҷет, динамика, андоз аз даромади шахсони воқеӣ, мултипликативӣ, низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ, низоми андоз, сиёсати андоз, даромад, касри буҷет, андозҳои мустақим.*

## НАЛОГ НА ДОХОДЫ ФИЗИЧЕСКИХ ЛИЦ И ЕГО РОЛЬ В ПОПОЛНЕНИИ ГОСУДАРСТВЕННОГО БЮДЖЕТА

***Ризокулов Туракул Рабимкулович*** *– доктор экономических наук, профессор, проректор по науке и инновационному развитию Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Адрес: Республика Таджикистан, Согдийская область, г. Худжанд, 17 мкр-р, дом 1. Факс:+992(3422)2-51-70. Тел.моб.: (+992) 3422 23594. E-mail: t_rizokulov@mail.ru*

*В статье исследуется роль налога на доходы физических лиц в рыночной экономике, опыт зарубежных стран. Приведена динамика налога на доходы физических лиц в общих налоговых доходах бюджета Республики Таджикистан.*

*В данном исследовании анализируется налог на доходы физических лиц за разные годы и изучаются его изменения. Отмечается, что налог на доходы физических лиц является одним из прямых налогов и входит в состав национальных налогов страны.*

*В научной работе указывается, что исполнение части доходов государственного бюджета за счет налога на прибыль зависит от экономического положения трудоспособного населения.*

***Ключевые слова:*** *бюджет, динамика, социально-экономическая система, мультипликатор, налоговая система, налоговая политика, доходы, дефицит бюджета, прямые налоги.*

## PERSONAL INCOME TAX AND ITS ROLE IN SUPPLEMENTING THE STATE BUDGET

***Rizoqulov Turaqul Rabimqulovich*** *– deputy of rector on Science and innovation in Tajik State university of Commerce in Khujand, doctor of economical sciences, professor. Address: Republic of Tajikistan Sogd region c. Khujand;17 microdistrict., home 1., Fax:+992(3422)2-51-70, Phone: (+992) 3422 23594, e-mail: t_rizokulov@mail.ru*

*The article examines the role of personal income tax in the market economy, the experience of foreign countries. The dynamics of the personal income tax in the total tax revenues of the budget of the Republic of Tajikistan is presented. This study analyzes the personal income tax for different years and studies its changes. It is noted that the personal income tax is one of the direct taxes and is included in the national taxes of the country. The scientific work indicates that the execution of part of the state budget revenues from the profit tax depends on the economic situation of the able-bodied population.*

***Key words:*** *budget, dynamics, personal income tax, multiplier, socio-economic system, tax system, tax policy, revenues, budget deficit, direct taxes.*

Андоз аз даромади шахсони воқеӣ қисми муҳими даромади буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Дар айни замон, низоми мавҷудаи ситонидани андоз аз даромади шахсони воқеӣ хусусияти фискалии андозро доро мебошад.

Қисми зиёди даромадҳои андозии буҷет аз ҳисоби андоз аз даромади шахсони воқеӣ мебошад, ки агентҳои андоз дар манбаи пардохт боздошт намуда, ба буҷет пешниҳод мекунанд. Дар соли 2019 воридоти буҷет аз ҳисоби андоз аз даромад 1914,4 миллион сомониро ташкил намуда, вазни қиёсии он нисбат ба маҷмӯи даромадҳои буҷети ҷумҳурӣ ба 8,2% баробар мебошад [9].

Дар панҷсолаи охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фарқияти шаҳрвандон аз рӯи хусусиятҳои иҷтимоӣ, моликият, пулӣ ва даромаднокӣ ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Дар маводҳои ҳисоботи солонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фарқи даромад байни 10 фоизи аҳолии таъминоташ камтарин ва пурра хеле афзудааст. Дар панҷ соли охир даромади аҳолии сарватманд нисбат ба даромади аҳолии камбизоат дар соли 2014, 14,5 маротиба зиёдтар буда, [2, с. 49] ин нишондод дар соли 2019, аллакай, то 9 маротиба коҳиш ёфтааст [3, с. 52].

Дар тадқиқоти худ М.В. Афанасева қайд мекунад, ки фаъолияти механизми андоз аз даромади шахсони воқеӣ барои амалӣ намудани тартиби муайяни даромади баланди гурӯҳи муайяни аҳолӣ бо мақсади тақсимоти оқилонаи онҳо таносуби мавҷудияти шаҳрвандон дар ҳолати фаврӣ пешбинӣ шудааст, ниёз ба дастгирии моддӣ, нигоҳ доштани субот ва тартибот дар ҷомеа, ҳифзи тартиботи иҷтимоӣ ва баробарсозии иҷтимоӣ аз нигоҳи даромади бадастомада сурат мегирад [1, с. 13].

Д.Д. Сайдулаев чунин мешуморад, ки андоз аз даромади шахсони воқеӣ бояд хусусияти возеҳи иҷтимоӣ дошта бошад, зеро он ба сатҳ ва ҳаҷми даромади воқеии шаҳрвандон таъсири назаррас мерасонад.

Далели раднашаванда ин аст, ки бидуни андоз аз даромади шахсони воқеӣ кори низоми андози миллӣ ғайриимкон мегардад ва сиёсати андоз наметавонад самаранок амалӣ шавад [8, с. 54].

Тибқи моддаи 98 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи намуди даромадҳо, подошпулиҳо ва манфиатҳои шахси воқеӣ, ки дар шакли пулӣ, моддӣ ва ғайримоддӣ ба он пардохт мешаванд, ба истисноӣ даромадҳо, ки андоз аз даромад озод карда шудаанд, ба даромади умумии ҳамин шахси воқеӣ дохил мешаванд [4, с. 50]:

- даромадҳое, ки ҳамчун музди меҳнат гирифта шудаанд;
- даромадҳо аз фаъолияте, ки ҳамчун меҳнати кироя ҳисоб намешавад;
- ҳама гуна даромадҳои дигар.

Омӯзиши андозҳо дар адабиёти иқтисодии ватанӣ асосан ба вазифаҳои молиявию иҷтимоӣ, механизми ҷамъоварӣ ва ситонидани андозҳо, сохтор ва воситаҳои онҳо бахшида шудааст. Дар як қатор корҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ функсияи танзимкунандаи низоми андоз аз ҷиҳати таъсир ба давраи иқтисодӣ ва сармоягузорӣ баррасӣ шудааст. Таъсири боҷҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба миқёс ва сохтори буҷет ҳамаҷониба омӯхта шуда, аммо истифодаи андоз аз даромади шахсони воқеӣ аз нуқтаи назари мо ҳамчун воситаи танзими давлатӣ комилан нокифоя омӯхта шудааст.

Аз ин лиҳоз, андоз аз даромади шахсони воқеӣ бо баланд шудани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ дар ташаккули буҷа нақши торафт муҳим мебозад. Дар ин бора нақши пешбарандаи андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар кишварҳои иқтисодии мутараққӣ шаҳодат медиҳад. Мисол, дар Федератсияи Россия ҳиссаи андоз аз даромади шахсони воқеӣ нисбат ба буҷети Федератсия 40%-ро ташкил медиҳад. Дар давлатҳои Аврупо бошад, ин нишондиҳанда боз ҳам баланд мебошад. Ба ин гуфтаҳо меъёри андоз аз даромади шахсони воқеии кишварҳои хориҷӣ шаҳодат медиҳад, ки чунин мебошанд: Чад - 30%, Шветсия - 57,2%, Португалия - 48%, Дания - 55,8%, Белгия - 50%, Нидерланд - 49,5%, Испания - 45%, Финландия - 56,95%, Ҷопон - 55,95%, Фаронса - 45%, Австрия - 55%, Исроил - 50%, Чин - 45% ва Олмон - 47,5% [6].

Андозҳои меъёрашон баланд, чун қоида, дар иқтисоди заиф як ҳолати назарраси манфӣ мебошанд, ки коҳиши истеҳсолотро, дар маҷмӯъ, ҳавасманд мегардонад. Инчунин, саъйи азими аҳолӣ барои пинҳон кардани даромади худ, ки дар маҷмӯъ, метавонад ба вайрон шудани низоми андозбандии давлатӣ оварда расонад.

Аммо дар баробари ин, касри баланди буҷет ҷустуҷӯи доимии манбаъҳои даромадро барои пур кардани даромади буҷет тавассути афзоиш додани даромадҳо талаб мекунад. Ин вазъ, ба андешаи Л.В. Куцегреева, ба воқеияти муосир хос аст. Ин яке аз мушкилоти асосии ташаккул ва идоракунии таносуби муносибкунонии меъёрҳои андоз ва ба буҷети давлатӣ ворид намудани даромади андоз мебошад [5].

Азбаски оияндаи низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси таҷрибаи ҷаҳонӣ бо афзоиши ҳаҷм ва ҳиссаи даромадҳо аз андози даромади шахсони воқеӣ ба буҷаи давлат алоқаманд аст, рӯшан кардани мушкилот, дурнамо ва имкониятҳои рушди функсияи танзимкунандаи ин намуди андоз ба манфиати рушди иқтисодӣ ва некуаҳволии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоят муҳим аст.

Бояд қайд кард, ки андоз аз даромади шахсони воқеӣ яке аз андозҳои мустақим ба шумор меравад ва ба қатори андозҳои умумидавлатӣ дохил мешавад. Ин намуди андоз дар таркиби даромадҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи назаррас дорад.

Воридот аз ҳисоби андоз аз даромади шахсони воқеӣ ба буҷети давлат ҳиссаи назаррас дошта, барои ҳалли талаботи буҷетӣ ва иҷрои вазифаҳои давлат саҳми басо созгор мегузорад. Барои муайян намудани маблағи воридшуда аз ҳисоби андоз аз даромади шахсони воқеӣ моро зарур омад аз маълумотҳои оморӣ ва сарчашмаҳои дигар истифода намоем, то ки таҳлил возеҳ ва амиқтар гардад (ҷадвали 1.).

**Ҷадвали 1. - Динамикаи воридоти андоз аз даромад ба буҷети давлатӣ (млн. сомонӣ)**

| *№* | *Нишондиҳандаҳо* | *2015* | *2016* | *2017* | *2018* | *2019* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҳаҷми умумии даромадҳои андозӣ:<br>- нақша<br>- иҷроиш<br>- % иҷроиш | 11 329<br>10 613<br>93,7 | 12 150<br>11 188<br>92,1 | 13 296<br>13 099<br>98,5 | 14 740<br>14 565<br>98,8 | 16 121<br>15 775<br>97,8 |
| 2 | Даромад аз ҳисоби андоз аз даромади шахсони воқеӣ:<br>- нақша<br>- иҷроиш<br>- % иҷроиш | 1 311,0<br>1 297,7<br>99,0 | 1 486,8<br>1 347,9<br>90,7 | 1 565,5<br>1 568,7<br>100,2 | 1 799,4<br>1 780,1<br>98,9 | 2 010,4<br>1 914,4<br>95,2 |
| 3 | Афзоиши андоз аз даромад нисбат ба соли гузашта | 101,3 | 103,8 | 116,3 | 113,4 | 105,0 |
| 4 | Вазни қиёсии андоз аз даромад нисбат ба ҳаҷми умумии даромадҳои андозӣ (бо %) | 12,2 | 12,0 | 11,9 | 12,2 | 12,1 |

*Сарчашма: Ҳисобот оид ба иҷроиши Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2019. [7, с. 1].*

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвал маълум мегардад, ки дар давоми 5 соли охир ҳаҷми умумии даромадҳои андозӣ аз 10613 млн. сомонӣ ба 15 775 млн. сомонӣ расидааст, ки он ба андозаи 1,48 маротиба зиёд шудааст. Баробари афзоиши қисми даромади буҷет даромад аз ҳисоби андоз аз даромади шахсони воқеӣ низ зиёд гардидааст. Боиси қайд аст, ки аз соли 2015 то соли 2019 даромад аз ҳисоби андоз аз даромад 1,47 маротиба афзоиш ёфтааст, ки қиёсан 3,7 % зиёдшавӣ ба назар мерасад.




**Расми 1. Динамикаи воридоти андоз аз даромад ба буҷети давлатӣ**

*Манбаъ:* Ҳисобот оид ба иҷроиши Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2019. С.1.

Агар дар соли 2015 андоз аз даромад ба 1297,7 млн. сомонӣ баробар бошад, дар соли 2016 он ба 1 347,9 млн. сомонӣ мерасад, ки 103,8% зиёд мебошад. Дар соли 2017 чӣ тавре ки зиёдшавии кулли даромадҳои андозӣ дида мешаванд, маблағи андоз аз даромад ба 1 568,7 млн. сомонӣ расидааст, ки нисбат ба соли пештара 220,8 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Чӣ тавре аз маълумотҳои ҷадвал бармеояд, сол то сол вазни қиёсии андоз аз даромад зиёду кам гардида, он дар соли 2019 ба 1914,4 млн. сомонӣ расидааст, ки аз соли 2018 ба маблағи 134,7 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Ин нишондиҳанда торафт зиёд гардида, пас аз ислоҳоти қонунгузории андоз нисбат ба тамоми дигар солҳои таҳлилӣ тамоюли зиёдшавӣ дошта, назар ба дигар солҳо зиёд гардидааст. Сабаби зиёд гардидани андоз аз даромад ин зиёд шудани ҷойҳои корӣ, шумораи шахсони воқей, боло рафтани музди миёнаи маоши шахсони воқеӣ ва пинҳон нагардидани манбаъҳои андозбандӣ мебошад.

Агар ба вазни қиёсии даромадҳои андозии буҷети давлатӣ назар намоем, соли 2015 андозаи он ба 12,2% даромади умумӣ расидааст. Дар солҳои минбаъда, яъне соли 2016 вазни қиёсии ин намуди андоз 12,0% даромади умумии буҷетро ташкил додааст, ки 0,2% коҳиш ёфтааст. Бо баробари зиёд гардидани даромади умумӣ дар соли 2017 вазни қиёсии андози даромад 11,9%-ро ташкил намудааст, ки назар ба соли сипаригашта боз ба андозаи 0,1% коҳиш ёфтааст. Сабаби коҳиш ёфтан, яъне кам ворид гардидани андоз аз даромадро мо дар дуруст ба назар нагирифтани иқтидори андозсупории шахсони воқеӣ ва соҳибкорони инфиродӣ мебинем.

Дар соли минбаъда, яъне соли 2018 андоз аз даромад дар қисми даромади буҷети давлат назаррас буда, вазни қиёсияш ба 12,1% расидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли сипаришуда 0,2% зиёд мебошад. Дар соли 2019 бошад, ин нишондод нисбат ба соли 2018 ба андозаи 0,1% зиёд гардидааст.

Аз таҳлилҳои дар боло зикргардида бармеояд, ки андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар қисми даромади буҷети давлатӣ ҳиссаи назаррас дошта, доим дар ташаккулёбӣ ва зиёдшавӣ қарор дорад. Тавре маълум аст, баробари рушдёбии иҷтимоиёт ва маърифати андозсупорандагон ҳиссаи андоз аз даромад дар буҷет низ меафзояд. Дар бештари мамлакатҳои Ғарб ҳиссаи зиёди буҷетро андоз аз даромад ташкил медиҳад ва вазни қиёсии он то ба зиёда аз 48% даромади буҷети давлат мерасад.

Дар охир, оид ба такмил додани андозбандии андоз аз даромади шахсони воқеӣ пешниҳод менамоем, ки бояд масъалаҳои зерин дар низоми андоз ба мадди назар гирифта шаванд:

- ✓ ташкили чорабиниҳои махсуси назоратӣ барои ошкор намудани манбаъҳои андозбанде, ки дар қайди нозиротҳои андоз нестанд ва ҷалби онҳо ба андозбандӣ. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар амалияи андозбандии андоз аз даромад бисёр ҳолатҳое ба чашм мерасад, ки андозсупорандагон даромади гирифтаашонро пинҳон мекунанд, ё ин ки кам нишон медиҳанд;
- ✓ гузаронидани азнавбақайдгирии соҳибкорони инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда ва фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолият, ки ин сабабгори зиёд шудани супорандагони андоз мегардад;
- ✓ боз ҳам пурзӯр намудани фаъолияти мақомотҳои андозӣ ва дигар сохторҳои молиявие, ки ба ҷамъоварӣ ва назорати андоз сару кор доранд, то ки маблағҳои андоз ба пуррагӣ ва дар вақташ ба буҷа ворид гардад.

Ҳамин тариқ, дар доираи ин мақола масъалаи ҷузъҳои асосии андоз аз даромад ва моҳияти он, инчунин, нақш ва аҳамияти он барои сиёсати андози давлат ва ҳиссаи он дар буҷети ҷумҳуриявӣ баррасӣ карда шуд.

Нақши андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар низоми андози кишвар хеле назаррас аст. Ҳиссаи он дар буҷаи давлатӣ бевосита аз сатҳи рушди иқтисодиёт, алалхусус даромади устувори аҳолӣ вобастагӣ дорад. Ин яке аз андозаҳои маъмул дар таҷрибаи ҷаҳонӣ мебошад, ки аз ҳисоби даромади шахсии аҳолии ҳар як кишвар пардохт карда мешавад. Дар мамлакати мо андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар қисми даромади буҷа ҷойгоҳи нисбатан одиро ишғол мекунад, зеро он асосан ба он қисми аҳолӣ, ки сатҳи миёнаи даромад ё аз он камтар доранд ва расман дар ягон низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ фаъолият менамоянд, таъсир мерасонад.

**Адабиёт**


1. Афанасьева М.В. Налог на доходы физических лиц в России: перспективы реформирования: Автореф. дис. канд. экон. наук: 08.00.10 / М.В. Афанасьева. – Казань: КФУ. -2018. - 27с.
2. Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ - №1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. - 34 с.
3. Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ №4-2014, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2015. – 46с
4. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон 2021 аз 17.12.2020 с. -№ 1744, -№ 1745

5. Куцегреева Л.В. Анализ влияния повышения ставки налога на доходы физических лиц (НДФЛ) на различные слои населения / Л.В. Куцегреева, А.С. Баюл, Ю. А. Харченко // Вектор экономики. - 2018 - №5 (23). - С. 38-45.
6. Меъёри андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ [манбаи электронӣ] - URL: https://translate.google.ru/?sl=ru&tl=tg&text=8F&op=translate (санаи муроҷиат: 24.02.2021с).
7. Ҳисобот оид ба иҷроиши Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2019. – 16с.
8. Сайдулаев Д.Д. Основы и сущность налога на доходы физических лиц в регулировании налоговой политики государства. / Д.Д. Сайдулаев // Московский экономический журнал - 2019 - №12.- С. 552-554.
9. Ҳисобот оид ба иҷроиши Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 санаи нашр 10.02.2020с [манбаи электронӣ] - URL: http://minfin.tj/index.php?do=static&page=budget (санаи муроҷиат: 24.02.2021с).

---

**УДК: 337.1.**

## ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МУОСИР ВА ТАМОЮЛИ РУШДИ ФОНДИ НАФАҚА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ*** *– Академики АБТ, д.и.и., профессор, мудири кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. тел.: 918-81-42-40, E_mail: ilhomuddin@mail.ru*
***Сафарова Мунира Ибодуллоевна*** *- ассистенти кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Тел.: (+992) 918-98-96-30. E-mail:munirabonu@mail.ru*

*Яке аз вазифаҳои давлат дар давраи муосири ислоҳоти амиқи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ин таъмини амалинамоии низоме мебошад, ки ҳимояи иҷтимоиро ба категорияи шаҳрвандони аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳимоянашаванда мерасонад. Ҳимояи иҷтимоии шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша яке аз масъалаҳои калидӣ дар ҳаёти давлат ва ҷомеа ба ҳисоб меравад. Он мустақиман аз рушди иқтисодиёт вобаста буда, ба таври зич бо сиёсат ва некуаҳволии иҷтимоии одамони меҳнаткаш ва қишри бекори аҳолӣ алоқаманд мебошад.*
*Таъминоти нафақа яке аз намудҳои асосии ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандони ғайри қобили меҳнат ба ҳисоб меравад. Таъминоти нафақа шакли таъминоти моддии шаҳрвандон аз ҷониби давлат ё дигар субъектҳо дар ҳолатҳои аз тарафи қонун муқарраргардида мебошад. Мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун асос барои таъминоти нафақа инҳо баромад мекунанд: расидан ба синну соли нафақавӣ, маъюбӣ, аҳолии ғайри қобили меҳнат, барои таъминоти нафақавии категорияҳои алоҳидаи меҳнаткашон - фаъолияти дарозмуддати муайяни касбӣ.*
***Калидвожаҳо****; таъминоти иҷтимоӣ, фонди нафақа, музди меҳнат, нафақа, аҳолии ғайри қобили меҳнат, маъюбӣ, синну соли нафақавӣ, ҳифзи иҷтимоӣ.*

## АНАЛИЗ СОВРЕМЕННОГО СОСТОЯНИЯ И ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ ПЕНСИОННОГО ФОНДА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

***Иброхимзода Илхомуддин Раджабали*** *- Академик МАТ РФ, д.э.н., профессор, заведующий кафедрой финансы и страхования Таджикского национального университета Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.тел.: 918-81-42-40, E_mail: ilhomuddin@mail.ru*
***Сафарова Мунира Ибодуллоевна*** *– ассистент кафедры финансов и страхования, Таджикский национальный университет. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Тел.: (+992) 918-98-96-30. E-mail:munirabonu@mail.ru*

*Одной из важнейших задач государства в современный период глубоких социально-экономических преобразований является обеспечение эффективного функционирования систем, осуществляющих социальную защиту тем категориям граждан, которые в наибольшей степени являются социально незащищенными. Социальная защита граждан в Республике Таджикистан всегда занимала и занимает одно из ключевых, определяющих мест в жизни государства и общества. Она непосредственно зависит от развития экономики и теснейшим образом связана с политикой и социальным благополучием людей труда и неработающих слоев населения.*
*Пенсионное обеспечение является основным видом социальной защиты нетрудоспособных граждан. Пенсионное обеспечение – эта форма материального обеспечения граждан со стороны государства или иных субъектов в установленных законом случаях. Основанием для пенсионного обеспечения согласно таджикскому законодательству является: достижение соответствующего пенсионного возраста, наступление инвалидности, а для нетрудоспособных членов семьи – потеря кормильца; для пенсионного обеспечения отдельных категорий трудящихся – длительное выполнение определенной профессиональной деятельности.*

***Ключевые слова:*** *социальное обеспечение, пенсионный фонд, заработная плата, пенсия, нетрудоспособное население, инвалидность, пенсионный возраст, социальная защита.*

**ANALYSIS OF THE CURRENT STATE AND DEVELOPMENT TRENDS OF THE PENSION FUND IN THE REPUBLIC OF TAJIKSTAN**

***Ibrokhimzoda Ilhomuddin Rajabali*** *- Academician of the IAT RF, Doctor of Economics, Professor, Head of the Department of Finance and Insurance of the Tajik National University Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: 918-81-42-40, E_mail: ilhomuddin@mail.ru*

***Safarova Munira Ibodulloevna-*** *assistant of the department of finance and insurance. Tajik National University, Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: (+992) 918-98-96-30. E-mail:munirabonu@mail.ru*

*One of the most important tasks of the state in the modern period of deep socio-economic transformations is to ensure the effective functioning of systems that provide social protection to those categories of citizens who are most socially vulnerable. Social protection of citizens in the Republic of Tajikistan has always occupied and occupies one of the key defining places in the life of the state and society. It directly depends on the development of the economy and is closely connected with the politics and social well-being of working people and non-working sections of the population.*

*Pension security is the main type of social protection for unemployed citizens. Pension security is a form of material support for citizens from the state or other entities in cases established by law. According to Tajik legislation, the basis for pensions is: reaching the appropriate retirement age, the onset of disability, and for disabled family members - the loss of the breadwinner; for the pension provision of certain categories of workers - the long-term performance of certain professional activities.*

***Keywords;*** *social security, pension fund, salary, pension, pension, disabled population, disability, retirement age, social protection.*

Яке аз вазифаҳои муҳими давлат дар давраи муосири ислоҳоти амиқи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ин таъмини амалинамоии самараноки низомҳое, ки ҳифзи иҷтимоиро ба қишри шаҳрвандони аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳифзнашаванда мерасонад, ба ҳисоб меравад. Ба чунин гурӯҳҳои иҷтимоӣ-демографӣ шаҳрвандони куҳансол, маъюбон ва ғ. таааллуқ доранд. Вазифаи муҳимтарини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дастгирии сатҳи ҳаёт дар вазъиятҳои фавқулода, мусоидат намудан ба мутобиқшавии онҳо дар шароити бозорӣ мебошад.

Ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша яке аз масъалаҳои калидӣ ба шумор рафта, нақши муҳимро дар ҳаёти давлат ва ҷомеа мебозад. Он мустақиман аз рушди иқтисодиёт вобаста буда, аз сиёсат ва сатҳи некуаҳволии иҷтимоии меҳнаткашон ва қишри бекори аҳолӣ алоқаманд мебошад.

Таъминоти нафақавӣ намуди асосии ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандони ғайри қобили меҳнат ба ҳисоб меравад. Ҳамасола сатҳи таъминоти иҷтимоӣ дар кишвар боло рафта, сифати пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ беҳтар гардида истодааст. Дар давраи солҳои 1996 то 2017 ҳадди ақали нафақа тақрибан 13 маротиба зиёд гардидааст. Хароҷоти таъминоти иҷтимоӣ дар соли 2007 нисбат ба соли 2017 беш аз 1,5 маротиба афзоиш ёфтааст. Ҳамин тариқ, мехоҳем таҳлили пурраи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз шумораи нафақахӯрон дар солҳои 2011-2018 нишон диҳем.

**Ҷадвали 1. - Шумораи нафақахӯрони дар қайди мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ қарордошта (ҳаз. наф.)**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | | | | | **2018/ 2011, бо %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | |
| **Нафақахӯрон, ҳамагӣ** | **592,0** | **96,6** | **610,9** | **603,6** | **617,4** | **642,8** | **664,8** | **687,1** | **116,1** |
| аз ҷумла занҳо | 356,2 | 356,1 | 356,1 | 379,9 | 379,6 | 411,0 | 425,9 | 435,7 | 122,3 |
| аз рӯи пиронсолӣ | 345,2 | 353,3 | 365,6 | 377,3 | 390,6 | 410,3 | 425,1 | 442,6 | 128,2 |
| аз рӯи маъюбӣ | 102,3 | 101,5 | 100,1 | 82,7 | 76,4 | 74,2 | 72,0 | 67,2 | 65,7 |
| бинобар маҳрум шудан аз саробон | 45,1 | 44,1 | 41,7 | 37,9 | 36,1 | 33,3 | 32,6 | 31,3 | 69,4 |
| барои хизмати дарозмуддат | 3,5 | 3,9 | 3,9 | 3,9 | 4,3 | 5,0 | 5,3 | 4,8 | 137,1 |
| иҷтимоӣ | 91,5 | 89,6 | 95,5 | 97,9 | 106,2 | 116,5 | 126,5 | 137,9 | 150,7 |
| Шумораи нафақахӯрони коргар | 37,3 | 37,3 | 36,1 | 33,7 | 31,5 | 48,1 | 45,1 | 42,3 | 113,4 |

***Сарчашма****: Маҷмӯаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон /АОПҶТ. – Душанбе, 2019 с. - С. 154*

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар соли 2018 шумораи нафақахӯрон ба 687,1 ҳазор нафар афзоиш ёфт. Дар расми 1 метавон ба таври муфассал вазъи шумораи нафақахӯроне, ки дар қайди мақомотҳои ҳифзи иҷтимоӣ қарор доранд, мушоҳида намуд.




**Расми 1. - Сохтори шумораи нафақахӯроне, ки дар қайди мақомотҳои ҳифзи иҷтимоӣ қарор доранд (ҳаз. наф.)**

***Сарчашма:*** *Маҷмӯаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон /АОПҶТ. - Душанбе, 2019с. – С. 154.*

Ҳамзамон, андозаи миёнаи нафақа мувофиқи нишондодҳои зерин афзудааст( Ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. - Индикаторҳои асосии иҷтимоӣ-иқтисодии сатҳи зиндагии аҳолӣ**

| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2018/ 2011, бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| музди миёнаи ҳармоҳаи меҳнат | 446,23 | 555,29 | 697,76 | 816,27 | 878,91 | 962,16 | 1144,19 | 1233,82 | 276,5 |
| андозаи миёнаи ҳармоҳаи нафақа | 152,30 | 181,82 | 228,27 | 230,14 | 228,17 | 272,13 | 270,67 | 309,94 | 203,5 |
| таносуби андозаи миёнаи нафақа ва музди миёнаи ҳармоҳаи меҳнат, % таносуби андозаи миёнаи | **34,1** | **32,7** | **32,7** | **28,2** | **26,0** | **28,3** | **23,7** | **25,1** | **73,6** |

***Сарчашма:*** *Маҷмӯаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон / АОПҶТ. - Душанбе, 2019 с. – С. 157.*

Аз рӯи маълумотҳои ҷадвали 2 маълум аст, ки ҳамаи нишондиҳандаҳо дорои тамоюли рушд мебошанд. Бо мақсади таъминоти дастрасии умумӣ ва сифати неъматҳои муҳими барои ҷамъият мусоид дар рафти ислоҳот муқаррар гардида, дар айни замон чунин меъёрҳои давлатии ҳадди ақали иҷтимоӣ истифода карда мешаванд: қути лоямут, музди меҳнати ҳадди ақал, ҳаҷми ҳадди ақали нафақа ва ғ. Дар асоси маълумотҳои ҷадвали 2 суръати рушди музди меҳнати моҳона ва нафақаро метавон дар расми 2 дар шакли диаграмма мушоҳида намуд.

Аммо меъёрҳои мавҷудаи иҷтимоӣ инъикоси шароити тағйирёбандаи иҷтимоию иқтисодиро қатъ сохта, миёни худ муносибатҳои зарурии низомнокро надоранд. Аз сабаби мавҷуд набудани стандартҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ асосноки ҳисобкунии кумакҳои иҷтимоӣ ва робитаи онҳо бо низоми музди меҳнат, алоқаи мутақобила миёни сатҳи даромади аҳолии меҳнатӣ ва аз пардохтҳои нафақавӣ бадастоянда қатъ гардидааст. Дар ин робита, оид ба такмили стандартҳои давлатии таъминоти иҷтимоӣ кор оғоз карда шудааст.




**Расми 2. - Суръати рушди нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоӣ-иқтисодии сатҳи зиндагии аҳолӣ**

***Сарчашма:*** *Маҷмӯаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон/АОПҶТ. – Душанбе, 2019с. – С. 157.*

Дар ҳифзи иҷтимоӣ ҷои махсусро ислоҳоти нафақа ишғол мекунад. Натиҷаи ислоҳоти татбиқшаванда воқеан нишондиҳандаҳои асосии таъминоти нафақаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро нишон медиҳанд.

Таҳлили маълумотҳои ҷадвал, ҳам суръати рушд ва ҳам коҳишёбии баъзе нишондиҳандаҳоро дар устувории молиявии низоми нафақа нишон медиҳанд ва ба онҳо омилҳои зиёде таъсир мерасонанд, ки дар расми 3 нишон дода шудаанд.




**Расми 3. - Омилҳои асосии ба тавозунии молиявии низоми нафақа таъсиррасон**

Камбизоатии доимӣ, бекорӣ, пиршавии аҳолӣ, ҷаҳонишавии бозорҳо, инчунин, рушди бахши ғайрирасмӣ амиқсозии минбаъдаи ислоҳоти иҷтимоиро талаб мекунанд. Ин зарурати таҳияи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои давраи то соли 2030 [1, с. 32], ки ба таъсиси низоми се сатҳи таъминоти иҷтимоӣ равона карда шудааст, тақозо намуд, ки хусусиятҳои асосии онҳо устувории молиявӣ ва тақсими уҳдадориҳо миёни давлат, корфармо ва корманд мебошад.

Агар дар давраи гузариш ҳифзи иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, ба табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир нигаронида шуда бошад, пас дар шароити рушди

иқтисодӣ зарурати ташкили модели нави таъминоти иҷтимоӣ, ки ба шароити бозор мувофиқ аст, ба вуҷуд омад.

**Ҷадвали 3. - Нишондиҳандаҳои асосии таъминоти нафақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| | Солҳо | | | | | | | | 2018/ 2011, бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | |
| Шумораи нафақахӯроне, ки дар қайди мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мебошанд, ҳамагӣ, ҳазор | 592,0 | 596,6 | 610,9 | 603,6 | 917,4 | 642,8 | 664,8 | 687,1 | 116,1 |
| ба ҳисоби фоиз нисбат ба соли гузашта | 103,9 | 100,8 | 102,4 | 98,8 | 102,3 | 104,1 | 103,4 | 103,3 | 99,4 |
| Шумораи машғулин дар иқтисодиёт, ки ба 1 нафақахӯр рост меояд, нафар | 3,8 | 3,8 | 3,8 | 3,9 | 3,9 | 3,7 | 3,6 | 3,5 | 92,1 |
| Нафақаи ҳадди ақал, сомонӣ | 80,0 | 104,0 | 130,0 | 130,0 | 130,0 | 156,0 | 156,0 | 180,00 | 225,0 |
| Таносуби нафақаи ҳадди ақал аз рӯи пиронсолӣ нисбати музди меҳнати ҳадди ақал | 100 | 52 | 52 | 52 | 52 | 39 | 39 | 45 | 45,0 |
| Андозаи миёнаи нафақаи муқарраршудаи ҳармоҳа, сомонӣ | 152,3 | 181,8 | 228,2 | 230,1 | 228,1 | 272,1 | 270,6 | 309,94 | 203,5 |
| Андозаи ҳақиқии нафақаи муқарраршудаи ҳармоҳа, ба ҳисоби фоиз нисбат ба соли гузашта | 74,5 | 75,3 | 119,5 | 95,0 | 93,7 | 112,6 | 92,7 | 110,3 | 148,1 |

***Сарчашма:** Маҷмӯаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон / АОПҶТ. – Душанбе, 2019с. – С. 158.*

Ислоҳоти музди меҳнати кормандони соҳаи буҷет гузаронида шуда, ислоҳоти маблағгузории нафақа ҷорӣ гардида, имтиёзҳо дар шакли натуралӣ бо пардохти кумакпулиҳо иваз карда шуданд.

Мақсади барнома: таъсисдиҳии низоми аз ҷиҳати молиявӣ устувор, аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок, аз ҷиҳати иҷтимоӣ адолатноки се сатҳаи таъминоти нафақавӣ бо тақсимсозии уҳдадориҳо миёни давлат, корфармо ва корманд мебошад.

Барнома инҳоро пешбинӣ месозад:

- наздикгардии марҳилавии низоми меъёрҳои давлатии иҷтимоӣ ба меъёрҳои байналхалқӣ;
- рушди суғуртаи иҷтимоии хавфҳои асосии иҷтимоӣ (фарорасии piршавӣ, аз даст додани қобилияти меҳнат, аз даст додани саробон, аз даст додани фаъолият);
- такмилдиҳии ташкили кумаки иҷтимоӣ;
- васеъгардонии дастрасии таъминоти нафақавӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ;
- такмилдиҳии баистифодадиҳии иҷтимоии маъюбон;
- рушди минбаъдаи институтҳое, ки амалнамоии низоми таъминоти нафақавӣ ва иҷтимоиро таъмин мекунанд;
- такмилдиҳии заминаи маъмуриву ҳуқуқии низоми таъминоти иҷтимоӣ ва ғ.

Нишондиҳандаи ягонаи асосии иҷтимоӣ бояд арзиши зиндагӣ бошад, ки дар асоси арзиши ҳадди ақали сабади истеъмолӣ, ки барои нигоҳ доштани саломатии инсон ва таъмини вазифаҳои ҳаётан муҳими он зарур аст, муайян карда мешавад. Муайян намудани дигар меъёрҳои ҳадди ақали давлатӣ дар соҳаи музди меҳнат, таъминоти нафақа ва расонидани кумаки иҷтимоӣ дар заминаи ҳадди ақали зиндагӣ сурат мегирад, ки имкон медиҳад татбиқи кафолатҳои давлатӣ барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти ҳадди ақал ва вобастагии системавӣ таъмин карда шавад. Бо назардошти ягонагӣ ва тобеият, стандартҳои давлатӣ оид ба пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ муайян карда мешаванд.

Сатҳи асосии таъминоти иҷтимоӣ аъзоҳақиҳои зеринро дар бар мегирад:
- пардохти давлатии нафақа аз рӯи синну сол;
- кумакпулии давлатии асосӣ аз рӯи маъюбӣ;
- гирифтани кумакпулии давлатии маҳрум шудан аз саробон;
- кумакпулӣ барои дафн (танҳо барои гирандагони кумакпулии асосии иҷтимоӣ).

**Ҷадвали 4. - Андозаи миёнаи ҳармоҳаи нафақаи тайиншудаи нафақахӯрон аз рӯи намуди таъминоти нафақавӣ дар охири сол, сомонӣ**

| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2018/ 2011, бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Нафақахӯрон, ҳамагӣ** | **152,30** | **181,82** | **228,27** | **230,14** | **228,17** | **272,13** | **270,67** | **309,94** | **203,5** |
| аз ҷумла нафақа: | | | | | | | | | |
| - аз рӯи пиронсолӣ | 141,88 | 176,54 | 227,04 | 237,33 | 234,76 | 282,38 | 282,91 | 328,33 | 231,4 |
| - аз рӯи маъюбӣ, дар натиҷаи осеби меҳнатӣ | 309,86 | 201,20 | 249,66 | 253,05 | 258,36 | 299,57 | 310,69 | 359,06 | 115,9 |
| - аз рӯи маъюбӣ, бемории касбӣ | 254,47 | 200,51 | 500,45 | 510,48 | 484,04 | 556,95 | 569,60 | 617,68 | 242,7 |
| - аз рӯи маюбӣ бинобар бемории умумӣ | 210,39 | 251,11 | 308,00 | 300,58 | 301,92 | 356,89 | 358,21 | 404,35 | 192,2 |
| - бинобар маҳрум шудан аз саробон | 183,56 | 197,68 | 251,25 | 250,17 | 242,32 | 304,53 | 300,17 | 354,56 | 193,1 |
| - иҷтимоӣ | 91,25 | 99,37 | 121,90 | 124,39 | 125,90 | 145,72 | 145,62 | 168,23 | 184,4 |

***Сарчашма:*** *Маҷмӯаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон /АОПҶТ. – Душанбе, 2019 с. – С. 156.*

Барои ташаккули сатҳи заминавии низоми ҳифзи иҷтимоӣ инҳо ба нақша гирифта шудаанд:

- марҳила ба марҳила тағйир додани методологияи ҳисоб кардани кумакпулӣ аз буҷети давлатӣ (аз рӯи синну сол, маъюбӣ, аз даст додани саробон).

Андозаи имтиёзҳо бо арзиши зиндагӣ муайян карда мешавад;

- марҳила ба марҳила ҷорӣ намудан аз соли 2010 пардохти асосии нафақа барои ҳамаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми расидан ба синну соли нафақа.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили анҷомдодашуда бояд қайд кард, ки такмили низоми нафақа ва афзоиши даромади аҳолӣ ба зиёд шудани талаботҳои пардохтпазир оварда расонида, ба рушди иқтисодӣ мусоидат хоҳанд кард.

**Адабиёт**


1. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030. – Душанбе, 2016. - 114 с.
2. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон //Маҷмӯаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон /АОПҶТ. – Душанбе, 2019. – 343с.
3. Бабий В.С. Место и роль негосударственных пенсионных фондов в системе пенсионного обеспечения России / В.С.Бабий // Поволжский торгово-экономический журнал. – 2012. - № 2. – С.60-72.
4. Блекус В.В. Рынок негосударственных пенсионных фондов / В.В.Блекус// Молодой ученый. – 2012. - № 3. - Т.1. – С.100-112.
5. Пантелеева А. П. Мировой опыт развития негосударственного пенсионного обеспечения с участием страховых компаний / А. П. Пантелеева, Т.П. Нуштакина// Вестник Псковского государственного университета. Серия экономика. Право. Управление. – 2013. - № 2. – С. 120-123.
6. Концепция социальной защиты населения Республики Таджикистан от 29 декабря 2010 года № 783 // Централизованный Банк Правовой информации. - ADLIA. - Версия 7.0.

## УДК: 330.35.01.

# НАЦИОНАЛЬНАЯ ПРОМЫШЛЕННОСТЬ В ПЕРИОД ФОРМИРОВАНИЯ РЫНОЧНОЙ ЭКОНОМИКИ

***Файзуллоев Машраб Курбоналиевич*** *– доктор экономических наук, профессор кафедры экономической теории и мировой экономики Российско-Таджикского (Славянского) университета. Адрес: 734000, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. М.Турсун-заде, 30. Телефон: (+992)900068866. E-mail: mashrab@mail.ru,*

***Шамсуддинов Абдулфайозиддин Хайрович*** *- старший преподаватель кафедры экономической теории и мировой экономики Российско-Таджикского (Славянского) университета. Адрес: 734000, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. М.Турсун-заде, 30. Телефон: (+992) 935767767. E-mail: F.snamsuddin@mail.ru*

*В статье с учетом основных достижений до обретения независимости отмечаются сведения об основных достижениях Республики Таджикистан в сфере промышленности за годы независимости. Именно до 1990 года Таджикистан достиг своего пика в развитии отраслей сельского хозяйства, науки и культуры, что повлияло на повышение уровня жизни населения. Далее, дается анализ и оценка отрасли промышленности в период становления и развития экономики.*

*На основе исследований развития промышленности Республики Таджикистан за 1991-2018 гг. авторами сделаны следующие выводы: снижена доля промышленности в структуре народного хозяйства, т.е. происходит деиндустриализация экономики; наблюдается диспропорция, что выражается в повышении доли сырьевых отраслей.*

***Ключевые слова:*** *промышленность Республики Таджикистан, состояние промышленности, сельское хозяйство, наука и культура, оценка и анализ промышленности.*

## САНОАТИ МИЛЛӢ ДАР МАРҲАЛАИ ТАШАККУЛЁБИИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ

***Файзуллоев Машраб Курбоналиевич*** *– доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон. Суроға: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода 30. Телефон: (+992)900068866. E-mail: mashrab@mail.ru.*

***Шамсуддинов Абдулфаёзиддин Хайрович*** *- муаллими калони кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон. Суроға: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода 30. Телефон: (+992) 935767767. E-mail: F.snamsuddin@mail.ru*

*Дар мақола дастовардҳои асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи саноат дар солҳои соҳибистиқлолӣ бо назардошти дастовардҳои асосии пеш аз истиқлол қайд гардида, гуфта мешавад, ки то соли 1990 рушди соҳаҳои Тоҷикистон ба авҷи аълои худ дар соҳаи кишоварзӣ, илм ва фарҳанг расид, ки ин ба болоравии сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсир расонид. Ҳамчунин, дар мақола таҳлил ва арзёбии соҳаи саноат дар давраи ташаккул ва рушди иқтисодиёт оварда шудааст.*

*Дар асоси таҳқиқот оид ба рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 1991-2018 муаллифон чунин хулоса баровардаанд, ки ҳиссаи саноат дар сохтори хоҷагии халқ коҳиш меёбад, яъне ғайрисаноатикунонии иқтисодиёт вуҷуд дошта, номутаносибӣ дар афзоиши ҳиссаи саноати ашёи хом ифода меёбад.*

***Калидвожаҳо****: саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазъи саноат, кишоварзӣ, илм ва фарҳанг, баҳогузорӣ ва таҳлили саноат.*

## NATIONAL INDUSTRY DURING THE FORMATION OF THE MARKET ECONOMY

***Faizulloev Mashrab Kurbonalievich*** *- Doctor of Economics, Professor of the Department of Economic Theory and World Economy of the Russian-Tajik (Slavonic) University. Address: 734000, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. M. Tursun-zade, 30. Phone: (+992)900068866, E-mail: mashrab@mail.ru,*

***Shamsuddinov Abdulfayoziddin Khairovich*** *- Senior Lecturer of the Department of Economic Theory and World Economy of the Russian-Tajik (Slavonic) University. Address: 734000, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. M. Tursun-zade, 30. Phone: (+992) 935767767, E-mail: F.snamsuddin@mail.ru*

*The article notes about the main achievements of the Republic of Tajikistan in the field of industry over the years of independence, taking into account the main achievements before independence. It was until 1990 that the development of the sectors of Tajikistan reached the peak of its development in agriculture, science and culture, which influenced the increase in the living standards of the population. Further, the analysis and assessment of the industry in the period of formation and development of the economy is given.*

*Based on research on the development of industry in the Republic of Tajikistan for 1991-2018. the author made the following conclusions:*

*The share of industry in the structure of the national economy is decreasing, i.e. there is a de-industrialization of the economy.*

*There are imbalances, which is reflected in an increase in the share of raw materials industries.*

***Key words****: industry of the Republic of Tajikistan, state of industry, agriculture, science and culture, assessment and analysis of industry.*

Об основных достижениях Таджикистана в сфере промышленности в годы независимости можно говорить лишь с учетом основных достижений до обретения независимости. Ведь именно до 1990 годов Таджикистан достиг кульминации своего развития в промышленности, сельском хозяйстве, науке и культуре, в результате чего, значительно улучшился уровень жизни населения [4, с. 488].

К моменту обретения суверенитета республики количество промышленных предприятий насчитывалось 2308 единиц, большинство из них составляли мелкие и средние предприятия. Количество крупных промышленных предприятий составляло 425 единиц, которые по отраслям распределялись следующим образом (см.рис.1):




**Рисунок 1 – Распределения крупных промышленных предприятий в 1991 году по видам (единиц)**
*Источник:* Народное хозяйство Таджикской ССР в 1991 г. Статсборник. – Душанбе, 1992.- С.172.

Из 425 крупных промышленных предприятий в 1990 году 207 единиц были в сфере тяжелой промышленности, 119 - предприятий в легкой промышленности и около 100 предприятий - в сфере переработки пищевых продуктов.

К тяжёлой промышленности относится почти вся добывающая промышленность и часть обрабатывающей промышленности, и включает в себя такие подотрасли, как горное дело, чёрную и цветную металлургию, а также химическое производство.

Удельный вес отраслей тяжелой промышленности в общем объеме промышленной республики увеличился с 22,9 % в 1970 году до около 36% в 1990 году (см. таб.1).

**Таблица 1. - Отраслевая структура промышленности Таджикистана за 1970-1990 гг.** (%)

| Годы/Отрасли | 1970 | 1980 | 1990 |
|---|---|---|---|
| **Вся промышленность** | **100** | **100** | **100** |
| Из них: | | | |
| Тяжелая промышленность | 22,9 | 31,0 | 36,0 |
| Легкая промышленность | 56,5 | 46,7 | 42,3 |
| Пищевая промышленность | 16,8 | 17,8 | 15,0 |
| Прочие | 3,8 | 4,5 | 6,7 |

*Источник*: составлено авторами.

Удельный вес легкой и пищевой промышленности составлял 57,3% по объему производства и около 51% - по численности промышленно-производственного персонала. В 1991 году в этих предприятиях работало 215,4 тыс. человек.

К 1991 году наименее диверсифицированной экономикой в регионе была экономика Таджикистана. Несмотря на это, по сравнению с нынешними временами, ее экономика представляла пример высокого уровня структурной диверсификации. Только промышленность республики состояла из 169 отраслей и подотраслей, которые выпускали более 2500 разновидностей продукции [16].

В 1990 году, тяжелая промышленность выпускала:

- 2054,0 тыс. киловольт-ампер (кВА) силовых трансформаторов;
- свыше 1 млн. тонн цемента;
- столько же железобетонных конструкций;
- 126 млн. листов шифера;
- 170 тыс. штук холодильников.

Легкая промышленность республики в 1990 году производила:

- 16 млн. штук трикотажных изделий;
- 122 млн. $м^2$ хлобчатобумажной ткани;
- 76,2 млн.$м.^2$ шелковой ткани;
- 11 млн.$м.^2$ ковров и ковровых изделий;
- 60 млн. пар чулочных изделий;
- 11 млн. пар обуви [12].

Политическая нестабильность в республике весьма негативно повлияла на состояние промышленности в стране, в результате которой в 1995 году количество промышленно-производственного персонала сократилось до 152,2 тыс. человек, в 2000 г. – 90,1 тыс. чел., в 2005г. – 85,1 тыс. чел., в 2010 г. – 77,3 тыс. чел., в 2015 г. – 83,9 тыс. чел., в 2017 г. – 86,9 тыс. чел[3].

Процентное соотношение занятости в промышленности по сравнению с другими отраслями начало снижаться еще с 1985 года, когда он был на уровне 14,3% от общего уровня занятости. В 1991 году данный показатель достиг 13,1%, в 1997 г. – 9,2%, в 2000 г. – 6,7%, в 2005 г. – 5,7%, в 2010 г. – 4,2%, в 2015 г. – 2,5%. По результатам 2017 г. данный показатель начал рост и составил 3,6% от общего уровня (см. таб. 2) [3].

**Таблица 2. - Основные показатели динамики развития промышленности в Республике Таджикистан за 1991-2017 гг.**

| Годы/ Показатели | 1991 | 1995 | 1997 | 2000 | 2005 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | 2015 | 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Количества промышленных предприятий | 2308 | 1179 | - | 1329 | 1130 | 1397 | 1366 | 1384 | 1386 | 2310 | 1999 |
| Среднегодовая числен-ность промышлен-но-произ-водственного персонала | 215,4 | 152,2 | - | 90,1 | 85,1 | 80.4 | 74.2 | 68.5 | 77,3 | 81,2 | 86,8 |

*Источник*: составлено авторами.

Данные Организации Объединенных Наций по промышленному развитию (UNIDO) показывают, что валовая добавленная стоимость промышленности Таджикистан в 1990 г. составила 1027 млн. долл. США и в 1992 г. этот показатель достиг своего пика на уровне 1172 млн. долл. США (см.рис. 2).

По данным Всемирного банка удельный вес промышленности в структуре ВВП Таджикистана достиг своего исторического пика в 1992 г. на уровне 36,7% ВВП, после начал снижаться, и в 1996 г. составил 18,8%, в 1999 г. – 19,6%, в 2011 г. – 9,6%. По результатам 2017 г. этот показатель составил 10% [18].




**Рисунок 2. - Динамика ВВП и валовой добавленной стоимости в промышленности Таджикистана за 1990-2016 гг.**

*Источник: The United Nations Industrial Development Organization URL:* [*https://stat.unido.org/database/MVA%202019,%20Manufacturing*](https://stat.unido.org/database/MVA%202019,%20Manufacturing)

Международное сопоставление данных показывают, что даже в самый пик своего промышленного развития (1990 г.), Таджикистан в глобальном ИКП уступал место группе стран с низким уровнем дохода [23]. В то время, как в пиковый период развития промышленности республика занимала 112 место, группа стран с низким уровнем дохода занимала 105 место в глобальном ИКП (см.рис. 4).




**Рисунок 4. - Сопоставления индекса конкурентоспособности промышленности Таджикистан с рядом стран за 1990-2014 гг.**

Источник: Industrialization intensity index // TCdata360 URL: [https://tcdata360.worldbank.org/indicators/h27e52df8?country=TJK&indicator=3787&countries=BGD,KGZ,PAK,KHM,IND,VNM,MDA,ALB,ARM,AZE,GEO,BWA,LBN&viz=line_chart&years=1990,2014&indicators=944&compareBy=income](https://tcdata360.worldbank.org/indicators/h27e52df8?country=TJK&indicator=3787&countries=BGD,KGZ,PAK,KHM,IND,VNM,MDA,ALB,ARM,AZE,GEO,BWA,LBN&viz=line_chart&years=1990,2014&indicators=944&compareBy=income)

Вместе с тем, сравнительный анализ ИКП Таджикистана с рядом стран показывает, что за 1990-2014 гг. некоторые страны достигли значительного успеха в развитии своей промышленности. Так, Вьетнам в 1990 г. с 94 места поднялся в глобальном индексе конкурентоспособности промышленности до 48 места в 2014 г., [24] и до 43 места - в 2017 г.[26].

Бангладеш в данном индексе в 1990 г. с 101 места поднялся до 78 места в 2014 г. [24], и до 72 места - в 2017 г. [26]. Такие страны, как Таджикистан, Киргизия, Албания, Армения, Азербайджан и Молдова в 2017 г. сдали свои позиции, а Грузия добилась небольшого прогресса в глобальном индексе конкурентоспособности по сравнению с 1990 годом.

Республика Таджикистан с 1990 г. и вплоть до 1995 г. в ИКП считалась страной со средним уровнем развития промышленности. Более того, в 1990 г. республика занимала 21-е место в списке 30 среднеразвитых промышленных стран [28]. С 1995г. по настоящее время республика входит в группу 30 слаборазвитых промышленных стран (см.таб. 3).

**Таблица 3. - Таджикистан в глобальном индексе конкурентоспособности промышленности за 1990-2017 гг.**

| Годы/ Показатели | 2017 | 2016 | 2015 | 2010 | 2005 | 2000 | 1996 | 1995 | 1991 | 1990 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Индекс конкурентоспособности в промышленности (ИКП) | 129 | 129 | 130 | 129 | 125 | 124 | 123 | 118 | 113 | 113 |
| Уровень развития промышленности | Низкого | Низкого | Низкого | Низкого | Низкого | Низкого | Низкого | Ниже среднего | Ниже среднего | Ниже среднего |
| **Индикаторы на душу населения (в пост.ценах 2010 г., в долл.США)** | | | | | | | | | | |
| Производство добавленной стоимости на душу населения | 120,19 | 117,43 | 100,72 | 108,86 | 145,76 | 113,4 | 90,49 | 120,66 | 344,65 | 359,47 |
| Экспорт промышленных товаров на душу населения | 15,4 | 15,4 | 15,4 | 15,4 | 15,4 | 15,4 | 15,4 | 15,4 | 15,4 | 15,4 |
| **Доля средне- и высокотехнологичных товаров (%)** | | | | | | | | | | |
| Доля средне- и высокотехнологичных товаров в общей добавленной стоимости промышленных товаров | 0,02 | 0,02 | 0,02 | 0,04 | 0,03 | 0,03 | 0,03 | 0,03 | 0,03 | 0,03 |
| Доля средне- и высокотехнологичных товаров в общем объеме экспорта | 0,66 | 0,66 | 0,66 | 0,66 | 0,66 | 0,66 | 0,66 | 0,66 | 0,66 | 0,66 |
| **Доля национальных агрегатов (%)** | | | | | | | | | | |
| Доля производственной добавленной стоимости в общем объеме ВВП | 0,12 | 0,13 | 0,11 | 0,15 | 0,24 | 0,27 | 0,24 | 0,27 | 0,29 | 0,28 |
| Доля экспорта промышленных товаров в общем объеме экспорта | 0,14 | 0,14 | 0,14 | 0,14 | 0,14 | 0,14 | 0,14 | 0,14 | 0,14 | 0,14 |

*Источник:* Tajikistan Competitive Industrial Performance Rank // UNIDO URL: https://stat.unido.org/database/CIP%202019

По данным UNIDO доля средне- и высокотехнологичных товаров в общем объеме экспорта Таджикистана с 1990 г. по 2017 г. осталась на прежнем уровне: 0,66%. Доля промышленности в совокупном объеме экспорта также осталось на прежнем уровне: 0,14%. До кризисный 1991 год, в структуре промышленного выпуска Таджикистана, добывающая промышленность составляла около 12%, обрабатывающая - 84%, электроэнергетика - 4,2%.

К 2000 году данный расклад существенным образом изменился: добывающая промышленность составляла около 60%, обрабатывающая промышленность – около 35%, а электроэнергетика около - 7% (см. таб. 5).

**Таблица 5. - Динамика структуры отраслей промышленности Таджикистана за 1991-2018 гг.** (в %)

| | 1991 | 1997 | 2000 | 2010 | 2015 | 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Добывающая промышленность | 11,8 | 44,5 | 58,2 | 9,8 | 13,5 | 19,6 |
| Обрабатывающая промышленность | 84,0 | 44,3 | 34,6 | 70,7 | 65,6 | 56,6 |
| Электроэнергетика | 4,2 | 11,2 | 7,2 | 19,5 | 20,9 | 23,8 |

*Источник:* составлено авторами.

Спустя 10 лет, в 2010 г. расклад был ближе к уровню 1991 г., в частности, в 2010 г. добывающая промышленность составляла около 10%, обрабатывающая промышленность около - 71%, а электроэнергетика – около 20%.

Анализ отраслевой структуры промышленности выявила существенные изменения. За период с 19991 по 2018 гг. такие отрасли, как химическая и нефтехимическая промышленность, машиностроение и металлообработка, а также лёгкая промышленность снизились с 3,6% до 0,9%, с 6,7% до 0,8% и с 49,2% до 13,4% (см. таб. 6).

**Таблица 6. - Динамика отраслевой структуры промышленности Республики Таджикистан за 1991-2017 гг. (в %)**

| | 1990 | 1991 | 1997 | 2000 | 2003 | 2005 | 2008 | 2010 | 2015 | 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Вся промышленность** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** |
| Электроэнергетика | 6,3 | 4,2 | 11,2 | 7,2 | 7,5 | 6,4 | 10,6 | 14,0 | 20,9 | 18,8 |
| Топливная промышленность | 0,3 | 0,2 | 0,3 | 0,2 | 0,2 | 0,3 | 0,9 | 0,9 | 1,7 | 1,9 |
| Цветная металлургия | 9,1 | 8,0 | 41,0 | 56,3 | 44,6 | 42,1 | 39,3 | 35,7 | 11,9 | 10,9 |
| Химическая и нефтехимическая промышленность | 4,4 | 3,6 | 3,2 | 1,7 | 1,0 | 1,2 | 1,3 | 0,5 | 1,1 | 0,9 |
| Машиностроение и металлообработка | 9,8 | 6,7 | 1,8 | 0,9 | 1,0 | 1,5 | 2,8 | 2,6 | 0,8 | 7,0 |
| Лесная и деревообрабатывающая промышленность | 1,6 | 1,6 | 0,1 | 0,03 | 0,1 | 0,3 | 0,3 | 0,7 | 0,6 | 5,8 |
| Промышленность строительных материалов | 4,5 | 3,8 | 1,0 | 0,8 | 1,4 | 2,5 | 5,0 | 4,6 | - | - |
| Стекольная и фарфоро-фаянсовая промышленность | - | 0,4 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,2 | 0,3 | - | - | - |
| Лёгкая промышленность | 42,3 | 49,2 | 16,9 | 15,5 | 21,7 | 17,6 | 12,0 | 13,2 | 12,7 | 13,4 |
| Пищевая промышленность | 15,0 | 21,4 | 23,6 | 16,8 | 21,9 | 26,9 | 20,7 | 27,6 | 28,5 | 21,5 |
| Другие | - | 0,9 | 0,6 | 0,3 | 0,2 | 0,3 | 0,7 | 0,6 | 0,2 | 0,2 |

*Источник*: составлено авторами.

Рост отрасли цветной металлургии, начиная с конца 90-х годов по 2010 г. был связан с работой Таджикского алюминиевого завода. Однако, после этой даты, компания начала сталкиваться как с экономическими проблемами в виде снижения мировой цены на ее продукцию [17], так и с политическими проблемами, в виде охлаждений отношений с соседним Узбекистаном, который привел к отключению газа для этой компании, транспортной блокировке ввоза сырья для нее и пр. В результате

всего этого, производство алюминия снизилось до 100 тыс. тонн в 2017 г., в то время как данный показатель в 2007 г. произвел 419 тыс. тонн, и тем самым доля цветной металлургии в структуре промышленности страны сократился до 11%.

По производству угля и цемента наблюдается существенный рост на 488% и 280%. По производству цемента страна достигла докризисного уровня 1985 года еще 2014 г., а по результатам 2018 г. - на 72% больше, чем докризисного 1985 г. (см. таб. 7).

Несмотря на то, что в 90-е и 2000-е годы Яванская ТЭЦ не работала, а Душанбинская ТЭЦ вынуждена была работать не на полную мощность, тем не менее, это существенно не повлияло на энергетическую промышленность страны.

За годы независимости было сдано в эксплуатацию 276 малых ГЭС, с общей мощностью более 26 МВт. В настоящее время в стране функционируют 286 малых ГЭС [13]. А также введены в эксплуатацию гидроэлектростанции "Сангтуда-1" и "Сангтуда-2", линии электропередачи "Лолазор – Хатлон", "Худжанд-Айни" и "Юг-Север", в результате чего была создана единая энергетическая система страны. В настоящее время вводится в строй ЛЭП CASA-1000 [15], а в ноябре 2018 г. был официальный пуск первого агрегата Рогунской ГЭС, и в сентябре 2019 г. начнёт свою работу второй агрегат гидроэлектростанции.

За 2017-2019 гг. были реконструированы гидроэлектростанции «Сарбанд», Нурекский и Кайракумский ГЭСы, что позволило существенно увеличить их мощности.

Наряду со строительством гидроэлектростанций осуществлено строительство и восстановление других энергетических мощностей, в частности, первой и второй очереди ТЭЦ «Душанбе-2» мощностью 400 мегаватт, что способствовало обеспечению различных объектов и жителей столицы теплом и энергией. В результате строительства и восстановления энергетических объектов население страны и социально-экономические сферы были обеспечены электроэнергией в осенне-зимний период без ограничений [19].

Таким образом, совокупность этих мер привело к тому, что производство электроэнергетики за прошедшие 28 лет выросло на 12% (см. таб. 7).

**Таблица 7. - Производство основных видов промышленной продукции в Таджикистане за 1991-2018 гг.**

| | 1991 | 1995 | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2017 | 2018 | Темы прироста (+) /падения (-), % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Уголь (тыс. т.) | 313 | 33,9 | 22,2 | 98,5 | 199,7 | 1041,9 | 1759,7 | 1842 | 488,5 |
| Цемент (тыс. т.) | 1013 | 78,1 | 54,8 | 253,1 | 288,2 | 1418 | 3122 | 3844 | 279,5 |
| Хлопок-волокно (тыс. т.) | 246 | 168 | 107 | 153 | 95 | 98,4 | 112 | 98,5 | -60,0 |
| Хлопчатобумажные ткани (млн. м$^2$) | 102,4 | 28,0 | 11,5 | 24,1 | 25,6 | 8,4 | 3,3 | 2,1 | -97,9 |
| Шелковые ткани (млн. м$^2$) | 68,6 | 8,4 | 0,3 | 0,0 | 0,07 | 0,0 | 0,01 | 0,07 | -99,9 |
| Чулочно-носочные изделия (млн. пар) | 49,2 | 4,5 | 3,1 | 5,9 | 5,7 | 1,7 | 3,8 | 5,7 | -88,4 |
| Обувь (млн. пар) | 8,6 | 0,6 | 0,1 | 0,03 | 0,03 | 0,08 | 0,1 | 0,8 | -90,7 |
| Ковры и ковровые изделия (млн. м$^2$) | 7,6 | 0,7 | 0,3 | 0,5 | 0,6 | 1,2 | 2,8 | 3,1 | -59,2 |
| Силовые трансформаторы (ква) | 1682 | 40,8 | 37,4 | 63,7 | 14,0 | 28,4 | 96,4 | - | -94,3 |

*Источник*: составлен авторами.

Гидроэнергетика, которая составляет основу энергетики республики, работала стабильно, без каких-либо срывов, даже в самые тяжелые периоды для страны [4, с.

452]. Однако данная отрасль является немногочисленной отраслью, которой не коснулся кризис.

Деиндустриализация коснулась многих оставшихся отраслей. В 70-80 годах XX века в республике ежегодно открывали новое месторождение нефти и газа. За вышеуказанный период было открыто 26 подобных месторождений. Геологоразведку и бурение осуществляли одновременно на 15-20 площадях. Бурение скважин составляло более 100 тысяч метров в год, добыча нефти - до 400 тысяч тонн в год, добыча газа до 500 миллион кубометров [8].

Пик развития добычи нефти приходится на 1985 г., когда добывалось около 400 тыс. тонн нефти и 309 млн. кубометров газа [11], а к 1991 г. - снизился до 110 тыс. тонн нефти и 100 млн. кубометров газа (см.таб.2.2.7). С тех пор данный показатель сменился падением и буквально за первые несколько лет независимости упал до 25,7 тыс. тонн и 38,8 млн. кубометров.

Как отметил Н. Маликов: «В 80-е годы прошлого века в Таджикистане открыли новые месторождения наравне с Узбекистаном. В 1981-1985 гг. «Таджикнефть» открыл 3 новых месторождения и 4 залежи нефти и газа, а «Узбекнефть» - 4 месторождения и 3 залежи. После распада СССР за 25 лет независимости «Узбекнефть» открыл более 150 новых месторождений, а в Таджикистане - ни одного»[8].

Ежегодные потребности Таджикистана в нефтепродуктах оцениваются в 700 тыс. т. При этом, в 2018 г. в стране было произведено около 18 тыс. т бензина и дизтоплива, а добыча нефти составила всего около 24 тыс. т.

В настоящее время в Таджикистане действует несколько нефтеперерабатывающих мини заводов (НПЗ) в Канибадаме, Исфаре, Шахринаве, в Хатлонской области. В 2019-2020 гг. запланирован пуск подобных НПЗ в районе Рудаки, мощностью 27000 тонн, и в Дангаре, мощностью 1,2 млн. тонн в год [7].

Если по производству нефти падения сменился слабым ростом, начиная с 2000 годов, то данный показатель по газу все еще продолжает падать и в последние годы почти прекратился (см.таб.2.2.7).

Лёгкая промышленность республики включает в себя производство хлопкового волокна, ткани и хлопчатобумажной пряжи и одежды.

За годы независимости выпуск хлопчатобумажной и шелковой ткани почти прекратился. В продолжительном спаде находятся производство хлопка-волокна.

Так, официальные статистические данные указывают на то, что:

- ковры с 10,9 млн. кв. метров в 1990 г. до 0,002 млн. кв. метров в 2014 г., а последние годы наблюдается рост выпуска данного продукта, который вырос до около 3 млн. кв. метров в 2018 г.;

- хлопчатобумажные ткани сократились в 1990 г. с 121,8 млн. кв. метров - до 3,4 млн. кв. метров в 2017 г.;

- чулочные изделия с 60 млн. пар в 1990 г. - до 1 млн. пар в 2012-2013 гг., в 2018 г. вырос до около 6 млн. пар;

- трикотажные изделия с 15,7 млн. штук в 1990 г. - до 0,1 тыс. штук в 2017 г. [2].

Хлопкоочистительные предприятия Таджикистана ежегодно производят около 120 тысяч тонн высококачественного хлопка-волокна, что является основой экспорта текстильной отрасли страны. Однако внутри страны перерабатывается всего 12 тысяч тонн в год. При этом мощности прядильных фабрик составляют более 70 тысяч тонн хлопка-волокна в год [10].

Имеющиеся официальные данные указывают на то, что с 2014г. по 2017 г. экспорт продукции данной отрасли имел тенденцию к снижению со 227,3 млн. долл. США в 2013 г. или 24,1% от общего объема экспорта до 182 млн. долл. США в 2017 г. или 15,2 от общего объема экспорта [10]. В 2018 году республика экспортировала продукцию данной отрасли на сумму 263,5 млн. долл. США и ее доля в общем объеме экспорта страны составила около 24,5% [14, с. 246].

В 70-80-х гг. XX века машиностроительная промышленность республики экспортировала в другие экономические районы страны ткацкие станки, нефтеаппаратуру, кабельные изделия, трансформаторы и т.д. [9].

В период же независимости данная отрасль претерпевала существенные изменения и продолжает сталкиваться с серьёзными трудностями. Так, выпуск силовых трансформаторов упал с 2 572,0 тыс. (кВА) в 1985 г. до 1,8 кВА в 2013 г. или в 1429 раз.

Несмотря на то, что выпуск данного продукта увеличился до 100 кВА в 2017 году, тем не менее, этот показатель только на 4% достиг уровня 1985 г.

Производство холодильника начало падать с 170 тыс. штук в 1990 г., а в 2007 г. производство и вовсе прекратилось [12].

За этот период республика из экспортера данной продукции превратилась в импортера. Так, экспорт продукции данной отрасли в 2017 г. составил 41 млн. долл. США или 3,5% от общего объема экспорта и по сравнению с 2013 г. вырос на 20 млн. долл. США. В то же время, республика в 2017 г. импортировала на около 500 млн. долл. США или около 18% от общего объема импорта в республику.

Несмотря на это, правительство страны в направлении индустриализации страны делает отдельные шаги. В частности, в 2018 году было сдано в эксплуатацию два предприятия отрасли машиностроения по сборке:

- пассажирских автобусов в г. Душанбе, марки «Акия», производственная мощность которой составляет 250 - 300 автобусов в год. За время своей деятельности предприятие собрало и сдало в эксплуатацию 119 автобусов.

- тракторов и сельскохозяйственных машин в г. Гиссар марки «Бобруйск агромаш» Белорусского ЗАО «Агротехсервис».

Также, в 2018 г. был заложен камень в фундамент строительства крупного золотодобывающего предприятия «Талко Голд», где к началу 2020 г. предусмотрено производство 1,5 тонн золота и 16 тонн сурьмы.

В 2019 г. был подписан меморандум с китайскими инвесторами о строительстве нового металлургического завода за $30 млн. В апреле 2019 г. было подписано Соглашение между СМЕС и Таджикской алюминиевой компанией (ГУП ТАЛКО) о модернизации Таджикского алюминиевого завода на $545 млн, которая одолеет два этапа и завершится к 2020 г. Производственная мощность нового алюминиевого завода составит 503 тысячи тонн первичного алюминия в год [5].

В Программе развития цветной и черной металлургии в Республике Таджикистан на период до 2025 года планируется привлечение около 300 млн. долларов в эту отрасль для модернизации существующих крупных предприятий, введения в строй новых мощностей и разработки новых месторождений [6].

Таким образом, на основе исследований развития состояния промышленности Республики Таджикистана за 1991-2018 гг., можно сделать следующие выводы:

1. Снижение доли промышленности в структуре народного хозяйства, т.е. деиндустриализация экономики, произошедшее с 1991 по 2013 гг.

2. Структурные диспропорции, связанные с повышением доли сырьевых отраслей и слабостью обрабатывающих производств.

3. Нарушение единого процесса воспроизводства, связанного с отрывом финансового сектора от реальной экономики.

4. Вместе с тем, нами было опровергнуто широко распространённое мнение таджикистанских ученых со ссылкой на ООН, о том, что экономика страны еще в 90-е годы была на пороге индустриального типа.

5. Техническая отсталость многих отраслей промышленности и низкая доля производства высокотехнологичной продукции.

**Литература**

1. Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан за 2018. - Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. - Душанбе, С. 26.
2. Выпуск промышленной продукции в разбивке по отраслям в постоянных ценах, 1980–2017. - Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан [электронный ресурс] URL: https://www.stat.tj/ru/tables-real-sector (дата обращения: 25.07.2019).
3. Занятость в разбивке по секторам экономики, 1985–2017. - Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан [электронный ресурс] URL: https://stat.tj/ru/tables-real-sector (дата обращения: 23.07.2019).
4. История таджикского народа. Том VI. (Новейшая история) / Р.А. Абулхаев и др. - Душанбе: Империал-Групп, 2011. – 588 с.
5. Китайская компания выделит $545 млн. на модернизацию ТАЛКО // Радио Озоди [электронный ресурс] URL: https://rus.ozodi.org/a/29894185.html (дата обращения: 25.07.2019).
6. Китайская экспансия: всё глубже в таджикские недра // Радио Озоди [электронный ресурс] URL: https://rus.ozodi.org/a/30008197.html (дата обращения: 25.07.2019).
7. Компания «Хасан и К» построит еще один НПЗ в Таджикистане // Азия плюс [электронный ресурс] URL: https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/economic/20190613/kompaniya-hasan-i-k-postroit-etshe-odin-npz-v-tadzhikistane (дата обращения: 25.07.2019).

8. Кто загнал нефтегазовую отрасль Таджикистана в тупик // Азия плюс [электронный ресурс] URL: https://www.asiaplus.tj/ru/news/tajikistan/economic/20181215/kto-zagnal-neftegazovuyu-otrasl-tadzhikistana-v-tupik (дата обращения: 25.07.2019).
9. Машиностроение Таджикистана //Tajik Development Gateway [электронный ресурс] URL: https://www.tajik-gateway.org/wp/industry/mashinostroenie-tadzhikistana/ (дата обращения: 25.07.2019).
10. Нелегкая судьба легкой промышленности Таджикистана // Азия плюс [электронный ресурс] URL: https://news.tj/ru/news/tajikistan/economic/20190609/nelegkaya-sudba-legkoi-promishlennosti-tadzhikistana (дата обращения: 25.07.2019).
11. Нефтегазодобывающая промышленность Таджикистана // Tajik Development Gateway [электронный ресурс] URL: https://www.tajik-gateway.org/wp/industry/neftegazodobyvayushhaya-otrasl/ (дата обращения: 25.07.2019).
12. Показатели производства промышленной продукции, 1985–2017. - Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан [электронный ресурс] URL: https://stat.tj/ru/tables-real-sector (дата обращения: 27.07.2019)
13. Развитие малых ГЭС в энергетическом секторе Республики Таджикистан // The CAREC Program [электронный ресурс] URL: https://www.carecprogram.org/uploads/6.-Micro-hydro-TAJ-ru.pdf (дата обращения: 24.07.2019).
14. Социально-экономическое положение Республики Таджикистан за 2018. - Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. - Душанбе – С. 246.
15. Таджикистан: экономическое развитие в гармонии с природой // ХГУ имени академика Б. Гафурова [электронный ресурс] URL: http://www.hgu.tj/ru/news/post/tadzhikistan-ekonomicheskoe-razvitie-v-garmonii-s-prirodoj.html (дата обращения: 25.07.2019).
16. Умаров Х. Таджикистан: диверсификация экономики и выход в азиатские страны. //United Nations ESCAP [электронный ресурс] URL: https://www.unescap.org/sites/default/files/S5-Umarov-russian.pdf (дата обращения: 27.07.2019).
17. Цена на алюминий на lme // Металлы и цены [электронный ресурс] URL: http://metal4u.ru/lme/ (дата обращения: 25.07.2019).
18. Экономика Таджикистана развивается // Народная газета [электронный ресурс] URL: http://www.narodnaya.tj/index.php?option=com_content&view=article&id=6483:2018-04-19-06-37-28&Itemid=213 (дата обращения: 25.07.2019)
19. Manufacturing, value added (% of GDP) // The World Bank Group [electronic resource] URL: https://data.worldbank.org/indicator/NV.IND.MANF.ZS?locations=TJ (дата обращения: 23.07.2019).
20. Statistical Databases // UNIDO [electronic resource] URL: http://www.unido.org/resources/statistics/statistical-databases.html (дата обращения: 26.07.2019).
21. Industrial Statistics - Guidelines and Methodology // UNIDO [electronic resource] URL: https://www.unido.org/resources/publications/cross-cutting-services/industrial-statistics-guidelines-and-methodology (дата обращения: 26.07.2019).
22. Competitive Industrial Performance Rank // TCdata360 [electronic resource] URL: https://tcdata360.worldbank.org/indicators/h27e52df8?country=TJK&indicator=3787&viz=line_chart&years=1990,2014&indicators=944 (дата обращения: 26.07.2019).
23. World Bank Country and Lending Groups // World Bank [electronic resource] URL: https://datahelpdesk.worldbank.org/knowledgebase/articles/906519-world-bank-country-and-lending-groups (дата обращения: 27.07.2019).
24. Industrialization intensity index // TCdata360 [electronic resource] URL: https://tcdata360.worldbank.org/indicators/h27e52df8?country=TJK&indicator=3787&countries=BGD,KGZ,PAK,KHM,IND,VNM,MDA,ALB,ARM,AZE,GEO,BWA,LBN&viz=line_chart&years=1990,2014&indicators=944&compareBy=income (дата обращения: 26.07.2019).
25. Viet Nam Competitive Industrial Performance Rank // UNIDO [electronic resource] URL: https://stat.unido.org/database/CIP%202019 (дата обращения: 26.07.2019)
26. Bangladesh Competitive Industrial Performance Rank // UNIDO [electronic resource] URL: https://stat.unido.org/database/CIP%202019 (дата обращения: 26.07.2019).
27. Industrialization intensity index // TCdata360 [electronic resource] URL: https://tcdata360.worldbank.org/indicators/h27e52df8?country=TJK&indicator=3787&countries=BGD,KGZ,PAK,KHM,IND,VNM,MDA,ALB,ARM,AZE,GEO,BWA,LBN&viz=line_chart&years=1990,2014&indicators=944&compareBy=income (дата обращения: 26.07.2019).
28. Tajikistan Competitive Industrial Performance Rank // UNIDO [electronic resource] URL: https://stat.unido.org/database/CIP%202019 (дата обращения: 26.07.2019).

**УДК: 336.41+336.42+336.46**

# ТАҲЛИЛИ ХАВФҲОИ НИЗОМИ БОНКИИ КИШВАР ДАР ДОИРАИ ЧОРАҲОИ СИЁСАТИ МАКРОПРУДЕНСИАЛӢ

***Солеҳзода Ашурбой Абдувоҳид*** - *н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Сурога: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ 17. E-mail: ashurboy@mail.ru.*

***Сафаров Қаландар Саймаҳмудович*** - *ассистенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Сурога: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. E-mail: safarov.kalandar@mail.ru. Телефон: (+992) 907-73-78-78.*

*Дар шароити имрӯзаи рушди муносибатҳои иқтисодии гуногунҷанба ва васеъ шудани доираи фаъолияти низоми бонкӣ зарурати дуруст муайян намудани стратегия ва сатҳи хавфҳои бонкӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. Аз ин лиҳоз, муаллифон ба масъалаҳои муҳимтарини таҳлили хавфҳои низоми бонкии кишвар дар доираи чораҳои сиёсати макропрудөнсиалӣ таҳқиқоти илмӣ анҷом дода, оид ба ҳалли масъалаи мазкур пешниҳодҳо кардаанд. Ғайр аз ин, муаллифон як қатор нишондиҳандаҳои низоми бонкии кишварро мавриди таҳлил ва муқоиса қарор додаанд, ки ба инъикоси сатҳи хавфҳои бонкӣ нигаронида шудааст. Дар ин радиф, баъди таҳлили як қатор нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкӣ таклифҳои пешниҳодшуда ба ҳалли як зумра мушкилоти низоми бонкӣ мусоидат менамояд.*

***Калидвожаҳо:*** *низоми бонкӣ, хавфҳои бонкӣ, хавфҳои қарзӣ, амнияти иқтисодӣ, сиёсати макропруденсалӣ, кифоятии сармоя, дороиҳои бонкҳо, буҳрони молиявӣ, ташкилоти қарзӣ.*

## АНАЛИЗ РИСКОВ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ СТРАНЫ В РАМКАХ МЕР МАКРОПРУДЕНЦИАЛЬНОЙ ПОЛИТИКИ

***Солехзода Ашурбой Абдувохид*** - *к.э.н., доцент кафедры мировой экономики Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан. г. Душанбе, улица Рудаки, 17. E-mail: ashurboy@mail.ru*

***Сафаров Каландар Саймахмудович*** - *ассистент кафедры банковского дела Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан. г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: (+992) 907-73-78-78. E-mail: safarov.kalandar@mail.ru.*

*В текущих условиях развития многоплановых экономических отношений и расширения банковской системы необходимо правильно определить стратегию развития банковской системы и уровень банковских рисков. В связи с этим, авторы провели исследование важнейших вопросов анализа рисков банковской системы страны в рамках мер макропруденциальной политики и выдвинули ряд предложений для решения проблемы.*

*Кроме того, авторы анализировали и сравнивнили ряд показателей банковской системы страны, направленных на отражение уровня банковских рисков. Вместе с тем, на основе анализа ряда финансовых показателей банковской системы были выдвинуты предложения, которые помогут решить ряд проблем.*

***Ключевые слова:*** *банковская система, банковские риски, экономическая безопасность, макропруденциальная политика, достаточность капитала, активы банков, финансовый кризис, кредитные учреждения.*

## ANALYSIS OF THE RISKS OF THE COUNTRY'S BANKING SYSTEM IN THE FRAMEWORK OF THE MACROPRUDEN POLICY MEASURES

***Solekhzoda Ashurboy Aabduvohid*** - *Associate Professor, Department of World Economy, Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan. Dushanbe, Rudaki Street 17.E-mail: ashurboy@mail.ru*

***Safarov Kalandar Saymakhmudovich*** - *applicant, Assistant of the Department of Banking of the Tajik state university of finance and economics. Address: 734067, Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14, E-mail: safarov.kalandar@mail.ru. Phone: (+992) 907-73-78-78.*

*In the current conditions of the development of multifaceted economic relations and the expansion of the banking system, it is necessary to correctly determine the strategy and the level of banking risks. In this regard, the authors conducted a study of the most important issues of risk analysis of the country's banking system within the framework of macroprudential policy measures and paid special attention to solving this problem.*

*In addition, the authors analyzes and compares a number of indicators of the country's banking system, aimed at reflecting the level of banking risks. At the same time, after analyzing a number of financial indicators of the banking system, specific proposals were identified that will help solve a number of problems of this system.*

***Key words:*** *banking system, banking risk , economic security, , macroprudential policy, capital adequacy, bank assets, financial crisis, credit institute.*

Низоми бонкии Тоҷикистон баъди бухрони солҳои 2008-2009 бо як қатор мушкилот рӯ ба рӯ гардид. Аз ҷумла, масъалаи таъмини амнияти иқтисодӣ дар ин давра басе доғ шуд. Кафолати амнияти иқтисодӣ заминаи муҳимтарини рушди дилхоҳ низоми иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Сари вақт бартараф накардани мушкилот дар низоми бонкӣ ба равандҳои номатлуб дар миқёси иқтисодиёти кулли мамлакат боис гардид.

Бо мақсади пурзӯр намудани низоми назорати бонкӣ ва идораи самараноки хавфҳои низоми бонкӣ бо қарори Раёсати БМТ аз 12 июли соли 2016, №95 "Асосҳои сиёсати макропруденсиалии Бонки миллии Тоҷикистон" ва «Қоидаҳои муайян намудани ташкилотҳои қарзии низомсоз» аз 30 ноябри соли 2018, №163 тасдиқ гардида, мавриди амал қарор дорад [3, 10]. Дар асоси Асосҳои сиёсати макропруденсиалӣ маҷмӯи чораҳои эҳтиётӣ бо роҳи назорат бурдан, баҳодиҳӣ ва коҳиш додани хавфҳои низом ва пурзӯр намудани устувории молиявӣ дар кишвар андешида мешаванд.

Ҷиҳати ноил гаштан ба мақсадҳои сиёсати макропруденсиалӣ, дар раванди таҳлилҳо нишондиҳандаҳои гуногун истифода карда мешаванд. Ин, пеш аз ҳама, аз нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва инчунин, нишондиҳандаҳои маҷмӯии низоми бонкӣ иборат мебошанд. Як қисми нишондиҳандаҳои вазъи ташкилотҳои қарзӣ, ки аз рӯи он хавфҳои низом муайян карда мешаванд, дар ҷадвали 1 нишон дода шудаанд.

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 1 бармеояд, ки дар давраи солҳои 2014-2016 вазъи ташкилотҳои қарзӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои қарзҳои таснифшуда ва даромаднокии дороиҳову сармоя ногувор буд ва сатҳи хавфҳо баланд гардиданд. Ҳатто бо нишондиҳандаи манфии даромаднокии ҳам дороиҳо ва ҳам сармоя фаъолияти бонкӣ дар кишвар ғайрисамаранок ва ғайриқаноатбахш ба ҳисоб меравад, ки ин гувоҳи ба бухрон дучор гардидани ташкилотҳои қарзӣ ба ҳисоб меравад. Дар натиҷа, эътимоди аҳолӣ ба ин низом паст гардид.

**Ҷадвали 1. - Нишондиҳандаҳои ташкилотҳои қарзии Тоҷикистон, ки сатҳи хавфҳоро муайян менамоянд, бо %**

| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Вазни қиёсии қарзҳои таснифшуда | 22,6 | 37,8 | 58,1 | 35,8* | 30,3* | 26,4* |
| Даромаднокии дороиҳо, ROA | -4,41 | -0,14 | -3,02 | 0,01 | 1,30 | 1,4 |
| Даромаднокии сармоя, ROE | -20,05 | -1,09 | -11,64 | 0,05 | 4,64 | 5,0 |
| Меъёри пардохтпазирии ҷорӣ | м/н | м/н | м/н | м/н | 72,33 | 67,5 |
| Меъёри кифоятии сармоя | м/н | 13,1 | 17,0 | 22,9 | 22,07 | 21,4 |

***Сарчашма:*** *Вазъи низоми бонкӣ дар давраи муайян https://nbt.tj/tj/banking_system/overview_banking_system.php. *вазни қиёсии қарзҳои ғайрифаъол (аз соли 2017 дар шарҳи БМТ ба ҷои қарзҳои таснифшуда қарзҳои ғайрифаъол ҳисоб карда шудааст)*

Аз ҷадвали 1 аён аст, ки ҳатто иҷрои меъёрҳои мақбули аз ҷониби БМТ муайяншуда дар аввали бухрон қариб риоя намегардид. Дар ин ҳолат, нисбати ташкилотҳои қарзии нишондиҳандаҳояш ба меъёрҳо номутобиқ бояд чораҳои қатъӣ андешида мешуд.

Бо мақсади солимгардонии низоми молиявӣ, кам кардани таъсири манфӣ ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт, паст кардани шидданокии иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои истифодабарандагон, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дар бораи азнавсармоякунонии ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» ба маблағи 2250 млн. сомонӣ ва ҶСК «Агроинвестбонк» ба маблағи 1070 млн. сомонӣ қабул карда шуд. Воситаҳои пулии мазкур 43 фоизи иҷроиши уҳдадориҳои ҶСК «Агроинвестбонк» ва 60 фоизи уҳдадориҳои ҶСК «Тоҷиксодиротбонк»-ро таъмин намуданд. Дар натиҷа, аз ҳисоби фурӯши дороиҳои мавҷуда, баргардонидани қарзҳои беэътимод ва бештар аз ҳисоби маблағҳои сармоякунонӣ ин бонкҳо тавонистанд ба таври назаррас уҳдадориҳои худро кам кунанд.

Аммо натиҷаи азнавсармоякунии ду бонки мазкур вазъи онҳоро беҳтар накард. Қисми асосии маблағҳои азнавсармоякунонӣ дар шакли пардохти қарзҳои андозӣ ва дигар қарзҳои бонкҳо дар назди давлат ба буҷети давлатӣ равона шуданд. Вазорати молия ба сифати гарав амволи багаравгирифтаи бонкҳоро гирифт. Дар натиҷа, бонкҳо натавонистанд онҳоро мустақилона ба фурӯш бароранд, то ки уҳдадориҳои худро дар назди мизоҷон иҷро намоянд.

Дар натиҷаи азнавсармоякунӣ, андешидани тадбирҳои зиддибухронӣ ва маҷбуран ситонидани қарзҳо якҷо бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳаҷми қарзҳои

беэътимоди бонкҳои муаммодор дар ифодаи номиналӣ 1,5 маротиба ихтисор гардида, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии қарзҳо аз 34,4% дар соли 2016 то 24,0% дар соли 2019 кам гардид. Ҳаҷми қарзҳои ғайрифаъол дар солҳои 2017-2019 тақрибан ба андозаи 2 млрд. доллари ИМА ихтисор гаштааст [4].

Аз диаграммаи 1 маълум аст, ки ҳанӯз солҳои 2008-2009 сифати сандуқи қарзии бонкҳои кишвар тамоюли пастравиро касб намуда, яку якбора аз соли 2014 ҳиссаи қарзҳои хатарнок то 7,8 фоиз зиёд ва ҳиссаи қарзҳои қолабӣ дар кишвар дар сандуқи қарзӣ кам гардида, то соли 2016 ҳамагӣ 32,9 фоизро ташкил намуд.

Танҳо дар соли 2016 сандуқи қарзии ду бонки собиқ низомсоз ҶСК “Агроинвестбонк” ва ҶСК “Тоҷиксодиротбонк”, ки қариб 100 фоизи он батаъхирафтода буд, дар маҷмӯъ, беш аз 3 миллиард сомониро ташкил дод. Ба ҳолати охири соли 2019 сандуқи қарзии ҶСК “Агроинвестбонк” 664,7 млн. сомонӣ ва ҶСК “Тоҷиксодиротбонк” 500,1 млн. сомониро ташкил дод, ки дар муқоиса нисбат ба ҳамин давраи соли 2016 мутаносибан ба андозаи 58,6% ва 65,1% ихтисор шудааст. Хароҷоти амалиётии ҶСК «Агроинвестбонк» ва ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» мутаносибан 4,6 ва 3,1 маротиба ва хароҷот аз рӯи фоизҳо мутаносибан 14,9 ва 27,0 маротиба кам карда шуданд [13].

**Диаграммаи 1. - Сифати сандуқи қарзии низоми бонкӣ дар солҳои 2007-2019**




***Сарчашма:*** *Ҳисоби муаллифон дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори бонкӣ - № 12, 2011, 2013, 2016, 2018, 2019.*

Дар назди БМТ гурӯҳи кории байниидоравӣ, аз ҷумла, бо иштироки намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ амал менамояд, ки барои баргардонидани қарзҳои мушкилситон ташкил гардидааст.

Бо мақсади устувор намудани ваколатҳои БМТ тағйиру иловаҳо ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» ва «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» (аз 3 августи соли 2018, №1548 ва №1549) ворид карда шуданд. Тағйиру иловаҳо барои тақвияти ваколатҳои БМТ барои паст кардани сатҳи хавфҳои қарзӣ равона карда шудаанд.

Барои ҳавасмандкунии ҷалби сармоя ба низоми бонкӣ ва таъмини рақобати солим, андозаи ҳадди ақали сармояи оинномавии барои бонкҳои навтаъсис зарур аз моҳи январи соли 2018 аз 80 млн. сомонӣ то ба 50 млн. сомонӣ паст карда шуд. Ҳамчунин, қоидаҳои иҷозатномадиҳӣ ба ташкилотҳои қарзӣ содатар карда шуданд.

Теъдоди қарзҳои додашуда дар соли 2018 раванди мусбат пайдо карда, дар муқоиса ба соли 2017 13,7 фоиз ё 65,4 ҳазор адад афзоиш ёфт ва ба 544,5 ҳазор адад баробар гардид. Ин нишондиҳанда аз зиёд шудани пешниҳоди қарзҳои хурду миёна ба муштариён, аз ҷумла ба соҳибкории хурду миёна гувоҳӣ медиҳад.

Аз ҳаҷми умумии қарзҳои дар ин давра додашуда 42,3 фоизи вазни қиёсӣ ба соҳибкории истеҳсолӣ ва аз рӯи соҳаҳо бошад, ба савдои хориҷӣ 29,1 фоиз, саноат 19,2 фоиз, истеъмолот 20,5 фоиз, хизматрасонӣ 7,3 фоиз, кишоварзӣ 8,7 фоиз, сохтмон 8,1 фоиз, нақлиёт 6,1 фоиз, миёнаравии молиявӣ 0,4 фоиз ва дигар соҳаҳо 0,6 фоиз рост меояд [13].

Аммо сатҳи хавфҳо ҳанӯз баланд боқӣ мемонад, ки барои низоми бонкӣ садди рушд мегардад. Барои кам кардани сатҳи хавфҳои қарзӣ ва зиёд намудани маржа фоизи қарзи бонкҳои кишвар ба мизоҷон нисбатан баланд аст ва дар натиҷа, бонкҳои

тиҷоратӣ саҳми худро дар рушди иқтисоди кишвар ба таври кофӣ намегузоранд. Чунки аз ҳаҷми умумии қарзҳои ба соҳибкорон додашуда, ҳанӯз қарзҳои бо савдо алоқаманд зиёданд.

Ҳамзамон бо ин, тибқи таҳлилҳо ҳиссаи қарзҳои низоми бонкӣ дар солҳои охир 10-12 фоизи ММД-ро (12 фоиз дар соли 2019) ташкил медиҳад, ки нисбатан паст аст. Ҳол он ки тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бояд ҳиссаи қарзҳо дар ММД на кам аз 30-35 фоиз бояд бошад [11].

**Диаграммаи 2. - Меъёри фоиз, таваррум ва ҳаҷми қарзҳои бонкҳо дар Тоҷикистон**




***Сарчашма:*** *Ҳисоби муаллифон дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори бонкӣ - № 12, 2013, 2016, 2018, 2019.*

Аз диаграммаи 2 маълум мешавад, ки меъёри фоизи миёнавазн аз рӯи қарзҳои додашуда дар кишвар солҳои охир бо сабаби зиёд шудани хавфҳои қарзӣ ва амалиётӣ, ҳамзамон баланд шудани меъёри бозтамвил тамоюли болоравӣ пайдо намуда (бо асъори миллӣ), танҳо баъди таъсиррасонӣ аз ҷониби БМТ дар солҳои 2017-2018 паст гардида буд.

Дар сохтори арзиши қарзи ташкилотҳои қарзӣ арзиши ташаккули фонд, хароҷоти амалиётӣ, тақсими хавфҳои қарзӣ ҳиссаи нисбатан бештар дорад.

Бояд қайд намуд, ки меъёри фоизи миёнавазн аз рӯи қарзҳои додашуда дар Тоҷикистон 23,5% дар соли 2019 буда, ин нишондиҳанда дар Озарбойҷон 17,3%, Белорусия 9,0%, Гурҷистон 10,8%, Қирғизистон 19,0%, Россия 8,8% ва Ӯзбекистон 23,6% мебошад. Маълум аст, ки дар байни кишварҳои ИДМ меъёри фоизи миёнавазн аз рӯи қарзҳои додашуда дар Тоҷикистон дар баробари Ӯзбекистон яке аз баландтаринҳо ба ҳисоб рафта, дар кишварҳои пешрафта чунин меъёр ба 0,5 (Британияи Кабир) то ба 4,3 фоиз (Хитой) баробар аст [12].

Ҳамзамон, тайи солҳои дароз меъёри фоизи миёнавазни қарзҳои бонкҳо аз сатҳи таваррум вобастагии мустақим надорад, балки вобаста ба вазъи бозори дохилӣ ва сиёсати фоизии БМТ тағйир меёбад.

Маржаи бонкӣ дар кишвар нисбатан баланд буда, соли 2019 дар кишвар меъёри он 18,4%-ро ташкил намудааст. Дар қиёс бо дигар кишварҳо ин меъёр чунин аст: дар Озарбойҷон 7,6%, Белорусия 2,5%, Гурҷистон 2,1%, Қирғизистон 17,5%, Россия 3,3% ва Ӯзбекистон 7,5% [12].

Аз рӯи ақидаи олимон, меъёри маржа аз 3% зиёд ҳадди аксар буда, ба талаботи мувозинатии бозори пулию қарзӣ мувофиқ нест, ки дар навбати худ ба мақсади рушди босуботи иқтисодӣ ва афзоиши сармоягузорӣ дар иқтисодиёт мухолифат мекунад [1, с. 8].

Агар яке аз сабабҳои зиёд будани маржаи бонкӣ дар як қатор кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон хавфҳои баланди қарзӣ бошад, аз ҷониби дигар, ташкилотҳои қарзӣ асосан аз ҳисоби додани қарзҳо фоида мегиранд, бинобар ин, меъёри маржа нисбатан баланд мебошад.

Аз тамоюли тағйирёбии меъёри фоизи миёнавазн бо асъори миллӣ дидан мумкин аст, ки то соли 2014 дар бозори қарзии кишвар ҳаҷми қарзҳои бонкҳо аз ин

меъёр каму беш алоқамандӣ дошта, агар дар соли 2009 он 25,46% шуда бошад, дар соли 2010 омори ҳаҷми қарзҳои додашуда назар ба соли 2009 1844,7 миллион сомонӣ ё 36 фоиз паст шуд. Аммо новобаста аз он ки аз соли 2016 ин меъёр рӯ ба пастравӣ ниҳод, ҳаҷми қарзҳо низ тамоюли пастравӣ дошт [4].

Вобаста ба чунин вобастагӣ нисбати қарзҳо бо асъори хориҷӣ бошад, дар баробари пастравии меъёри фоизи он ҳаҷми чунин қарзҳо аз соли 2016 инҷониб рӯ ба пастравӣ ниҳодааст.

Дар умум, дар Тоҷикистон вобаста ба хавфҳои баланди қарзӣ пешниҳоди қарз низ маҳдуд буда, гарчанде ки талабот ба қарзҳои бонкӣ аз ҷониби соҳибкорону аҳолӣ зиёд аст, ташкилотҳои қарзӣ бо мақсади худсуғуртакунӣ пешниҳоди қарзҳоро махсусан ба фаъолияти соҳибкорӣ маҳдуд кардаанд (яъне, бо талаботи гарави мувофиқ ва хуб будани таърихи қарзӣ).

Бонки миллӣ бо мақсади расидан ба ҳадафи нигоҳ доштани сатҳи муътадили нархҳо дар кишвар сатҳи меъёри бозтамвилро нисбатан баланд нигоҳ медорад, гарчанде ки механизми трансмиссионӣ (алоқамандии) он дар асл аён нест.

Аммо вобаста ба принсипҳои назарияи монетарӣ, ки маҳдуд кардани миқдори пулро бо мақсади паст кардани таваррум пешбинӣ менамояд ва талаботи татбиққунандаи он - Хазинаи байналмилалии асъор БМТ сиёсати боздорандаи пулию қарзиро амалӣ менамояд.

Дар ҳолате ки механизми алоқамандӣ вобаста ба ҳадафгирӣ фаъол нест, ҳамин мухолифат дар тамоюлот дида мешавад, ки дар ин ҳолат татбиқи сиёсати пулию қарзиро дар кишвар ғайрисамаранок менамояд. Дар чунин ҳолат, идоракунии хавфҳои низоми бонкӣ низ самаранок намегардад ва барои ташкилотҳои қарзӣ мушкилот эҷод менамояд.

Дар шароити Тоҷикистон бошад, самаранокии пасти татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ба ҳолатҳои вайрон намудани қоидаҳо ва меъёрҳои муқаррарнамудаи БМТ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ оварда расонида, дар натиҷа, ташкилотҳои қарзии молиявӣ танҳо ба мақсадҳои гирифтани фоидаи баланди расмӣ ва ғайрирасмӣ фаъолияти худро равона менамоянд, ки дар навбати худ сатҳи хавфҳоро дар низом боз ба маротиб зиёд менамояд.

Хавфи дигари бо сиёсати пулию қарзӣ ва ҳатто макропруденсиалӣ алоқаманд ин зиёд будани ҳаҷми пули дар гардиши берун аз бонк қарордошта ба ҳисоб меравад.

Дар диаграммаи 4 тағйирёбии унсури пулии кишвар дар солҳои 2008-2019 нишон дода шудааст, ки вазъи бозори пулиро ба таври назаррас инъикос менамояд.

Бояд таъкид намуд, ки гардиши савдо дар кишвар дар солҳои 90-ум асосан дар заминаи ҳисоббаробарнамоии нақдӣ бо бартарии иқтисоди ғайрирасмӣ (соявӣ) ташаккул ёфта буд. Танҳо дар 7-10 соли охир бо ҷорӣ намудани низоми муосири пардохт дар кишвар ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар савдои чакана ва хизматрасониҳои пулакӣ паҳн шуд. Вале ҳанӯз дар ин самт корҳои назаррасро бояд анҷом расонид.

**Диаграммаи 4. - Унсури пулӣ дар Тоҷикистон ва тағйирёбии он бо млн. сомонӣ, бақия дар интиҳои давра**




***Сарчашма:*** Ҳисоби муаллифон дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори бонкӣ. - № 12, 2013, 2016, 2018, 2019.

Сарфи назар аз қонунигардонии такрории даромадҳои ғайрирасмии

шаҳрвандон дар кишвар сатҳи долларикунонии иқтисодиёт хеле баланд буда, инчунин, гардиши пулҳои нақдина берун аз бонкҳо дар таркиби анбуҳи пулии кишвар бартарӣ дорад (диаграммаи 4).

Чуноне ки аз нишондиҳандаҳои диаграммаи 4 бармеояд, дар таркиби унсури пулӣ ҳиссаи амонатҳо (фарқияти байни М0 ва М2) зиёд мешавад, ки ин нишондиҳандаи мусбат мебошад. Агар ин фарқият дар соли 2010 ҳамагӣ 967 миллион сомониро ташкил менамуд, пас соли 2019 ба 3605 миллион сомонӣ баробар шуд. Аммо анбуҳи М0 дар 10 сол 8,6 маротиба афзуда, ҳаҷми он дар соли 2019 ба 15,3 миллиард сомонӣ баробар шуд, ки ин 80,9%-ро аз унсури М2 ташкил медиҳад [4]. Ин ҳам бо фаъолияти иқтисоди ғайрирасмӣ ва ҳам бо номукаммал будани гардиши савдо ва сиёсати пулию қарзӣ дар мамлакат вобастагӣ дорад.

Дар чунин ҳолат назорати амалиёти бонкӣ ва ҳадафгирии таваррум барои БМТ душвор мешавад. Ҳамзамон, дар шароити зиёд будани ҳаҷми пули берун аз гардиши бонкӣ сатҳи хавфҳоро низ баланд мекунад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буҳрони бонкӣ, новобаста аз чораҳои гуногуни андешидаи БМТ идома дорад ва барои ислоҳи вазъи мавҷуда тадбирҳои зиёди самарабахш ва баланд бардоштани эътимоднокии низоми бонкӣ зарур аст. Аз арзёбии сатҳи хавфҳои бонкӣ дар кишвар бармеояд, ки ҳанӯз таҷриба ва сабақи аз давраи тобуҳронӣ омӯхта барои рушди низоми бонкӣ истифода нагардида, сатҳи қонунвайронкунӣ дар соҳа боқӣ мондааст. Хавфҳо бештар дар самти қарздиҳӣ, ки бо омили инсонӣ алоқаманд аст, ҳанӯз чораҳои ислоҳиро тақозо менамояд.

Дар баробари ин, омилҳои бозорӣ, ки бо тағйирёбии вазъ алоқаманданд, ба сатҳи хавфҳои бонкӣ таъсири зиёд мерасонад. Дар сохтори фаъолияти амалиётии бонкӣ, ки доираи анҷоми он хеле васеъ мебошад, хатарҳои марбут ба он амалиёт вобаста ба самт ва сатҳаш зиёд аст. Маъмулан, то кадом андозае, ки доираи иҷрои амалиётҳои бонкӣ зиёд бошанд, ҳамон андоза эҳтимолияти ба вуҷуд омадани хатар мавҷуд аст, зеро баробари афзоиши сатҳи амалиётҳои гуногуни бонкӣ имконияти пайдоиши хатар низ меафзояд.

Хатари бонкӣ ҳамчун ҳодисаи хусусияти умумидошта дар бештари вақт аз нуқтаи назари дарки оқибатҳои бавуҷудоянда берун аст. Яъне, хатари бонкӣ ин ҳодиса ё ҷараёни ғайри қобили пешниҳодшаванда буда, дарки дақиқан ба вуҷуд омадани он дар ҳолатҳои муайян аз диди шахс берун мебошад. Ин хатарро дар тамоми давру замон бояд, пеш аз ҳама, бонкҳои тиҷоратӣ дар ҳама шароит дар стратегияи дарозмуддати худ пешбинӣ намоянд. Эҳтимолияти ба вуҷуд омадани хатар вобаста ба ҳар як амалиёти бонкӣ дар лаҳзаҳои интизорнашаванда ояндабинӣ ва оқибатҳо ё ҳолатҳои эҳтимолии бавуҷудояндаро ҳатман пешбинӣ намоянд.

Бояд гуфт, ки шароити бошиддат тағйир ёфтани авзои иқтисодиёти давлатҳои ҳамсоя ва тағйирёбии вазъи авзои сиёсии ҷаҳонӣ ба низоми бонкдории муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва умуман, ба иқтисодиёт бетаъсир намемонад. Аз ҷумла, буҳрони молиявии ҷаҳонӣ ва вазъи иқтисодии аксари давлатҳои ҷаҳон ба ҳолати имрӯзаи низоми бонкии мо таъсири худро расонд ва то як андоза қобили пардохт будани мизоҷонро заиф гардонид. Вазъияти баамаломадаи имрӯзаи иқтисодӣ, дар маҷмӯъ, вазъияти қурбӣ ва буҳронӣ буда, ба низоми бонкӣ таъсири манфии худро расонид [1, 2, 5, 6, 7]. Далел он аст, ки дар натиҷаи таъсири манфии ин омилҳо дар қаламрави кишвар теъдоди ташкилоти қарзӣ дар байни солҳои 2013-2019 то 63 адад кам шуда, пардохтпазирии шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва дар маҷмӯъ, бонкҳои тиҷоратӣ то як андоза коста гардид.

Дар маҷмӯъ, арзёбии хавфҳои низоми бонкии кишвар ва чораҳои сиёсати макропруденсиалӣ дар шароити имрӯза яке аз ҳадафҳои асосии Бонки миллии Тоҷикистон ва тамоми бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ба ҳисоб рафта, тавассути риояи меъёрҳои муқаррарнамудаи он сатҳи идораи хавфҳо то як андоза дар ин низом коҳиш дода шуда, сатҳи хавфҳои вобаста идора карда мешаванд. Барои дар амал татбиқ намудани чораҳои макропруденсиалӣ ва идораи пурраи хавфҳои вобаста андешидани чораҳои таъхирнопазир мувофиқи мақсад мебошад.

Дар умум, асоси таҳлили хавфҳои бонкиро дар доираи таҳқиқот чунин хулоса кардан мумин аст.

1. Таҳлилҳо нишон доданд, ки давраи рушди низоми бонкӣ то соли 2014 ба назар расида, дар охири давра ҳаҷми сармояи танзимшавандаи низоми бонкӣ, дороиҳои

пардохтпазир ва сармоягузориҳои ташкилотҳои қарзӣ рӯ ба коҳишёбӣ ниҳод, ки оғози буҳрони бонкӣ ба ҳисоб меравад. Ҳатто иҷрои меъёрҳои мақбули аз ҷониби БМТ муайяншуда дар аввали буҳрон қариб риоя намегардид, вале нисбати ташкилотҳои қарзии нишондиҳандаҳояш ба меъёрҳо номутобиқ чораҳо андешида нашуданд.

2. Бо мақсади пурзӯр намудани низоми назорати бонкӣ ва идораи самараноки хавфҳои низоми бонкӣ сиёсати макропруденсиалии Бонки миллии Тоҷикистон ва як қатор санадҳои дохилиидоравӣ ҷиҳати пурзӯр намудани назорат, баҳодиҳӣ ва коҳиш додани хавфҳои низом ва пурзӯр намудани устувории молиявӣ дар кишвар равона гардиданд.

3. Бо андешидани тадбирҳо аз ҷониби БМТ дар ду соли охир теъдоди қарзҳои додашуда ва пасандозҳо каме зиёд шуда, ҳанӯз эътимоднокии низоми бонкӣ ислоҳи вазъро тақозо менамояд. Нисбатан нишондиҳандаи пешниҳоди қарзҳои хурду миёна ба муштариён, аз ҷумла ба соҳибкории хурду миёна зиёд шуда истодааст.

5. Яке аз масъалаҳои ҳалталаб ин нисбатан баланд будани меъёри фоизи миёнавазн аз рӯи қарзҳои додашуда дар кишвар буда, бо истифода аз фишангҳои гуногун танҳо дар солҳои охир паст гардида истодааст. Ҳамзамон, Бонки миллӣ бо мақсади расидан ба ҳадафи нигоҳ доштани сатҳи муътадили нархҳо дар кишвар сатҳи меъёри бозтамвилро нисбатан баланд нигоҳ медорад, гарчанде ки механизми трансмиссионӣ (алоқамандии) он дар асл аён нест.

6. Хавфи дигари бо сиёсати пулию қарзӣ ва ҳатто макропруденсиалӣ алоқаманд зиёд будани ҳаҷми пули дар гардиши берун аз бонк қарордошта ба ҳисоб меравад, ки ин 80,9%-ро аз унсури М2 ташкил медиҳад. Ин ҳам бо фаъолияти иқтисоди ғайрирасмӣ ва ҳам бо номукаммал будани гардиши савдо ва сиёсати пулию қарзӣ дар мамлакат вобастагӣ дорад.

7. Барои дар амал татбиқ намудани чораҳои макропруденсиалӣ ва идораи пурраи хавфҳои вобаста таҳияи стратегияи идораи хавфҳо, идораи босамари захираҳо, тартиби дурусти муайян намудани сатҳи хавфҳои бонкӣ ва дигар чораҳо мувофиқи мақсад мебошад.

**Адабиёт**


1. Ашуров Н. Управление банковскими рисками / Н. Ашуров, Ш. Рахимов. - Душанбе, 2000. - 183 с.
2. Раҳимзода Ш. Муомилоти пулӣ ва қарз. Китоби дарсӣ. / Ш. Раҳимзода. – Душанбе: Эр-граф, 2018. – 511 с.
3. Асосҳои сиёсати макропруденсиалии Бонки миллии Тоҷикистон. Бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 12 июли соли 2016 с., №95 тасдиқ шудааст.
4. Бюллетени омори бонкӣ - № 12. Солҳои нашри 2011, 2013, 2016, 2018, 2019.
5. Олимшоев Р. Экономическая безопасность банковской деятельности / Р. Олимшоев, Х.М. Ашуров //Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. – Душанбе. - 2013. - №2/5 (117). - С. 258-259.
6. Улугходжаева Х.Р. Факторы, влияющие на финансовую устойчивость коммерческих банков Республики Таджикистан / Х.Р. Улугходжаева, С.С. Мирзоев //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. Душанбе, 2019. - №2 - С. 5-7.
7. Кроливецкая В.Э. Предложение денег в условиях высокого уровня банковской маржи / В. Э. Кроливецкая//ПСЭ. - 2011. - №4. - С. 202-206.
8. Дастурамали №181 "Дар бораи талабот ба низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилоти қарзӣ". Бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 25 июли с. 2011, №151 тасдиқ шудааст.
9. Қоидаҳои муайян намудани ташкилотҳои қарзии низомсоз. Бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2018, №163 тасдиқ шудааст.
10. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030. – Душанбе, 2016. - 114 с.
11. Сомонаи расмии БМТ [манбаи электронӣ] URL https://nbt.tj/tj/banking_system/overview_banking_system.php (санаи муроҷиат 4.12.19).

## УДК: 330.48.

# АРЗЁБИИ ОМИЛҲОИ БЕРУНА ВА ДОХИЛАИ ИДОРАКУНИИ ХАВФИ МОЛИЯВИИ КОРХОНА

***Сафаров Бахром Гулматович*** - *н.и.и., дотсент, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.: 985000515. E-mail: bahrom_1975@list.ru*

***Амиров Муҳаммадшариф Савзаевич*** - *муаллими калони кафедраи менеҷменти молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.: 202448383*

*Дар мақолаи мазкур муаллифон омилҳои беруна ва дохилаи идоракунии хавфи молиявии корхонаро таҳлил намуда, ба хулосае расидаанд, ки ҷаҳони тиҷорат бештар аз дурустӣ ва асосноккунии стратегияи интихобгардидаи фаъолияти соҳибкорӣ вобаста аст, ки бе хавф ғайриимкон аст.*

*Муаллифон ошкор кардаанд, ки дар шароити мавҷуд будани хавфи молиявӣ талабот ба механизми муайян ба амал меояд. Он имконият медиҳад, ки дар доираи усулҳои имконпазир, аз нуқтаи назари мақсадҳои корхона, зарурати талабот ба механизме ба вуҷуд меояд, ки эҳтимолияти баамалоии хавфи молиявиро ҳангоми қабул ва амалисозии қарорҳои хоҷагидорӣ имконпазир мегардонад ва маҳз чунин механизм арзёбии омилҳои беруна ва дохилаи идоракунии хавфи молиявии корхона ба ҳисоб меравад.*

***Калидвожаҳо:*** *ҷаҳони тиҷорат, стратегия, фаъолияти соҳибкорӣ, хавфҳои молиявӣ, низоми хавфҳои корхона, даромади молиявӣ, истеҳсолот, баҳисобгирии муҳосибӣ, таваррум.*

# ОЦЕНКА ВНЕШНИХ И ВНУТРЕННИХ ФАКТОРОВ УПРАВЛЕНИЯ ФИНАНСОВЫМИ РИСКАМИ ПРЕДПРИЯТИЯ

***Сафаров Бахром Гулматович*** - *к.э.н., доцент, проректор по науке Таджикского государственного финансово–экономического университета. Адрес: 734067. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: 985000515. E-mail: bahrom_1975@list.ru*

***Амиров Мухаммадшариф Савзаевич*** - *преподаватель кафедры финансового менеджмента Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: 202448383*

*В данной статье авторы анализируют внешние и внутренние факторы управления финансовыми рисками предприятия и делают вывод о том, что деловой мир больше зависит от правильности и обоснованности выбранной бизнес-стратегии, что невозможно без риска.*

*Авторы считают, что при наличии финансового риска необходим определенный механизм. Это позволяет в пределах диапазона возможных методов, с точки зрения целей предприятия, потребность в механизме, учитывать возможность финансового риска при принятии и реализации бизнес-решений, механизма оценки внешних и внутренних факторов риска финансового положения предприятия.*

***Ключевые слова:*** *деловой мир, стратегия, деловая активность, финансовые риски, система рисков предприятия, финансовый доход, производство, бухгалтерский учет, инфляция.*

# ASSESSMENT OF EXTERNAL AND INTERNAL FACTORS OF FINANCIAL RISK MANAGEMENT OF THE ENTERPRISE

***Safarov Bahrom Gulmatovich*** - *Candidate of Economic Sciences, Associate Professor Vice-Rector for Science of the Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067. Republic of Tajikistan, Dushanbe, St. Nakhimov 64/14. Tel: 985000515, bahrom_1975@list.ru*

***Amirov Mukhammadsharif Savzaevich*** - *Lecturer at the Department of Financial Management, Tajik State Finance and Economics University. Address: 734067. Republic of Tajikistan, Dushanbe, St. Nakhimov 64/14. Tel: 202448383*

*In this article, the authors analyze the external and internal factors of enterprise financial risk management and conclude that the business world depends more on the correctness and validity of the chosen business strategy, which is impossible without risk.*

*The authors believe that in the presence of financial risk, a certain mechanism is necessary.*

*This allows, within the range of possible methods, from the point of view of the enterprise's goals, the need for a mechanism that takes into account the possibility of financial risk when making and implementing business decisions, such a mechanism for assessing external and internal risk factors, the financial position of an enterprise.*

***Key words:*** *business world, strategy, business activity, financial risks, enterprise risk system, financial income, production, accounting, inflation.*

Муваффақият дар ҷаҳони тиҷорат бештар аз дурустӣ ва асосноккунии стратегияи интихобгардидаи фаъолияти соҳибкорӣ вобаста аст, ки бе хавф ғайриимкон аст. Хавфҳои молиявӣ дар низоми хавфҳои корхона бо назардошти хусусиятҳои зерин таҳлил карда шавад:

❖ онҳо дар ҳамаи фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ, ки ба ташаккули даромадҳои он ва натиҷаҳои молиявӣ алоқаманд мебошанд, паҳн мегарданд ва бо талафоти имконпазири молиявӣ ифода меёбанд;

❖ онҳо дар ченаки арзишӣ инъикос мешаванд, дар худ маблағи зарар, даромади молиявӣ ва талафотҳоеро, ки ба фаъолияти истеҳсолӣ, молиявӣ, тиҷоратӣ ва дигар шаклҳои фаъолият вобаста мебошанд, ҷамъ менамоянд.

Дар шароити объективона мавҷуд будани хавфи молиявӣ талабот ба механизми муайян ба амал меояд. Он имконият медиҳад, ки дар доираи усулҳои имконпазир, аз нуқтаи назари мақсадҳои корхона, зарурати талабот ба механизме ба вуҷуд меояд, ки эҳтимолияти ба вуҷуд омадани хавфи молиявиро ҳангоми қабул ва амалӣ намудани қарорҳои хоҷагидорӣ имконпазир мегардонад. Чунин механизм идоракунии хавфи молиявӣ ба ҳисоб меравад. [9]

Идоракунии хавфи молиявӣ ҳамчун маҷмӯи усул ва чорабиниҳое мебошад, ки дар сатҳи муайян барои пешгӯии ҳолатҳои хавф ва бартараф намудани онҳо имконият медиҳанд.

Бояд қайд намуд, ки сатҳи хавфҳои молиявӣ метавонад вобаста ба сабабҳои ба вуҷуд омадани онҳо, хусусият ва махсусияти баҳисобгирӣ, усулҳои арзёбӣ, имкониятҳои танзим ва кам намудани талафот ва дигар асосҳо гуногун бошад. [3]

Вобаста ба ин, ошкорсозии сарчашмаҳо, омилҳо, сабабҳо, инчунин оқибатҳои эҳтимолӣ дар робита ба пайдошавии онҳо муҳим арзёбӣ мегардад, ки дар расми 1 оварда шудааст.

Корҳои назариявии гузаронидашуда имконият доданд, муайян карда шавад, ки дар байни сарчашмаҳои бавуҷудоии хавфҳои молиявӣ метавон инҳоро қайд намуд: фаъолияти бевоситаи молиявӣ – хоҷагидорӣ, фаъолияти худи соҳибкор ва нокифоягии иттилоот оид ба ҳолати муҳити берунае, ки ба натиҷаи фаъолияти соҳибкорӣ таъсир мерасонад.

Ба ҳайси сабабҳои асосӣ ва бештар ба мушоҳидарасандаи хавфҳои молиявӣ инҳо баромад мекунанд:

✓ таваррум, тағйироти манфии меъёрҳои фоизӣ,
✓ нокифоягии захираҳои қарзӣ,
✓ паст шудани самаранокӣ ва зарарнокии истеҳсолот,
✓ вазни қиёсии сармояи қарзӣ дар сохтори пассивҳои корхона,
✓ мавҷуд набудани захираҳои активҳои арзишнок.

Дар ҷараёни фаъолияти молиявӣ – хоҷагидорӣ ҳолатҳое ба вуҷуд меоянд, ки ҳангоми онҳо субъектҳои хоҷагидорӣ хавфи талафотро доранд. Барои бартараф намудани онҳо роҳбарияти корхона бояд омилҳои хавфро ошкор ва онҳоро бартараф намояд.

Вобаста ба он ки чунин омилҳо хело зиёданд, пас барои таҳлили нақшавии хавфи молиявӣ бояд омилҳои асосии он, ки воқеан ҳолати хавфро ба вуҷуд оварда метавонанд, дида баромада шаванд.

Аз мавқеи тақсимоти омилҳои хавфҳои молиявӣ ба идорашаванда (танзимшаванда) ва идоранашаванда (танзимнашаванда) чунин таснифоти онҳо пешниҳод мешавад:

➢ омилҳои идорашаванда (танзимшавнда), ки сифати корҳои коллективро маънидод менамоянд, сатҳи ташкили истеҳсолот ва меҳнат, сифати корҳои идоракунӣ, сатҳи истифодаи захираҳо, самаранокии раванди хоҷагидориро ба миён меоранд;

➢ омилҳои шартан танзимшаванда (мушкилтанзимшаванда), ки асосан аз заминаҳои таърихии объекти амалкунанда вобастагӣ доранд ва дар марҳилаи тадқиқотшаванда корхона бо мушкилӣ ба онҳо таъсир расонида метавонад (ба қатори онҳо ҳаҷм ва сохтори воситаҳои асосӣ, тафсилоти сатҳи техникии истеҳсолот, сохтори кормандони истеҳсолӣ ва ғайра, яъне ҳолат ва маҳдудияти тамоми шакли захираҳо);

➢ омилҳои идоранашаванда (танзимнашаванда), ки аз ҷониби субъекти идоракунанда тағйир дода намешаванд (иқлимӣ, геологӣ, сиёсӣ, экологӣ, омили вақт ва ғайра).

**Сарчашмаҳои хавфи молиявӣ**

Фаъолияти молиявӣ – хоҷагидорӣ, фаъолияти худи соҳибкор, камбудӣ оид ба ҳолати муҳити беруна, ки ба натиҷаи фаъолияти соҳибкорӣ таъсир мерасонад

**Омилҳои бозори молиявӣ**

Заминаи меъёрию ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ – демографӣ, захиравӣ, табиӣ, иқтисодӣ, фаъолнокии соҳибкорӣ, қобилияти харидорӣ, рушди бозори истеъмолӣ, рақобатнокии мол ва корхона, муносибат бо корхонаҳои молиявӣ, ташкили фаъолияи соҳибкорӣ, банақшагирӣ ва назорати он

**Сабабҳои хавфи молиявӣ**

Паст шудани қобилияти пардохтпазирӣ, даромаднокӣ, таҳкими вобастагии молиявӣ, ҳаракати сусти молиявӣ, асъори хориҷӣ, сармоягузории захираҳои корхона барои татбиқи навоварӣ, намудҳои фаъолияти инноватсионӣ

**Оқибатҳои хавфи молиявӣ**

Нарасидани ҳадафҳо, коҳиш додани самаранокии ҳамкории субъектҳои хоҷагидорӣ, маҷмӯъи афзоиши ҳаҷми пардохтҳои андоз, бад шудани имкониятҳо қарздиҳӣ, баланд бардоштани арзиши ҷалби маблағҳои қарзӣ ва ҷойгиркунии коғазҳои қиматнок, коҳиш ёфтани гардиши умумии пул, бад шудани вазъи молиявӣ

**Расми 1.Сарчашмаҳо, омилҳо ва оқибатҳои хавфҳои молиявии корхона**
*Коркарди муаллифон*

Қайд мекунем, ки баҳисобгирии омили вақт ҳангоми муайян намудани хавфи молиявӣ бо он асос ёфтааст, ки сатҳи омили охирин метавонад аз рӯи вақт тақсим шавад ва тағйир ёбад, пеш аз ҳама, бо сабаби мавҷудияти равандҳои таваррум ва дуюм, бо сабаби ба даст овардани даромади гуногун аз гардиши воситаҳои пулӣ дар шакли сармоя мебошад. [4]

Аз рӯи хусусияти муҳити бавуҷудоии омилҳои молиявии хавф метавонанд ба таъсиррасониҳои бевоситаи беруна ва бавосита ва хусусияти дохилӣ ва субъективӣ ҷудо шаванд дар расми 2 оварда шудааст.

Ҳамин тариқ, ба омилҳои таъсиррасони бевосита инҳо мансубанд: амалҳои мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ; системаи андоз; муносибати муштарак бо шарикон; рақобати соҳибкорон ва ғайра, бавосита бошад: ҳолати сиёсӣ ва иқтисодӣ дар мамлакат, вазъи иқтисодии соҳа, вазъияти байналмилалӣ, офатҳои табииро дар бар мегирад. [2]

Дар фарқият аз омилҳои беруна, омилҳои хавфи молиявӣ бевосита дар раванди фаъолияти корхона ба вуҷуд меоянд. Таъсири онҳо асосан ба қоидавайронкуниҳо, камбудиҳо дар корҳои ташкилӣ, банақшагирӣ ва идоракунии истеҳсолот ба вуҷуд меоянд. Бештари вақт ин омилҳо хусусияти субъективӣ дошта, инҳоро дар бар мегиранд;

- ✓ стратегияи ширкат,
- ✓ принсипҳои фаъолияти ширкат;
- ✓ захираҳо ва истифодаи онҳо;
- ✓ сифат ва сатҳи истифодаи маркетинг.




**Расми 2. Таснифоти омилҳои муҳими таъсиррасони хавфи молиявии корхона**
*Коркарди муаллифон*

Дар байни омилҳои объективии муҳити дохилӣ инҳоро қайд менамоянд: истеҳсолӣ ва фаъолияти такрористеҳсол, идоракунӣ ва гардишӣ. Гурӯҳи омилҳои дохилӣ аз рӯи самти фаъолияти корхона барои равшан намудани хусусияти таъсиррасонии онҳо ба маҳдудияти хавфҳои молиявӣ имконият медиҳанд [1].

Алоқамандӣ ва аз якдигар вобаста будани омилҳои беруна ва дохила ба вуҷуд омадани сабабҳои хавфро, ки зери онҳо ҳолатҳои мушаххаси ғайринақшавӣ фаҳмида мешаванд ва метавонанд воқеан амалӣ шаванд ва ба дуршавӣ аз натиҷаи банақшагирифташуда оварда расонанд, мефаҳмонанд.

Байни сабабҳои асосии пайдошавии хавфҳои молиявӣ метавон инҳоро дохил намуд, якбора пайдо шудани зуҳурот ва ҷараёнҳои табиӣ, офатҳои табиӣ, фавқулода,

мавҷудияти тамоюлҳои ба ҳамдигар мутақобил, бархурди ҳавасмандиҳои гуногун, хусусияти эҳтимолии пешравии илму техника, нопуррагӣ, нокифоягии иттилоот оид ба объект, раванд, зуҳурот ва ғайра дар назар дошта мешавад [5].

Тақвият додани имконияти идоракунии омилҳои мушкилтанзимшаванда ва танзимшаванда барои паст намудани сатҳи хавф, муайян намудани сатҳи имконпазири он ва чен намудани натиҷаи интизорӣ бе дақиқан муайянсозии хароҷотҳо ва меъёри даромад ғайриимкон аст. Ҳамин тариқ, омили якум дар робита ба мавҷуд будани шароитҳои баробар яке аз воситаи муҳими паст намудани хавф ба шумор меравад, зеро ки баробар паст рафтани хароҷотҳо ба ҳадди поёнии нархҳо алоқамандӣ пайдо менамояд.

Ин имконият медиҳад, ки: эҳтимолияти фурӯши молро зиёд гардонад ва ин маънои онро дорад, ки хавфи молиявиро дар қисмати даромади ҳақиқӣ паст менамояд. Вобаста ба ҳаҷми даромад гуфтан мумкин аст, ки вай сарчашмаи асосии таъмини моддии чорабиниҳои зудтаасурдошта ба тағйироти муҳити зист ба шумор рафта, мутаносибан омили асосии то ҳадди ақал паст намудани хавфи молиявӣ дар оянда ба шумор меравад, ки бевосита ба омили меъёри даромад вобастагӣ дорад.

Иттилоот оид ба хароҷотҳо ва даромаднокӣ метавонад ҳангоми таҳлили ҳассосияти мутаносибии интиқодӣ, таҳлили безарарӣ, устувории молиявӣ (паст намудани хавф) истифода бурда шавад.

Ҳамин тариқ, таҳлили зарфияти хароҷотҳо, даромаднокӣ, самаранокӣ, меъёри даромад имконият медиҳанд, ки рақобатнокии корхона, имкониятҳои он барои рақобатпазирӣ, мукаммалсозии низоми арзишҳои бозоргонӣ, ки барои арзёбии захираҳои дохилӣ аҳамияти аввалиндараҷа доранд ва ошкор намудани заминаҳои объективӣ, ки хавфҳои молиявии корхонаро асоснок мегардонанд, аниқ муайян карда шаванд [6, с. 43].

Қайд намудани омилҳои маҳдудкунандаи хавфҳои молиявии корхона ва асосноккунии оқибатҳои пайдошавии онҳо ба зарурати амалӣ намудани усулҳои гуногуни идоракунӣ, ки барои пешбинӣ ва бартарафсозии талафоти молиявӣ равона гардидаанд, зарур аст.

Идоракунии хавфҳо ин раванди қабули қарор ва иҷрои қарорҳои идоракунӣ мебошанд, ки таъсири манфиро барои ташкили хароҷотҳо то ҳадди ақал мерасонад. Истифодаи муносибати системавӣ имконият медиҳад, ки ин раванд ҳамчун қисми менеҷменти умумии корхона баррасӣ шавад дар расми 3 ба тариқи зайл оварда шудааст.




**Расми 3. Хусусиятҳои низоми идоракунии хавфҳои молиявӣ**

*Коркарди муаллифон*

**1. Хусусиятҳои низоми идоракунии хавфи молиявӣ.** Ин хусусият баррасии комплексии ҳамаи хавфҳоро ҳамчун воҳиди ягона ба воситаи ҷудо намудани чунин самтҳо пешбинӣ менамояд:

➢ пуррагӣ, яъне тамоюл ба арзёбии умумии маҷмӯи хавфҳои молиявӣ ва мубориза ба оқибатҳои манфии амалинамоии онҳо бо назардошти алоқамандӣ байни онҳо;

➢ маҷмӯӣ, яъне зарурати баҳисобгирии маҷмӯи хавфҳои молиявӣ бо назардошти алоқамандӣ байни онҳо, ҳама гуна оқибатҳои бавуҷудоии хавфҳои молиявӣ ва махсусиятҳои таъсиррасонии тартиботи пешниҳодгардида;

➢ иқтидори низоми нисбати ҳамгироии ҷузъҳои нав, яъне имконияти таасури чандирии тамоми низоми нисбати пайдошавии хавфҳои нави молиявӣ.

**2. Сохтори мушкили низоми идоракунии хавфҳои молиявӣ.** Чунин хусусият таҳлили якбораи миқдори зиёди хавфҳои инфиродӣ, сатҳи таъсиррасонии онҳо барои рушди ҳолати хавф тавассути баҳисобгирии сатҳҳои зеринро пешбинӣ менамояд:

➢ модулӣ, яъне имконияти истифодаи мутобиқатҳои тартиботи гуногуни идоракунии хавфҳои молиявӣ бо назардошти махсусиятҳои ҳолати мушаххас;

➢ бисёрсатҳӣ, яъне таъмини сохтори иерархии асоснокшудаи қабули қарорҳое, ки тақсимоти баробари ваколат ва масъулиятнокиро таъмин менамояд;

➢ бисёрфунксионалӣ ва универсалӣ, яъне усули мубориза бо хавфҳои молиявии гуногун ва оқибатҳои гуногуни амалинамоии онҳо.

**3. Натиҷагирии баланди низоми идоракунии хавфҳо.** Ин хусусият мазмуни маҷмӯии чорабиниҳоро барои паст намудани имкониятҳои бавуҷудоии ҳолатҳои манфӣ ё бартарафсозии таъсири онҳоро инъикос менамояд. Ин ҳолат мутобиқи низоми идоракунии хавфҳоро бо чунин самтҳо пешбинӣ менамояд:

➢ мутобиқатӣ, яъне мутобиқатии тартибҳои амалишавандаи идоракунии хавфи ҳолати мушаххас, ҷудо намудани захираҳои зарурӣ барои ноилгардӣ ба мақсадҳои гузошташуда;

➢ самаранокӣ, яъне сипарӣ намудани оқибатҳои манфии ба вуҷуд омадани ҳолатҳои номусоид ҳангоми ҳаҷми минималии захираҳои мавҷуда барои таъмини самаранокии шаффоф;

➢ чандирӣ ва мутобиқӣ, яъне омодагӣ ва таассур ба шароитҳои тағйирпазир барои муайян намудани ҳолатҳои манфӣ.

Ҳамин тариқ, хусусиятҳои овардашуда мазмуни махсусиятҳои хоси низоми идоракунии хавфҳои молиявиро барои иҷрои мақсад ва вазифаҳо мекушоянд ва ин аз зарурати истифодаи он шаҳодат медиҳад.

**Адабиёт**

1. Амиров М.С. Усулҳои самаранокии идоракунии хавфҳои молиявии корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосир / М.С.Амиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: – 2020 - №8. - С. 221-231.

2. Анализ финансовой отчетности: учебник /Под ред. М.И. Бахрушиной, Н.С. Пласковой. - М.: Вузовский учебник. 2009. - 367 с.

3. Бадалова А.Г. Управление рисками предприятий: практический инструментарий для менеджеров/А.Г. Бадалова. - М.: Янус-К, 2004. - 88с.

4. Балдин К.В. Управление рисками: учеб. пособие/К.В. Балдин, С.Н. Воробьев. - М.: ЮНИТИ, 2005. - 511с.

5. Лапуста М.Г. Риски в предпринимательской деятельности/М.Г. Лапуста, Л.Г. Шаршунова. - М.: Инфра, 1998. – 446с

6. Стратегияи идоракунии хавфҳои фискалии корхонаҳои давлатӣ барои солҳои 2016-2020. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 сентябри соли 2016, №755 тасдиқ шудааст.

7. Чернова Г.В. Управление рисками: учеб. пособие/Г.В. Чернова, А.А. Кудрявцев. - М.: Проспект, 2008. - 160 с.

8. Энциклопедия финансового риск-менеджмента/Под ред. А.А. Лобанова, А.В. Чугунова. - 2-е изд. - М.: Альпина Бизнес Букс, 2006. - 878 с.

9. Шапкин А.С. Теория риска и моделирование рисковых ситуаций: учебник. 4-е изд./А.С. Шапкин, В.А. Шапкин. - М.: Издательско-торговая корпорация ≪Дашков и К0≫, 2009. - 880 с.

10. Шеремет А. Д Методика финансового анализа деятельности коммерческих организаций / А.Д. Шеремет, Е.В. Негашев. - М.: ЕНФРА-М.,2008. – 271с.

11. Шоломицкий А.Г. Выбор при неопределенности и моделирование риска / А.Г. Шоломицкий. - М.: Изд. Дом ГУ - ВИЭ, 2005. – 400с.

**УДК: 616.002**

# ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ТАЪЛИМӢ ДАР МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ: МАФҲУМ, ОМИЛҲО ВА РАВАНДҲОИ АСОСӢ

***Раҳмонзода Зоир Файзалӣ*** *– номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи системаҳо ва технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. E-mail:rzoir@mail.ru.*

*Дар мақола мафҳуми хизматрасониҳои таълимӣ мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор дода шуда, раванди ташаккули ин хидматҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳлил гардидааст. Хулосабарорӣ шудааст, ки хизматрасониҳои таълимӣ яке аз манбаъҳои асосии рушди муносибатҳои таълимӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ буда, дигаргунсозандаи равандҳои таълимии низоми таҳсилот, иқтисодиёти соҳаи маориф ва дар умум, иқтисодиёти миллӣ мебошад.*

*Таҳқиқ ва таҳлили мафҳуми хизматрасониҳои таълимӣ боис гардид, ки омилҳо ва равандҳои асосии ин хидматҳо муайян карда шавад, алоқамандию вобастагӣ ва таъсири мутақобилаи байниҳамдигарии низоми таҳсилот, равандҳо, хидматрасониҳо ва натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ дар шакли амсилаи консептуалии сифати таҳсилот инъикос ёбанд.*

*Дар раванди таҳқиқот, инчунин, нақш ва мавқеи бозори хизматрасониҳои таълимӣ дар рушди иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Таҳқиқи масъалаи мазкур нишон дод, ки бозори хизматрасониҳои таълимӣ шохаи махсуси иқтисодиёти муосири мамлакатро ташкил медиҳад ва метавонад дар рушду такомули сатҳу сифати соҳаи таҳсилот, самаранокии раванди таълим ва дар бозори ҷаҳонии меҳнат рақобатпазир гаштани маҳсулоти асосии он – мутахассисони ватанӣ, нақши муассир дошта бошад.*

***Калидвожаҳо:*** *хизматрасониҳои таълимӣ, муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, мафҳум, омил, раванд, бозори хизматрасониҳои таълимӣ, сифати хизматрасониҳои таълимӣ, амсилаи консептуалӣ, иқтисодиёти соҳаи маориф, иқтисодиёти миллӣ.*

## ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫЕ УСЛУГИ В ВЫСШИХ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЯХ: ПОНЯТИЕ, ФАКТОРЫ И ОСНОВНЫЕ ПРОЦЕССЫ

***Рахмонзода Зоир Файзали*** *– к.э.н., доцент кафедры систем и информационных технологий в экономике Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул.Нахимова, 64/14. Телефон: +(992) 988948888; E-mail: rzoir@mail.ru*

*В статье обсуждается и исследуется понятие образовательных услуг, а также анализируется процесс формирования этих услуг в высших профессиональных учебных заведениях. Сделан вывод, что образовательные услуги являются одним из основных источников развития образовательных и социально-экономических отношений, трансформирующих образовательный процесс в системе образования, экономике образования и национальной экономике в целом.*

*Изучение и анализ концепции образовательных услуг привели к выявлению ключевых факторов и процессов этих услуг, взаимозависимости и взаимодействия системы образования, процессов, услуг и результатов образовательной деятельности, и отражены в виде концептуальной модели качества образования.*

*В процессе исследования также изучалась роль и положение рынка образовательных услуг в развитии национальной экономики Республики Таджикистан. Исследование данного вопроса показало, что рынок образовательных услуг является особой отраслью современной экономики и может играть важную роль в развитии и повышении уровня и качества образования, эффективности образовательного процесса и в становлении конкурентоспособности его основной продукции – отечественных специалистов на мировом рынке труда.*

***Ключевые слова:*** *образовательные услуги, высшее профессиональное учебное заведение, понятие, фактор, процесс, рынок образовательных услуг, качество образовательных услуг, концептуальная модель, экономика образования, национальная экономика.*

## EDUCATIONAL SERVICES IN HIGHER PROFESSIONAL EDUCATION INSTITUTIONS: CONCEPT, FACTORS AND BASIC PROCESSES

***Rahmonzoda Zoir Fayzali*** *– Ph.D. Economics Sciences, Associate professor of the SITE Department of the Tajik State University of Finance and Economics. Tel. +(992) 988948888; E-mail: rzoir@mail.ru.*

*The article discusses and examines the concept of educational services, and also analyzes the process of forming these services in higher professional educational institutions. It is concluded that educational services are one of the main sources for the development of educational and socio-economic relations that transform the educational process in the education system, the education economy and the national economy as a whole.*

*The study and analysis of the concept of educational services led to the identification of key factors and processes of these services, the interdependence and interaction of the education system, processes, services and results of educational activities, and are reflected in the form of a conceptual model of the quality of education.*

*In the process of research also studied the role and position of the educational services market in the development of the national economy of the Republic of Tajikistan. The study of this issue showed that the educational services market is a special branch of the modern economy and can play an important role in the development and improvement of the level and quality of education, the effectiveness of the educational process and in the formation of the competitiveness of its main products – domestic specialists in the world labor market.*

***Keywords:*** *educational services, higher professional educational institution, concept, factor, process, market of educational services, quality of educational services, conceptual model, economics of education, national economy.*

Нимаи дуюми асри XX ва ибтидои асри XXI ҳамчун давраи ташаккул, инкишоф ва татбиқи технологияҳои компютерӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ маъруф гаштааст. Дар ин давра техникаи компютерӣ ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) зина ба зина ба ҳаёти одамон ворид гашта, боиси тағйироти куллӣ ва пешравии тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ, хоса иқтисодиёт гардидааст. Натиҷаҳои ин тағйирот, махсусан, дар низоми бозори хизматрасониҳои таълимӣ бештар ба мушоҳида мерасад, ки яке аз ҷузъҳои зудрушдкунандаи иқтисодиёт маҳсуб меёбад. Хизматрасониҳои таълимӣ дар марҳилаи кунунии рушди ҷомеа яке аз манбаъҳои асосии рушди муносибатҳои таълимӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, дигаргунсозандаи равандҳои таълимии низоми таҳсилоти мамлакат, иқтисодиёти соҳаи маориф ва дар умум, иқтисодиёти миллӣ мебошад.

Гузариши иқтисоди миллӣ ба шоҳроҳи бозор диққати муҳаққиқон, олимони иқтисоддон ва мутахассисони соҳаро ба бозори хизматрасониҳо, аз ҷумла хизматрасониҳои таълимӣ, ҷалб намудааст, ки ғояи он дар омӯзонидан ва баланд бардоштани касбияти кормандони ҳозира ва оянда (потенсиалӣ) ифода меёбад. Гувоҳи андешаи мазкур – интишороти зиёди ба ин масъала алоқаманди дар солҳои гуногун батабърасида мебошад [1, с. 20].

Воқеан, масъалаҳои рушди босуръати бозори хизматрасониҳои таълимӣ ва мукаммалгардонии унсурҳои таркибии он самти марказии фаъолияти субъектҳои асосии таълимию иқтисодии (МТОК, МТМК, МТМУ)-ро ташкил дода, тақвиятбахшандаи иқтисоди миллӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, дар кишвари мо зарурати татбиқи васеи хизматрасониҳои таълимӣ масъалаи баҳсталаби илмӣ ба ҳисоб рафта, ба таҳқиқу таҳлилҳои ҷиддии илмӣ бисёр ниёз дорад.

Умуман, татбиқи бисёрҷанбаи категорияи «хизматрасонии таълимӣ» дар соҳаҳои гуногуни илму дониш як қатор таърифҳои (тафсирҳои) мафҳуми онро ба миён овардааст, ки мо баъзеи онҳоро ҳамчун намуна дар шакли ҷадвали 1 манзур менамоем.

**Ҷадвали 1. – Таърифҳои мафҳуми «хизматрасонии таълимӣ»**

| Таъриф | Муаллифон |
|---|---|
| Шакли фаъолияти фоиданок, ки талаботи инсонро ба таҳсил мустақиман қонеъ мегардонад ва ҳамчун маҳсулоти моддию воқеӣ (китобҳои дарсӣ, барномаҳои компютерии омӯзишӣ, васоиту дастурҳои таълимӣ ва ғайра) омӯзиши мустақилонаи шахсро ба роҳ мемонад. | Е.В. Бурденко (дар [2]) |
| Маҷмӯи натиҷаҳои раванди таҳсилот ва равандҳои ба он алоқаманди ёрирасони аз ҷониби муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва бозори хадамоти таълимӣ пешиниҳодшуда ва бевосита ба қонеъгардонии талаботи таълимии муқаррарӣ ва эҳтимолии истеъмолкунандаи мушаххас равонашуда мебошад. | Т.В. Данилова (дар [2]) |
| Миқдори иттилооти таълимию илмӣ – ҳамчун суммаи донишҳои характери умумитаълимию махсусдошта ва малакаҳои амалӣ, ки ба шахс тавассути ягон барнома таҳвил дода мешавад. | У.Г. Зиннуров (дар [2]) |
| Фаъолияти омӯзгори алоҳида ё коллективи педагогӣ, ки ба дигаргунсозии ба мақсад мувофиқи (пешакӣ тарҳрезишудаи) сохтори иҷтимоию психологии шахсияти омӯзанда (дар ҳолати хусусӣ – касбӣ, тахассусӣ ва ғайра) равона шудааст. | В.М. Кожухар (дар [2]) |
| Категорияи иқтисодие мебошад, ки дар он муносибатҳои мураккаби иқтисодии соҳаи маориф тамаркузона ифода ёфтаанд. | В.П. Колесов (дар [2]) |
| Яке аз манбаъҳои асосии рушди муносибатҳои таълимӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, дигаргунсозандаи равандҳои таълимии низоми таҳсилоти мамлакат, иқтисодиёти соҳаи маориф ва дар умум, иқтисодиёти миллӣ маҳсуб меёбад. | Ф.С. Комилов, З.Ф. Раҳмонов [2] |

| Таъриф | Муаллифон |
|---|---|
| Воситаи қонеъгардонии талаботи шахс ба таҳсил буда, ҳамчун неъмати ҷамъиятӣ танҳо дар бозори хизматрасониҳои таълимӣ пешкаш карда мешаванд. Бозори хизматрасониҳои таълимӣ ҷузъи соҳаи хизматрасонӣ ба ҳисоб рафта, маҳсулоти асосии ба муштариён пешниҳодкунандаи он дониш, маҳорат, таҷриба ва малакаҳои касбии тахассусӣ мебошад. | Ф.С. Комилов, Б.Ф. Раҷабов [3] |
| Маҷмӯи фаъолиятҳои матлуб, ки талаботи субъектро ба таҳсил ва маҳсулоти мобайнии таълимӣ (дар шакли ашё) қонеъ мегардонанд. | М. Лукашенко (дар [2]) |
| Раванди ташаккулёбии қобилиятҳои гуногуни шахс ба меҳнат, яъне бакорандозии сармояҳои инсоние мебошад, ки шакли неъматҳои комплексиро ба худ қабул мекунад. | А.В. Морозов (дар [2]) |
| Комплекси хизматрасониҳое мебошад, ки бевосита ба амалигардонии ҳадафҳои асосии таҳсилот ва рисолати маориф алоқаманд аст. | А.П. Панкрухин (дар [2]) |
| Аз маҷмӯи хосиятҳо ва тавсифҳои раванди таълим иборат буда, ба қонеъ гардонидани талаботҳои таълимии чашмдошт ва ғайричашмдошти истеъмолкунандагони мушаххас равона шудаанд. | З.Ф. Раҳмонзода, Ф.С. Комилиён [14] |
| Ғояи хизматрасониҳои таълимӣ дар омӯзонидан ва баланд бардоштани касбияти кормандони ҳозира ва оянда ифода меёбад. | З.Ф. Раҳмонов [9] |
| Системаи донишҳо, иттилоот, маҳоратҳо ва малакаҳое, ки бо мақсади қонеъгардонии талаботи мухталифи таълимии инсон, ҷомеа ва давлат истифода мешаванд. | В.П. Щетинин, Н.А. Хроменков, Б.Г. Рябушкин [20] |

Новобаста ба гуногунрангии таърифҳои мафҳуми «хизматрасониҳои таълимӣ» дастгоҳи истилоҳотии падидаи (феномени) хизматрасониҳои таълимӣ ҳанӯз ҳам аз рӯйи мантиқ ва ба қадри кофӣ мураттаб ва мушаххас гардонида нашудааст. Масалан, дар таърифи «Онҳо (хизматрасониҳои таълимӣ) системаи донишҳо, иттилоот, маҳоратҳо ва малакаҳое мебошанд, ки бо мақсади қонеъгардонии талаботи мухталифи таълимии инсон, ҷомеа ва давлат истифода мешаванд» [20], номуайянии ҳам субъекти хизматрасонӣ (ки бештар оҳанги «худхизматрасонӣ» дорад) ва ҳам мавзӯи хизматрасонӣ ба шароити бозор чандон мутобиқат намекунанд. Барои рафъи ин гуна номуайяниҳо зарур аст, ки «хизматрасониҳои таълимӣ» дар формати «неъматҳои ҷамъиятӣ» баррасӣ карда шаванд.

Дар соҳаи маориф, дар ҳолати хусусӣ – таҳсилоти олӣ, хусусиятҳои муносибатҳои иқтисодӣ дар назарияи неъматҳои ҷамъиятӣ кушода мешаванд. Дар байни молу хизматрасониҳои истеъмоли шахсии (инфиродии) аз ҷониби низоми бозорӣ истеҳсолшаванда намудҳои муайяни молу хизматрасониҳое мавҷуданд, ки бо сабаби аҳамияти баланди иҷтимоӣ ва афзалияти шакли моликияти давлатӣ доштанашон (хизматрасониҳои иҷтимоӣ) иқтисоди бозорӣ онҳоро майли истеҳсол кардан надорад. Дар баробари ин, аксар вақт онҳо аломатҳои ҳам неъматҳои хусусӣ ва ҳам ҷамъиятиро дар худ доранд, яъне неъматҳои ҷамъиятии шакли «омехта» мебошанд. Ба ин навъи хизматрасониҳо масалан, хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбиро дохил кардан мумкин аст [1].

Таҳсилоти олии касбиро пурра ва комилан ба неъматҳои ҷамъиятӣ мансуб донистан кори чандон дуруст нест. Танҳо таҳқиқотҳои илмӣ ва сикли заминавию умумитаълимии омодасозии дохилшавандагон (абитуриентҳо, довталабон)-и мактаби олӣ пурра ба талаботи неъматҳои ҷамъиятӣ мутобиқат мекунанд. Аз тарафи дигар, таҳсилоти олиро ҳамчун неъмати хусусӣ арзёбӣ кардан мумкин аст, чунки соҳиби маълумоти олӣ шудан ин ба даст овардани фазои худамалигардонии шахсият, гарави муваффақиятҳои касбӣ ва воситаи ҳифзи иҷтимоӣ аз тағйирёбиҳои вазъи бозори меҳнат мебошад. Дар ҳоли ҳозир маҳз ҳамин нуқтаи назар, роҷеъ ба табиати иқтисодии хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ, дар байни мутахассисони ҳам ватанӣ ва ҳам хориҷӣ бартарӣ дорад [3, 4, с. 7-17].

Табиати иқтисодии духелаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ имкон медиҳад, ки доир ба амри зарурӣ будани мавҷудияти бахшҳои ҷамъиятӣ ва хусусии таҳсилоти олии касбӣ дар шароити иқтисодиёти бозор хулосабарорӣ намоем. Бинобар ин, механизми иқтисодии муассисаи таҳсилоти олии касбиро зарур аст, ки принсипҳои танзими давлатӣ ва бозориро бо ҳамдигар пайваст намояд.

Дар ҳақиқат, рушди устувори иқтисодиёти миллиро дар ҳолате таъмин кардан мумкин аст, ки агар фаъолияти бозорҳои мухталифи дар мамлакат амалкунанда, аз ҷумла бозори хизматрасониҳои таълимӣ, дуруст ба роҳ монда шавад. Дар Тоҷикистон бозори хизматрасониҳои таълимӣ бозори муташаккил ва зудинкишофёбанда ба қайд гирифта шуда, хизматрасониҳои гуногуни таълимиро ба анҷом мерасонад.

Бозори хизматрасониҳои таълимӣ ҷузъи соҳаи хизматрасонӣ (сервис) ба ҳисоб рафта, маҳсулоти асосии ба муштариён (хонандагон, довталабон, донишҷӯён, магистрон, аспирантон, докторантон, унвонҷӯён ва ғайра) пешниҳодкунандаи он дониш, маҳорат, таҷриба ва малакаҳои касбии тахассусӣ мебошад. Бо рушди ТИК имкониятҳои бозори хизматрасониҳои таълимӣ васеъ шуда, шаклҳои гуногун ва муосири хизматрасониҳои таълимӣ рӯйи кор омадаанд. Вобаста ба татбиқи бомароми хизматрасониҳои таълимии ба ТИК асосноккардашуда, ҳолати воқеии иқтисодиёти низоми маорифи мамлакат куллан дигаргун гашта, технологияҳои хизматрасонӣ ҳамчун унсури боэътимоди рушди соҳаи маориф шинохта шудааст.

Ҳар як шахс дар зиндагии ҳаррӯзааш ба ин ё он андоза талабот ба донишро эҳсос мекунад, ки ин аз табиати модарзодии худи инсон бармеояд. Талаботи мазкур дар ҷаҳони муосир дар шакли махсус хоҳиши гирифтани таҳсил зуҳур меёбад, ки онро «истеҳсолкунандагони» хизматрасониҳои таълимӣ қонеъ гардонида метавонанд. Бинобар ин, хизматрасониҳои таълимӣ ҳамчун неъмати ҷамъиятӣ, дар навбати аввал, метавонанд ҳамчун воситаи қонеъгардонии талаботи шахс ба таҳсил муайян карда шаванд, ки танҳо дар бозори хизматрасониҳои таълимӣ маълум (ошкор) ва қонеъ гардонида мешаванд. Аммо, тибқи назарияи идоракунии сифат, амали хизматрасонӣ, ба мисли ҳар гуна намуди дигари фаъолият, бояд ба истеъмолкунандаи мушаххас равона карда шавад [11, 12, с. 14].

Бо мақсади қонеъгардонии ҳадди аксари талаботҳои таълимӣ, муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бояд талаботҳои чашмдошти истеъмолкунандагони мушаххасро муқаррар намуда, талаботҳои тасодуфии онҳоро аз мадди назар дур нагузорад. Мафҳуми «хизматрасонии таълимӣ» низ бо назардошти маҳз ҳамин ғоя ташаккул ёфта, тахти он намуди фаъолияте фаҳмида мешавад, ки он ба қонеъгардонии талаботҳои чашмдошт ва ғайричашмдошти таълимии истеъмолкунандагони мушаххас равона гардидааст [14].

Пешниҳоди хизматрасониҳои таълимӣ дар формати муносибатҳои бозорӣ ҳатман ба «рақобатпазирии хизматрасониҳои таълимӣ» рӯ ба рӯ мешавад. Системаи маорифи собиқ ИҶШС (СССР) ба низоми идоракунии давлатии мутамарказонидашуда ва монополӣ такя менамуд. Дар он замон давлат ягона фармоишгари тайёркунии мутахассисон, ягона манбаи маблағгузории соҳаи маориф (таҳсилот) ва ягона истеъмолкунандаи кадрҳои ихтисосманди омодагардида буд. Тағйироти куллии давлатию сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии охири солҳои 80-ум ва аввали солҳои 90-уми асри гузашта ба низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон асари бениҳоят калон гузошта, имконият ба вуҷуд овард, ки принсипи худмухтории академии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ амалӣ гардонида шуда, гуногуншаклии муассисаҳои таълимӣ ва барномаҳои таълимии онҳо таъмин карда шавад, бахши ғайридавлатии таҳсилот рӯйи кор ояд ва рушд намояд [2].

Интиҳои асри XX ва ибтидои асри XXI дар Тоҷикистон ҳамчун марҳилаи афзоиши миқдори мактабҳои олии ҳам давлатӣ ва ҳам ғайридавлатӣ дар хотираҳо боқӣ мондааст. Дар баробари ин, агар ба сифати нишондиҳандаи ғайримустақими рақобатпазирии мактабҳои олии ҷумҳурӣ миқдори донишҷӯёни хориҷии дар онҳо таҳсилкунандаро дида бароем, он гоҳ баръало мебинем, ки пас аз солҳои 2000-ум тамоюли поёнравии ин рақобатпазирӣ ба вуҷуд омадааст.

Ҳамчунин, таҳлили сарчашмаҳои зиёди нашрӣ (адабиётҳо) ва маводи методӣ нишон медиҳад, ки то кунун оид ба моҳияти рақобатпазирии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, дар ҳолати умумӣ ва оид ба хизматрасониҳои таълимӣ, дар ҳолати хусусӣ, фикру мулоҳизаи ягона вуҷуд надорад, масъалаи арзёбии миқдории онҳо бошад, аз ҷиҳати методологӣ ва методӣ ба қадри кофӣ кор карда баромада нашудааст. Сабабҳои ба чунин вазъ гирифтор шудани соҳаро бо андешаҳои зерин маънидод кардан мумкин аст:

– амалан дар тамоми мамлакатҳо, аз ҷумла дар Тоҷикистон, дар ин ё он сатҳ таҳсилоти олии касбӣ таҳти назорати давлат қарор дорад ва маҳз давлат дар назди ҷомеа барои сифати таҳсилоти олӣ дар кишвар масъул мебошад;

– ҳар як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тибқи анъаноти худ ҳам дар ташкили равандҳои таълимию илмӣ ва ҳам дар ташкили системаи дохилии худназорат ва идора мустақил ва беназир мебошад;

– ҳар як мактаби олӣ бо истифода аз усулҳо, методика ва маълумоти бадастовардааш арзёбии рақобатпазирии худ ва рақибҳояшро ба роҳ мемонад ва ғайра [2].

Азбаски дар амсилаи бозории низоми таълим муассисаи таҳсилоти олии касбӣ нақши истеҳсолкунандаи неъматҳои омехтаро бозӣ мекунад, бинобар ин, муносибат ба мафҳуми «рақобатпазирии хизматрасониҳои таълимӣ» айнан тавре боқӣ мемонад, ки дар муайянкунии сатҳи рақобатпазирии молу хизматрасониҳои дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ амалкунанда мавриди истифода қарор гирифтааст. Тафовути асосии байни ин мафҳумҳо дар хусусияти омилҳое දониста мешавад, ки онҳо моҳияти рақобатпазириро муайян мекунанд.

Дар кишвари мо бо мақсади дар бозори ҷаҳонии хизматрасониҳои таълимӣ таъмин намудани рақобатпазирии системаи маориф, низоми таҳсилоти фосилавӣ низ ҳамчун таъминкунандаи дастрасии умумимиллӣ ба захираҳои таълимӣ, бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ ва дар ин замина ҳамчун фароҳамсозандаи шароит барои татбиқи ҳуқуқҳои пурратари шаҳрвандон ба таҳсилоти аз ҷиҳати сохтору сифат мувофиқ ба талаботи рушди иқтисодиёт ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, ба як намуди хизматрасониҳои таълимӣ мансуб дониста шудааст. Дар консепсияҳои рушди низоми таҳсилоти фосилавӣ, рушди таҳсилоти касбӣ ва ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилоти фосилавӣ ҳамчун «маҷмӯи хизматрасониҳои таълимии ба оммаи васеъ дар кишвар ва хориҷ аз он тавассути муҳити махсуси иттилоотӣ-таҳсилотӣ» пешниҳодшавандае муайян гардидааст, ки «асоси онро истифодаи технологияҳои навтарини иттилоотии фароҳамоварандаи мубодилоти иттилоотї, таълимӣ дар масофа (телевизиони моҳворай, алоқаи компютерӣ ва ғайра) ташкил медиҳад» [5, с. 6].

Қайд кардан зарур аст, ки рақобатпазирии хизматрасониҳои таълимии мактаби олӣ асосан тавассути хосиятҳое муайян карда мешавад, ки онҳо барои истеъмолкунанда манфиат ва аҳамияти бениҳоят бузург доранд. Ҳамаи он нишондиҳандаҳои хизматрасониҳои таълимие, ки аз доираи ин хосиятҳо берун мемонанд, бояд дар шароити мушаххас, ҳамчун омилҳои камарзиши раванди хизматрасонӣ ба ҳисоб гирифта нашаванд.

Маҷмӯи нишондиҳандаҳои рақобатпазирии хизматрасониҳои таълимии мактаби олиро ба се гурӯҳ тақсим кардан ба мақсад мувофиқ мебошад [2]:

1. Нишондиҳандаҳои истеъмолӣ. Ин гурӯҳи нишондиҳандаҳо имконоти принсипиалии амалишавии хизматрасониҳои таълимиро дар бозори мушаххас инъикос менамоянд. Бозоргир будани хизматрасониҳои таълимӣ дар ҳолате имконпазир дониста мешавад, ки агар кулли параметрҳои онҳо нишондиҳандаҳои сифатии амалкунандаи хизматрасонии таълимӣ, меъёрҳо ва талаботҳои мавҷударо қонеъ гардонида тавонанд. Агар аққалан яке аз параметрҳо ин шартро қонеъ нагардонад, он гоҳ хизматрасонии таълимӣ рақобатнопазир ҳисобида намешавад. Дар ҳолати хусусӣ, ба параметрҳои меъёрии хизматрасонии таълимии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ мавҷудияти иҷозатномаи (литсензияи) пешбурди фаъолияти таълимӣ аз рӯйи самти (ихтисоси) дахлдор ва мувофиқати нақшаи таълимии муассиса ба Стандарти давлатии таҳсилот дохил мешаванд. Яке аз пояҳои боэътимоди таъмини рақобатпазирии хизматрасониҳои таълимӣ ин сифати хизматрасонии таълимӣ ба ҳисоб меравад, ки аз мавқеи истеъмолкунанда ва истеҳсолкунанда (муассисаи таълимӣ) ҳамчун маҷмӯи хосиятҳои хизматрасонии таълимии ба сатҳи омодасозии мутахассисон мусоидаткунанда муайян карда мешавад.

2. Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ин арзиши (нархи) хизматрасонии таълимӣ, ки дар бозори таҳсилотӣ аз рӯйи судмандии мушаххаси худ ё барои истеъмолкунандаи мушаххас муфид буданаш баҳо дода мешавад.

3. Нишондиҳандаҳои ташкилӣ ин эътимод (боварӣ) ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (нуфуз, имиҷ), дастрасӣ ба хизматрасониҳои таълимӣ, сатҳ, дараҷа ва шиддати таблиғи (рекламаи) хизматрасониҳо, тахфифҳои нархии хизматрасониҳои таълимӣ ва ғайра. Нуфузи мактаби олӣ ва хизматрасониҳои таълимии он собиткунандаи он аст, ки муассисаи таълимӣ дорои имконот ва қобилиятҳои (маҳоратҳо ва малакаҳои махсуси) беназире мебошад, ки муштарии мушаххас болоравии арзиши молу хизматрасониҳои онро зери шубҳа қарор намедиҳад.

Дар навбати аввал, фаъолияти ҳама гуна муассисаи таълимӣ бо дараҷа ва сатҳи пешниҳодоти хизматрасониҳои таълимиаш баҳо дода мешавад. Бо дарназардошти тавзеҳоти дар боло зикршудаи мафҳуми «хизматрасониҳои таълимӣ», ҳамчун неъмати ҷамъиятӣ ва омилҳои ба сифати ин хизматрасониҳо таъсиркунанда, мафҳуми «сифати хизматрасониҳои таълимӣ» дар худ маҷмӯи хосиятҳо ва тавсифҳои раванди таҳсилотиеро таҷассум менамояд,

ки ба он функсияи қонеъкунандаи талаботи таълимии чашмдошт ва ғайричашмдошти истеъмолкунандаи мушаххас вогузор шудааст.

Сифат ба тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти одамон ворид шуда, ба омили муҳимтаринии пешрафти фаъолияти ҳар як шахс ва ҷомеа табдил ёфтааст. Ба андешаи қисми зиёди олимони муосир, мутахассисон, роҳбарони сатҳҳои гуногуни идорӣ инсоният ҳоло дар остонаи гузариш ба тамаддуни нав «тамаддуни сифат» қарор дорад. Масалан, ба пиндошти муҳаққиқи машҳури масъалаи сифат Александр Субетто *сифат* – «мувофиқи идеологияи TQM (Total Quality Management – Идоракунии умумии сифат) ин рамзи натанҳо идоракунии дигаргуниҳо дар самти беҳтаргардонии кулли соҳаҳои ҳаёт, балки, ҳамчунин, рамзи ивазшавиҳо дар нақшаи мавҷудият (ҳастӣ), рамзи бадалшавии Сифати Ҳастии инсоният дар гузаргоҳи (ағбаи) Таърих, рамзи табдилёбии Сифати Таърихи инсоният мебошад» [19].

Бо назардошти аҳамияти ҷанбаҳои муҳимтарини идоракунии сифати таҳсилот ва новобаста ба амсилаи низоми идоракунии сифати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, якчанд омилҳоеро ҷудо кардан ҷоиз аст (расми 1), ки ба андешаи мо, сифати хизматрасониҳои таълимӣ ва масъалаҳои асосии сифати таълимро дар мактаби олии дилхоҳ муайян мекунанд.

Баҳисобгирии омилҳои дар расми 1 тасвирёфтаи сифати таҳсилоти олии касбӣ муваффақияти мактаби олиро дар коркард ва татбиқи системаи босамари идоракунии сифати таълим муайян намуда, дар ниҳоят, пешрафти дарозмуддати онро дар бозори хизматрасониҳои таълимӣ ва қувваю тавони меҳнат таъмин месозад.




**Расми 1 – Омилҳои муайянкунандаи сифати хизматрасониҳои таълимӣ**

Дар силсилаи стандартҳои байналмилалии ISO 9000-2001 чунин таърифи сифат оварда шудааст: «Сифат ин дараҷаи мувофиқати тавсифҳои хоси объект ба талаботи муқарраршуда мебошад» [18].

Дар ин маврид зери мафҳуми объект тамоми он чизе фаҳмида мешавад, ки имконияти ба таври инфиродӣ тасвир ва баррасӣ шуданро дошта бошад. Масалан, объект метавонад фаъолият ё раванд, маҳсулот ё натиҷаи хизматрасонӣ, ташкилот ё низом (система) ва ё ягон омезиши (комбинатсияи) инҳоро дар бар гирад. Вақте сухан дар бораи сифат меравад, маъмулан сифати натиҷаҳои фаъолият (низом, раванд), сифати худи равандҳо ва сифати низом ё ташкили фаъолиятро ҷудо мекунанд. Дар расми 2 амсилаи консептуалии мавқеи ҷойгиршавӣ, алоқамандию вобастагӣ ва муносибату таъсири байниҳамдигарии низоми таҳсилот, равандҳои таълим, хизматрасониҳои таълимӣ ва натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ тасвир ёфтааст, ки дар умум ин муносибатҳо ба ташаккул ва барқароршавии сифати таҳсилот боис мегарданд.




**Расми 2 – Амсилаи консептуалии алоқамандӣ ва таъсири байниҳамдигарии низоми таҳсилот, равандҳо, хизматрасониҳо ва натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ**

Агар амсилаи мазкурро (расми 2) ба соҳаи таҳсилоти олии касбӣ татбиқ намоем, он гоҳ мебинем, ки сифати натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ бо сифати дониш, таҷриба ва малакаҳои тахассусии хатмкардагони мактабҳои олӣ (донишгоҳҳо ё донишкадаҳо), мавқеи фаъоли шаҳрвандии онҳо, сатҳи фарҳанг, ахлоқ ва маҳорати онҳо муайян карда мешавад. Маълум аст, ки сифати хуби натиҷаҳои таълимиро танҳо бо сифати хуби раванди таълим ба даст овардан мумкин аст, ки аз як тараф бо мазмуну мундариҷа ва аз тарафи дигар бо таъминоти моддӣ, техникӣ, иттилоотӣ ва захираҳои инсонӣ муайян карда мешавад. Дар айни замон, сифати хуби раванди таълимро танҳо дар сурати фаъолияти босифат ва босамари тамоми низоми донишгоҳӣ, аз ҷумла сифати идоракунӣ (менеҷмент), дар ҳама зинаҳои идорӣ ва сифати ташкили равандҳои ёрирасон таъмин кардан мумкин аст.

Аз ин ҷо бармеояд, ки сифати натиҷаҳои фаъолияти муассисаи таҳсилоти олии касбиро тавассути идоракунии сифати равандҳои асосии таълимию кории он роҳандозӣ намудан муфидтар будааст. Бинобар ин, агар ҳамаи самтҳои фаъолияти мактаби олиро дар шакли равандҳо тасвир кунем, он гоҳ арзёбии сифати натиҷаҳои фаъолияти он осонтар ва самараноктар хоҳад буд.

Дар мавриди таҳқиқотии мо, раванд ин маҷмӯи фаъолиятҳои таълимӣ ва намудҳои дигари фаъолиятҳои ба ҳам алоқаманд ва мутақобилаи низоми таҳсилоти олии касбӣ мебошад, ки захираҳои кадрии дар шакли таълимгирандагон (довталабон ва донишҷӯён) воридшударо ба натиҷаҳои (маҳсулоти) содиротӣ дар шакли мутахассисони омодашуда табдил медиҳад.

Самтҳои асосии фаъолияти мактаби олиро намудҳои фаъолияти таълимӣ ва фаъолияти илмию таҳқиқотӣ ташкил медиҳанд. Ҳар яке аз ин самтҳоро метавон ҳамчун як намуди мустақили фаъолият баррасӣ кард ва мувофиқан системаи идоракунии сифатро ҳам барои тамоми донишгоҳ ва ҳам барои ҳар кадоми онҳо дар алоҳидагӣ ташаккул дод. Равиши мазкур тибқи мустақилияти нисбии ин намудҳои фаъолияти мактаби олӣ пешакӣ асоснокшуда ҳисоб карда мешавад.

Умуман, тамоми фаъолияти донишгоҳиро ба се гурӯҳи равандҳо ҷудо кардан мувофиқи мақсад аст: равандҳои асосӣ, равандҳои идорӣ ва равандҳои таъминотӣ. Ба равандҳои асосии фаъолияти мактаби олӣ таҳияи барномаҳои таълимӣ ва ташкили ҷараёни таълимро дохил намудан мувофиқи матлаб аст.

Дар навбати худ, ҳар кадоми ин равандҳоро ба зерравандҳое ҷудо кардан мумкин аст, ки фарогири талаботи умумӣ оид ба ташаккул ва ташкили раванди таълим ва, инчунин, фарогири хусусиятҳои донишгоҳӣ бошанд. Масалан, ташкили раванди таълим бояд зерравандҳои ташкили ҷадвали таълим, ҷадвали дарсӣ, татбиқи ҷараёни таълим ва ташкили аттестатсияи донишҷӯёнро пешбинӣ карда тавонад.

Айнан бо ҳамин тарз ин зерравандҳоро низ дар навбати худ ба зерравандҳои нисбатан мушаххастару хурдтар тақсим кардан мумкин аст. Барои мисол, зерраванди ташкил ва гузаронидани аттестатсияи донишҷӯёнро метавон ба зерравандҳои навбатии аттестатсияи ҷорӣ (пурсишу санҷишҳо дар давоми семестр), аттестатсияи мобайнӣ (санҷишу имтиҳонҳои

фаннӣ дар интиҳои семестрҳо) ва аттестатсияи ниҳоӣ (аттестатсияи давлатӣ имтиҳонҳои давлатӣ, ҳимояи рисолаҳои бакалаврӣ, дипломӣ ё магистрӣ) тақсим кард.

Равандҳои идории сифати таҳсилот дар системаи идоракунии сифат бояд, пеш аз ҳама, он зеррвандҳоеро дар бар гиранд, ки онҳо тибқи расмиёти ҳатмии силсилаи стандартҳои байналмилалии ISO 9000-2001 ба танзим оварда шуда бошанд [18]. Ба зеррвандҳои мазкур масалан, идоракунии сифати ҳуҷҷатгузорӣ, идоракунии маълумот дар бораи сифати сабтҳо, идоракунии сифати аудити дохилӣ, идоракунии сифати маҳсулоти сақат (нуқсондор), амалҳои тасҳеҳкунанда, чораҳои пешгирикунанда ва ғайраро дохил кардан мумкин аст. Инчунин, зарур аст, ки якчанд зеррвандҳои дигар, аз қабили таҳия ва навсозии сиёсат оид ба соҳаи сифат ва ҳадафҳои он, банақшагирӣ ва таҳлили сифат аз ҷониби роҳбарият ва ғайра пешбинӣ карда шаванд.

Равандҳои таъминотӣ аз рӯйи зарурати таъминоти захиравии фаъолияти таълимӣ ва фароҳамории шароит барои омода сохтани мутахассисони дорои тахассуси мувофиқ ташаккул дода мешаванд. Дар байни равандҳои таъминотӣ метавон зеррвандҳои омодасозӣ ва таъмини салоҳиятҳои ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандони ёрирасони таълимӣ, идоракунии инфрасохтори мактаби олӣ, идоракунии муҳити истеҳсолоти таълим, барқарорсозии робита бо муштариён, пешбурди корҳои иҷтимоию тарбиявӣ бо донишҷӯён ва ғайраро ҷудо кард. Дар ин маврид низ мувофиқи мақсад аст, ки дар доираи ҳар як зерраванд аз рӯйи принсипи тақсимоти оқилона зеррвандҳои зарурию навбатӣ ҷудо карда шаванд. Масалан, раванди идоракунии инфрасохтор метавонад зеррвандҳои идоракунии фондҳои аудиторӣ, китобхонавӣ, таҷҳизот, маводи канселярӣ ва дигар ашёи таълимиро дар бар гирад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқ ва таҳлили мафҳуми хизматрасониҳои таълимӣ имконият дод, ки омилҳо ва равандҳои асосии хидматҳо муайян карда шаванд, алоқамандию вобастагӣ ва таъсири мутақобилаи байниҳамдигарии низоми таҳсилот, равандҳо, хизматрасониҳо ва натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ дар шакли амсилаи консептуалии сифати таҳсилот тарҳрезӣ гардад. Дар раванди таҳқиқот, инчунин, нақш ва мавқеи бозори хизматрасониҳои таълимӣ дар рушди иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шуд. Таҳқиқи масъала нишон дод, ки бозори хизматрасониҳои таълимӣ шохаи махсуси иқтисодиёти муосири мамлакатро ташкил дода, метавонад дар рушду такомули сатҳу сифати соҳаи таҳсилот, самаранокии равандҳои таълим ва дар бозори ҷаҳонии меҳнат рақобатпазир гаштани маҳсулоти асосии он, мутахассисони ватанӣ, нақши муассир дошта бошад.

**Адабиёт**


1. Комилов, Ф. С. Информационное обеспечение системы управления качеством образовательных услуг [Текст] / Ф.С. Комилов, З.Ф. Рахмонов // Вестник Таджикского национального университета. – 2011. – № 4 (68). – С. 46-55.
2. Комилов, Ф. С. Информационные технологии в высшем образовании Республики Таджикистан [Текст] / Ф.С. Комилов, З.Ф. Рахмонов. – Душанбе: «Ирфон», 2012. – 174с.
3. Комилов, Ф. С. Педагогико-информационное обеспечение системы управления качеством образовательных услуг среднего профессионального медицинского образования Таджикистана [Текст] / Ф.С. Комилов, Б.Ф. Раджабов // Вестник Таджикского национального университета. – 2015. – № 3/6 (176). – С. 267-272.
4. Комилов, Ф. С. Теоретические основы управления качеством образовательных услуг [Текст] / Ф.С. Комилов, З.Ф. Рахмонов // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. – 2014. – № 2/8 (149). – С. 119-128.
5. Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2006, № 484 тасдиқ шудааст.
6. Консепсияи ташаккули ҳукумати электронии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, № 643 тасдиқ шудааст.
7. Рахмонзода, З. Ф. Качество образовательных услуг как экономическая категория и объект управления [Текст] / З.Ф. Рахмонзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. – № 2/9 (218). – С. 142-148.
8. Рахмонзода, З. Ф. Применение автоматизированных систем управления образовательными учреждениями [Текст] / З.Ф. Рахмонзода, Р.Дж. Давлатов // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – №3-6. – С. 315-319.
9. Рахмонзода, З. Ф. Системный подход к оптимизации управления образовательным учреждением [Текст] / З.Ф. Рахмонзода, Р.Дж. Давлатов // Балтийский гуманитарный журнал. – 2017. – Т. 6. – №4 (21). – С. 383-386.

10. Рахмонов, З. Ф. Внедрение ИКТ в образовательный процесс – основа совершенствования подготовки высококвалифицированных специалистов [Текст] / З.Ф. Рахмонов // Вестник Российско-Таджикского (Славянского) университета. – 2010. – № 4 (30). – С. 140-145.
11. Рахмонов, З. Ф. Информационное обеспечение системы управления качеством образовательных услуг [Текст] / З.Ф. Рахмонов // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе: «Сино», 2011. – № 4 (68). – С. 51-59.
12. Рахмонов, З. Ф. Система управления образовательного процесса, основанная на внедрении современных информационных технологий [Текст] / З.Ф. Рахмонов // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе: «Сино», 2010. – № 8 (64). – С. 171-177.
13. Рахмонов, З. Ф. Теоретические основы управления качеством образовательных услуг [Текст] / З.Ф. Рахмонов, Ф.С. Комилов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2014. – №2/8(149). – С. 119-128.
14. Раҳмонзода, З. Ф. Асосҳои назариявӣ ва иқтисодии идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ [Матн] / З.Ф. Раҳмонзода, Ф.С. Комилиён // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. – 2020. – №4 (55). – С. 90-100.
15. Раҳмонзода, З. Ф. Мушкилоти иҷтимоию иқтисодии раванди иттилоотонӣ дар низоми маориф [Матн] / З.Ф. Раҳмонзода, Ф.С. Комилиён // Паёми молия ва иқтисод. – 2020. – №2 (22). – С. 49-57.
16. Раҳмонзода, З. Ф. Оқибатҳои иҷтимоии ҷорисозии технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаҳои гуногуни ҷомеаи муосир ва равандҳои иҷтимоию иқтисодии низоми таҳсилот [Матн] / З.Ф. Раҳмонзода, Ф.С. Комилиён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – №8. – С. 179-187.
17. Раҳмонзода, З. Ф. Самаранокии татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ: ҳолати муосир, беҳдошти усулҳои истифода [Матн] / З.Ф. Раҳмонзода, Ф.С. Комилиён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – №9. – С. 273-280.
18. Руководство по применению стандарта ИСО-9000:2000 в области обучения и образования [Текст]. – М.: РИА «Стандарты и качество». – 2002. – 52с.
19. Субетто А. Качество образования: проблемы оценки и мониторинга [Текст] / А. Субетто // Стандарты и качество. – 2002. – №2. – С. 62-70.
20. Щетинин В. П. Экономика образования [Текст] / В.П. Щетинин, Н.А. Хроменков, Б.Г. Рябушкин. – М.: «Российское педагогическое агентство», 1998. – 174с.

**УДК: 336 22**

## БЕҲТАРНАМОИИ НИЗОМИ АНДОЗБАНДИИ МИЛЛӢ ВА АҲАМИЯТИ ОН ДАР ҶАЛБИ САРМОЯИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶӢ

***Ҷумъабоев Хуршед Қодирович*** *- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, директори Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии “Молия”-и Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.:934348558. E-mail: andoz-73@mail.ru*

*Дар чанд соли охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи пешбурди соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя як силсила ислоҳоти иқтисодӣ, ки ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, кам кардани монеаҳои маъмурӣ ва дахолати давлат ба фаъолияти хоҷагидории субъектҳои соҳибкории хурд ва миёна равона гардидаанд, анҷом дода шуд.*

*Дар мақолаи мазкур роҳҳои такмили баъзе санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии қонунгузории андоз дар самти ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонидани фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусиву соҳибкорӣ бо воситаи ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ, ки яке аз ҳадафҳои асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, пешниҳод гардидааст.*

*Хулоса ва тавсияҳои муаллифро метавон дар такмили минбаъдаи қонунгузории андози миллӣ мавриди истифода қарор дод.*

***Калидвожаҳо:*** *иқтисодиёти миллӣ, фазои сармоягузорӣ, низоми андоз, фаъолияти соҳибкорӣ, сарбории андоз, манбаи андозбандӣ, даромади андозбандишаванда, меъёри андоз, имтиёзи андоз, ширкати саҳомӣ, суди саҳмия.*

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ НАЛОГОВОЙ СИСТЕМЫ И ЕГО ЗНАЧЕНИЕ В ПРИВЛЕЧЕНИИ ВНУТРЕННЕЙ И ВНЕШНЕЙ ИНВЕСТИЦИИ

***Джумабоев Хуршед Кодирович*** *- к.э.н., доцент, директор Научно- исследовательского института “Финансы” при Таджикском государственном финансово-экономическом университете. Тел.: 934348558, E-mail: andoz-73@mail.ru*

*За последние годы в Республике Таджикистан в сфере ведения бизнеса и привлечения инвестиций был проведен ряд экономических реформ, направленных на улучшение инвестиционного климата, снижение административных барьеров и вмешательства государства в хозяйственную деятельность субъектов малого и среднего предпринимательства.*

*В данной статье рассматриваются пути совершенствования действующего налогового законодательства в целях приведения инвестиционного климата в соответствие с международными стандартами и развития частного сектора за счёт привлечения отечественного и иностранного капитала,что является одним из основных целей Правительства Республики Таджикистан.*

*Выводы и рекомедации автора могут быть использованы для дальнейшего совершенствования национальной налоговой системы.*

***Ключевые слова:*** *национальная экономика, инвестиционный климат, налоговая система, предпринимательская деятельность, налоговая нагрузка, налоговая база, налогооблагаемый доход, налоговая ставка, налоговая льгота, акционерное общество, налог на дивиденды.*

## IMPROVEMENT OF THE NATIONAL TAX SYSTEM AND ITS IMPORTANCE IN ATTRACTING THE DOMESTIC AND FOREIGN INVESTMENT

***Jumaboev Khurshed Qodirovich*** *– associate professor, director research institute of "finance" at the tajik state financial and economical university. tel: 34348558 e-mail: andoz-73@mail.ru.u*

*In recent years, it has been carried out a number of economic reforms in the Republic of Tajikistan in the field of business and attracting investment, aimed at improving the investment climate, reducing administrative barriers and state interference in the economic activities of small and medium-sized businesses.*

*This article discusses the ways of improvement of the current tax legislation in order to bring the investment climate in accordance with the international standards and development of the private sector by attracting domestic and foreign capital, which is one of the main goals of the Government of the Republic of Tajikistan.*

*The conclusions and recommendations of author can be used to further improvement of the national tax system.*

***Key words:*** *national economy, investment climate, tax system, entrepreneurial activity, tax burden, tax base, taxable income, tax rate, tax incentive, joint stock Company, fund loans.*

Содагардонии андозбандӣ ва маъмурикунонии низоми андоз яке аз самтҳои муҳими ислоҳоти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад. Новобаста аз корҳои анҷомдодашуда, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки қонунгузории андози миллӣ ҳоло ҳам то андозае мураккаб ва сарбории андоз барои соҳибкорону сармоягузорон дар қиёс бо кишварҳои минтақа баланд мебошад.

Чунончи, тибқи арзёбии ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Ҷаҳонӣ дар ҷумҳурӣ дар баробари паст шудани меъёри умумии андоз аз 81,8% то 65,2%-и фоидаи соҳибкорон сарбории он аз сатҳи миёнаи минтақавӣ қариб ду маротиба зиёд мебошад. Дар сатҳи минтақа меъёри умумии андоз 33,1% ва дар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ - 40,1%-и фоидаи соҳибкориро ташкил медиҳад”[6, с.23-32].

Чунин шароит фазои сармоягузорӣ ва соҳибкориро дар Тоҷикистон нисбат ба мамлакатҳои ҳамсоя номусоид гардонида, боиси ба ин мамлакатҳо рафтани соҳибкорону сармоягузорони ватанӣ ва хориҷӣ мешавад.

Вобаста ба ин, Сарвари давлат дар яке аз баромадҳои худ қайд намуданд, ки: “Бо дарназардошти сатҳи баланди ҳамгироии иқтисодиёти кишварамон ба савдои байналмилалӣ ҷиҳати рақобатпазирӣ дар ҷалби сармоя ва бозорҳои молии ҷаҳон, баробар кардани сатҳи андозбандӣ бо шарикони асосии иқтисодиву тиҷоратӣ ва давлатҳои ҳамсоя аҳамияти муҳим пайдо намудааст”[5, с.10].

Имрӯз тавассути як қатор муқаррароти Кодекси андози амалкунанда ба тавсеаи фаъолияти сармоягузорӣ ва соҳибкории як қатор корхонаҳои ватанӣ, ки дар ҷалби сармояи хориҷӣ, таъсиси корхонаҳои азими саноатӣ дар ҷумҳурӣ, ташкили ҷойҳои корӣ, воридоти технологияҳои пешқадами инноватсионӣ, ба роҳ мондани истеҳсолоти ватании воридотивазкунанда ва ғанӣ гардонидани буҷети давлат бо андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ саҳми назаррас доранд, монеа эҷод менамояд. Бесабаб нест, ки аз тарафи Роҳбари кишвар барои такмили Кодекси андоз дар таҳрири нав ва дар он, аз он ҷумла пешбинӣ намудани имтиёзҳои андозӣ барои бахши хусусии истеҳсолӣ ба мақомотҳои дахлдор супоришҳои мушаххас дода шуд [4, с.23].

Бо мақсади мукаммалсозии қонунгузории андози миллӣ, ки он ба ҳалли як қатор мушкилоти фаъолияти соҳибкорӣ, ба пешрафт ва рушди соҳибкорӣ, коҳиш додани ҳиссаи соҳибкорони бо фаъолияти ниҳонӣ ва дар маҷмӯъ беҳсозии фазои соҳибкориву сармоягузорӣ замина мегузорад, пешниҳодҳои мушаххас матраҳ карда мешавад.

Дар Кодекси андози амалкунанда механизми бақайдгирии татбиқи имтиёзҳои андозӣ барои андозсупорандагон мавҷуд нест, ки ин ба мақомоти андоз барои

назорати татбиқи имтиёзҳо имконият надода, барои андозсупорандагон истифодаи имтиёзҳоро дар амал мураккаб менамояд.

Барои ҳалли масъалаи мазкур пешниҳод карда мешавад, ки дар банди 9, моддаи 17 Кодекси андози амалкунанда ҷумла бо мазмуни зерин илова карда шавад: «Барои дастрас намудани имтиёзҳои андозӣ, ки тибқи Кодекси мазкур муқаррар карда шудаанд, шахси ҷавобгӯ ба талабот барои гирифтани имтиёз уҳдадор аст, аризаро бо замимаи ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда пешниҳод намояд». Илова бар ин, дар банди 48 моддаи мазкур баъди калимаҳои «аз истеҳсолот ва» калимаи «ё» илова карда шавад, ки ба сармоягузорон барои истифодаи имтиёзҳои сармоягузории андозӣ шароит фароҳам меорад.

Дигар мушкилоти корхонаҳои соҳибкорӣ ҳангоми сармоягузорӣ бо муқаррароти қонунгузории амалкунандаи андоз алоқаманд мебошад, ки тибқи он корхонаҳои нави молистеҳсолкунанда аз санаи бақайдгирии ибтидоии давлатӣ ҳангоми аз ҷониби муассисони онҳо дар муҳлати 12 моҳи тақвимии аз санаи бақайдгирии давлатӣ ба фонди оинномавии чунин корхонаҳо ворид намудани сармоягузориҳо дар ҳаҷми аз 200 ҳазор то зиёда аз 5 миллион доллари ИМА ба муҳлати аз ду то панҷ сол аз андоз аз фоида озод карда мешаванд [1, с.137].

Аммо муқаррароти мазкур имконияти бархурдор гардиданро аз ин имтиёз фароҳам намеорад. Зеро аз лаҳзаи бақайдгирии давлатии корхонаи истеҳсолӣ то ба фаъолият шурӯъ намудани он аз як то ду сол зарур мебошад. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки имтиёзи мазкур на аз санаи бақайдгирии давлатӣ, балки аз лаҳзаи оғоз намудани фаъолияти корхонаи истеҳсолӣ татбиқ карда шавад.

Мушкилот барои фаъолияти сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар натиҷаи тағйироту илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи 17 банди 28 зербанди «а» ба миён омад, ки муқаррароти он чунин ифода меёбад: «Агар дар муҳлати шаш моҳи тақвимӣ пас аз соли ҳисоботӣ доир ба истифодабарии фоидаи баъди андозбандӣ боқимонда қарори дахлдор қабул нашуда бошад, новобаста ба истифодабарии минбаъдаи он барои мақсадҳои андозбандӣ фоидаи мазкур байни саҳмдорон (иштирокчиён) тақсимшуда ҳисобида мешавад "[2, с. 7].

Дарвоқеъ, муқаррароти мазкур шахси ҳуқуқиро водор мекунад, ки фоидаи софи худро бо мақсади андозбандии суди саҳмия (бо меъёри 12%) тақсим намояд, зеро дар ҳолати тақсим нагардидани он аз ҷониби муассисон фоидаи соф тақсимшуда эътироф гардида, мавриди андозбандӣ қарор мегирад ва сарбории андозиро боз ҳам зиёд менамояд. Дар натиҷа, ин муқаррарот ба ташаккули сарчашмаи сармоягузориҳои такрорӣ аз фоидаи софи субъектҳои соҳибкорӣ монеа эҷод намуда, садди роҳи маблағгузорӣ ба воситаҳои асосӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ ва васеъ гардидани фаъолияти корхонаҳои соҳибкорӣ мегардад. Барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ зарур аст, ки барои аҳолӣ ҷиҳати сармоягузорӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ, барои корхонаҳои соҳибкорӣ ҷиҳати сармоягузории фоида ба рушд ва тавсеаи фаъолияти минбаъда тадбирҳои ҳавасмандкунанда андешида шаванд. Танҳо дар чунин сурат, дар кишвар корхонаҳои соҳибкории рақобатпазир ташаккул меёбанд. Тағйиру иловаҳои болозикр бошад, ба баровардани воситаҳои пулӣ аз фаъолияти соҳибкорӣ, сармоягузорӣ нагардидани фоида барои тавсеаи фаъолият ва коҳиш ёфтани пардохтпазирӣ ва баланд шудани хавфи баланди муфлисшавии корхонаҳои соҳибкорӣ, ҳатто ҳангоми мушкилоти ночизи молиявӣ оварда мерасонад.

Ҳамзамон, боиси қайд аст, ки тағйиру иловаҳои дар боло қайдшуда, боиси ба миён омадани расмиёти иловагӣ ва умуман нодаркори маъмурӣ барои андозсупорандагон гардид. Акнун мақомоти андоз аз ширкатҳо пешниҳоди нусхаи қарори саҳомонро оид ба истифодаи фоидаи соли гузашта то 30 июни соли оянда талаб менамоянд [2, с. 8].

Агар андозсупоранда нусхаи чунин қарори саҳомонро пешниҳод накунад, низоми автоматишудаи мақомоти андоз меъёри 12%-и андозро барои суди саҳмияҳо аз фоидаи софи корхона тибқи баҳисобгирии андозӣ (на ин ки баҳисобгирии молиявӣ) барои пардохт хисоб мекунад.

Дар тамоми ҷаҳон фоидаи тақсимношудаи корхона андозбандӣ намешавад, балки ҷиҳати ҳавасмандгардонии ташкили сарчашмаи сармоягузориҳои такрорӣ тавассути маблағгузории фоидаи соф ба ширкатҳои соҳибкорӣ имтиёзҳои муайян пешниҳод карда мешаванд. Ҳамзамон, барои аксари ҷамъиятҳои саҳомӣ фоидаи

тақсимнашуда сарчашмаи асосии маблағгузории фаъолияти минбаъда ва таъмини такрористеҳсолоти васеъ ба ҳисоб меравад, зеро фоизи баланди қарзҳои низоми бонкӣ имкон намедиҳанд, ки корхона бо қарзи бонкӣ фаъолияти самараноки худро таъмин намояд. Аз ин лиҳоз, пешниҳод карда мешавад, ки тағйироту илова ба банди 28 моддаи 17 ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.03.2015, №1188, ё ин ки зербанди "а" хориҷ карда шавад. Дар ин ҳолат, агар ширкат фоидаи худро байни саҳомон тақсим кунад, он гоҳ саҳомон дар шакли дивиденд фоида ба даст оварда, мувофиқан объекти андозбандӣ ба миён меояд. Дар ҳолати тақсим нашудани фоида бошад, саҳом даромади худро танҳо дар коғаз дида, воқеан онро намегирад ва чун натиҷа объекти андозбандӣ низ ба вуҷуд намеояд. Дар тамоми ҷаҳони мутамаддин ҳангоми андозбандии суди саҳмияҳо аз чунин принсип истифода мебаранд.

Бо ворид гардидани тағйироту иловаҳои дигар ба қисми 1-и моддаи 126 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон суди саҳмияҳое, ки корхонаҳои резидентӣ мепардозанд, ба истисноии суди саҳмияҳои (пардохтҳои ғайриандозии) корхонаҳое, ки тибқи санади меъёрии ҳуқуқии дигар аз фоидаи соф ба буҷети давлатӣ пардохт мешаванд, бояд аз манбаи пардохт тибқи меъёри 12 фоиза андозбандӣ шаванд [3, с. 12].

Бояд қайд кард, ки муқаррароти моддаи мазкур имтиёзи сармоягузорони ватанӣ ва корхонаҳои резидентие, ки то ин лаҳза аз пардохти андоз аз суди саҳмияҳо озод буданд, аз байн мебарад.

Яке аз шаклҳои васеъпаҳнгардидаи ташкилию ҳуқуқии корхонаҳои соҳибкорӣ дар кишвар ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ба ҳисоб мераванд. Аммо муқаррароти такмилталаби қисми 5 моддаи 107 Кодекси андози амалкунанда андозбандии гуногунро барои созишҳои ҳамшабеҳи аз ҷониби ҶДММ ва ширкатҳои саҳомӣ амалишаванда ба миён меоранд.

Фарз мекунем, ки ҷамъияти саҳомӣ саҳмияҳои иловагиро бо арзиши номиналии 100 сомонӣ интишор намуда, онҳоро бо нархи 200 сомонӣ ба фурӯш мебарорад. Дар ин ҳолат, муқаррароти амалкунандаи Кодекси андоз имконияти ҳамчун даромад эътироф нашудани 100 сомонӣ фарқият дар натиҷаи фурӯши ҳар як саҳмия бадастовардашударо фароҳам меорад.

Аммо дар сурати аз ҷониби ҶДММ анҷом додани чунин амалиёт (яъне барои ба даст овардани саҳм бо арзиши номиналии 100 сомонӣ дар сармояи оинномавӣ ворид намудани маблағи иловагӣ дар ҳаҷми 200 сомонӣ зарур мебошад) мақомоти андоз ин сармояи иловатан ҷалбнамудаи ҶДММ-ро ҳамчун даромад барои мақсади андоз аз фоида эътироф менамояд. Аз нуқтаи назари иқтисодӣ маблағҳои аз ҷониби ҷамъияти саҳомӣ ва ҶДММ аз фурӯши саҳмия ва ё ҷалби маблағгузориҳои иловагӣ, сармоягузориҳои саҳомон ё иштирокчиён маҳсуб ёфта, набояд ҳамчун даромади ҷамъияти саҳомӣ ва ҶДММ эътироф карда шаванд. Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки дар сархати 3 қисми 5 моддаи 107 Кодекси андози амалкунанда баъди калимаҳои "маблағи пулие" дар қавс калимаҳои "(ё молу мулке)" ва сархати чорум бо таҳрири зайл илова карда шаванд: "- маблағи пулие (ё молу мулке), ки андозсупоранда - шахси ҳуқуқӣ, ҳангоми аз ҷониби иштирокчиёнаш ё шахсони сеюм гузоштани саҳмҳои иловагӣ, ки арзиши онҳо аз ҳаҷми арзиши номиналии ҳисса дар сармояи оинномавии аз тарафи иштирокчиён ё шахсони сеюм харидашаванда зиёд аст, ба даст овардааст." Тағйироти пешниҳодшаванда масъалаи мазкурро мушаххасан ҳал карда, ҳолатҳои беасос андозбандӣ шудани сармоягузориҳои иловатан ҷалбшудаи ҶДММ-ро бартараф менамояд. Бояд қайд кард, ки маҳз ҶДММ яке аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқии васеъпаҳншудаи корхонаҳои соҳибкорӣ дар кишвар мебошад.

Барои сармоягузорони хориҷӣ яке аз шароитҳои номусоид барои сармоягузорӣ ба ҷумҳурӣ таҷрибаи нодурусти андозбандии даромад аз афзоиши сармоя мебошад. Агар сармоягузори хориҷӣ ба ширкати маҳаллӣ 1 млн. доллари ИМА маблағгузорӣ карда, баъди як муддат вақт саҳмияҳои худро (ҳиссаро дар сармояи оинномавӣ) ба ҳамон маблағи 1 млн. доллари ИМА фурӯшад, мақомоти андоз аз ин сармоягузори хориҷӣ пардохти андозро аз 1 млн. доллари ИМА талаб менамояд.

Зиёда аз ин, агар сармоягузори хориҷӣ созишро бе пардохти ин андоз анҷом диҳад, уҳдадории пардохти ин андоз ба ширкате мегузарад, ки саҳмияҳои он фурӯхта шудаанд, ҳоло он ки ин ширкат умуман тарафи созиши хариду фурӯши саҳмияҳо ба ҳисоб намеравад. Бо чунин таҷрибаи андозбандии даромад аз афзоиши сармоя ҷалб кардани сармоягузорони хориҷие, ки имконияти маблағгузории дарозмуҳлати сармояро ба кишвар доранд, бисёр мушкил мебошад. Барои ислоҳи ин вазъият дохил

намудани тағйирот ба баъзе муқаррароти қонунгузории андози амалкунанда, ки матни онҳо нокифоя ва номушаххас таҳия карда шуда, боиси шарҳи ин муқаррарот на бар манфиати андозсупоранда мегарданд, зарур мебошад.

Дар таҳрири амалкунандаи зерфасли 1, фасли VIII Кодекси андоз муқаррароте нест, ки тарҳҳои бо харидории молу мулк ва ҳуқуқи молу мулкии алоқамандро мушаххасан муайян намояд. Агарчи дар қисми 1, моддаи 100 Кодекси андози амалкунанда чунин ибора ба монанди «афзоиши арзиш аз фурӯши молу мулк» истифода мешавад, мақомоти андоз дар амал маънои ин ибораро ба инобат нагирифта, ҳангоми фурӯши молу мулк ва ё ҳуқуқи молу мулкӣ аз ҷониби ғайрирезидент – шахси воқеӣ аксаран тамоми маблағи созишро (бе ягон тарҳ) ҳамчун сарчашмаи андозбандӣ эътироф менамоянд. Барои бартараф намудани масъалаи мазкур дар таҳрири зайл ифода намудани қисми 4 моддаи 97 Кодекси андози амалкунанда зарур мебошад: «Шахси воқеӣ - ғайрирезидент, ки аз манбаи воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз фурӯш ё додани молу мулк ва (ё) ҳуқуқҳои молумулкие, ки ба муассисаи доимиаш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд намебошад, даромад мегирад, нисбат ба чунин намуди даромад пас аз тарҳи хароҷотҳои тасдиқшудаи воқеан анҷомдодаи андозсупоранда, ки ба даст овардани чунин молу мулк ва (ё) ҳуқуқҳои молу мулкӣ (аз ҷумла саҳмияҳо ва ҳиссаҳо дар сармояи оинномавӣ) ва(ё) беҳтар намудани чунин молу мулк марбут мебошанд, супорандаи андоз аз даромад ба ҳисоб меравад. Агар андози дахлдор аз фурӯш ё додани молу мулк ва (ё) ҳуқуқҳои молумулки аз ҷониби шахси воқеӣ - ғайрирезиденти зикршуда пардохт нашуда бошад, шахси ба нерезидент пардохткунандаи чунин даромад уҳдадор аст, аз ҳисоби худ маблағи ба буҷет пардохтнашудаи андозро, инчунин, ҷарима ва фоизҳои дахлдорро пардохт намояд».

Тағйироти пешниҳодшаванда ин масъаларо бартараф намуда, хароҷоти андозсупорандаро бо харид ва маблағгузории иловагӣ ба молу мулк ё ҳуқуқи молу мулкӣ барои тарҳ иҷозат дода мешаванд, ки ба андозбандии танҳо маблағи афзоиши молу мулк ё ҳуқуқи молу мулкӣ, на ин ки маблағи фурӯши молу мулк ё ҳуқуқи молумулкӣ мусоидат менамояд. Тарафи созиши хариду фурӯши молу мулк ё ҳуқуқи молумулкӣ харидор ва фурӯшанда маҳсуб меёбанд. Дар ҳолате ки предмети чунин созиш саҳмияҳо ё ҳисса дар сармояи оинномавии ширкат (минбаъд саҳмияҳо) бошанд, ширкати саҳомӣ, умуман, тарафи созиш набуда, мувофиқан ба амалиёти хоҷагидории байни харидору фурӯшанда вобаста ба харидуфурӯши саҳмияҳо ҷалб нашудааст. Дар чунин ҳолат, ширкати саҳомиро ҳамчун агенти андоз эътироф намудан, умуман, нодуруст ва беасос мебошад, зеро ширкат ба касе даромад пардохт накарда, мувофиқан андозро аз маблағи даромади пардохтнамуда намесупорад.

Яқин аст, ки агар шахси воқеӣ –ғайрирезиденте, ки аз сарчашмаи дар ҷумҳурӣ воқеъбуда даромад аз фурӯш ва ё интиқоли молу мулк ё ҳуқуқи молумулкӣ андози мувофиқро насупорад, ба мақомоти андоз ситонидани маблағи андози пардохтнашуда аз ин шахси воқеӣ бисер мушкил мебошад. Дар ин ҳолат, вогузор намудани масъулият ба харидор (на ширкати саҳомие, ки саҳмияҳояш фурӯхта мешаванд ва он, умуман, дар созиш иштирок намекунад), ки метавонад дар асоси қарордод аз фурӯшанда рӯйпӯш намудани маблағи андози пардохтшударо талаб намояд, мувофиқи мақсад мебошад. Зиёда аз ин, дар чунин ҳолат барои кам кардани хавфҳои худ харидор метавонад аз фурӯшанда пешниҳод намудани маълумотномаро оид ба надоштани қарзи андози дахлдор то пардохти маблағи созиш ба фурӯшанда талаб намояд.

Ҳамзамон, бо тағйироти пешниҳодшаванда зарур аст, ки дар моддаи 103 Кодекси андози амалкунанда қисми 4 бо мазмуни зайл илова карда шавад: «Даромади андозбандишавандаи шахси воқеӣ – ғайрирезидент, ки дар қисми 4 моддаи 97 Кодекси мазкур пешбинӣ гардидааст, бо меъёри 15 фоиз андозбандӣ карда мешавад». Зеро имрӯз дар амал чунин даромади ғайрирезидент – шахси воқеӣ тибқи моддаи 128 Кодекси мазкур мавриди андозбандӣ қарор мегирад. Агарчи дар ин ҳолат татбиқи муқаррароти моддаи мазкур мувофиқи мақсад набуда, дар қонунгузории андоз барои чунин намуди даромад меъёри андоз муқаррар карда нашудааст. Илова намудани қисми 4 ба моддаи 103 метавонад ин камбудиро аз байн барад.

Татбиқи пурраи тавсияҳои пешниҳодшуда ба беҳтар гардидани фазои сармоягузорию соҳибкорӣ аз ҳисоби содагардонии маъмурикунонии андоз ва мунтазам васеъ гардидани сарчашмаи андозбандӣ ва даромадҳои буҷети давлат

мусоидат хоҳад намуд. Аз ҷумла, татбиқи тавсияҳои омодакардашуда ноил гардидан ба ҳадафҳои зеринро таъмин менамоянд:

-баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ аз ҳисоби содагардонии маъмурикунонии андоз ва баробар намудани меъёри андозҳо ба сатҳи шарикони иқтисодиву тиҷоратӣ ва давлатҳои ҳамсоя;

-роҳандозии шарҳи дуруст ва асосноки Кодекси андоз ва бартараф намудани тафсири худсаронаи он;

-ба роҳ мондани механизми бақайдгирии татбиқи имтиёзҳои андозӣ барои андозсупорандагон, ки ба мақомоти андоз барои назорати татбиқи имтиёзҳо ва барои андозсупорандагон дастрасии осонро ба ин имтиёзҳо шароити мусоид фароҳам меорад.

**Адабиёт**

1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Душанбе. Ирфон. -2012, -С. 672.
2.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳти №1188 аз 18.03.2015с.
3.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳти №1367 аз 14.11.16с.
3.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22.12.2017 [манбаи электронӣ] URL http://maj milli.tj /payom/ (санаи муроҷиат: 11.10.2019с.)
4. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар 10-05-2019. [манбаи электронӣ] URL: http://www.president.tj/node/20101 (санаи муроҷиат: 11.10.2019с.)
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22.12.2017 [манбаи электронӣ] URL http://maj milli.tj /payom/ (санаи муроҷиат: 11.10.2019с.)
6. Ҳисоботи Бонки Ҷаҳонӣ оид ба "Пешбурди соҳибкорӣ" [манбаи электронӣ]. URL https://www.worldbank.org/en/search?q=Doing+bussiness. С. 72 (санаи муроҷиат: 22.10.2020с.)

**УДК: 339.92**

# РОЛЬ ИНОСТРАННЫХ ИНВЕСТИЦИЙ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ЭКОНОМИЧЕСКОГО РОСТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Кодирзода Фарход Анвар*** *- кандидат экономических наук, доцент кафедры мировой экономики финансово-экономического факультета Таджикского национального университета. Адрес:734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.Телефон:+(992) 931026699. E-mail: f123085@mail.ru,*

*В данной статье рассмотрены меры, принимаемые руководством Республики Таджикистан для привлечения иностранных инвестиций и защиты инвесторов. Обосновано, что государственные органы осуществляют защиту и стимулирование инвесторов при помощи налоговых и таможенных льгот и других мер поддержки. Рассмотрена динамика поступлений иностранных инвестиций в экономику страны в 2012-2019 гг., объем инвестирования в разрезе регионов за 2019г.*

*Автором разработана эконометрическая модель, описывающая зависимость роста валового внутреннего продукта Таджикистана от величины прямых иностранных инвестиций. Эконометрическая модель показывает, что приток инвестиций в страну способствует экономическому росту.*

***Ключевые слова:*** *иностранные инвестиции, экономический рост, инвестиционный проект, защита инвесторов, инвестиционное пространство, инвестиционная инфраструктура, кредиты, институциональная среда, государственное регулирование.*

## НАҚШИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ ДАР ТАЪМИНИ РУШДИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Қодирзода Фарҳод Анвар*** *- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Сурога: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Телефон: +(992) 931026699, e-mail - f123085@mail.ru*

*Дар мақолаи мазкур тадбирҳои андешидаи роҳбарияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷалби сармояи хориҷӣ ва ҳимояи сармоягузорон баррасӣ карда шуда, динамикаи воридшавии сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар дар солҳои 2012-2019 ва ҳаҷми сармоягузорӣ дар заминаи соҳаҳо таҳлил гардидааст. Қайд гардидааст, ки мақомоти давлатӣ барои ҳавасмандгардонӣ*

*ва ҳимояи сармоягузорон ба онҳо имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ, қарзҳои имтиёзнок, субсидияҳо, грантҳо ва дигар чораҳои дастгирии моддиро пешниҳод мекунад.*

*Муаллиф дар мақола бо истифода аз модели эконометрикӣ вобастагии афзоиши ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз ҳаҷми сармоягузории мустақими хориҷӣ исбот намудааст. Модели эконометрикӣ нишон медиҳад, ки воридшавии сармоягузорӣ ба кишвар ба афзоиши рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад.*

***Калидвожаҳо:*** *сармоягузории хориҷӣ, рушди иқтисодӣ, лоиҳаи инвеститсионӣ, ҳимояи сармоягузорон, фазои сармоягузорӣ, инфрасохтори сармоягузорӣ, иқтидори истеҳсолӣ, қарзҳо, кушодии иқтисодиёт, бозори фондӣ, муҳити институтсионалӣ, ҳамгироии байналмилалӣ, танзими давлатӣ.*

## THE ROLE OF FOREIGN INVESTMENT IN ENSURING THE ECONOMIC GROWTH OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Kodirzoda Farhod Anvar,*** *Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of World Economy, Faculty of Finance and Economics, Tajik National University. 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: +(992) 931026699; e-mail- f123085@mail.ru,*

*The materials of this article consider the measures taken by the leadership of the Republic of Tajikistan to attract foreign investment and protect investors. State bodies protect and encourage investors through tax and customs privileges, provide preferential loans, subsidies, grants and other measures of material support for investors. The dynamics of foreign investment receipts in the country's economy in 2012-2019, the volume of investment in the context of industries are considered.*

*The author considers an econometric model describing the dependence of the growth of the gross domestic product of Tajikistan on the value of foreign direct investment. The calculation of the econometric model shows that the inflow of investment into the country contributes to the increase in economic growth.*

***Keywords***: *foreign investment, economic growth, investment project, investor protection, investment space, investment infrastructure, production potential, loans, economic openness, stock market, institutional environment, international integration, government regulation.*

Актуальность темы данной статьи обусловлена тем, что привлечение иностранных инвестиций создаёт предпосылки для экономического роста, улучшения социально-экономического климата в стране, повышения конкурентоспособности страны на международном рынке капитала.

Как показывает международная практика, инвестиции в экономику развивающихся стран гораздо прибыльнее, чем в экономику развитых стран. Данный фактор объясняется низкой себестоимостью материальных и трудовых ресурсов в развивающихся странах. Например, в Таджикистане, где сравнительно невысокая по мировым меркам заработная плата, низкие цены на сырье, материалы, электроэнергию, иностранные инвесторы могут наиболее эффективно осуществить вложение капитала. Однако инвестиции в экономику развивающихся стран имеют более высокую степень риска, препятствующего реализации проектов. Поэтому государственные органы Таджикистана для привлечения в страну инвестиций осуществляют меры по защите и стимулированию инвесторов при помощи налоговых и таможенных льгот, субсидий, грантов и других мер поддержки.

Либерализация доступа иностранных инвесторов в экономику страны обусловлена тем, что иностранные инвестиции являются источником долгосрочного внешнего финансирования экономики, что особенно важно при неразвитости финансовых рынков, недостаточном объеме внутренних частных и государственных инвестиций [8, с.96].

Прямые иностранные инвестиции (ПИИ) обладают следующими преимуществами: они позволяют значительно уменьшить объем субсидий для государственных предприятий, способствуют использованию представленных средств на переоборудование производственных структур [7, с.190]. Приток иностранных инвестиций способствует созданию новых рабочих мест в экономике, модернизации производства, повышению прибыли предприятий. На рисунке 1 приведена динамика роста реального ВВП Таджикистана за 2010-2019 гг. [1].

Промышленность и сфера услуг были основными факторами экономического роста со стороны предложения. Что касается стороны спроса, то рост экономики поддерживался активизацией спроса на внутреннем рынке. Дефицит счетов текущих операций сократился до 7% к ВВП в первом полугодии 2019 года по сравнению с 11% ВВП за аналогичный период прошлого года благодаря увеличению трансфертных доходов и снижению дефицита торгового баланса.




**Рисунок 1. - Динамика роста реального ВВП Таджикистана за 2010-2019 гг.**

Основным драйвером экономического роста в Таджикистане в 2019 году соответствующие ведомства страны назвали промышленную отрасль. Значительный прирост ВВП, по данным МБРР, обеспечили такие отрасли, как горнорудная (25,2%), энергетическая (24,7%), пищевая (19,5%), строительство (10%), хлопководство (5,5%), добыча угля (1,2%), добыча нефти и газа (0,6%) [3] (рис.2).




**Рисунок 2. – Выпуск промышленной продукции в Республике Таджикистан в 2019 г.**

Согласно прогнозам, дефицит текущего платёжного баланса сократится лишь незначительно – с 5% к ВВП в 2019 году до 4% ВВП к концу 2021-2022 гг., отражая увеличение объёмов экспорта электроэнергии в связи с восстановлением подключения электроэнергетической системы Таджикистана к единой энергосистеме Центральной Азии [3].

Для выявления влияния роли прямых иностранных инвестиций (ПИИ) на степень экономического роста, составим эконометрическую модель, рассматривающую эконометрическую зависимость от доли ПИИ в объёме ВВП и темпов экономического роста.

**Таблица 1. - Объем и динамика иностранных инвестиций в экономику Республики Таджикистан [6].**

| | 2012 г | 2013 г | 2014 г | 2015 г | 2016 г | 2017 г | 2018 г. | 2019 г. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| У | 391,4 | 341,1 | 377,4 | 470,9 | 434,2 | 354,5 | 348,2 | 331,1 |
| Х1 | 52,3 | 33,8 | 41,4 | 48,0 | 51,4 | 31,8 | 30,6 | 30,1 |
| Х2 | 7,5% | 7,4% | 6,7% | 6,0% | 6,9% | 7,1% | 7,0% | 7,5% |
| Х3 | 5,2 | 4,1 | 4,4 | 6,8 | 6,3 | 5,1 | 4,9 | 4,6 |

Результативный показатель:

У – объем ПИИ, млн. дол.

Факторы, зависящие от результативного показателя:
X1 – доля ПИИ в общих иностранных инвестициях, %
X2 – экономический рост (рост реального ВВП), %
X3 – доля ПИИ к ВВП, %
Расчёты производим с помощью программы Stata14 (рисунок 3).

```
reg var1 var2 var3 var4
```

| Source | SS | df | MS |
|---|---|---|---|
| Model | 16266.4359 | 3 | 5422.14529 |
| Residual | 676.439117 | 4 | 169.109779 |
| Total | 16942.875 | 7 | 2420.41071 |

| | | |
|---|---|---|
| Number of obs | = | 8 |
| F(3, 4) | = | 32.06 |
| Prob > F | = | 0.0029 |
| R-squared | = | 0.9601 |
| Adj R-squared | = | 0.9301 |
| Root MSE | = | 13.004 |

| var1 | Coef. | Std. Err. | t | P>\|t\| | [95% Conf. | Interval] |
|---|---|---|---|---|---|---|
| var2 | 1.258248 | .8013987 | 1.57 | 0.191 | -.9667912 | 3.483288 |
| var3 | .48315 | 11.23478 | 3.34 | 0.029 | 68.67589 | 6.290408 |
| var4 | .51472 | 8.346434 | 4.26 | 0.013 | 12.3413 | 58.68813 |
| _cons | 415.3333 | 85.30874 | 4.87 | 0.008 | 178.4782 | 652.1883 |

**Рисунок 3. – Расчёты с помощью программы Stata14**

Все коэффициенты являются значимыми на 5% уровне значимости, модель является значимой в целом, а свободный член не является статистически значимым и надёжным.

В результате расчётов было получено уравнение множественной регрессии:

$$y = 1{,}25x1 + 0{,}483x2 + 0{,}514x3 \qquad (1)$$

Проведём интерпретацию факторов, влияющих на результативный показатель:

- при увеличении доли ПИИ на 1 млн. долл., доля ПИИ в общих иностранных инвестициях возрастёт на 1,25%;
- при увеличении доли ПИИ на 1 млн. долл., рост реального ВВП возрастёт на 0,483%;
- при увеличении доли ПИИ на 1 млн. долл., доля ПИИ к ВВП возрастёт на 0,514%.

Следовательно, построенная нами модель свидетельствует о том, что рост ПИИ способствует росту реального ВВП.

Одна из главных составляющих инвестиционного климата включает в себя законодательное регулирование, формирующее правовой механизм государственных гарантий для привлечения иностранных инвесторов [10].

Президент Республики Таджикистан, Лидер нации Э. Рахмон, в своём послании Маджлиси Оли Республики Таджикистан в 2021 г., говоря об основных направлениях внутренней и внешней политики республики, отметил, что «улучшение инвестиционного климата и развития предпринимательства, привлечение прямых инвестиций для обеспечения устойчивого развития национальной экономики считаются одним из приоритетных направлений нашей экономической политики» [4].

Нормативно-правовые акты Республики Таджикистан гарантируют новым производственным предприятиям освобождение от налога с прибыли сроком от 2 до 5 лет, в зависимости от объёма инвестированных средств.

При внесении изменений в инвестиционное законодательство инвесторы в течение десяти лет от даты официальной публикации данных изменений имеют право выбрать условия, наиболее благоприятные для них [5, с.12].

По поручению Президента Республики Таджикистан, Лидера нации Э. Рахмона, для инвесторов значительно понижено количество разрешительных документов. Оформление более 30% разрешительных документов проведено с использованием электронной системы.

На рисунке 4 рассмотрим распределение иностранных инвестиций по регионам Республики Таджикистан в 2019 г. [2].




**Рисунок 4. – Привлечение иностранных инвестиций по регионам Республики Таджикистан в 2019 г., млн. долл.**

Объем освоенных средств в 2019 г. по государственным инвестиционным проектам представлен в таблице 2 [2].

**Таблица 2. – Объем освоенных средств в 2019 г. по государственным инвестиционным проектам**

| Сектор экономики | Количество инвестиционных проектов | Освоено средств, млн. $ США | % выполнения финансового плана |
|---|---|---|---|
| Энергетика | 12 | 107,9 | 86% |
| Транспорт | 10 | 90,6 | 99% |
| Ирригация | 5 | 26,1 | 98% |
| Образование | 4 | 24,9 | 121% |
| ЖКХ | 16 | 21,4 | 72% |
| Здравоохранение | 6 | 17,7 | 87% |
| Экология и ЧС | 5 | 9,6 | 89% |
| Финансовый сектор | 5 | 7,4 | 74% |
| Сельское хозяйство | 3 | 8,7 | 97% |
| другие сектора | 3 | 11,8 | 76% |

Источник: Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан [электронный ресурс] https://www.stat.tj/ru (дата обращения 03.04.2021)

Наибольший объем инвестиций представлен в энергетике и транспорте, как ключевых отраслях экономики Таджикистана. Некоторые отрасли (ЖКХ, финансовый сектор) отличаются недостаточным уровнем освоения средств, выделенных на инвестиционные проекты.

Реализация государственной политики должна осуществляться с помощью организационно-экономического механизма, приведённого на рисунке 5.

Рассматривая организационно-экономический механизм защиты инвесторов в Республике Таджикистан, отметим, что государственное регулирование инвестиционной деятельности является целенаправленной деятельностью государства в лице соответствующих законодательных, исполнительных и контролирующих органов, которые посредством системы различных форм и методов обеспечивают достижение поставленной цели и решение важнейших экономических задач.




**Рисунок 5. – Организационно-экономический механизм защиты инвесторов в Республике Таджикистан**

Источник: разработано автором.

Государственные органы, отвечающие за поддержку инвесторов, осуществляют защиту и стимулирование инвесторов при помощи налоговых и таможенных льгот, предоставляют льготные кредиты, субсидии, гранты и другие меры материальной поддержки инвесторов [9, с.33].

Портфель действующих государственных инвестиционных проектов в Республике Таджикистан по состоянию на 1 января 2020 года включает 65 проектов (на 22 инвестиционных проекта выделены гранты, на 10 выделены льготные кредиты, 33 инвестиционных проекта реализуются за счёт кредитных и грантовых средств). Общая сумма действующих государственных инвестиционных проектов составляет 32,1 млрд. сомони.

В своей деятельности иностранные инвесторы используют ряд международных стандартов:

- осуществление прозрачности в процессе сбора и использования денежных средств;
- открытость для мониторинга деятельности инвесторов со стороны государственных структур;
- оптимальность распределения рисков в процессе формирования портфеля активов;
- предоставление отчётности руководителей инвестиционных фондов перед государственными органами.

Необходимость дальнейшего развития Республики Таджикистан обусловливает включение Республики Таджикистан в мировое инвестиционное пространство. Инвестиционный климат, созданный Правительством Республики Таджикистан, способствуют привлечению инвесторов на долгосрочной основе, что обеспечивает экономику страны «длинными деньгами» и создаёт условия для создания новых производственных предприятий и модернизации действующих.

Доказано, что концентрация иностранных инвестиций в секторах, обеспечивающих рост производственного потенциала и обеспечение конкурентоспособности экономики страны. Расчёт эконометрической модели

свидетельствует о том, что приток ПИИ в страну способствует повышению экономического роста.

Рассчитанная автором эконометрическая модель, описывающая зависимость роста внутреннего валового продукта Таджикистана от величины прямых иностранных инвестиций, свидетельствует о том, что рост объёма инвестиций способствует росту реального ВВП.

**Литература**

1. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан [электронный ресурс] https://www.stat.tj/ru (дата обращения 03.04.2021)
2. Официальный сайт Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан [электронный ресурс] https://investcom.tj/(дата обращения 02.04.2021)
3. Макро-обзор ЕАБР [электронный ресурс] https://eabr.org/analytics/ceg-quarterly-reviews/aprel-2020-obnovlennyy-prognoz/ (дата обращения 03.04.2021)
4. Послание Президента Республики Таджикистан, Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» [электронный ресурс] http://www.prezident.tj/ru/node/25006 (дата обращения 01.04.2021)
5. Саидмуродов Л.Х. Основные направления улучшения инвестиционного климата в Республике Таджикистан/ Л.Х. Саидмуродов //Экономика Таджикистана. - 2019. - №1.- С.11-17.
6.Статистика иностранных инвестиций https://investcom.tj/ru/invest/investicionnaja-dejatelnost/print:page,1,107-statistika-inostrannyh-investicij.html (дата обращения 05.04.2021)
7. Хайитбоева Н.А. Развитие инвестиционной активности – фактор роста экономики региона / Н.А. Хайитбоева // Вестник Таджикского национального университета. Серия: Экономика.- 2018. - № 5 (53). - С. 190-195.
8. Ходжаев Х.А. Таджикистан в интеграционных процессах на экономическом пространстве СНГ: дисс. ….. канд. эконом. наук / Х.А. Ходжаев. - Худжанд, 2011. – 164 с.
9. Хакимов С.Н., Социально-экономическая сущность и принципы региональных инвестиций/ С.Н.Хакимов, М.С. Фасихов //Наука и образование сегодня. - 2019. - №4.- С.32-38.
10. Чуприн Д.А. Принципиальные характеристики глобализации международных экономических отношений //Концепт. 2018. №6 [электронный ресурс] URL: http://e-kon-cept.ru/2018/184028.htm.(дата обращения 30.03.2021)

**УДК: 339.543.(575.3)**

# РАВЗАНАИ ЯГОНАИ БАРАСМИЯТДАРОРИИ АМАЛИЁТҲОИ СОДИРОТИЮ ВОРИДОТӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ СОДИРОТИ КИШВАР

***Мираков Қудратулло Мирмуҳаммадович*** *– номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734041, ш. Душанбе, кӯчаи Б.Ғафуров 48/1, ҳуҷраи 42. Тел.: 918941220, e-mail:* mirakov54@mail.ru

***Давлатов Фаридун Сунатуллоевич*** *- ассистенти кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: н. Рудакӣ, Истиқлол 2, хонаи 314. Тел.: 904210868, e-mail:* fareedoon_ds@mail.ru

*Дар мақола муаллифон объект ва мавқеи ташкилию маъмурии низоми равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиётҳои содиротию воридотиро дар рушди содироти кишвар бо мақсади содагардонии расмиёти савдо шарҳ додаанд.*

*Ба андешаи муаллифон новобаста аз тадбирҳои андешидашуда, дар самти расмиёти савдо мушкилоти зиёди бюрократие ҷой доранд, ки субъектҳои содиротӣ ба монеаҳо рӯ ба рӯ мегарданд, ки ин вақти зиёдро барои гирифтани ҳуҷҷатҳо ва барасмиятдарорӣ мегирад.*

*Барои барасмиятдарории молҳои содиротӣ то ҳанӯз номгӯи зиёди ҳуҷҷатҳо ва гузаронидани амалиётҳо ҷой доранд, ки дар бисёр ҳолатҳо боиси нигаронии субъектҳои содироткунанда мегардад. Дар назар аст, ки дар заминаи фаъолияти самараноки «Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиётҳои содиротию воридотӣ ва транзитӣ» барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои воридотиву содиротӣ дар доираи шабакаи электронӣ амалӣ мегардад.*

*Муаллифон ба хулосае омадаанд, ки равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиётҳои содиротию воридотӣ дар рушди содироти кишвар ҷиҳати истифодаи унсурҳои низоми таҳлил ва идоракунии хавфҳо, декларатсияи электронии молҳо, ташкили низоми назорати минбаъдаи гумрукӣ*

*пас аз баровардани мол ва барои татбиқи афзалиятҳои стратегии маъмурияти гумрукӣ замина фароҳам меорад.*

***Калидвожаҳо:*** *барасмиятдорорӣ, содирот, воридот, транзит, содагардонӣ, расмиёти савдо, равзанаи ягона, идоракунии хавфҳо, маҳсулнокии меҳнат, коркард, саноатикунонӣ, ашёи хом, институтсионалӣ, субъект, фаъолияти гумрукӣ, декларатсия.*

## ЕДИНОЕ ОКНО ОФОРМЛЕНИЯ ЭКСПОРТНО-ИМПОРТНЫХ ОПЕРАЦИЙ И ЕГО РОЛЬ В РАЗВИТИИ ЭКСПОРТА СТРАНЫ

***Мираков Кудратулло Мирмухаммадович*** *– кандидат технических наук, доцент кафедры таможенного дела ТГФЭУ. Адрес: 734041, г. Душанбе, улица Б.Гафурова, 48/1, кв.42. Тел.: 918941220. E-mail: mirakov54@mail.ru*

***Давлатов Фаридун Сунатуллоевич*** *- ассистент кафедры таможенного дела ТГФЭУ. Адрес: район Рудаки, Истиклол-2, дом 314. Тел.:904210868. E-mail: fareedoon_ds@mail.ru*

*В статье авторы исследуют объект и предмет организационно-административных основ единого окна оформления экспортно-импортных и транзитных операций и его роль в развитии экспорта страны с точки зрения упрощения торговых процедур.*

*По мнению авторов, несмотря на принятые меры, в сфере торговых процедур существуют бюрократические сложности, с которыми сталкиваются субъекты экспорта, в частности - большие затраты времени для получения документов оформления.*

*Также для оформления экспортируемых товаров до сих пор требуется большой перечень товаров и ступеней, что вызывает беспокойство экспортирующих субъектов. Предполагается, что на основе эффективного функционирования «Единого окна оформления экспортно-импортных и транзитных операций», оформление документов по импорту и экспорту будет осуществляться в рамках единой сети электронным способом.*

*В заключении авторы отмечают, что единое окно оформления импортно-экспортных операций создает благоприятные условия для развития отечественного экспорта, применения элементов системы анализа и управления рисками, электронного декларирования, организации системы таможенного контроля после выпуска товаров, реализации стратегических приоритетов таможенного администрирования.*

***Ключевые слова:*** *оформление, экспорт, импорт, транзит, упрощение, процедуры торговли, управление рисками, производительность труда, обработка, индустриализация, сырье, институциональный, субъект, таможенное дело, декларация.*

## THE SINGLE WINDOW FOF THE REGISTRATION OF EXPORT-IMPORT TRANSACTIONS AND ITS ROLE IN THE DEVELOPMENT OF THE COUNTRY'S EXPORT

***Mirakov Kudratullo Mirmuhammadovich*** *- Candidate of Technical Sciences, Associate Professor of the Department of Customs, TSUFE. Address: 734041, Dushanbe, B. Gafurov street 48/1, apt. 42, tel.: 918941220, e-mail: mirakov54@mail.ru*

***Davlatov Faridun Sunatulloevich*** *- Assistant of the Department of Customs, TSUFE. Address: Rudaki district, Istiklol-2, house 314. Tel.: 904210868, e-mail: fareedoon_ds@mail.ru*

*In the article, the authors investigate the role of a single window for registration of import-export and transit operations in the development of a country's export in terms of simplifying trade procedures.*

*According to the authors, despite the measures taken, in the field of trade procedures, there are bureaucratic difficulties that export entities face, in particular, a large amount of time required to obtain registration documents.*

*Also, for the clearance of exported goods, a large list of goods and steps is still required, which causes concern for exporting entities. It is assumed that on the basis of the effective functioning of the "Single window for registration of export-import and transit operations, the registration of documents for import and export will be carried out within a single network electronically."*

*In conclusion, the author notes that a single window for registration of import-export and transit operations creates favorable conditions for the development of domestic exports, the use of elements of the risk analysis and management system, electronic declaration, the organization of a customs control system after the release of goods, the implementation of strategic priorities of customs administration.*

***Key words:*** *clearance, export, import, transit, simplification, trade procedures, risk management, labor productivity, processing, industrialization, raw materials, institutional, entity, customs, declaration.*

Дар ҷаласаи Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд карданд, ки: «Барои ноил гардидан ба ҳадафи чоруми стратегӣ-саноатикунонии босуръати кишвар истифодаи технологияҳои муосир, ки бо коркарди ашёи хоми ватанӣ, паст намудани талафоти истеҳсолӣ, сарфаи қувваи барқ, баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат ва дар ин замина таъмин кардани рақобатнокии истеҳсолоти ватанӣ нигаронида шудааст, зарур арзёбӣ мегардад»[1].

Чӣ тавре, ки маълумотҳои оморӣ нишон медиҳанд, аз соли 2019 барои воридоти ашёи хом ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ имтиёзҳои андозиву гумрукӣ пешбинӣ гардиданд, ки барои боз ҳам беҳтар намудани фазои соҳибкориву сармоягузорӣ шароит фароҳам меоранд.

Бинобар ин, соҳибкорону сармоягузорони миллиро зарур аст, ки аз ин имкониятҳо истифода бурда, ҷиҳати таъсиси коргоҳу корхонаҳои нави истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, воридоти техникаву технологияҳои муосир ва истеҳсоли маҳсулоти рақобатнок саъю талош варзанд.

Омӯзиши масъалаи рушди содирот нишон дод, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар баробари дигар самтҳои асосии иқтисоди хориҷӣ ба масъалаҳои таҳкими муносибатҳои содиротӣ, алалхусус, тақвияти чораҳои институтсионалии содирот, афзун намудани ҳаҷми содирот, диверсификатсияи маҳсулоти содиротӣ ва ҷуғрофияи содирот таваҷҷуҳи махсус дода шуда, масъалаҳои ҳавасмандгардонии содирот, тақвияти истеҳсоли маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда, содагардонии расмиёти савдо, такмили инфрасохтори нақлиётиву логистикӣ, рушди содироти хизматрасониҳо ва такмили низоми қонунгузории соҳа мавриди корбарии доимии мақомоти дахлдори давлатӣ қарор доранд.

Барои рушди содироти кишвар корҳои зеринро бояд ба сомон расонид:

- озод майлгирии субъектҳои содиротӣ;
- зиёд шудани шиддати кӯшишҳои кормандони мақомоти гумрук (V);

$$V=q/t$$

аз ин ҷо q – ҳаҷми содирот (миқдори борҳо);

t- вақти хизматрасонии гумрукӣ.

- баробар намудани ҳаҷми содирот ба кӯшишҳо ва вақти кории гумрукӣ;

$$Q = txv$$

- халал нарасонидан ба вақти хизматрасонии гумрукӣ (t);
- оқибатҳои манфӣ доштани таъсиррасонӣ ба кӯшишҳои кормандони мақомоти гумрук (V) аз ҳисоби зиёдшавии воридот

Бо мақсади воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми муосири муносибатҳои байналмилаии иқтисодӣ ва созгор намудани иқтисоди миллӣ бо иқтисодиёти ҷаҳон, таҳкими иқтидори содиротӣ ва васеъ намудани имкониятҳои савдои хориҷии кишвар якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои соҳавӣ таҳия гардида, мавриди амал қарор доранд, аз ҷумла Барномаи мутобиқгардонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар узвият ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ», «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ», «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор», «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи назорати содирот», «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» ва дигар барномаҳои соҳавӣ.

Мусаллам аст, ки тайи солҳои охир бо мақсади амалӣ намудани сиёсати гумрукӣ, мусоидат ба рушди савдои хориҷии мамлакат ва таҳкими минбаъдаи муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарикони хориҷӣ аз ҷониби Хадамоти гумрук чораҳои мушаххас андешида шуда истодаанд.

Бо мақсади мутобиқсозии пурраи самтҳои фаъолияти гумрукӣ ба меъёрҳои ҷаҳонӣ, дар заминаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 Барномаи миёнамуҳлати рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024 таҳия ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2019 таҳти №537 тасдиқ гардид.

Барои дар амал татбиқ намудани Барнома, ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва дар ин замина бартараф намудани монеаҳои мавҷуда дар самти баланд бардоштани самаранокии фаъолияти гумрукӣ, бунёд ва таҷдиди дидбонгоҳҳои гумрукӣ ва муҷаҳҳазгардонии онҳо бо воситаҳои техникии назорати гумрукӣ, баланд бардоштани иқтидори барасмиятдарории гумрукии молу воситаҳои нақлиёт дар мақомоти гумрук ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо шарикони рушдро ба роҳ мондан лозим аст.

Бо мақсади мутобиқ намудани Кодекси гумрук ба принсип ва меъёрҳои байналмилалӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 январи соли 2020 таҳти

№1678 ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид гардида, боби нав (боби 8) оид ба ҷорӣ намудани консепсияи «Танзимгари ваколатдори иқтисодӣ» (Иштирокчии боэътимоди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ) илова карда шуд.

Боби мазкур мафҳуми "Танзимгари ваколатдори иқтисодӣ", шартҳои додани мақоми "Танзимгари ваколатдори иқтисодӣ" ба шахси ҳуқуқӣ, дохил намудани он ба Феҳрист, додани шаҳодатнома, бозхондани он, содагардонии махсуси ба "Танзимгари ваколатдори иқтисодӣ" пешниҳодшаванда ва дигар масъалаҳои марбут ба танзимгари ваколатдори иқтисодиро дар бар мегирад.

Мутобиқи меъёри мазкур дар ҷумҳурӣ гурӯҳи шахсони ҳуқуқии ватанӣ ташкил мешавад, ки тибқи қонунҳои амалкунанда фаъолият намуда, расмиёти содагардонидашудаи махсуси барасмиятдарории гумрукиро истифода мебаранд ва ба “рӯйхати сафед” ворид карда мешаванд. Ба иштирокчии боэътимоди бозор, ки ба “рӯйхати сафед” ворид мешавад ва дар Кодекси гумрук “Танзимгари ваколатдори иқтисодӣ” номида шудааст, содагардонии махсуси зерин дар рафти барасмиятдарории гумрукӣ пешниҳод мегардад:

- дар навбати аввал анҷом додани амалиёти гумрукӣ вобаста ба интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дар навбати аввал гузаронидани назорати гумрукӣ дар шакли азназаргузаронии гумрукӣ ё муоинаи гумрукӣ;
- нигаҳдории муваққатии мол дар биноҳо, майдончаҳои кушода ва дигар ҳудудҳои худи Танзимгари ваколатдори иқтисодӣ;
- иҷозати мол то пешниҳоди декларатсияи гумрукӣ;
- анҷом додани амалиёти гумрукӣ марбут ба иҷозати мол дар биноҳо, майдончаҳои кушода ва дигар ҳудудҳои худи Танзимгари ваколатдори иқтисодӣ;
- пешниҳод накардани таъмини иҷрои ӯҳдадории пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ҳангоми ҷойгир намудани мол таҳти расмиёти гумрукии транзити дохилии гумрукӣ ва ҳангоми иҷозати моле, ки нисбат ба он Танзимгари ваколатдори иқтисодӣ ҳамчун декларант баромад мекунад.

Ворид гардидани боби нав Кодекси гумрукро ба принсип ва меъёрҳои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (ВТО) ва Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳамоҳангсозӣ ва содагардонии расмиёти гумрукӣ (Конвенсияи Киото аз 18 майи соли 1973) мутобиқ гардонида, ҷиҳати кам кардани монеаҳои маъмурию техникӣ дар содироту воридот, дастгирии иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, содагардонии барасмиятдарорӣ ва ташкили назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт бо назардошти талабот, хусусиятҳо ва равандҳои байналмилалии пешбурди фаъолияти гумрукӣ ба зиёд шудани гардиши мол ва воридоту содирот заминаи мусоид фароҳам меорад.

Баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии маҳсулот дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ ҳамчун омили муҳимтарини рушди содирот ба ҳисоб рафта, сифати маҳсулот мутобиқи меъёрҳо ва стандартҳои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, Иттиҳоди Иқтисодии Авруосиё ва дигар бозорҳои эҳтимолӣ баланд шуд, бастабандӣ, тамғагузорӣ ва брендинг, ҷорӣ намудани инноватсия дар истеҳсоли ба содирот нигаронидашуда беҳтар гардид, таъминоти моддӣ, инфрасохтори нақлиёт ва идоракунии сифат такмил ёфтанд.

Дар баробари тадбирҳои андешидашуда, дар самти рушди институтсионалии содирот норасоиҳо ва камбудиҳо доир ба заминаи меъёрии ҳуқуқии рушди содирот, расмиёти савдо, сохторҳои мусоидат ба содирот, рушди неруи инсонӣ ва тарбияи кадрҳо ҷой доранд.

Боиси зикр аст, ки таҳкими тадбирҳои рушди институтсионалии содирот самтҳои зеринро дар бар мегирад, аз ҷумла:

- такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии рушди содирот;
- ташаккул додани Низоми миллии дастгирӣ ва рушди содирот;
- ташкили кластерҳои калидии миллии содиротӣ.

Бояд тазаккур дод, ки амалишавии тадбирҳои болозикр дар доираи лоиҳаи нави Барномаи давлатии рушди содирот барои солҳои 2021-2025 пешбинӣ шудаанд.

Бо мақсади фароҳам овардани фазои мусоиди ҳуқуқӣ барои фаъолияти босамари низом, бо пешниҳоди Хадамоти гумрук ва Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон”, «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» қабул гардид.

Дар қонун мафҳумҳои нав оид ба низоми иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, дархост, қабул, эътироф, коркард, мубодила ва пешниҳоди электронии ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ва сертификат аз тарафи мақомоти дахлдор ба иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ тавассути низоми иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, инчунин, ҳамгироии байниидоравии электронӣ ба воситаи низом илова гардидаанд.

Бо истифода аз низом, соҳибкор метавонад аз нуқтаи гуногуни ҷаҳон дархости шаклаш ягона ва замимаҳои зарурииро ҷиҳати ба даст овардани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ва сертификат, ки барои барасмиятдарории гумрукӣ пешниҳод мешаванд, ирсол карда, барнома автоматӣ вобаста ба намуди моли ворид ё содиршаванда онро ба мақомоти алоқаманд равон менамояд.

Дар доираи низом ба ҳар як иштирокчии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва намояндагони он (ширкати брокерӣ) утоқи электронӣ кушода шуда, дар бахши омори он шумора, таърих ва вақти ирсоли дархост ба мақомот, инчунин, санаи гирифтани иҷозат ва сертификатҳо дарҷ мегарданд. Дар утоқи электронӣ имконияти бойгонӣ кардани маводҳои ба низом воридшуда мавҷуд буда, дар ҳолати зарурӣ соҳибкор метавонад аз онҳо дубора истифода намояд. Роҳбари мақомот ва ширкати тиҷоратӣ метавонад ваколати ворид ба низомро ба корманди худ дода, амалҳои ӯро дар реҷаи мустақим назорат кунад.

Тибқи талаботи қарори дар боло зикршуда, пешниҳоди ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ва сертификат ба иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ аз тарафи Кумитаи бехатарии озуқаворӣ, Маркази миллии ташхиси бехатарии озуқаворӣи Кумитаи бехатарии озуқаворӣ, Кумитаи ҳифзи муҳити зист, Хадамоти алоқа, Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо, Палатаи савдо ва саноат, Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёти Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии амнияти ядрой ва радиатсионии назди Академияи миллии илмҳо, Нозироти давлатии иёргирии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври электронӣ сурат гирифта истодааст.

Низоми равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиётҳои содиротию воридотӣ ва транзитӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ нахустин маротиба ҷорӣ шуда, дар як макон дастрас намудани 22 ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ аз 11 мақомоти давлатию ҷамъиятӣ таҷрибаи нодир арзёбӣ мегардад.

Роҳҳои содагардонии расмиёти убур аз сарҳади давлатӣ дар сатҳи хадамоти гумрук byhjzyl:

- содагардонии талабот нисбат ба ҳуҷҷатҳое, ки дар сарҳад пешниҳод карда мешаванд;
- мубодилаи иттилоот дар байни мақомоти гумрук оид ба талабот нисбат ба ширкаткунандагони ФИХ барои таъмини мувофиқати онҳо ба талаботи кишварҳои дигар;
- эътирофи мутақобилаи ҳуҷҷатҳои гумрукӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо дар минтақаи Осиёи Марказӣ;
- гузаронидани назорати муштарак (байналмилалӣ) тибқи принсипи «як истгоҳ, як равзана»;
- истифода бурдани воситаҳои техникии навтарин барои гузаронидани назорати гумрукӣ.

Амалӣ намудани низоми Равзанаи ягона чунин натиҷаҳо медиҳад:

- ихтисор ёфтани вақте, ки ширкаткунандагони фаъолияти савдои хориҷӣ ҳангоми убур аз сарҳад сарф мекунанд;

- афзудани қобилияти боргузаронии нуқтаҳои гузаргоҳи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби мавриди баҳрабардорӣ қарор додани нуқтаҳои гузаргоҳи нав ва таҷдиди нуқтаҳои гузаргоҳи наздисарҳадии мавҷудбуда;

- кумак дар татбиқи сиёсати самараноки тиҷоратӣ ва ҷалби сармоя;

-пешгирӣ ва коҳиш додани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ дар фаъолияти мақомоти назораткунанда.

Ҳамин тавр, мавриди амал қарор додани низоми «Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротию воридотӣ» ба раванди амалигардонии

консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ, сода ва шаффоф намудани расмиёти савдои хориҷӣ ва хизматрасонии давлатӣ, инчунин, беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ мусоидат хоҳад кард. Аз назари мо, барои минбаъд беҳтар гардонидани ҳаҷм ва таркиби гардиши молу воситаҳои нақлиёт дар сатҳи байналмилалӣ, истифода бурдан аз фишангҳои иқтисодӣ хело зарур мебошад.

**Адабиёт**

1. Долони содагардонидашудаи гумрукӣ//Маҷаллаи гумрук. – Душанбе: КВД “Матбаа”-и Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2020.-№2(46). - С. 24-29.
2. Мираков Қ.М. Назария ва амалияи фаъолияти гумрук. Китоби дарсӣ/ Қ.М.Мираков, А.Б.Муминов, О.Д.Шомудинов. – Душабе: Матбааи “Баҳманруд”, 2020. - 472 с.
3. Равзанаи ягона расман фаъолиятро оғоз намуд// Маҷаллаи гумрук. –Душанбе: КВД “Матбаа”-и Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2020с. - №3(51). - С. 13-16.
4. Раҳимзода Б. К. Нақш ва мавқеи равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиётҳои содиротию воридотӣ ва транзитӣ дар рушди содироти кишвар /Б.К.Раҳимзода // Маводҳои мизи мудаввар дар мавзӯи “Татбиқи низоми иттилоотии равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротӣ, воридотӣ ва транзитӣ ва нақши мақомоти салоҳиятдор дар татбиқи он” (ш. Душанбе, 27 ноябри соли 2020) –Душанбе, 2020. –С.2-6.
5. Тафсири Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон зери таҳрири генерал-майори хадамоти гумрук Раҳматов Неъматбой Сангинович. – Душанбе: КВД «Матбаа»-и Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2020 с. - 808 с.

---

**УДК: 364.4 (575.3)**

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ СОҲИБКОРИИ ИҶТИМОӢ

***Буриева Мастура Чориевна*** *- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.: 987-33-01-49. E-mail:mastura-1975@mail.ru*

***Ҳакимов Матлабшоҳ Абдумаликович*** *– ассистенти кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.: 985- 09- 82-89. E-mail: Hakimov MA@mail.ru*

*Дар мақола таърихи пайдоиш, рушд ва ақоиди мухталифи олимон оид ба саҳибкории иҷтимоӣ баррасӣ гардидааст. Дар баробари ин, фарқият байни соҳибкории анъанавӣ аз соҳибкории иҷтимоӣ, хусусиятҳои фарққунандаи намудҳои алоҳидаи фаъолияти соҳибкорӣ муайян карда шуда, дар хусуси нақш ва мақоми соҳибкории иҷтимоӣ дар рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ асоснок карда шудааст. Дар асоси тадқиқоти анҷомшуда, собит шудааст, ки соҳибкории иҷтимоӣ дар давлатҳои пешрафтаи саноатӣ тараққӣ карда, аз ҷумлаи самтҳои муҳими рушди муносибатҳои соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад. Дар мақола ҳадафҳои асосии соҳибкории иҷтимоӣ, меъёрҳои муайянкунандаи он ва самтҳои асосии рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *соҳибкорӣ, соҳибкории иҷтимоӣ, соҳибкории анъанавӣ, мушкилоти иҷтимоӣ, корхонаҳои иҷтимоӣ, сармояи иҷтимоӣ, корхона, инноватсия, тиҷорат.*

# ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ СОЦИАЛЬНОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА

***Буриева Мастура Чориевна*** *- кандидат экономических наук, доцент, заведующая кафедрой международных финансовых и кредитных отношений Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Тел.: 987-33-01-49. E-mail: mastura-1975@mail.ru*

***Хакимов Матлабшох Абдумаликович*** *- ассистент кафедры международных финансовых и кредитных отношений Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Тел.: 985-09-82-89. E-mail: Hakimov M_A@mail.ru*

*В статье рассматривается история возникновения, развития и взгляды различных ученых на социальное предпринимательство. При этом выявляются и обосновываются отличия традиционного предпринимательства от социального предпринимательства, отличительные особенности отдельных видов предпринимательской деятельности, а также роль и значение социального предпринимательства в развитии общественных отношений. По результатам исследования показано, что социальное предпринимательство развивается в индустриально развитых странах и является одним из важнейших направлений развития предпринимальеских отношений. В статье обоснованы основные задачи социального предпринимательства, определяющие критерии и основные направления его развития в Республике Таджикистан.*

***Ключевые слова:*** *предпринимательство, социальное предпринимательство, традиционное предпринимательство, социальные проблемы, социальные предприятия, социальный капитал, предприятие, инновация, бизнес.*

## THEORETICAL FOUNDATIONS OF THE FORMATION OF SOCIAL ENTREPRENEURSHIP

***Burieva Mastura Chorievna*** *- Candidate of Economic Sciences, docent, Head of the Department of International Financial and Credit Relations, Tajik State Financial and Economic University. tel: 987-33-01-49, E-mail: mastura-1975@mail.ru*

***Hakimov Matlabshoh Abdumalikovich*** *- Assistant of the Department of International Financial and Credit Relations of the Tajik State Financial and Economic University. tel: 985-09-82-89, E-mail: Hakimov _M_A@mail.ru*

*The article examines the history of the emergence, development and views of various scientists on social entrepreneurship. At the same time, the differences between traditional entrepreneurship and social entrepreneurship, the distinctive features of certain types of entrepreneurial activity, as well as the role and importance of social entrepreneurship in the development of social relations are identified and substantiated. According to the results of the study, it is shown that social entrepreneurship is developing in industrially developed countries and is one of the most important directions in the development of business relations. The article substantiates the main tasks of social entrepreneurship, which determine the criteria and main directions of its development in the Republic of Tajikistan.*

***Key words:*** *entrepreneurship, social entrepreneurship, traditional entrepreneurship, social problems, social enterprises, social capital, enterprise, innovation, business.*

Марҳилаи муосири рушд бо тағйиротҳои куллии низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ тавсиф карда мешавад. Вобаста ба ин, вазъи муосир дар Тоҷикистонро метавон бо мавҷудияти якчанд категорияи шаҳрвандон аз ҳам ҷудо кард, ки мақоми онҳоро аз ҷиҳати иҷтимоӣ ноустувор баҳогузорӣ намудан мумкин аст. Ба ин категорияҳо муҳоҷирони бозгашта, ашхоси имконияташон маҳдуд, занон ва ҷавононро ворид кардан мумкин аст. Бозгашти муҳоҷирони меҳнатӣ ба кишвар аксар вақт бо набудани дастгириии мақсадноки давлат, инчунин, мушкилот дар ҳамгироии касбӣ дар кишвар, яъне таъмин набудан ба шуғли доимӣ идома меёбад. Ин падидаҳо ба хавфҳои эҳтимолӣ дучор шуда, метавонанд бо афзоиши сатҳи норозигии иҷтимоӣ нисбат ба категорияи зикргардидаи шаҳрвандон алоқаманд бошанд. Бо мақсади паст намудани сатҳи ин хавфҳои эҳтимолӣ, ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли масъалаҳои рушди соҳибкорӣ, яъне рушди соҳибкории иҷтимоӣ, аз ҷумла, ҳавасманд намудани корфармоён барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ муҳим боқӣ мондааст.

То имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастовардҳои назаррас дар самти иқтисодӣ – иҷтимоӣ ноил шуда, асоси некуаҳволии иқтисодиву иҷтимоӣ, ин динамикаи мусбии ММД дар кишвар мебошад. Ба ақидаи муҳаққиқони ватанӣ: «дар шароити бозор соҳибкорӣ ва муносибатҳои соҳибкорӣ ба равандҳои иҷтимоӣ таъсир расонида, масъалаҳои муҳими иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии рушд ҳал мекунанд, ҷаҳонбинии навро ҳам дар истеҳсолкунандагон ва ҳам дар истеъмолкунандагон ташаккул медиҳанд» [4, с. 188].

Бояд қайд кард, ки сарфи назар аз афзоиши муътадили ММД ва пешрафти бахшҳои гуногун, мушкилоти муайяни иҷтимоию иқтисодӣ ҳамчунон шадид боқӣ монда, онҳо бо рушди бозори меҳнат, алалхусус, барои категорияи осебпазири шаҳрвандон алоқаманд мебошанд.

Дар робита бо ин, рушди фаъолияти соҳибкорӣ, соҳибкории оилавӣ ва мустақилона фаъолият намудан (худмашғулӣ) барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоят муҳим аст. Яке аз роҳҳои ҳалли мушкилоти ташкили ҷойҳои нави корӣ ва ҳалли масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ, метавонад рушди соҳибкории иҷтимоӣ бошад. Соҳибкории иҷтимоӣ фаъолиятест, ки ибтидо ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоии ҷомеа дар заминаи худтаъминкунӣ ва устуворӣ равона карда шудааст. Аслан, инро ҳалли тиҷории мушкилоти иҷтимоӣ ҳисобидан дуруст аст. Ба мушкилоти иҷтимоӣ метавон майзадагӣ, маъюбӣ, ба кор таъмин намудани собиқ маҳбусон, бандитизм, каҷрафторӣ, бекорӣ, бехонагӣ, мушкилоти пиронсолон, ифлосшавии ҳифзи муҳити зист, нобаробарии иҷтимоӣ, бемориҳои гуногун, гуруснагӣ ва ғайраро дохил намуд.

Бояд қайд кард, ки сатҳи баланди шуури ҷамъиятӣ дар кишварҳои пешрафта боиси ташаккули шакли нави фаъолияти соҳибкорӣ – соҳибкории иҷтимоӣ гардид, ки ба ҳалли мушкилоти мубрами иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Барои дарки амиқи моҳияти соҳибкории иҷтимоӣ, пайдоиш ва рушди онро таҳлил намудан лозим аст. Соҳибкории иҷтимоӣ бо назарияи умумии соҳибкорӣ асос ёфта, ба принсипҳои

бунёдии он такя мекунад. Таҳаввулоти ақидаҳо оид ба соҳибкорӣ гуногун ва бо ҳам мухолиф буда, муҳаққиқон ва асосгузорони ин консепсияҳо аслан Томас Гоббс, Ричард Кантилон, Адам Смит, Жан Батист Сей мебошанд.

Тафсироти соҳибкорӣ аз тарафи олимони мухталиф арзёбӣ гардидааст, аз ҷумла файласуфи англис Томас Гоббс соҳибкориро ҳамчун фаъолияте ҳисобидааст, ки фоидаи иҷтимоӣ меорад [2]. Ричард Кантилон аввалин бор истилоҳи «соҳибкор»-ро ба инқилоби илмӣ ворид намуда, шахсеро дар назар дорад, ки таваккал карда, бо нархи муайян харидорӣ намуда, бо нархи номуайян мефурӯшад [10]. Адам Смит қайд кардааст, ки соҳибкорон шахсиятҳои калидӣ дар соҳаи рақобат буда, онҳо боиси коҳиши хароҷот, пастшавии нархҳо, ҷоринамоии технологияҳои нав мегарданд [8].

Мафҳуми «соҳибкории иҷтимоӣ» бо туфайли кӯшишҳои муҳаққиқ ва асосгузори ташкилоти «Ashoka» Билл Дрейтон ва Чарлз Лидбитер (рӯзноманигор, таҳлилгари британӣ ва муаллифи як қатор китобҳо оид ба тамоюлҳои нав ва моделҳои инноватсионӣ дар иқтисод) дар солҳои 80-уми асри гузашта васеъ истифода шудааст. Соҳибкории иҷтимоиро ҳамчун навъи фаъолият ва фанни илмӣ дар охири солҳои 1990 Грегори Диз аввалин шуда, муаррифӣ намудааст [1].

Грегори Диз асосгузор ва директори Маркази рушди соҳибкории иҷтимоӣ дар донишгоҳи Дюкаи ИМА, қайд менамояд, ки соҳибкорони иҷтимоӣ ҳамеша буданд, аммо касе онҳоро ҳамчун як шакли алоҳидаи фаъолият ҷудо намекард [15].

М.Л.Баталин яке аз мутахассисони рус дар самти соҳибкории иҷтимоӣ қайд мекунад, ки худидоракунии ҷамъиятии асри XVIII дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, яъне замоне ки ташкилотҳои худидоракунӣ ва хайрия дар намудҳои гуногун барои ҳалли масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ таъсис дода шуда буданд, метавонад як пешравии дурахшони соҳибкории муосири иҷтимоӣ ҳисобида шавад [6].

Н.И.Зверева, иқтисодшиноси рус, мутахассиси соҳаи соҳибкории иҷтимоӣ, директори фонди «Наше будущее», соҳибкории иҷтимоиро ҳамчун механизме меҳисобад, ки метавонад ба сифтаи ченаки иҷтимоии навсозии кишвар баромад кунад [3].

Соҳибкории иҷтимоӣ аз бисёр ҷиҳатҳо бо дигар шаклҳои мавҷудаи кумак ҳамсарҳад аст. Мутахассиси пешбари гурӯҳи «ЦИРКОН» Н.П. Возжова қайд мекунад, ки соҳибкории иҷтимоӣ дар байни соҳаҳои соҳибкории анъанавӣ ва хайрия мавқеъ дорад [6].

Соҳибкории иҷтимоӣ ҳамчун манбаи муҳими иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологӣ дониста шуда, тадқиқотҳои зиёде аз тарафи олимон дар ин самт гузаронида мешаванд. Олимон таҳаввулоти соҳибкории иҷтимоиро баррасӣ карда, мафҳум, моҳият, хусусият ва муҳимияти онро таҳлил намуда, хусусиятҳои корхонаҳои иҷтимоиро тасниф намуда, дар ин замина, намудҳои соҳибкории иҷтимоиро муқаррар кардаанд. Омӯзиши асосҳои назариявӣ ва фарқияти тафсири соҳибкории иҷтимоӣ тавассути тадқиқотҳои илмӣ ба роҳ монда шуда, омӯзиши омилҳои ба рушду инкишофи корхонаҳои иҷтимоӣ таъсиррасон мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд.

Айни замон соҳибкории иҷтимоӣ дар бисёр мамлакатҳои дунё, хусусан, дар Амрико, Британияи Кабир, Испания, Ҳиндустон, Миср, Лаҳистон, Россия, Қирғизистон ва дигар кишварҳо рушд ёфта истодааст. Ин намуди фаъолияти соҳибкорӣ дар Британияи Кабир, Олмон ва Нидерландия бомуваффақият рушд ёфта, дар ин кишварҳо фаъолияти соҳибкорӣ бо истифода аз усулҳои инноватсионӣ дар истеҳсолот, фурӯш ва хизматрасонии дорои аҳамияти иҷтимоӣ равона карда шудааст. Соҳибкорони иҷтимоӣ дар ин кишварҳо ҳамкориҳои зиҷро бо маъмурон ва ҳукуматдорон, ки дар муҳокимаи масоили муҳими рушди низоми шаҳрдорӣ ва минтақа фаъоланд, ба роҳ мондаанд.

Ба гурӯҳи олимон – тадқиқотчиёни хориҷӣ, ки ба омӯзиши масоили моҳият ва рушди соҳибкории иҷтимоӣ машғуланд, Г.Диз, Г.Стивенсон, Д.Томпсон, Д.Маир, Д.Остин, А.Николс, С.Захра ва дигарон дохил мешаванд. Дар таҷрибаи муосири Россия бошад, тадқиқотҳо дар ин самт аз тарафи директори “Маркази соҳибкории иҷтимоӣ ва инноватсияҳои иҷтимоӣ” А.Московская, директори «Идораи лоиҳаҳо дар соҳаи соҳибкории иҷтимоӣ» Ю.Е.Благов, М.Баталина, М.Тарадина ва дигарон гузаронида мешаванд.

Инчунин, ҷомеашиноси Британиё, арбоби ҷамъиятӣ ва сиёсатмадор Майкл Янг дар солҳои 1950-1990 дар рушди соҳибкории иҷтимоӣ нақши муассир гузоштааст. Ҷомеашинос ва публисисти амрикоӣ, асосгузори назарияи ҷомеаи постиндустриалӣ,

профессори донишгоҳи Гарвард, Дэниэл Белл, Янгро ҳамчун соҳибкори муваффақ дар самти ташаббусҳои иҷтимоӣ ҳисобидааст. Зеро нақши ӯ дар таъсис додани беш аз 60 ташкилот дар саросари ҷаҳон, аз ҷумла якчанд мактаби иҷтимоӣ дар Британияи Кабир мусбӣ эътироф карда мешавад [1].

Ғайр аз ин, рӯйдоди муҳиме, ки соли 2006 - ум барои рушди консепсияи соҳибкории иҷтимоӣ ба вуқуъ омад, супоридани ҷоизаи ҷаҳонии Нобел ба соҳибкори иҷтимоӣ – асосгузори Бонки Грамин (Grameen Bank) Муҳаммад Юнус мебошад [14]. Муаррифӣ ва супоридани ҷоизаи мазкур боиси пайдошавии таваҷҷуҳи хосаи илмӣ ба ин соҳа гардида, оғоз аз соли 2006 - ум асарҳо ва корҳои илмии зиёде дар ин самт таълиф ёфтаанд.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ, соҳибкории иҷтимоӣ фаъолиятест, ки ҷорӣ намудани инноватсияро бо ҳадафҳои муайяни иҷтимоӣ барои ба даст овардани фоида дар ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар бар мегирад. Қайд кардан бамаврид аст, ки тафсири умумӣ оид ба ин навъи фаъолият вуҷуд надошта, ин мафҳум дар адабиёт бо тарзҳои мухталиф шарҳ дода мешавад.

Омӯзиши паҳлуҳои гуногуни назариявии соҳибкории иҷтимоӣ имкон медиҳад, то мафҳум ва далелҳои пешниҳоднамудаи муҳаққиқонро дар ин самт мавриди омӯзиш қарор диҳем. Соҳибкории иҷтимоӣ фаъолият ё раванди соҳибкорие мебошад, ки имконияти шарикии омехтаро (гибрид) барои муқаррар намудани масъулияти иҷтимоӣ ва ҳалли мушкилот дар низоми ҳифзи иҷтимоӣ, фароҳам овардани дигаргуниҳои мунтазами иҷтимоӣ ва тавлиди арзишҳои ҷамъиятӣ бо ташкили созмонҳои нав ё усулҳои инноватсионии идоракунии созмонҳои мавҷуда фароҳам меорад[9, с.15].

Дар айни замон олимон омӯзиши моҳият ва мафҳуми соҳибкории иҷтимоиро идома дода, консепсия ва асосҳои назариявии онро муайян карда, ҳудудҳо, таснифот ва самтҳои фаъолияти онро таҳлилу баррасӣ менамоянд [16, с. 14]. Аз нигоҳи мо, шарҳи мухтасари соҳибкории иҷтимоиро дар чунин шакл баён кардан мумкин аст: "соҳибкории иҷтимоӣ - ин фаъолиятест, ки ба ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ равона шуда, асоси онро зуҳури ташаббус дар ҳалли мушкилоти категорияҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир ташкил медиҳад. Соҳибкории иҷтимоӣ ташкилоти хайриявӣ набуда, ин намуди фаъолият ба устувории молиявӣ тавассути пешниҳоди хидматҳо ё фурӯши молҳо асос ёфтааст".

Ҳамин тариқ, соҳибкории иҷтимоӣ имконият медиҳад, ки мушкилоти иҷтимоӣ, тавсеаи сарчашмаҳои даромад ва тақвияти механизмҳои ҳифзи манфиатҳои иҷтимоӣ ҳаллу фасл карда шаванд. Ҳамзамон, дастгирии рушди соҳибкорӣ «омили калидии ташкили ҷойҳои корӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад» [5].

Вобаста ба ин, тафовут байни соҳибкории иҷтимоӣ ва анъанавиро муҳаққиқон дар самтҳои зерин муайян кардаанд: ҳадафе, ки тағйироти иҷтимоиро дар ҷомеа тавассути арзишҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ таъмин мекунад; татбиқи мақсадҳои корхонаҳои иҷтимоӣ, ки хизматрасониҳоеро амалӣ менамоянд, ки тавассути бахши хусусӣ ва давлатӣ қонеъ кардан ғайриимкон аст. Тафовути асосӣ байни соҳибкории иҷтимоӣ ва анъанавӣ на дар тақсими арзиш, балки дар офариниш ва тавлиди он мебошад [9, с. 9]. Дар ҷадвали 1 тафовут байни соҳибкории анъанавӣ ва иҷтимоӣ ба таври мухтасар нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 1. - Муқоисаи соҳибкории анъанавӣ ва иҷтимоӣ**

| Намуди соҳибкорӣ | Самти фаъолият | Ҳадафи нигаронидашуда | Арзёбии натиҷаи фаъолият |
|---|---|---|---|
| **Анъанавӣ** | Ташкили арзишҳои иқтисодӣ барои соҳиб-корон ва сармоягузорон | Имконияти гирифтани фоида (даромад) | Фоида; даромади аъзоён |
| **Иҷтимоӣ** | Ташкили арзишҳои иҷтимоӣ барои гирандагони кумакҳои иҷтимоӣ; | Имконияти илова намудани арзиши иҷтимоӣ | Қонеъгардонии эҳтиёҷоти иҷтимоӣ;<br>таъсир ба ҷомеа; дигаргуниҳои иҷтимоӣ;<br>беҳтаршавии вазъи қишрҳои осебпазири ҷомеа |

***Сарчашма:*** *Коркарди муаллифон.*

Фарқияти асосӣ дар он аст, ки соҳибкори иҷтимоӣ ба иҷрои рисолати иҷтимоӣ тамаркуз мекунад, дар ҳоле ки соҳибкори анъанавӣ барои ширкат фоида ба даст овардан мехоҳад. Ҳамин тариқ, соҳибкории анъанавӣ, дар навбати худ, барои ба даст

овардани фоида нигаронида шуда, соҳибкории иҷтимоӣ бошад, кӯшиши мушкилоти иҷтимоиро ҳал намудан ва гирифтани даромадро дорад, ё ҳадди ақал худмаблағгузор мебошад.

Дар таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ вобаста ба дарки мафҳуми соҳибкории иҷтимоӣ меъёрҳои муайянеро барои муаррифӣ намудани соҳибкории иҷтимоӣ ба кор мебаранд. Масалан, дар шабакаи Маркази сертификатии корхонаҳои иҷтимоии «Наше будущее» маълумотҳое мавҷуданд, ки Маркази сертификатсияи корхонаҳои иҷтимоӣ тибқи меъёрҳои махсуси арзёбии корхонаҳои иҷтимоӣ корбарӣ мекунад (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. - Меъёрҳои муайянкунандаи соҳибкории иҷтимоӣ**

| Меъёрҳои муайянкунандаи соҳибкории иҷтимоӣ мувофиқи талаботҳои Маркази сертификатии корхонаҳои иҷтимоии «Наше будущее» | |
|---|---|
| **1** | Ҳадафҳои таъсис ва фаъолияти корхона (миссия), инчунин, риояи кодекси ахлоқии соҳибкории иҷтимоӣ бояд дар Оинномa инъикос ёбанд. |
| **2** | Зиёда аз 70% даромади ташкилот бояд аз ҳисоби фурӯши мол ё хидматрасонӣ ба даст оварда шавад. |
| **3** | Ҳадди ақал 65% фоида тибқи оинномa бояд ба мақсадҳои иҷтимоӣ - экологӣ равона карда шавад. |
| **4** | Таъмини натиҷаҳои андозагирифта барои ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ - экологӣ. |

***Сарчашма:*** *Маркази сертификатии корхонаҳои иҷтимоии «Наше будущее».*

Дар асоси ҷавобгӯ будани корхонаҳо ба меъёрҳои мазкур, онҳо ба қайд гирифта мешаванд. Дар сурати ба яке аз меъёрҳои болозикр ҷавобгӯ набудан корхона иҷтимоӣ ҳисобида нашуда, ба феҳристи корхонаҳои иҷтимоӣ дохил карда намешавад.

Дар таҷрибаи муосири Тоҷикистон соҳибкории иҷтимоӣ падидаи нав ба ҳисоб рафта, ин шакли фаъолият то кунун бо таври мукаммал вуҷуд надошта, меъёрҳои муайян низ барои фарқ намудани ин навъи фаъолият вуҷуд надорад.

Мувофиқи Кодекси андози Ҷумҳруии Тоҷикистон (моддаҳои 110, 274 ва 278) баъзе имтиёзҳо барои ин навъи фаъолият дода шудаанд. Ба ақидаи мо, имтиёзҳои андозии муқарраршуда ҳамчун замина барои рушди фаъолияти соҳибкории иҷтимоӣ мусоидат хоҳанд кард. Дар моддаҳои 110, 274 ва 278-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони ҳуқуқие, ки 50%-и шумораи кормандонашон афроди имконияташон маҳдуд, яъне маъюбон мебошанд, аз имтиёзҳои муқарраргардида бархурдор мебошанд. Ба ақидаи муаллиф, имтиёзҳои дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон зикргардидаро метавон ҳамчун меъёри муайянкунандаи соҳибкории иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб намуд. Баъзе хусусиятҳои муқоисавии раванди тиҷорат дар соҳибкории иҷтимоӣ ва анъанавӣ дар ҷадвали 3 оварда шудааст.

**Ҷадвали 3. - Хусусиятҳои муқоисавии раванди тиҷорат дар соҳибкории иҷтимоӣ ва анъанавӣ**

| | **Дар соҳибкории анъанавӣ** | **Дар соҳибкории иҷтимоӣ** |
|---|---|---|
| **Раванди тиҷорат** | Афзоиши ҳаҷми фурӯш | Афзоиши фарогирии тақсимоти иҷтимоӣ, |
| | Ташвиқот бурдан барои харидорӣ | Ташвиқот бурдан барои амал |
| | Муттасилӣ, пайдарпаии қатъии амалҳо | Худтанзимкунӣ, истифодаи бизнес - моделҳо |
| | Кӯшиш барои муносибати дарозмуддат бо истеъмолкунандаи охирин | Кӯшиш барои муносибати дарозмуддат бо ҷомеа |

***Сарчашма:*** *коркарди муаллифон.*

Олимон саҳми корхонаҳои иҷтимоиро дар созмон додани сарвати ҷамъиятӣ ва равандҳоеро, ки ба васеъшавии имкониятҳои ташкили корхонаҳои иҷтимоӣ, бартарафсозии мушкилоти рушди соҳибкории иҷтимоӣ, рафтори этикии соҳибкори иҷтимоӣ оварда мерасонанд, омӯхта, мафҳуми «этикаи корӣ» - ро дар корхона баррасӣ менамоянд.

Муайян шудааст, ки корхонаҳои иҷтимоие, ки ҳамчун корхонаҳои тиҷоратӣ фаъолият мекунанд, нисбат ба корхонаҳои анъанавии ғайритиҷоратии иҷтимоӣ самаранокии зиёдтар доранд [13]. Фаъолияти инноватсионӣ ба татбиқи ҳадафҳои иҷтимоӣ дар бахши ғайритиҷоратӣ ва ҳам дар корхонаҳои корпоративии иҷтимоӣ мусоидат мекунад [12].

Маълум аст, ки дар ҷаҳони муосир мушкилоти иҷтимоии зиёде вуҷуд дошта, интизори ашхосе мебошанд, ки барои ҳалли онҳо омодаанд ва дар ниҳоят ҷаҳонро ба куллӣ тағйир медиҳанд. Баъзан, чунин менамояд, ки раванди мазкур ғайриимкон аст, аммо одамони ба ин соҳа шуғлдошта хаёли хом ва афсона набудани инро исбот кардаанд. Бояд қайд намуд, ки соҳибкорони иҷтимоӣ метавонанд ба сиёсати давлатӣ дар ҳама соҳаҳо - тандурустӣ, маориф, энергетика, фарҳанг иқтисодиёт ва ғайра таъсир расонад. Зери мафҳуми соҳибкории иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, навовариҳо, ғояҳо, инчунин, қобилият ва хоҳиши татбиқи онҳо дар назар дошта шуда, дар ҳаёти воқеӣ амалӣ гардонидани онҳо имконпазир аст.

Муҳимтарин тайиноту ҳадафи соҳибкорони иҷтимоӣ, ин эҷоди моделҳои нави фаъолият, ки ба ташаккули иқтисодиёти инноватсионии ба иҷтимоиёт нигаронидашуда, ки мақсади асосии он беҳтаршавии мақоми инсон мебошад, ба ҳисоб меравад.

Зоҳиран соҳибкории иҷтимоӣ як ниҳоди нави бозориест, ки устувории иқтисодӣ ва масъулияти иҷтимоиро ба таври оптималӣ муттаҳид намуда, барои навсозии иқтисодиёти мамлакат муҳим арзёбӣ мегардад.

Тавре ки таҷрибаи ҷаҳонии соҳибкории иҷтимоӣ нишон медиҳад, падидаи мазкур дар ҷаҳон нисбатан ҷавон буда, аз нуқтаи назари ҳалли мушкилоти иҷтимоии ҷомеа хеле умедбахш ва назаррас арзёбӣ мешавад. Бисёр кишварҳо дар бобати дастгирии ин навъи соҳибкорӣ бо мақсади ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ шавқманд мебошанд. Дар бисёр давлатҳо соҳибкории иҷтимоӣ аз тарафи давлат ва фондҳои гуногун дастгирӣ меёбад. Тоҷикистон, ки дар гузашта зери тобеияти Иттиҳоди Шӯравӣ қарор дошт, аз баъзе хусусиятҳои давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ таҷриба мегирад. Ҳамин тавр, вазъи кунунии соҳибкории иҷтимоӣ дар Тоҷикистон қариб ба вазъи Россия шабеҳӣ дорад.

Консепсияи шабеҳ ба системаи соҳибкории иҷтимоӣ дар Паёмҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, дар стратегияву барномаҳои давлатӣ ба монанди Стратегияи миллии рушд барои то давраи 2030, Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнат то соли 2020 ва ғайраҳо садо медиҳад. Дар робита ба рушди соҳибкорӣ дар кишвар метавон қонунҳои дар самти иҷтимоӣ қабулшударо ба монанди: «Дар бораи фармоиши давлатии иҷтимоӣ», «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ», «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» ҳамчун дурнамои рушди ин соҳа ҳисобид.

Хулоса, бояд қайд кард, ки омӯзиши моҳият ва мафҳуми соҳибкории иҷтимоӣ аз ҷониби олимони ҳориҷӣ аҳамияти онро нишон додааст. Мафҳуми соҳибкории иҷтимоӣ бошад, гуногунҷабҳа буда, доираи васеи вазифаҳо, хосиятҳо ва хусусиятҳои онро инъикос менамояд. Таҳлили хусусиятҳои соҳибкории иҷтимоӣ барои муайян кардани омилҳои рушди он ва фаъолияти муваффақонаи корхонаҳои иҷтимоӣ кумакрасон хоҳад буд. Соҳибкории иҷтимоӣ дар кишварҳои ҷаҳони муосир босуръат рушд ёфта истодааст. Мубрамият ва вазифаҳои соҳибкории иҷтимоӣ дар ҷомеаи мо ҳанӯз ба таври зарурӣ ба эътибор гирифта нашуда, чунин навъи фаъолият падидаи нав маҳсуб ёфта, заминаҳо ва таҳлилҳо барои ташкили соҳибкории иҷтимоӣ гузаронида шуда истодаанд. Имкониятҳо ва шароитҳои мусоид барои рушди соҳибкории иҷтимоӣ дар кишвар боиси ворид шудани ақидаҳо, технологияҳои нав, беҳтар кардани сифати хизматрасонӣ ва шумораи зиёди ҷойҳои нави корӣ барои афроди имконияташон маҳдуд, инчунин, дигар объектҳои инфрасохтори иқтисодӣ гардида, соҳибкории иҷтимоӣ барои ҷалб кардани қишрҳои осебпазири иҷтимоӣ ба тиҷорат ва дигар соҳаҳои фаъолият мусоидат хоҳад кард.

Ба ақидаи мо, барои рушди ин шакли соҳибкорӣ омилҳои зерин кумакрасон хоҳанд буд:

- шарҳи қонунии соҳибкории иҷтимоӣ, яъне ин навъи соҳибкорӣ бояд мувофиқи қонунгузории кишвар муайян карда шавад;
- таъсиси фондҳои махсуси давлатӣ ва грантҳо барои соҳибкорони иҷтимоӣ, яъне соҳибкории иҷтимоӣ бояд тавассути фондҳои махсуси давлатӣ ва ғайридавлатӣ дастгирӣ ёбад;
- гузаронидани семинар-машваратҳо оид ба моҳият, афзалиятҳо ва бартариятҳои саҳибкории иҷтимоӣ;
- омили дигаре, ки метавонад ба инкишоф ва рушди соҳибкории иҷтимоӣ таъсир расонад, ин шарикии давлат дар бахши хусусӣ мебошад;

- тағйир додани сохтори ичтимоии ҷомеа ва таҳкими асосҳои фарҳангиву сиёсии рушди соҳибкорӣ;

- додани имтиёзҳои андозию гумрукӣ барои воридоти техникаю технологияе, ки дар рушди фаъолияти соҳибкории ичтимоӣ истифода карда мешванд.

Ҳамин тавр, соҳибкории ичтимоӣ дар марҳилаи муосири рушди омили муҳимтарини муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, тавсеаи он имконият медиҳад, ки мушкилоти доғи ҷомеа, аз он ҷумла ташкили ҷойҳои нави корӣ, тавсеаи сарчашмаи даромад, дастгирии қишрҳои осебпазир ва шомили гурӯҳи хавф ҳал карда шуда, тавассути он рушди ҷамъият ва давлат таъмин карда шавад.

**Адабиёт**


1. Жохова В.В, Социальное предпринимательство: сущность и понятие/ В.В. Жохова // Вестник ТГЭУ, 2015.- №1 (73). – С. 85-98.
2. Гоббс Т. Левиафан, или Материя, форма и власть государства церковного и гражданского. Соч. в 2 т./ Т.Гоббс. - М.: Мысль, 1991.- Т. 2. – 731с.
3. Зверева Н. И. Социальное предпринимательство: взгляд в будущее /Н.И.Зверева // Социальное партнерство и развитие институтов гражданского общества в регионах и муниципалитетах. Практика межсекторного взаимодействия : Практическое пособие / под ред. А. Е. Шадрина. — М.: Агентство социальной информации, 2010. - С. 108-120. - ISBN 5-901737-19-9.
4. Кодиров Ф.А. Социально-культурные аспекты формирования предпринимательской среды в Республике Таджикистан /Ф.А.Кодиров, С.Х.Сафарова //Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук.- 2018. - № 1-4 (57). - С.187-190.
5. Кодиров Ф.А. Вопросы индустриализации и развития малого и среднего бизнеса в сельской местности Республики Таджикистан /Ф.А.Кодиров, К.К.Шодиев // Вестник Ошского государственного университета.- 2018.- № 3. - С. 83-87.
6. Московская А., Обзор опыта и концепций социального предпринимательства с учетом возможностей его применения в современной России /А.Московская, М.Баталина, Л.Тарадина. - Препринт WP1/2008/02. - М.: ГУ ВШЭ, 2008. - 84 с.
7. Возжова Н.П., Комиссаров А.А., Шубина Л.В. Исследование «Информационный поиск и анализ вторичных источников о проектах, реализующих принципы социального предпринимательства в российских регионах». URL: http://www.zircon.ru/russian/project/3_4_2.htm Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов. М.: Эксмо, 2007. - 960 с.
8. Austin J., Stevenson H., Wei-Skillern J. Social and Commercial Entrepreneurship: Same, Different, or Both? // Entrepreneurship theory and practice. 2006, January. P. 1–22.
9. Cantillon R. Essai sur la nature du commerce en general. Paris. 1952. P. 28 – 33. 10
10. Certo S., Miller T. Social entrepreneurship: Key issues and concepts // Business Horizons. 2008. Vol. 51, issue 4. P. 267–271.
11. Chella E., Katerina Nicolopouloua K., Karatas-Ozkan M. Social entrepreneurship and enterprise: International and innovation perspectives // Entrepreneurship & Regional Development. 2010. Vol. 22 (6). October. P. 485–493.
12. Germak A. Social Entrepreneurship: Changing the Way Social Workers Do Business. *Administration in Social Work*, 2010, no 34, pp.79–95.
13. https://ru.wikipedia.org/wiki/ Юнус,_Мухаммад (маводи электронӣ, вақти истифодабарӣ 13.12.2020).
14. J. Gregory Dees. The meaning of social entrepreneurship, 1998. Paper, Center for the Advancement of Social Entrepreneurship, Fuqua School of Business, Duke University, Durham (The meaning of social entrepreneurship, 1998. Paper, Center for the Advancement of Social Entrepreneurship, Fuqua School of Business, Duke University, Durham) Available at: http://www.fuqua.duke.edu/centers/case/documents/dees_SE.pdf (вақти истифодабарӣ 29.11.2020).
15. Schumpeter Y.A. The Theory of Economic Development. Harvard University Press. -Cambridge. MA. 1934, (Русскийперевод: Дж. Шумпетер. Теория экономического развития. М., 1982).
16.Smith B., Stevens C. Different types of social entrepreneurship: The role of geography and embeddedness on the measurement and scaling of social value // Entrepreneurship & Re-gional. Development. 2010. Vol. 22. (6). P. 575–598.

УДК: 338.246.025.2

# ТАҶРИБАИ ҶАҲОНИИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА


***Содиқов Метархон Соқибекович-*** *номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Сурога**:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: (+992) 935-08-40-76E-mail: metar76@mail.ru.*

***Абдуллоев Сулаймон Исмонович -*** *унвонҷӯи кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога**:** 734067, Тоҷикистон, ш. Душанбе, гузаргоҳи 1, кӯчаи Камоли Хуҷандӣ, хонаи 7. E-mail: Телефон: (+992) 918-72-63-70 abdulloev@mail.ru*



*Дар мақола масъалаҳои ташаккулёбии соҳибкории хурду миёна дар давлатҳои хориҷӣ омӯхта мешавад. Қайд карда мешавад, ки соҳибкории хурду миёна дар тамоми кишварҳои дунё омили муҳими рушди иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, барои таъсиси иқлими мусоиди иқтисодӣ ва рушди ҷараёнҳои ҳамгироӣ мусоидат мекунанд.*

*Диққати махсус ба таҷрибаи ҷаҳонии танзими давлатии соҳибкории хурду миёна, ташаккулёбии соҳибкории хурд дар давлатҳои тараққикарда ва рӯ ба тараққӣ ва нақши ин намуди фаъолияти иқтисодӣ дар рушди босуботи кишварҳои гуногун дода мешавад. Инчунин, дар мақола ба масъалаҳои самтҳои афзалиятноки танзими давлатии соҳибкории хурду миёна дар мамлакатҳои тараққикарда мавриди омӯзиш қарордодашуда татбиқи варианти имконпазири онҳо барои иқтисодиёти Тоҷикистон барассӣ мегардад.*

*Қайд карда мешавад, ки давлат бояд барои рушди муносибатҳои иштирокчиёни бозор, тиҷорат, ҷараёнҳои интегратсионӣ, иштироки фаъол дар тақсимоти байналхалқии меҳнат ва умуман барои рушди соҳибкорӣ шароити мусоид фароҳам орад. Ҳамзамон, дар мақола муаммо ва афзалиятҳои соҳибкории хурду миёна нишон дода шуда, роҳҳои мукаммалнамоии онҳо дар кишвар ошкор гаштааст.*



***Калидвожаҳо:*** *соҳибкории хурду миёна, танзими давлатии соҳибкорӣ, таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, фаъолияти хоҷагидорӣ, муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ, ҳамгироии иқтисодӣ, сармоягузорӣ, иқтисодиёти бозоргонӣ ва маблаггузорӣ.*


## МИРОВОЙ ОПЫТ ГОСУДАРСТВЕННОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ МАЛОГО И СРЕДНЕГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА


***Содиков Метархон Сокибекович -*** *кандидат экономических наук, доцент кафедры менежмента, Таджикский государственный финансово-экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. E-mail: metar76@mail.ru. Телефон: (+992) 935-08-40-76*

***Абдуллоев Сулаймон Исмонович*** *– соискатель кафедры таможенного дела, Таджикский государственный финансово-экономический университет. Адрес: 734067, г. Душанбе, 1-й проезд, улица Камоли Худжанди, дом 7. Тел.: 918726370. E-mail: abdulloev@mail.ru*



*В статье рассматриваются вопросы становления малого и среднего предпринимательства в зарубежных странах. Отмечается, что малый и средний бизнес во всех странах мира является важным фактором экономического развития и способствует созданию благоприятного экономического климата и развитию интеграционных процессов.*

*Особое внимание уделяется мировому опыту государственного регулирования малого и среднего предпринимательства, становлению малого бизнеса в развитых и развивающихся странах и роли этого вида экономической деятельности в устойчивом развитии разных стран. В статье также анализируются приоритеты государственного регулирования малого и среднего предпринимательства в развитых странах и реализация их возможных вариантов для экономики Таджикистана.*

*Отмечается, что государство должно создавать благоприятные условия для развития отношений между участниками рынка, торговли, интеграционных процессов, активного участия в международном разделении труда и развития предпринимательства в целом. В то же время, в статье освещаются проблемы и преимущества малого и среднего предпринимательства и определяются пути их улучшения в стране.*



***Ключевые слова****: предпринимательство, малый и средний бизнес, государственное регулирование предпринимательства, опыт зарубежных стран, экономическая деятельность, международные экономические отношения, экономическая интеграция, инвестиция, рыночная экономика и финансирование.*


## WORLD EXPERIENCE IN STATE REGULATION OF SMALL AND *MEDIUM-SIZED BUSINESSES*

***Sodikov Metarkhoh Sokibekovich*** *is the Tadjik state financial economic university, candidate of economic sciences, associate professor. Address: 734067, Republic of Tadjikistan, Dushanbe, street Nakhimova, 64/14. Telephone: (+992) 935-08-40-76. E-mail: metar76@mail.ru.*
***Abdulloev Sulaimon Ismonovich*** *– job seeker of the Department of Customs Affairs of the State Financial and Economic University of Tajikistan. Address: 734067, Almaty, st. Dushanbe, 1st passage Kamoli Khujandi Street 7. Phone 091872637. E-mail: abdulloev@mail.ru*

*The article deals with the formation of small and medium-sized businesses in foreign countries. It is noted that small and medium-sized businesses in all countries of the world are an important factor in economic development and contribute to the creation of a favorable economic climate and the development of integration processes.*

*Special attention is paid to the world experience of state regulation of small and medium-sized businesses, the formation of small businesses in developed and developing countries, and the role of this type of economic activity in the sustainable development of different countries. The article also discusses the priorities of state regulation of small and medium-sized businesses in developed countries and the implementation of their possible options for the economy of Tajikistan.*

*It is noted that the state should create favorable conditions for the development of relations between market participants, trade, integration processes, active participation in the international division of labor and the development of entrepreneurship in General. At the same time, the article highlights the problems and advantages of small and medium-sized businesses and identifies ways to improve them in the country.*

***Key words:*** *Entrepreneurship, small and medium-sized businesses, state regulation of entrepreneurship, experience of foreign countries, economic activity, international economic relations, economic integration, investment, market economy and financing.*

Дар шароити рушди муносибатҳои иқтисоди байналхалқӣ ва ташаккулёбии чараёнҳои ҳамгироӣ омӯзиш ва татбиқи тачрибаи пешқадами давлатҳои тараққикарда барои кишварҳои дорои иқтисодиёти транзитивӣ ва махсусан давлатҳои пасошӯравӣ аз нуқтаи назари истифодаи оқилонаи захираҳои молиявию сармояи инсонӣ ва инчунин, таъмини рушди босуботи иқтисодӣ басо муҳим ба шумор меравад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар марҳилаи нави рушди иқтисодиёт қарор дорад, масъалаи ташаккулёбии соҳибкории хурду миёна шарти муҳими тараққиёт арзёбӣ мегардад. Яке аз омили муҳимтарини рушди фаъолияти соҳибкорӣ, ин танзими давлатӣ ва таъсири бевоситаи давлат ба фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад.

Таҷрибаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки дар солҳои охир соҳибкории хурду миёна барои рушди иқтисодиёти кишварҳои мухталиф ба як қувваи ҳаракатдиҳандаи фаъолияти хоҷагидорӣ мубаддал гаштааст. Дарк кардан зарур аст, ки барои давлатҳои дорои иқтисодиёти хурд соҳибкории хурду миёна самараи хубтар медиҳад. Соҳибкории калон ва калонтарин дар чунин давлатҳо на ба ҳамаи иштирокчиёни фаъолияти хоҷагидорӣ дастрас мебошад. Бинобар ин, ташаккул додани соҳибкории хурду миёна дар кишварҳои дорои иқтисодиёти транзитивӣ барои рушди муносибатҳои истеҳсолӣ, истеҳсолоти молҳои воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда, инчунин, таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидаткунанда мебошад.

Соҳибкории хурд метавонад дар шароити бӯҳрон омили муҳими пешгирии он гардад. Чӣ тавре ки таҷриба нишон медиҳад, дар кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдёфта шумораи корхонаҳои хурду миёна беш аз 80% шумораи умумии корхонаҳоро ташкил медиҳанд. Дар ин бахши иқтисод дар 179 кишвари мутараққӣ аз се ду ҳиссаи коргаронро ташкил менамояд, ки беш аз нисфи ММД-ро истеҳсол мекунанд [9, с.179]. Соҳибкории хурду миёна дар давлатҳои тараққикарда, чӣ тавре ки мо дар боло қайд кардем, омили муҳими рушди иқтисодиёт арзёбӣ мегардад. Имрӯз аллакай маълум гаштааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ самти афзалиятноки рушди босуботи иқтисодӣ ин ташаккули механизми рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна ба ҳисоб меравад.

Дар баробари ин, дар ташаккули сохтори устувори бозор ва рушди бахши иқтисод соҳибкории хурд ва миёна нақши муҳим дорад. Он як қатор вазифаҳои муҳими иҷтимоию иқтисодиро, ба монанди ташкили ҷойҳои нави корӣ ва афзоиши рақобатро иҷро мекунад, ки дар натиҷа чунин иқдомҳо дар навбати худ ба коҳишёбии сатҳи бекорӣ ва паст шудани нархҳо оварда мерасонад. Соҳибкории хурд ва миёна дар баъзе кишварҳо ба таври мухталиф тасниф карда мешаванд.

**Ҷадвали 1. - Таснифоти соҳибкории хурд дар баъзе давлатҳо [10]**

| Кишвар | Шумораи максималии аҳолии шуғлдори корхона, нафар | Ҳаҷми даромад |
|---|---|---|
| **ИМА** | 1. Корхонаи хурдтарин – то 20<br>2. Корхонаи хурд – аз 21 то 100<br>3. Корхонаи миёна – аз 101 то 500 | аз 3,5–14,5 млн. долл |
| **Давлатҳои ИА** | 1 Корхонаи хурдтарин – то 10<br>2. Корхонаи хурд – аз 11 то 50<br>3 Корхонаи миёна – аз 51 то 250 | то 427 млн. евро |
| **Ҷопон** | 1. Саноати истихроҷ, коркард, сохтмон – то 300<br>2. Тиҷорати яклухт – то 100<br>3. Тиҷорати чакана ва саноати хизматрасонӣ – то 50 | - |
| **Россия** | 1. Корхонаи хурдтарин – то15<br>3. Корхонаи хурд – то 100<br>4. Корхонаи миёна – аз 101 то 250 | Корхонаи хурдтарин – то 120 млн. руб.<br>Корхонаи хурд – то 800 млн. руб.<br>Корхонаи миёна – то 2 млрд. руб. |

Қайд кардан зарур аст, ки дар давлатҳои тараққикарда соҳибкории хурду миёна истеҳсолкунандаи асосии маҳсулоту хизматрасонӣ ба шумор меравад. Бинобар ин, чунин намуди фаъолияти иқтисодӣ барои рушди фаъолияти хоҷагидорӣ ва илми иқтисодӣ ҳамчун омили муҳим арзёбӣ мегардад. Барои дуруст дарк кардани масъала қайд кардан зарур аст, ки истифодаи таҷрибаи кишварҳои дунё дар таъсиси асосҳои методологии рушди соҳибкорӣ ва асосҳои институтсионалии фаъолият имкон дод, ки дар кишвар заминаи ҳуқуқиву ташкилии соҳибкории хурду миёна муҳайё гардад. Аз ин лиҳоз, омӯхтан ва истифодаи тачрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ, бахусус соҳибкории хурду миёна дар самти хоҷагии қишлоқ барои кишвар бисёр муҳим мебошад.

Аксарияти кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон корхонаҳои хурду миёнаро бо истифода аз таҷрибаи пешқадам ва моделҳои муваффақи бизнес ҳавасманд мекунанд. Назар бар кишварҳои пешрафта, дар кишварҳои пасошӯравӣ бахши хусусӣ тараққӣ карда, инфрасохтори фаъолият бошад, қафо мондааст, ки дар натиҷа як қатор мушкилотҳо ба миён омаданд. Барои муаррифии муаммо, вазъи тиҷорати хурд ва миёнаро дар як қатор кишварҳои мутараққӣ ва рӯ ба тараққӣ баррасӣ кардан лозим меояд [9, с.24].

Назария ва тачрибаи давлатҳои тараққикарда нишон дод, ки нақши давлат дар танзими давлатии соҳибкории хурду миёна дар аксарияти ҳолатҳо дар шакли маблағгузории ин намуди фаъолият зоҳир мегардад. Қайд кардан зарур аст, ки давлатҳои тараққикарда функсияҳои гуногунро дар танзими давлатии фаъолияти сармоягузории агробизнес иҷро менамоянд. Ба чунин вазифаҳо, пеш аз ҳама, танзими маблағгузории агробизнес, ҳавасмандгардонӣ ва ҷалби сармоя дар шакли пешниҳоди имтиёзҳои андозу қарзӣ ва иштироки бевосита дар ҷараёни сармоягузории соҳибкории хурду миёна ба ҳисоб меравад. Чунин шарту пешниҳодҳо барои соҳибкории хурду миёна қариб дар ҳамаи кишварҳои мутараққӣ назаррас буда, барои кишварҳои дорои иқтисодиёти давлатҳои пасошуравӣ, бахусус барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, самти имконпазири фаъолияти хоҷагидорӣ маҳсуб меёбад.

Дар баробари ин, рушди соҳибкории хурду миёна барои таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ мусоидат мекунад. Таҳлилҳо нишон додаанд, ки дар шароити рушди муносибатҳои молиявӣ ва гузаштан ба модели рушди сармоягузорӣ ташаккулёбии иқлими мусоиди сармоягузорӣ ва дар ин замина ҷалби сармоягузории хориҷӣ самти афзалиятноки сиёсати хоҷагидории кишвар ба шумор меравад [12, с. 70]. Дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна барои татбиқи чунин ҳадаф пояи устувори иқтисодиву молиявӣ мегузорад.

Дарк кардан зарур аст, ки сиёсати самараноки давлатӣ дар самти дастгирии корхонаҳои хурду миёна аз давлатҳои муваффақ, пеш аз ҳама, аз ИМА ва Итиҳоди Аврупо омӯхтан лозим меояд. Албатта, ҳар як кишвар институтҳои махсуси танзимгари соҳибкории хурду миёна ва хусусиятҳои хоси худро дорад. Масалан, дар ИМА ин SBA (Маъмурияти тиҷорати хурд) ва дар Британияи Кабир - SBS, дар Олмон - DG VIII, дар Ҷопон - METI, дар Маҷористон - Шӯрои миллии рушди соҳибкорӣ ва дар Полша - Департаменти ҳунармандии корхонаҳои хурду миёна фаъолият доранд.

Ваколатҳо ва вазифаҳои ҳамаи ин ниҳодҳо гарчанде ки шабеҳ бошанд ҳам, байни онҳо фарқиятҳо низ вуҷуд дорад ва ин фарқиятҳо дар иерархияи тобеият дар ҳар як шуъба ва дар ҳамкории шуъбаҳо мушоҳида мешавад [8, с. 27].

Махсус қайд кардан муҳим аст, ки бахши соҳибкории хурд ва миёна аз дигар фаъолияти иқтисодӣ бо суръати тези афзоиши нишондиҳандаҳо, чандирии фаъолияти инноватсионӣ, қобилияти зуд эҷод кардани соҳаҳои нав ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ фарқ мекунад. Масалан, дар Амрико дар даҳсолаи охири асри XX тақрибан 55%-и ҳама навовариҳо ва тақрибан 75%-и ҷойҳои нави корӣ дар бахши соҳибкорӣ таъсис дода шуданд. Дар айни замон, самаранокии сармоягузориҳои асосӣ нисбат ба соҳаи тиҷорати калон тақрибан 9 маротиба зиёдтар аст.

Афзоиши босуръат ва самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ дар ин кишварҳо аз истифодаи самараноки соҳибкории хурду миёна вобастагӣ пайдо кардааст. Аз тарафи дигар, дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна дар шакли кумаки молиявию техникӣ ва иттилоотӣ, ин бахши муҳимро ба қувваи иловагии ҳаракатдиҳандаи иқтисодиёт табдил гардонидааст [1, с. 32]. Ғайр аз он, дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико тақрибан 40 барномаи гуногуни давлатӣ мавҷуданд, ки ба дастгирии корхонаҳои хурду миёна, аз ҷумла омӯзиш, машварат, дастгирии молиявӣ, кумак дар ҷойгиркунии қарордодҳо, барномаҳои инноватсионӣ, барномаҳои маъмурӣ равона карда шудаанд [3, с. 79].

Яке аз давлатҳои тараққикарда, ки барои рушди соҳибкории хурду миёна тамоми шароитҳоро фароҳам овардааст, Канада мебошад. Дар Канада тадбирҳои кофии самараноки дастгирии давлатӣ мушоҳида карда мешаванд. Дар ин ҷо ба монанди ИМА бисёр барномаҳои махсуси давлатӣ, ки тақрибан 290-то мебошанд, дар самти машварат, омӯзиш, маблағгузорӣ барои рушди тиҷорати хурд равона карда шудаанд. Дар баробари ин, шабакаи васеи дастгирии инфрасохторӣ дар ин кишвар (150 бизнес-инкубатор, 36 кластери технологияҳои иттилоотӣ), зиёда аз 100 маркази машваратӣ барои рушди соҳа сохта шудааст [3, с. 81].

Таҳия ва татбиқи чунин масъала барои кишварҳои гузариш, алалхусус барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аҳамияти муҳим дорад. Дар асоси омӯхтани таҷрибаи хориҷӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки самаранокии рушди соҳибкории хурду миёна дар навбати аввал аз дастгирии ҳамаҷонибаи давлат, вобастагӣ дорад. Давлат бояд барои рушди муносибатҳои иштирокчиёни бозор, тиҷорат, ҷараёнҳои интегратсионӣ, иштироки фаъол дар тақсимоти байналхалқии меҳнат ва ҷалби сармоягузорӣ шароити мусоид фароҳам орад. Чунин иқдомҳо барои рушди соҳибкории хурду миёна заминаи устувор гузошта, барои неруи иловагӣ бахшидан ба тараққиёти муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ хизмат менамояд.

Масалан, дар Итолиё барои рушди корхонаҳои хурду миёна беш аз 30 қонуни асосӣ таҳия шуда, дар заминаи он низоми устувори ҳуқуқӣ таъсис дода шудааст. Палатаи савдои Милан, ки соли 1786 таъсис ёфтааст, дар дастгирии тиҷорати хурд ва миёна нақши муҳим мебозад. Имрӯз он тақрибан 350 ҳазор ширкатро муттаҳид мекунад ва дар фаъолияти худ ба ҳашт бахши махсус такя мекунад. Дар Италия, инчунин, намоишгоҳи Милан, бузургтарин ярмаркаи тиҷоратии маҳсулоти тиҷорати хурд баргузор мешавад, ки ҳадафи асосии он ташкили усули доимӣ барои табодули таҷриба байни соҳибкорони итолиёӣ ва хориҷӣ мебошад [2, с. 227].

Таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки низоми дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна омили муайянкунандаи рушди нафақат фаъолияти хоҷагидорӣ, балки шарти муҳими пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии давлат арзёбӣ мегардад. Кишварҳои пешрафта диққати махсусро ба соҳибкории хурду миёна равона намуда, кӯшиш мекунанд, ки ба воситаи рушди ин соҳа диверсификатсионии иқтисодиёт, ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ, иштироки фаъол дар тақсимоти байналхалқии меҳнат ва ҳалли дигар масъалаҳои мубрами иқтисодиро таъмин намоянд. Дарвоқеъ, соҳибкории хурду миёна дар шароити муосир дар кишварҳои мухталиф соҳаи муҳимтарини иқтисодӣ ба шумор рафта, барои рушди фаъолияти хоҷагидории кишвар хизмат менамояд.

Таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи Иттиҳоди Аврупо дар самти дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна, махсусан Олмон ва Фаронсаро омӯхта, ба хулосае омадан мумкин аст, ки соҳибкории хурду миёна натанҳо асоси модели иҷтимоию иқтисодии ин

кишварҳо, балки бисёр кишварҳои ҷомеаи Аврупо ҳисобида мешавад. Умуман, дар Иттиҳоди Аврупо тақрибан 23 миллион корхонаи хурду миёна мавҷуданд, ки 70% шуғл ва 57%-и ҳаҷми умумии гардишро таъмин мекунанд. Корхонаҳои хурду миёна дар савдои яклухт ва чакана, саноати хӯрокворӣ ва сохтмон саҳми азим доранд. Дастгирии рушди соҳибкории хурду миёна дар аксари кишварҳои Иттиҳод тавассути пардохтҳои пасти бақайдгирӣ, расмиёти содакардашудаи бақайдгирии корхонаҳои нав, инчунин, маҷмӯи барномаҳои дастгирии таълимӣ ва машваратӣ ба даст оварда мешаванд.

Дар баробари ин, дар бисёр донишгоҳҳои Аврупо шуъбаҳо ва кафедраҳои махсус мавҷуданд, ки ба донишҷӯён оид ба махсусият ва лаёқати соҳибкорӣ, инчунин, асосҳои менеҷментро таълим медиҳанд. Дар кишварҳои Скандинавия (масалан, Финландия ва Шветсия) барномаҳои мактабҳои миёна бо курсҳои асосҳои соҳибкорӣ мукаммал карда мешаванд [7]. Чунин иқдом имкон медиҳад, ки соҳибкорон аз давраи хурдсолӣ нафақат лаёқати соҳибкориро ба даст меоранд, балки сатҳи баланди маданияти молиявӣ ва фарҳанги бозорро аз худ мекунанд. Аз ин лиҳоз, дар кишварҳои тараққикарда ба масъалаи методологии рушди соҳибкории хурду миёна низ аҳамияти аввалиндараҷа дода мешавад.

Яке аз давлатҳои абарқудрати Иттиҳоди Аврупо, ки барои пешрафти соҳибкории хурду миёна талош меварзад Британияи Кабир мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки дар Британияи Кабир низоми муосири дастгирии тиҷорати хурд мавҷуд аст. Давлат барои ҳавасмандгардонии ин бахши иқтисод фаъолона воситаҳои сиёсати буҷетӣ, андоз ва қарзро истифода мебарад. Меъёрҳои андози даромад барои тиҷорати хурд бо меъёри 35% коҳиш дода шуд. Дар баробари коҳиш додани меъёри андоз аз фоидаи корхонаҳои хурд, андоз аз сармоягузорӣ ба соҳаҳои нави тиҷорати хурд, алахусус онҳое, ки бо дараҷаи баланди хавф алоқамանданд, коҳиш дода шуд.

Дар Британияи Кабир шабакаи ташкилотҳо таҳия карда шудааст, ки хизматрасониҳои машваратӣ, иттилоотӣ, илмӣ-техникӣ ва тавсияҳоро оид ба таъсис ва пешбурди тиҷорати хурд пешниҳод мекунанд. Дар байни онҳо Хадамоти тиҷорати хурд, оҷонсиҳои тиҷорати маҳаллӣ, марказҳои меҳнат, иттиҳодияҳои коммуналӣ ва гурӯҳҳои ташаббускор бо дастгирии давлат фаъолят менамоянд [11, с. 10].

Таҷрибаи давлатҳои мухталиф нишон медиҳад, ки татбиқи сиёсати иқтисодӣ дар самти дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна дар шакли маблағгузорӣ татбиқ гашта, барои рушди соҳа таккони ҷиддӣ мебахшад. Чораҳои маъмултарини дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2. - Дастгирии молиявии соҳибкории хурду миёна дар давлатҳои мухталиф [10]**

| Чораҳои маъмултарини дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна | Кишвар |
|---|---|
| Афзоиши дастгирӣ дар шакли кафолат барои қарз ба корхонаҳои хурду миёна | Канада, Чили, Дания, Финляндия, Венгрия, Италия, Корея, Нидерланд, Словакия |
| Татбиқи сиёсати иқтисодӣ дар самти рушди соҳа | Словения, Испания, Швейтсария, Таиланд, ИМА, Британияи Кабир |
| Таъмини шароити махсус барои кафолати тиҷорати навоғозёфта | Канада, Дания, Нидерландия |
| Афзоиши кафолатҳои давлатӣ барои амалиёти содиротӣ | Канада, Дания, Финляндия, Шветсия, Нидерланд, Зеландияи Нав, Испания, Швейтсария, Британияи Кабир |
| Афзоиши ҳиссаи маблағгузории мустақим | Канада, Чили, Венгрия, Корея, Сербия, Словения, Испания |
| Субсидияи меъёрҳои фоизӣ | Венгрия, Португалия, Россия, Испания, Турция, Британияи Кабир |
| Имтиёзҳои андозбандӣ, тамдиди пардохт | Франсия, Ирландия, Италия, Россия Зеландияи Нав, Испания, Британияи Кабир |
| Муттаҳидсозии бонкҳое, ки барои қарздиҳии соибкории хурду миёна машғуланд, аз ҷумла онҳое, ки бо фоизи манфӣ қарз медиҳанд | Ирландия, Дания |
| Маблағгузории ташкилотҳои қарзӣ аз тарафи Бонкҳои Марказӣ | Британияи Кабир |

Чӣ тавре аз ҷадвали 2 бармеояд, дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна дар шакли маблағгузорӣ нафақат барои таъмини ҳолати молиявии корхона, балки барои шароити мусоид фароҳам овардан барои соҳибкорӣ ҳамчун омили рушди

фаъолияти иқтисодӣ равона гаштааст. Дар кишварҳои таҳлилшуда, дастгирии соҳибкории хурду миёна чӣ тавре ки аз ҷадвали 2 бармеояд, ҷабҳаҳои васеи фаъолияти соҳибкориро дар бар гирифта, барои афзоиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва инчунин, рушди устувори соҳибкорӣ мусоидаткунанда мебошад.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки омили асосии рушди соҳибкории хурду миёна дар кишварҳои пешрафта ин дастгирии фаъоли давлатӣ, мавҷудияти инфрасохтори рушдёфта ва аз байн бурдани монеаҳои маъмурӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, истифодаи таҷрибаи давлатҳои тараққикарда дар самти дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна барои илми иқтисодӣ ва фаъолияти хоҷагии кишвар аз нуқтаи назари таъмини рушди босуботи иқтисодӣ аҳамияти муҳим дорад. Имрӯз новобаста аз дар марҳилаи рушд қарор доштан, соҳибкории хурду миёна дар ҳамаи кишварҳои пасошуравӣ ба мушкилоти зиёд дучор мегардад.

Яке аз сабабҳои суст тараққӣ кардани соҳибкории хусусӣ дар Қазоқистон, ин ба таври мукаммал фаъолият надоштани соҳибкории хурд мебошад. Дар ин кишвар тақрибан 2 миллион соҳибкори хусусӣ ба қайд гирифта шудаанд, аммо саҳми умумии онҳо дар ММД-и кишвар ниҳоят кам аст. Аксарияти корхонаҳои хурди Қазоқистон ба хизматрасонии аҳолӣ ва танҳо як қисми камашон ба истеҳсоли молҳо ё маҳсулоти кишоварзӣ равона карда шудаанд. Мушкилоти асосии тиҷорати хурд дар Қазоқистон андозҳои баланд аст, ки ба соҳибкорони хусусӣ монеа эҷод мекунад [11, с. 12].

Дар Россия бошад, фаъолияти соҳибкории хурду миёна бо санадҳои дахлдори қонунгузорӣ ба танзим дароварда мешавад, ки дар айни замон рушди самараноки онро таъмин намекунанд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки вазъи соҳибкории хурду миёна дар Федератсияи Россия аз дигар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон хеле қафо мебошад. Тадбирҳои дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна мутобиқи Қонуни Федералии Федератсияи Россия "Дар бораи рушди соҳибкории хурд ва миёна" амалӣ карда мешаванд. Барномаҳои давлатии дастгирии молиявии соҳибкории хурд ва миёна дар асоси пешниҳоди субсидия ба ташкилотҳои Федератсияи Россия аз буҷаи федералӣ барои амалисозии барномаҳои минтақавии рушди соҳибкории хурду миёна равона гардидаанд [4, с. 31].

Яке аз давлатҳои ҳамсарҳад ва шарики рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумҳурии Ӯзбекистон мебошад, ки ба рушди тиҷорати хурд ва соҳибкории хусусӣ диққати калон медиҳад. Стратегияи рушди Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои солҳои 2017-2021 такони махсусан қавӣ барои рушди соҳибкории хурд буд. Дар доираи Стратегияи мазкур яке аз аввалин санадҳо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш.М. Мирзиёев 5 октябри соли 2017 Фармон "Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба таъмини рушди босуръати фаъолияти соҳибкорӣ, ҳимояи ҳамаҷонибаи моликияти хусусӣ ва сифатан беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ" имзо намуд. Дар ҳуҷҷат барномаи чорабиниҳои ҳамаҷониба тасдиқ карда шуд, ки татбиқи 42 чорабинии мушаххасро дар панҷ самти афзалиятнок, аз ҷумла танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ, кам кардани санҷишҳо ва пешгирии дахолати беасос ба фаъолияти соҳибкорӣ, минбаъд озод кардани масъулияти субъектҳои соҳибкорӣ, такмили низоми молиявӣ, андозбандӣ ва гумрук пешбинӣ менамояд. Инчунин, дар кишвар барои беҳтар намудани шароити пешбурди соҳибкорӣ, баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ ва рейтинги байналмилалии ҷумҳурӣ чораҳои зарурӣ андешида шудааст [6].

Аз нуқтаи назари тадқиқоти мо, қайд кардан зарур аст, ки дар кишварҳои Осиё рушди соҳибкории хурду миёна бештар дар Чин ташаккулёфта мебошад. Чӣ тавре ки ба мо маълум аст, аз соли 1966 Чин ба модели нави рушд қадам зада, дар бозор ва субъектҳои он тағйиротро ба амал овард. Ислоҳоти гузаронидашуда барои рушди моликияти хусусӣ ва соҳибкорӣ заминаи устувор гузошт. Ҳамин тариқ, дар натиҷаи ислоҳот дар кишвар 77% заминҳои деҳқонон қонунӣ гардонида шуд. Аз давраи қонунгардонии моликияти замин суръати рушди шартномаҳои оилавӣ ҳамчун шакли нави ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ 35% афзоиш ёфт.

Бояд қайд кард, ки корхонаҳои хурд дар Чин корхонаҳое мебошанд, ки шумораи кормандонашон на бештар аз 100 нафарро ташкил медиҳад. Корхонаҳои миёна бошад, шумораи коргаронашон аз 101 то 999 адад ва корхонаҳои калон аз 1000, ё бештар ададро ташкил менамояд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар семоҳаи чоруми соли 2017 иқтисоди Чин аз 4,5 миллион корхонаҳои хурд ва 30 миллион соҳибкорони инфиродӣ

иборат буд. Ҳамин тариқ, ислоҳот ва дуруст ба роҳ мондани сиёсати иқтисодӣ барои пешрафти соҳибкории хурду миёна дар кишвар шароити мусоид фароҳам овард [5].

Мо дар тадқиқот барои ошкор намудани аҳамияти соҳибкории хурду миёна ва нақши он дар низоми иқтисодиёти давлатҳои пешрафта ва дигар давлатҳои мухталиф кӯшиш намудем. Қайд кардан зарур аст, ки тиҷорати хурду миёна барои фароҳам овардани шароити мусоиди иқтисодӣ ва имкониятҳои шуғли аҳолӣ, истифодаи иқтидорҳои истеҳсолӣ ва умуман, барои пешрафти кишвар аҳамияти калон дорад. Маҳз бо ҳамин сабабҳо аз ҷониби давлат барои тиҷорати хурду миёна дар кишварҳои мухталифи пешрафта шароити мусоид фароҳам оварда мешавад.

Таҳлилҳо ва таҷрибаи давлатҳои дар боло қайдкарда нишон медиҳад, ки соҳибкории хурду миёна ҳамчун омили рушди иқтисодиёти миллӣ аз тарафи давлату ҳукумат ва инчунин, ниҳодҳои ғайридавлатӣ бинобар сабаби таъмини рушди фаъолияти хоҷагидорӣ дастгирии ҳаматарафаро бархурдор мебошанд. Дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ давлат натанҳо барои фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби сармоягузорӣ иқлими мусоид фароҳам меорад, балки дар бисёр маврид сармоягузори рақами яки фаъолияти хоҷагидории кишвар ба шумор меравад. Бинобар ин, дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ барои давлат чун анъана боқӣ мемонад.

Ҳамин тариқ, нақши соҳибкории хурду миёнаро дар давлатҳои мухталиф омӯхта, имкониятҳои имконпазири рушди соҳибкориро дар кишвар бо дарназардошти ҳувияти миллӣ ва хусусиятҳои хоси фаъолияти хоҷагидорӣ татбиқ кардан мумкин мебошад. Дар ин ҷо сухан дар бораи нафақат таъсиси заминаи устувори қонунгузорӣ, балки шароити мусоиди фаъолияти хоҷагидорӣ, аз қабили пешниҳоди имтиёзҳои молиявию андозбандӣ ва инчунин, кафолати суғуртавии фаъолияти соҳибкорӣ меравад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар марҳилаи рушд қарор дорад, соҳибкории хурду миёна шарти муҳими рушди иқтисодиёт ба шумор рафта, омӯхтан ва татбиқи таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ аз нуқтаи назари устувор нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ зарур мебошад.

**Адабиёт**


1. Блудов А.М. Зарубежный опыт регулирования предпринимательской деятельности: вопросы адаптации / А.М Блудов//Социально-экономические явления и процессы. - 2011. - № 3-4 (25-26).- С.320-325.
2. Горфинкель В.Я. Малый бизнес: учебное пособие / В.Я. Горфинкель. – М: КНОРУС, 2009. - 336с.
3. Левина Е.И. Механизмы государственной поддержки малого и среднего предпринимательства в зарубежных странах / Е.И Левина// Социально-экономические явления и процессы.- 2009.- №2. - С.430-435.
4. Мкртичян Н.Г. Стратегия управления экспортом товаров малого и среднего бизнеса и пути повышения ее эффективности (по материалам экспорта продовольственной продукции РА): диссер. к.э.н. 08.00.02. / Н.Г.Мкртичян. – Ереван, 2017. - 178с.
5. Мурыгина Л.С. Государственное регулирование малого бизнеса в Китае // Сборник статей III Международной научно-практической конференции: в 2 частях. - 2018. [электронный ресурс] https://elibrary.ru/download/elibrary. (дата обращения: 17.09.2020 г.).
6. Макушина А.Ю. Развитие малого и среднего предпринимательства – одно из приоритетных направлений стратегии действий по дальнейшему развитию Республики Узбекистан. [электронный ресурс] http://tsue.uz/wp-content/uploads/2019/10/54. (дата обращения: 17.09.2020 г.).
7. Никонов В.А. Государственая поддержка предпринимательства в развитых странах и адаптация опыта в России //Государственное и муниципиальное управление. Ученые записки.- 2014. - №1. [электронный ресурс] https://.ru/article/n/gosudarstvennaya-podderzhka. (дата обращения: 15.09.2020 г.).
8. Обатуров А.А. Совершенствование системы государственного регулирования и поддержка малого и среднего предпринимательства в Санкт-Петербурге: диссер.к.э.н. 08.00.05. / А.А. Обатуров. - Санкт-Петербург, 2015. - 167с.
9. Прозоровская С.О. Малый и средний бизнес: Российский и зарубежный опыт/С.О.Прозоровская //Реформирование учета и права в современной России. - Сборник научных трудов студентов бакалавриата, магистратуры и аспирантуры. Под редакцией В.А. Баранова, А.Н. Приженниковой. - Москва, 2018. –С. 176-179.
10. Рущицкая О.А., Куликова Е.С. Развитие малого и среднего бизнеса: Мировой опыт и проблемы России [электронный ресурс] http://min.usaca.ru/uploads/article/attachment (дата обращения: 17.09.2020 г.).
11. Сичкар В.А. Международный опыт государственного регулирования и поддержки предприятий малого бизнеса/В.А. Сичкар//Сборник научных работ. Серия: Право. - Донецк, 2019. - С. 10-14.
12. Содиқов М.С. Таҳлили омилҳои таъсиррасон ба чараёни ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон/М.Содиқов., А.Сафаров//Паёми молия ва иқтисод.- 2020.-№ 2 (22) - С.68-76.

УДК: 368.013 (575.3)

# МАСОИЛИ НАЗАРИЯВИЮ АМАЛИИ ФОНДИ НАФАҚА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**_Давлатмуродов Шоҳмурод Мирзомуродович_** - *номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи идоракунии молияи давлатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.* ***Суроға:*** *734005, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Телефон: (+992) 918-16-13-55. E-mail: shohmurod_1987@mail.ru*

**_Икромов Фазлиддин Нуриддинович_** - *номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи идоракунии молияи давлатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.* ***Суроға:*** *734005, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Телефон: (+992) 981-07-67-67. E-mail: Fazliddin-91-91@mail.ru.*

*Дар мақола масоили назариявию амалии фонди нафақа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Аз нуқтаи назари муаллифон, масъалаҳои суғуртаи иҷтимоӣ сол то сол рушд карда истодааст, аммо баъзе аз масъалаҳое, ки монеаи мунтазам рушд кардани соҳа мегарданд, низ вуҷуд доранд. Мушкилоти асосӣ ҷой доштани пинҳонкорӣ дар раванди баҳисобгирии омории шумораи кормандон ба ҳисоб рафта, ин ҳолат имкон намедиҳад, ки ҳолати таъминоти шуғлнокии аҳолӣ ва вазъи воқеии пардохти музди меҳнати кормандон баҳогузорӣ карда шавад. Илова бар ин, шумораи бақайдгирифташудаи нафақахӯрон аз шумораи кормандони маошгиранда зиёд мебошад.*

*Аз нуқтаи назари муаллифон, ҷиҳати ҳавасмандгардонии субъектҳои соҳибкорӣ бобати пурра ба ҳисоботи оморӣ ворид намудани шумораи кормандон ва ба ин васила, таъмин кардани воридоти ҳаҷми зарурии маблағҳо ба буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа баҳри таъмини нафақахӯрон бо нафақаи арзанда бояд дар самти оптимизатсияи андозу андозбандӣ корбарӣ ҷоннок карда шавад.*

***Калидожаҳо:*** *суғурта, фонд, нафақа, фонди суғурта, фонди суғуртаи иҷтимоӣ, фонди нафақа, фонди шуғли аҳолӣ ва ғайра.*

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И ПРАКТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ ПЕНСИОННОГО ФОНДА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**_Давлатмуродов Шохмурод Мирзомуродович_** - *кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры управления государственными финансами, Таджикский национальный университет. Адрес: 734005, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 918-16-13-55. E-mail: shohmurod_1987@mail.ru*

**_Икромов Фазлиддин Нуриддинович_** - *кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой управления государственными финансами, Таджикский национальный университет. Адрес: 734005, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 981-07-67-67. E-mail: Fazliddin-91-91@mail.ru.*

*В статье исследуются теоретические и практические вопросы пенсионного фонда в Республике Таджикистан. С точки зрения авторов, вопрос социального страхования развивается из года в год, но есть и проблемы, которые препятствуют устойчивому развитию отрасли. Основная проблема — это наличие секретности в процессе статистического учета численности сотрудников, что не позволяет оценить состояние занятости и реальную ситуацию с выплатой заработной платы. Кроме того, количество зарегистрированных пенсионеров превышает количество наемных работников.*

*С точки зрения авторов, для того, чтобы побудить бизнес необходимо полностью включить количество сотрудников в статистические отчеты и тем самым обеспечить необходимый объем средств в бюджет социального страхования и пенсий для обеспечения пенсионеров достойной пенсией и использовать для оптимизации налогообложения.*

***Ключевые слова:*** *страхование, фонд, пенсия, страховой фонд, фонд социального страхования, пенсионный фонд, фонд занятости.*

## THEORETICAL AND PRACTICAL ISSUES OF THE PENSION FUND IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**_Davlatmurodov Shohmurod Mirzomurodovich_** - *candidate of economic sciences, Department of Economic, Public Finance Management Tajik National University, 734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue, 17, E-mail: shohmurod_1987@mail.ru Телефон:* ***(+992) 918-16-13-55.***

**_Ikromov Fazliddin Nuriddinovich_** - *candidate of economic sciences, associate professor, head of the department of public finance management Tajik National University.* ***Address:*** *734005, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: Fazliddin-91-91@mail.ru. Phone: (+ 992) 981-07-67-67.*

*The article explores theoretical and practical issues of the pension fund in the Republic of Tajikistan. From the point of view of the authors, the issue of social insurance develops from year to year, but there are also problems that impede the sustainable development of the industry. The main problem is the presence of secrecy in*

*the process of statistical recording of the number of employees, which does not allow assessing the state of employment and the real situation with the payment of wages. In addition, the number of registered pensioners exceeds the number of employees.*

*From the authors' point of view, in order to encourage business to fully include the number of employees in statistical reports and thereby ensure the necessary amount of funds in the budget of social insurance and pensions to provide pensioners with a decent pension, it is necessary to optimize taxation.*

***Keywords:*** *insurance, fund, pension, insurance fund, social insurance fund, pension fund, employment fund, etc.*

Инкишофи иқтисод ва тадбирҳое, ки соҳибкорону давлатро нисбат ба он қисми аҳолие, ки бо сабабҳои гуногун бо кор фаро гирифта намешаванд, ё худ меҳнат карда зисту зиндагониашонро таъмин карда наметавонанд, маҷбур месозад, ки муносибати худро ба онҳо тағйир диҳанд.

Бо мақсади ҳифзи одамони ғайри қобили меҳнат ва камбизоату барҷомонда ҷамъият қисми даромади миллиро махсус ҷудо менамояд.

Дар шароити бозор қисми маҳсулоти холиси истифодашаванда шакли фондҳои пулии махсусгаштаро қабул мекунад. Ташкил ва истифодаи фондҳои пулии таъиноти хосдошта, ба мақсади аз ҷиҳати моддӣ таъмин намудани қисми аҳолие, ки қобилияти меҳнатии худро гум кардаанд, бо ёрии суғуртаи иҷтимоӣ сурат мегирад.

Дар аксарияти давлатҳои Ғарб фондҳои мақсадноки давлатиро натанҳо вобаста ба таъинот, балки барои дар амал татбиқ намудани барномаҳои дурнамо (перспективӣ)-и худ низ истифода менамоянд. Масалан, дар Чили ҳаҷми даромади фонди мазкур нисбат ба ҳаҷми фонди пардохти вай зиёдтар мебошад. Бо ибораи дигар, даромади фонд нисбат ба хароҷот зиёдтар аст, ки фарқи онро давлати Чили барои сармоягузорӣ ва рушди иқтисоди миллӣ истифода мебарад [10, с. 227].

Суғуртаи иҷтимоӣ ҳамчун системаи аз тарафи давлат танзимшаванда ташкил шуда, инъикоскунандаи талаботи воқеӣ ва зарурати инкишофи вай мебошад. Бо инкишофи ҷамъият мақом ва нақши суғуртаи иҷтимоӣ боло рафта, сабаби зиёдшавии миқдору сифати хизматрасониҳои зарурӣ ва болоравии арзиш ва васеъшавии сарҳади фаъолияти иҷтимоии давлат мегардад.

Аз нигоҳи иҷтимоию сиёсӣ, суғуртаи иҷтимоӣ шакли баамалбарории ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон нисбат ба таъминоти моддии онҳо дар пиронсолӣ, дар мавриди беморӣ, пурра ва ё қисман гум кардани қобилияти корӣ ва ё набудани қобилияти корӣ аз кӯдакӣ, аз даст додани саробон ва бекормонӣ ба ҳисоб меравад. Ҳаҷми таъминот бо воситаҳои пулӣ, ба собиқаи корӣ, музди кор, сатҳи корношоямӣ ва ё маҷрӯҳӣ, ки тибқи қонунгузориҳои маъмурию ҳуқуқӣ аз тарафи давлат танзим карда мешавад, вобаста аст [10, с. 229].

Аз ин рӯ, дар мамлакатҳои хориҷа моделҳои гуногуни низоми нафақа истифода бурда мешавад, ки аз институтҳои гуногуни ҳифзи иҷтимоӣ, ба монанди таъминоти иҷтимоии давлатӣ, суғуртаи иҷтимоии ҳатмӣ, суғуртаи шахси нафақавӣ ва ғайра иборатанд.

Дар таҷрибаҳои ҷаҳонӣ ва адабиёти иқтисодӣ дар бораи моделҳои гуногуни суғуртаи иҷтимоӣ дар ҷомеа маълумот дода шудааст.

Ду модели маълум дар бисёр давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон ҷорӣ карда шудааст, инҳо модели шведӣ ва амрикоӣ мебошанд.

Модели шведиро бо хусусиятҳои зеринаш фарқ мекунанд:

1. Таъминоти иҷтимоӣ дар ҷомеа дар ҳамбастагии суғуртаи иҷтимоӣ ва кумакҳои иҷтимоӣ, инчунин, кафолати давлат дар мавриди таъмини талаботи аҳолӣ бо хизматрасониҳои тиббӣ ва таълимӣ;

2. Бояд қайд кард, ки ворид шудани муносибатҳои бозаргонӣ ба ин соҳаҳо қатъиян манъ аст. Яъне, ин соҳаҳо аз тарафи давлат пурра идора ва назорат карда мешаванд, инчунин, барои амалӣ намудани ин мақсадҳо маблағу воситаҳои заруриро дарёфт мекунанд.

Модели амрикоӣ бошад, чунин ҷиҳати фарққкунанда дорад, ки дар ин модел суғуртаи иҷтимоӣ дар асоси қонунҳои шароити иқтисоди бозорӣ амалӣ мешаванд.

Аз таҷрибаи ҷаҳонӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар давраи гузариш ба муносибатҳои бозорӣ аксар кишварҳо аз модели шведӣ истифода менамоянд.

Ин моделҳоро истифода бурдани аксарияти кишварҳо сабабҳои худро дорад, яъне механизми шароити муносибатҳои бозорӣ пурра ҷорӣ нагардидааст, номуташаккилии

аҳолӣ, пеш аз ҳама, табақаи коргарон, аз нуқтаи назари надонистани ҳуқуқҳои иҷтимоии худ, агар дар ин айём давлат низ аз ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ даст мекашид, албатта, дар ҷомеа норозигии омма ба миён меомад. Бинобар ин, дар давраи аввали истиқлол ва гузариш ба муносибатҳои бозорӣ давлат сиёсати иҷтимоии худро ба роҳ монда, дар ин самт нақши муҳим мебозад.

Дар Тоҷикистон низ чунин ҳолат вуҷуд дошт, аз ин рӯ, масъалаҳои иҷтимоӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ аз тарафи давлат, яъне Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасл мегардиданд.

Бинобар ин, дар ҷомеа фондҳои гуногуни буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ таъсис дода шуданд, ки дар онҳо маблағҳои барои ҳифзи иҷтимоӣ равонагардида ҷамъоварӣ ва харҷ карда мешуданд (нигаред ба расми 1).




**Расми 1. Сохтори фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ**

Маблағҳои ҷудошуда бахри таъмини талаботи шахсони эхтиёҷманд ва осебпазири кишвар роҳандозӣ карда мешаванд. Мувофиқи моддаи 14-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи буҷети давлатӣ барои соли навбатии молиявӣ” даромади суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа бо назардошти субвенсия аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ва хароҷоти он дарҷ гардидааст, ки мо ин нишондиҳандаҳои солҳои 2014-2019-ро дар диаграммаи 1 дида мебароем.

**Диаграммаи 1. - Даромад ва хароҷоти буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дар солҳои 2014-2019**




| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| андози иҷтимоӣ | 2133372 | 2314070 | 2569367 | 2592331 | 2665823 | 2949202 |
| мусоидати молиявӣ | 55000 | 65000 | 65000 | 65000 | 65000 | 65000 |
| хароҷот | 2188372 | 2379070 | 2634367 | 2657331 | 2730823 | 3014202 |

***Сарчашма:*** *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи буҷети давлатӣ барои солҳои 2014-2019”.*

Давоми шаш соли охир ба ҳисоби миёна буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 6,7% афзоиш ёфта, аз 2188372 ҳазор сомонӣ дар соли 2014 ба 3014202 ҳазор сомонӣ дар соли 2019 расид, ки ин нишондиҳанда 825830 ҳазор сомонӣ ё 37,7% зиёд шудааст.

Иҷроиши қисми даромади буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа тавассути андози иҷтимоии шахсони ҳуқуқӣ (25%) ва шахсони воқеӣ (1%) татбиқ гардида, бо сабаби нокифоя будани ин маблағҳо бахри таъмини хароҷот аз буҷети ҷумҳуриявӣ мусоидати молиявӣ ба андозаҳои муайян сафарбар карда мешаванд.

Бояд қайд кард, ки мутаассифона, нишондиҳандаҳои мазкур ба таври дахлдор ҳамасола иҷроиши худро таъмин карда наметавонанд, зеро омилҳои дохилӣ ва берунии иҷтимоию иқтисодӣ таъсири манфӣ мерасонанд.

Талаботи нафақа ва кумакпулиҳои иҷтимоӣ, ки пардохтҳои иҷтимоии кафолатноки давлатӣ муайян шуда, яке аз афзалиятҳои сиёсати иҷтимоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳисоб меравад, давоми солҳои 2014-2019 пурра маблағгузорӣ карда шудааст, ки 95,2 фоизи қисми хароҷоти соҳаро ташкил медиҳад.

Дар солҳои 2014-2019 ҷиҳати татбиқи чорабиниҳои сиёсати шуғл, аз ҷумла пардохти кумакпулӣ барои бекорӣ, пардохти идрорпулии шаҳрвандони бекоре, ки тавассути роҳхатҳои мақомоти мазкур ба тайёрии касбӣ сафарбар карда шуданд, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси бекорон ва ташкили корҳои ҷамъиятии музднок барои бекорон ба Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 85,7 млн. сомонӣ ва барои татбиқи чорабиниҳои иттифоқи касаба ба Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон 36,3 млн. сомонӣ маблағгузорӣ карда шудааст.

**Диаграммаи 2. - Иҷроиши қисми даромад ва хароҷоти суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дар солҳои 2014-2019**




| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| даромад | 2050300 | 2067400 | 2186200 | 2459400 | 2636600 | 2819800 |
| хароҷот | 2017100 | 2030100 | 2210000 | 2439100 | 2578700 | 2891000 |
| нақша даромад ва хароҷот | 2188372 | 2379070 | 2634367 | 2657331 | 2730823 | 2850840 |

***Сарчашма:*** *Маълумотнома дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2019 ва вазифаҳо барои рушди соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дар соли 2020*

Ҷиҳати ҷуброни хароҷоти Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» барои хизматрасонӣ ба нафақагирон бошад, 65,8 млн. сомонӣ маблағгузорӣ гардид.

Дар тӯли солҳои 2014-2019 ба зиёда аз 209 ҳазору 443 нафар тавассути Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар ҳаҷми 42,6 млн. сомонӣ маблағҳои андухти нафақавӣ пардохт карда шудааст.




**Расми 3. Гурӯҳбандии хароҷоти суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дар соли 2014-2019**

***Сарчашма:*** *Маълумотнома дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2019 ва вазифаҳо барои рушди соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дар соли 2020*

Аммо дар баробари ҳамаи ин муваффақиятҳо, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки 5 млн. 622,1 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби бақияи қарзи андози иҷтимоии 25-фоиза, 734,4 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби бақияи қарзи андози иҷтимоии инфиродӣ (1-фоиза) ва 23,7 ҳазор сомонӣ андози иҷтимоии инфиродӣ (1-фоиза) аз ҳисоби кам нишон додани музди меҳнати кормандон, ки дар маҷмӯъ, 6 млн. 775,9 ҳазор сомониро ташкил менамояд, муайян карда шуда, пурра ба суратҳисоби агентӣ барқарор карда шуд.

Дар шаш соли охир музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ 2 баробар ва нафақа 1,6 баробар афзоиш ёфт. Музди миёнаи меҳнат дар 20 соли охир 60 баробар ва андозаи миёнаи нафақа 85 баробар афзуд. Ҳамаи ин боиси паст гардидани сатҳи камбизоатӣ - 29,5% ва баланд шудани нишондиҳандаи дарозумрии миёнаи аҳолии мамлакат ба 75 сол оварда расонид.

Аз моҳи сентябри соли 2018 маоши вазифавии кормандони ташкилоту муассисаҳои соҳаҳои буҷетӣ, аз ҷумла илму маориф, тандурустӣ, фарҳанг, ҳифзи иҷтимоӣ ва кормандони дигар ташкилоту муассисаҳое, ки аз буҷети давлат маблағгузорӣ карда мешаванд, инчунин, нафақа ва стипендия то 15 фоиз баланд бардошта шуд [2].

Бо баланд шудани дарозумрии миёнаи аҳолии мамлакат шумораи нафақагирон низ афзоиш ёфтааст. Теъдоди умумии нафақагирон ба ҳолати соли 2020, 711 222 нафарро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 24 172 нафар ё 3,5 фоиз афзоиш ёфтааст. Афзоиши нишондиҳандаҳои мазкур бевосита таъсири худро ба буҷети давлат, хусусан буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа хоҳад расонид.

Дар сиёсати давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ масъалаҳои такмили низоми пардохти маош, таъмини нафақа, дастгирии иҷтимоии табақаҳои камбизоати аҳолӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ ва умуман, беҳтар кардани сатҳу сифати зисту зиндагии мардум мавқеи аввалиндараҷа касб менамояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми ҳамасолаашон ба Маҷлиси Олӣ ба ҳалли проблемаву мушкилоти соҳаи иҷтимоӣ эътибори ҷиддӣ медиҳанд ва барои беҳтар намудани сатҳи зиндагии шаҳрвандон ҳар сол тадбирҳои мушаххас меандешанд.

Бояд тазаккур дод, ки аз рӯи ҷамъбасти нишондиҳандаҳо ба ҳолати 1 январи соли 2020 андозаи миёнаи нафақаҳои меҳнатӣ ва суғуртавӣ, яъне нафақагироне, ки аз рӯи фаъолияти меҳнатӣ ва собиқаи кории зарурӣ ба онҳо нафақа таъин карда шудааст, 337,85 сомонӣ ва андозаи миёнаи нафақаҳои иҷтимоӣ, яъне нафақагироне, ки собиқаи суғуртавӣ (корӣ) надоранд ва дар низоми суғуртаи давлатии иҷтимоӣ саҳми суғуртавӣ нагузоштаанд, 169,70 сомонӣ ва дар маҷмӯъ, андозаи миёнаи нафақа дар ҷумҳурӣ бошад, 303,00 сомониро ташкил менамояд.

**Диаграммаи 4. - Андозаи намудҳои нафақа дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2019**




***Сарчашма**: Маълумотнома дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2019 ва вазифаҳо барои рушди соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дар соли 2020*

Бо мақсади дастгирии иҷтимоӣ ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии гурӯҳи нафақагироне, ки кор намекунанд ва манбаи асосии даромади зиндагии онҳо маблағи нафақа мебошад, андозаи нафақаҳои амалкунандаи меҳнатии онҳо (ба истисноӣ аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ) ба андозаи 30 фоизи ҳадди ақали нафақа аз рӯи синну сол зиёд карда мешавад. Дар соли сипаришуда, андозаи миёнаи нафақа дар ВМКБ - 383,30 сомонӣ, дар вилояти Суғд - 291,20 сомонӣ, дар вилояти Хатлон - 291,70 сомонӣ, дар шаҳри Душанбе - 402,60 сомонӣ ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бошад, 286,60 сомониро ташкил намуд.

Ба нафақагироне, ки аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошанд, новобаста аз кор кардан ё накардани онҳо зиёд намудани андозаи нафақа пешбинӣ гардидааст.

Андозаи нафақаҳои иҷтимоӣ аз рӯи синну сол (ба ғайр аз модароне, ки даҳ ва зиёда фарзанд таваллуд намуда, онҳоро то синни ҳаштсолагӣ тарбия намудаанд), аз рӯи маъюбӣ барои маъюбони гурӯҳҳои II ва III (ба ғайр аз маъюбони гурӯҳҳои II аз овони кӯдакӣ) ва барои махрум шудан аз саробон, ки мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон” таъин гардидаанд, ба андозаи 60 фоизи ҳадди ақали нафақа аз рӯи синну сол муайян карда мешавад.

Барои модароне, ки даҳ ва зиёда фарзанд таваллуд намуда, онҳоро то синни ҳаштсолагӣ тарбия намудаанд ва барои маъюбони гурӯҳҳои II аз овони кӯдакӣ дар асоси моддаи 110 Қонуни ҶТ “Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии

Тоҷикистон» ба андозаи 100 фоизи ҳадди ақали нафақа аз рӯи синну сол муайян карда шудааст.

Дар баробари ин, қисми суғуртавии нафақаҳои суғуртавии нафақагироне, ки ба онҳо дар асоси шарт ва меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» то 1 январи соли 2018 нафақа таъин карда шудааст ва кор намекунанд (ба истиснои аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ), ба андозаи 6,7 фоиз индексатсия карда мешаванд. Ин меъёр аз рӯи андозаи сатҳи таваррум дар соли 2017 муайян карда шудааст.

Ба андозаи 6,7 фоиз, ҳамзамон, сармояи шартии нафақавии шахсони суғурташуда барои соли 2017 индексатсия карда мешавад.

Аз рӯи таҳлилҳои анҷомдодашуда, хароҷоти иловагӣ ҷиҳати аз 1 сентябри соли 2018 ба андозаи 30% зиёд намудани ҳадди ақали нафақа, аз рӯи синну сол зиёд намудани нафақаҳои амалкунандаи меҳнатӣ дар 1 моҳ 24 млн. 550,0 ҳазор сомонӣ ва дар 4 моҳи соли 2018 бошад, 98 млн. 200,0 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Талаботи моҳонаи қисми суғуртавии нафақаҳои суғуртавии нафақагироне, ки кор намекунанд ва ба онҳо то 1 январи соли 2018 нафақа таъин гардидааст, 23 млн. сомониро ташкил менамояд. Дар сурати 6,7 фоиз индексатсия намудани қисми суғуртавии ин намуди нафақаҳо дар 1 моҳ талаботи маблағи иловагӣ 1 млн. 550,0 ҳазор сомонӣ ва дар чор моҳи охири соли 2018 бошад, 6 млн. 200,0 ҳазор сомониро ташкил менамояд.

Дар маҷмӯъ, аз давраи оғоз гардидани пардохти маблағҳои андухти нафақавии шаҳрвандон, яъне аз моҳи июли соли 2009 то 1 январи соли 2020 ба 209443 нафар дар ҳаҷми 56,9 млн. сомонӣ маблағҳои андухти нафақавӣ тавассути Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» ва ҷойи кор пардохт карда шуд, ки маблағи мазкур нисбат ба соли 2018 9,6 млн. сомонӣ ё 20,3 фоиз зиёд мебошад.

Ҳамчунин, ба ҳолати 1 декабри соли 2019 мувофиқи маълумоти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бақияпулиҳои андози иҷтимоӣ, дар маҷмӯъ, 155,9 млн. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба аввали соли 2018 9,1 млн. сомонӣ коҳиш ёфтааст.

Бинобар таъмин нагардидани қисми даромади Буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, барои маблағгузории саривақтии нафақа ва кумакпулиҳои иҷтимоӣ аз ҳисоби маблағҳои мутамаркази агентӣ ба вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 675,4 млн. сомонӣ ҷудо гардид.

Бояд тазаккур дод, ки яке аз омилҳои асосии таъмин нагардидани қисми даромади Буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа барҳам хӯрдани корхонаву ташкилотҳо ва ихтисори ҷойҳои корӣ мебошад. Мувофиқи маълумотҳои оморӣ ба ҳолати 1 октябри соли 2016 44 ҳазору 474 ҳолати барҳам додан ва ихтисори ҷойҳои корӣ ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин 20 ҳазору 256 ҷойи кори доимӣ, 15 ҳазору 177 ҷойи кори муваққатӣ ва 9041 ҷойи кори мавсимӣ мебошанд, омили зикргардида яке аз проблемаҳои таъсиррасони ин соҳа ба ҳисоб меравад, зеро чӣ хеле ки мебинем, ин ҳолат боиси иҷро нагардидани қисми даромади Буҷети агентӣ гардидааст.

Нақшаи андози иҷтимоии инфиродӣ, ки 89,0 млн. сомонӣ пешбинӣ шуда буд, 88,0% таъмин карда шуда, аз ҳисоби иҷро нагардидани он ба Буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 10,6 млн. сомонӣ ворид намегардад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2015 4,6 млн. сомонӣ ё 6,3 фоиз афзоиш ёфтааст [11].

Вобаста ба таҳлили гузаронидашуда маълум гардид, ки суғуртаи иҷтимоӣ сол то сол рушд карда истодааст, аммо баъзе аз масъалаҳое, ки монеаи мунтазам рушд кардани соҳа мегарданд, низ вуҷуд доранд. Мушкилоти асосӣ ҷой доштани пинҳонкорӣ дар раванди баҳисобгирии омории шумораи кормандон ба ҳисоб рафта, ин ҳолат имкон намедиҳад, ки ҳолати таъминоти шуғлнокии аҳолӣ ва вазъи воқеии пардохти музди меҳнати кормандон баҳогузорӣ карда шавад. Илова бар ин, шумораи бақайдгирифташудаи нафақахӯрон аз шумораи кормандони маошгиранда зиёд мебошад. Масалан, дар вилояти Суғд дар соли 2019 шумораи кормандони маошгиранда 51,1 ҳазор нафар (шумораи нафақахӯрон 227,7 ҳазор нафар ва шумораи кормандони маошгиранда 176,6 ҳазор нафар) зиёд шуда, сарборӣ ба 10 корманди

маошгиранда 13 нафақахӯрро ташкил медиҳад. Ин ҳолат, тадриҷан ба пайдо шудани мушкилиҳо дар самти таъмини саривақтии нафақаю кумакпулиҳо замина мегузорад.

Ба андешаи мо, ҷиҳати ҳавасмандгардонии субъектҳои соҳибкорӣ бобати пурра ба ҳисоботҳои оморӣ ворид намудани шумораи кормандон ва ба ин васила, таъмин кардани воридоти ҳаҷми зарурии маблағҳо ба буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа бахри таъмини нафақахӯрон бо нафақаи арзанда бояд дар самти оптимизатсияи андозу андозбандӣ корбарӣ ҷоннок карда шавад. Тадбирҳои андешидашуда имконият медиҳанд, ки баҳисобгирии пурраи кормандон дар ҳамаи соҳаҳо роҳандозӣ гардида, минбаъд баҳодиҳии вазъи шуғлнокӣ ва таъсиррасонӣ ба раванди таъсиси ҷойҳои корӣ бамаротиб осон гардад. Ба ин васила, тадриҷан зиёд намудани музди меҳнати кормандон ва беҳтар намудани некуаҳволии аҳолӣ муяссар мегардад.

Ба андешаи мо, бояд барои ҳалли чунин камбудиҳо корҳои зерин ба анҷом расонида шаванд:

- таъмини устувории молиявии буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, сари вақт маблағгузорӣ ва пардохт намудани нафақаву кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ, ки пардохтҳои кафолатдодашудаи давлатӣ мебошад;
- идома додани ислоҳоти соҳа тавассути мукаммалсозӣ ва такмили низоми қонунгузории соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ва таҳияву ҷорӣ намудани барномаҳои мукаммали иттилоотӣ ҷиҳати татбиқи технологияҳои муосири рақамӣ дар соҳа;
- тақвият бахшидани ҳамкориҳо бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар самти таъмини нақшаи қисми даромади Буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, ҷалб намудани тамоми имкониятҳои молиявии мавҷуда ва гузоштани заминаҳои зарурӣ барои дар оянда баланд бардоштани андозаи нафақаи шаҳрвандон;
- сари вақт, тибқи реҷаи муайяншуда ва пурра таъмин намудани маблағгузории талаботи нафақаву кумакпулиҳои иҷтимоӣ, ки ҳамчун пардохтҳои кафолатдодашудаи давлатӣ муайян гардидаанд ва дигар ухдадориҳои Буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа.

**Адабиёт**


1. Афанасьев М.П. Бюджет и бюджетная система: учебник /М.П. Афанасьев, А.А.Беленчук, И.В. Кривоногов; под ред. М.П. Афанасьева, -2-изд., перераб. и доп.- М.: Юрайт, 2010.- 366с.
2. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ 26.12.2018 сол.
3. Қонуни ҶТ “Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон” 18.03.2015 - №1199.
4. Қонуни ҶТ “Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ” аз 18.03.2015, - №1200.
5. Қонуни ҶТ “Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ” аз 19.03.2015, №955.
6. Қонуни ҶТ “Дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ” 03.07.2012, №860.
7. Қонуни ҶТ “Дар бораи Буҷети давлатӣ барои соли навбатии молиявӣ” солҳои 2014-2019.
8. Оймаҳмадов Г.Н. Молия /Г.Н.Оймаҳмадов. – Душанбе: Нодир, 2005.-300с.
9. Ҳасанов А.Р. Молия ва қарз. китоби дарсӣ / А.Р. Ҳасанов, А.Ҳ. Миразизов, Р.Ҳ. Содиқов – Душанбе: Ирфон, 2011. – 352с.
10. Ҳасанов А.Р. Буҷети давлатӣ /А.Р. Ҳасанов, Р.Ҳ. Содиқов, Душанбе; ЭР-граф, 2011. – 552с.
11. Маълумотнома дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2019 ва вазифаҳо барои рушди соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дар соли 2020 [манбаи электронӣ] URL www. nafaka.tj. (санаи муроҷиат: 12.01.2021с.)



**УДК: 338.23(575.31)**


# ЭКОНОМИЧЕСКАЯ ЭФФЕКТИВНОСТЬ УПРАВЛЕНИЯ УСТОЙЧИВОГО ВОДОПОЛЬЗОВАНИЯ В УСЛОВИЯХ ОРОШАЕМОГО ЗЕМЛЕДЕЛИЯ


***Урунбоев Абдумухтор*** *– кандидат экономических наук, доцент кафедры экономического анализа ТГФЭУ. Адрес: Республика Таджикистан, 734067, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: 988 21 76 44.*

***Урунбаева Нигина Абдумухторовна*** *- кандидат экономических наук, ассистент кафедры экономики предприятий и предпринимательства ТГФЭУ. Адрес: Республика*

*Таджикистан, 734067, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: 915 69 76 71. E-mail: urunbaevan@list.ru.*

***Файзулоев Хокимджон Пардаевич** - ассистент кафедры экономики предприятий и предпринимательства ТГФЭУ. Адрес: Республика Таджикистан, 734067, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: 987 88 88 17.*

*В статье рассмотрены цели управления устойчивого и рационального водопользования в условиях орошаемого земледелия. Проанализировано современное состояние использования поливной воды на примере Согдийской области. Приведена методика определения экономически обоснованных оросительных норм сельскохозяйственных культур. Определена экологически оптимальная оросительная норма, исходя из условий восстановления нарушенного гидротермического режима за счет применения агротехнических мероприятий. Показано влияние эффективности возделивания различных сельскохозяйственных культур в зависимости от изменения структуры посевных площадей, специализация регионов на производство отдельных сельскохозяйственных культур, соблюдение севооборотов на экономическую эффективность агропромышленного комплекса, использование потенциальной возможности земельних угодий с учетом водообеспеченности.*

***Ключевые слова:** водные ресурсы, устойчивое водопользование, экономическая эффективность, рациональное использование, водные объекты, оросительные нормы, водопотребление, потенциальная возможность, водосберегающая технология.*

## САМАРАНОКИИ ИҚТИСОДИИ ИДОРАКУНИИ УСТУВОРИ ОБ ДАР ШАРОИТИ ЗАМИНҲОИ ОБЁРИШАВАНДА

***Урунбоев Абдумухтор** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға:Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: 988217644.*

***Урунбаева Нигина Абдумухторовна** - номзади илмҳои иқтисодӣ, ассистенти кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: 915 69 76 71. E-mail: urunbaevan@list.ru.*

***Файзулоев Ҳокимҷон Пардаевич** - ассистенти кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон 734067, Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: 9878888 17.*

*Дар мақола мақсади идоракунии устувор ва оқилонаи истифодабарии об дар заминҳои обёришаванда нишон дода шудааст. Ҳолати муосири истифодаи оби полезӣ дар мисоли вилояти Суғд таҳлил карда шуда, усули аз ҷиҳати иқтисодӣ асосноккардашудаи муайян намудани меъёри обёрии зироатҳо нишон дода шудааст. Дар асоси шароити барқарорсозии режими вайроншудаи гидротермалӣ тавассути истифодаи чорабиниҳои агротехникӣ меъёри аз ҷиҳати экологӣ оптималии обёрӣ муайян карда шудааст. Таъсири самаранокии парвариши зироатҳои гуногуни кишоварзӣ вобаста ба тағйирёбии сохтори майдонҳои кишт, махсусгардонии минтақаҳо дар истеҳсоли зироатҳои алоҳида, риояи киштгардон ба самараи иқтисодии комплекси агросаноатӣ, истифодаи неруи замин бо назардошти таъминоти об нишон дода шудааст.*

***Калидвожаҳо:** захираҳои обӣ, самаранокии иқтисодӣ, истифодаи оқилона, объектҳои обӣ, меъёри обёрикунӣ, имконияти эҳтимолӣ, технологияи сарфаи об.*

## ECONOMIC EFFICIENCY OF SUSTAINABLE WATER USE MANAGEMENT UNDER CONDITIONS OF IRRIGATED AGRICULTURE

***Urunboev Abdumuhtor** - candidate of economical sciences, associate professor of the department of economic analysis, TSFEU. Address: Nahimov street 64/14, 734067, Dushanbe, Phone: 988 21 76 44.*

***Urunbaeva Nigina Abdumuhtorovna** - candidate of economical sciences, assistant at the department of enterprise economics and entrepreneurship, TSFEU. Address: Nahimov street 64/14, 734067, Dushanbe. Phone: 915 69 76 71.E-mail: urunbaevan@list.ru.*

***Faizuloev Hokimjon Pardaevich** - assistant at the department of enterprise economics and entrepreneurship, TSFEU. Address: Nahimov street 64/14, 734067, Dushanbe, Phone: 987 88 88 17.*

*The article discusses the goals of sustainable and rational water use management in conditions of irrigated agriculture. The current state of the use of irrigation water is analyzed on the example of the Sughd region. The method of determining economically justified irrigation norms for agricultural crops is presented. An ecologically optimal irrigation rate has been determined based on the conditions for restoring the disturbed hydrothermal regime through the use of agrotechnical measures. Shows the effect of the efficiency of cultivation of various agricultural crops depending on changes in the structure of sown areas, specialization of regions for the production of individual crops, compliance with crop rotations on the economic efficiency of the agroindustrial complex, the use of the potential of land, taking into account water availability.*

***Key words:** water resources, sustainable water use, economic efficiency, rational use, water bodies, irrigation norms, water consumption, potential opportunity, water – saving technology.*

Целью управления устойчивого водопользования является оптимизация продуманных, концептуально-обусловленных действий по достижению и поддержке устойчивого водопользования, способствующего решению проблем водообеспечения в

контексте социальных и эколого-экономических аспектов. В водохозяйственной политике основным государственным механизмом должно быть управление водохозяйственной деятельностью, а в условиях перехода к устойчивому водопользованию важной задачей становится формирование эффективной системы его управления.

С учетом этого, особую актуальность приобретает проблема рационального водопользования, на основе разработки и обоснования устойчивого механизма управления водными ресурсами. Важность совершенствования механизма управления устойчивого водопользования обосновывается следующими позициями, такими как проблема реформирования управления водопользованием в условиях перехода к рыночной экономике; недостаточная эффективность государственных и зарождающихся частных структур управления; моральное и физическое старение инфраструктуры; демографический рост и процесс урбанизации территории; воздействие климатических изменений; экономический механизм отношений между водохозяйственными организациями и водопользователями; недостаточная изученность и оценка водно-ресурсного потенциала региона.

Устойчивый механизм водопользования влияет на рост экономики и уровень благосостояния посредством повышения эффективности использования водных ресурсов. Сказанное свидетельствует о том, что по мере расширения хозяйственной деятельности в сельском хозяйстве в целом, особенно в орошаемом земледелии, роста численности населения, рациональное использование водно-земельных ресурсов становится важной проблемой.

Проблемы использования водных ресурсов обостряются не только из-за недостаточности поливной воды в отдельных регионах или несоответствия ее распределения по вегетационным периодам сельскохозяйственных культур, а также из-за ее загрязнения в результате неправильного использования в хозяйственной деятельности и несоответствия ее качества к предъявляемым стандартам. Исходя из этого, в мировом масштабе проблема воды является одним из трудно решаемых проблем, которая состоит не только из количественных, качественных и режимных показателей, но и от охраны и рационального использования.

В послании Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона Парламенту Таджикистана от 26 декабря 2018 года отмечено «Несмотря на то, что Таджикистан обладает громадными водными запасами, обеспечение населения сельской местности качественной питьевой водой желает серьезного улучшения. В направлении сельского хозяйства и орошения земель реализуется 35 проектов на общую сумму 5,4 миллиарда сомони.

Мы всегда должны иметь в виду возрастающее влияние последствий изменения климата на состояние работ в направлении водными ресурсами» [1].

В перспективе для решения развития экономических и социальных задач, сохранения агроландшафта, удовлетворения материальных и духовных потребностей общества, должна быть основана на формирующейся устойчивой экономике и на производственном и интеллектуальном потенциале региона. Все указанное касается не только отрасли водного хозяйства, но и других отраслей экономики в целом.

Исходя из этого, регион как важнейший обладатель природных ресурсов, приобретает особую роль в социально-экономическом развитии страны.

«Рост глобальных потребностей в водных ресурсах составляет около 1% в год и зависит, среди прочего, от роста народонаселения, экономического развития и изменения структуры потребления. В течение следующих двух десятилетий эти потребности существенно возрастут.

В настоящее время, по оценкам ЮНЕСКО, 3,6 миллиарда человек (почти половина населения мира) проживают в районах, где дефицит водных ресурсов может наблюдаться не менее одного месяца в год; к 2050 г. это население увеличится, и его численность может составить от 4,8 до 5,7 миллиарда человек» [2, с.10].

Приведенные данные свидетельствуют о том, что проблемы рационального использования водных ресурсов являются актуальными с момента возникновения земледелия и имеют большое значение в управлении формирования устойчивого водопользования. Вместе с тем, наряду с состоянием орошаемых земель, важную роль в

условиях отдельных регионов играют и другие проблемы эколого-экономического характера.

Повышение потребности в оросительной воде в условиях ее дефицита и увеличения водной конкуренции, в регионах наряду с поиском дополнительных источников, также требует экономного и рационального использования существующих водных ресурсов. Это предполагает в указанных условиях выработку более эффективных вариантов формирования и устойчивого использования водных ресурсов. В связи с этим, в условиях рыночной экономики, устойчивое водопользование требует рационального взаимодействия как единое целое отрасли сельского хозяйства и водного сектора.

Несмотря на это, как показали результаты исследования, в отдельных регионах неэффективно используются не только методы и способы использования водных ресурсов с учетом внедрения новейших технологий. Проблемы неэффективного использования распространяются и на другие природные ресурсы, которые так или иначе связаны с использованием водных ресурсов. Иначе говоря, здесь речь идет о системности решения существующих проблем в сельском хозяйстве. В результате в регионах снижается урожайность сельскохозяйственных культур. Кроме того, на неэффективное использование природных ресурсов повлияли отсутствие передовых методов управления водопользованием, также действующая нормативно-методическая база, не способствующая механизму устойчивого водопользования.

Эффективность возделывания отдельных сельскохозяйственных культур на прямую влияет на экономическую эффективность не только сельскохозяйственного производства, но и на эффективность агропромышленного комплекса в целом. Изменение структуры посевных площадей, соблюдение севооборотов, специализация отдельных регионов и ценообразования на конечную продукцию влияет на эффективность выращивания различных сельскохозяйственных культур в целом и в орошаемом земледелии в частности.

В связи с этим, нами определена эффективность возделывания некоторых сельскохозяйственных культур в условиях орошаемого земледелия при различных уровнях водопотребления (табл.1).

Анализ данных таблицы 1 показывает, что стоимость валовой продукции с одного гектара основных сельскохозяйственных культур неодинаковы. Так, например за 2011-2019 годы, наиболее рентабельной культурой в Согдийской области является производство овощей и бахчевых культур. Несмотря на это, прибыль с одного гектара получена при выращивании картофеля. Остро стоит вопрос с производством стратегически важного сельскохозяйственного продукта хлопка-сырца. В среднем за указанный период при выращивании хлопчатника получены убытки с одного гектара в размере 291,6 сомони. Начиная с 2011 года, в связи с повышением в области урожайности картофеля, овощей, бахчевых по сравнению с 2008 годом на 50-60% резко возросла эффективность возделывания указанных культур.

**Таблица 1. - Эффективность возделывания основных сельскохозяйственных культур на орошаемых землях Согдийской области в среднем за 2011-2019 гг.***

| Показатели | Культуры | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | **Хлопчатник** | **Картофель** | **Овощи** | **Бахчи** | **Кукуруза на зерно** |
| 1.Урожайность, ц/га | 18,34 | 261,2 | 272,4 | 164,7 | 48,9 |
| 2.Себестоимость 1 ц, сомони | 418,2 | 38,3 | 25,0 | 13,6 | 62,4 |
| 3. Затраты труда на 1 ц, чел.-час | 118,3 | 23,7 | 10,9 | 5,2 | 24,8 |
| 4. Получено прибыли с 1 ц, сомони | -291,6 | 14,0 | 13,1 | 9,3 | 24,2 |
| 5. Валовая продукция на 1 га, сомони | 7670 | 10004 | 6810 | 2240 | 3051 |
| 6. Уровень рентабельности 1ц, % | - | 36,5 | 52,4 | 68,4 | 38,9 |

****Источник:*** *расчеты авторов по данным Министерства сельского хозяйства за 2011-2019 гг.*

Баланс поверхностных и почвенных вод является основой при расчете оросительной нормы потребления. При этом учитываются отдельные элементы указанного баланса с учетом характера использования земельных ресурсов, так, чтобы

соответствовать технологическим требованиям выращиваемых культур. При этом за счет уменьшения интенсивности влагообмена между грунтовыми и поверхностными водами происходит рост величины поверхностного стока. Изменения роста величины стока в результате распашки земель приводят к снижению продуктивности растений (за счет увеличения тепло обеспеченности), ухудшению качества водных объектов, изменению объема и режима поверхностных вод и снижению эффективности использования природных ресурсов. Это, в свою очередь, обусловливает применения методов, злобствующих снижению поверхностных сток, а также проведения агротехнических и агролесомелиоративных мероприятий.

Несовершенство механизма устойчивого водопользования и системы платы за воду, особенно в орошаемом земледелии, несоблюдение технологий полива орошения и преждевременного выхода оросительных систем из строя, отсутствие системы оборотного водоснабжения и очистки коллекторно-дренажной сети и низкий КПД, который в настоящее время, по данным Института земледелия Республики Таджикистан, составляет 0,45-0,60, привело к подъему грунтовых вод и другим негативным последствиям, развитию эрозионных процессов и засолению земель. Поэтому за счет снижения интенсивности водной эрозии, оптимизации мелиоративных режимов и загрязнения водных объектов, необходимо ограничивать интенсивность влагообмена между почвенными и грунтовыми водами.

Таким образом, проведенное исследование доказывает, что в сельском хозяйстве, в основанном на орошаемых землях, существует много векторная проблема экологического и экономического характера, связанная с созданием эффективного устойчивого механизма водопотребления, основанного на установлении оросительной нормы потребления воды, то есть обоснованного мелиоративного режима на таких землях, в том числе и для сельскохозяйственных культур. Устойчивый механизм пользования водой должен обеспечить производство такого объема продукции высокого качества, которое соответствует правилам бассейнового управления водопотреблением и природному потенциалу региона, и в то же время, позволяет сохранить и воспроизводить водные и земельные ресурсы.

*Мақолаи мазкур ба мушкилоти воқеии назорати дохилии ҳисоботи молиявӣ бахшида шуда, дар он муаллифон ташкили низоми назорати дохилиро таҳлил намудаанд ва ба он натиҷа расидаанд, ки яке аз мақсадҳои аудит ифодаи афкор дар бораи мувофиқати тартиби пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ бо қонунгузорӣ мебошад. Аудит дар асоси санҷишҳои молиявӣ, таҳлили иқтисодии корхонаҳо, қонунгузории маъмурӣ, соҳибкорӣ ва баҳисобгирӣ асос ёфтааст. Аз ин рӯ, натиҷаи ин таҳқиқот омӯзиши равишҳои мухталиф ба таърифи аудит, инчунин, муайян кардани ҳадафҳо ва вазифаҳои асосии аудит мебошад.*



***Калидвожаҳо:*** *назорати дохилӣ, стратегия, санҷиши аудиторӣ, модел, ҳисоботи молиявӣ, баҳисобгирӣ, хулосаи аудитор, ташкилӣ-иқтисодӣ, сифати аудит, хатари аудиторӣ, ҳуҷҷатҳои кории аудитор.*


## ОРГАНИЗАЦИЯ СИСТЕМЫ ВНУТРЕННЕГО КОНТРОЛЯ КАК ФАКТОРА ОБЕСПЕЧЕНИЯ КАЧЕСТВА АУДИТА


***Джураева Хайринисо Хайдаровна*** *- преподаватель кафедры бухгалтерского учёта Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Адрес: 735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, улица Айни, 67. Тел.:(+992) 931-98-32-59. E-mail: juraeva78@bk.ru*

***Шодиев Бурхониддин Саидалиевич*** *- старший преподаватель кафедры экономического анализа и аудита, Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава. Адрес: 735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, улица Айни, 67. Тел.: (+992) 987-83-83-48. E-mail: burkhoniddin_89@mail.ru*



*Данная статья посвящена актуальной проблеме проведения внутреннего контроля финансовой отчетности. В нем авторы проанализировали организацию системы внутреннего контроля и пришли к выводу, что одна из целей аудита - высказать мнение о соответствии бухгалтерских процедур законодательству.*

*Авторы статьи анализируют, что одной из целей аудита является выражение мнения о соответствии процедур бухгалтерского учета законодательству, влияние аудитора на соблюдение требований нормативных документов, регулирующих ведение бухгалтерского учета и составление финансовой отчетности. В основе аудита лежат финансовые проверки, экономические анализы предприятий, административно-хозяйственное право, бухгалтерский учет. Поэтому результатом данного исследования является изучение различных подходов к определению понятия «аудит», а также уточнение ключевых целей и задач проведения аудита.*

***Ключевые слова:*** *внутренний контроль, стратегия, аудит, модель, финансовая отчетность, бухгалтерский учет, аудиторское заключение, организационно-экономический, качество аудита, аудиторский риск, рабочие документы аудитора.*

**ORGANIZATION OF THE INTERNAL CONTROL SYSTEM AS A FACTOR OF ASSURING THE AUDIT QUALITY**

***Dzhuraeva Khairiniso Khaidarovna*** *- Senior Lecturer at the Accounting Department of the Bokhtar State University named after Nosir Khusrav. Address: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini street 67. Phone.: (+992) 931-98-32-59. juraeva78@bk.ru*

***Shodiev Burkhoniddin Saidalievich*** *- Senior Lecturer, Department of Economic Analysis and Auditing of the Bokhtar State University named after Nosir Khusrav. Address: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini street 67. Phone.: (+992) 987-83-83-48. burkhoniddin_89@mail.ru*

*This article is devoted to the actual problem of conducting internal control of financial reporting. The authors of the article analyze that one of the objectives of the audit is to express an opinion on the compliance of accounting procedures with legislation, the impact of the auditor on compliance with the requirements of regulatory documents governing accounting and financial reporting. The audit is based on financial audits, economic analysis of enterprises, administrative and business law, accounting. Therefore, the result of this study is the study of various approaches to the definition of "audit", as well as clarification of the key goals and objectives of the audit.*

***Key words:*** *internal control, strategy, audit, model, financial reporting, accounting, auditor's report, organizational and economic, audit quality, audit risk, auditor's working papers.*

Омӯзиш ва банизомдарории таҷрибаи хориҷии аудит, коркардҳои муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ барои муайянсозии таъсири талаботҳо ба сифати аудит дар фаъолияти касбии аудитор имкон медиҳанд, ки ба онҳо мансубанд: таҳлили стратегияи рушди тиҷоратӣ, арзёбии самаранокии татбиқи стратегия, идоракунии хатарҳои соҳибкорӣ, пешниҳод ва кушода додани иттилоот дар ҳисоботи молиявӣ.

Муносибати гуногуни нақшавӣ ба ташаккули ҳисобот ба мисли иттиҳодиявӣ, аз рӯи талаботи стандартҳои байналмилалӣ, ҳисоботи холдингҳо, гурӯҳҳои корхонаҳо, ки ба тиҷорати мушаххас мутааллиқанд, замина мегузорад ва зарурати ҷудокунии масъалаҳои аудитро, ки бо таҳлил ва арзёбии стратегияи рушди тиҷорат алоқамандаанд, исбот мекунад.

Аз байни доираи хеле васеи назариявии муносибатҳо бо стратегияи рушд (стратегияи рақобатнокӣ, стратегияи пешсафӣ, стратегияи нархгузорӣ, стратегияи маркетинг ва ғайра) муносибатҳое, ки коркарди чорабиниҳоро доир ба тағйири тарафҳои сифатии ташкил ва рушди рақобатпазирии он дар назар дорад, муҳимтарин мебошанд. Назарияи стратегияи рушд ба гузаронидани чораҳои азнавсозии истеҳсолот барои суръатдиҳии гардиши сармоя, камкунии хароҷот, баланд бардоштани сифати маҳсулот, азнавсозии феҳрист, такмили идоракунӣ ва ғайра равона аст. Барои аудитор татбиқи ин стратегия натанҳо чун тасдиқи амалигардонии принсипи муттасили фаъолият, балки боз чун баҳодиҳӣ ба тағйироти сифатӣ дар рушди субъекти аудитшаванда ва нишондиҳандаҳои ӯ, ки дар ҳисобот инъикос ёфтаанд, муҳиманд.

Фаъолияти шахси аудитшаванда бо хатарҳои соҳибкорӣ алоқаманд аст ва фаъолияти аудиторӣ ба хатари аудиторӣ дучор мегардад. Хатари аудиторӣ дар алоқамандӣ бо хатари кории ташкилот (хатари тиҷоратӣ) бояд арзёбӣ гардад. Андешаи аудитор дар бораи саҳеҳияти ҳисобот, ки дар хулосаи аудиторӣ ифода ёфтааст, бо назардошти арзёбии хатари кории субъекти аудитшаванда баррасӣ мегардад.

Ҷанбаҳои ташкили стратегияи санҷиши аудиторӣ бо ташкили гурӯҳи иҷрокунандагон, тақсими уҳдадориҳо, муқаррарсозии мӯҳлати санҷиш, ки барои гузаронидани сифати он муҳим мебошад, алоқаманданд. Ин масъалаҳо бо низоми менеҷменти сифати ширкати аудитӣ алоқаманданд [6, с. 267].

Ҷанбаҳои методии стратегия дар ҳуҷҷатҳои зерин ошкор мегарданд: Нақшаи умумӣ ва Барномаи санҷиш. Стратегияи санҷиши аудиторӣ аз мазмуни стандартҳои дохили ташкилоти ширкати аудиторӣ бояд асос гирад. Модели ҷамъбастии стратегия

чун асоси ташаккули нақшаи умумӣ ва барномаи аудити ташкилоти мушаххас хизмат расонида метавонад ва он зимни мураттабсозии ҳуҷҷатҳои кории аудитор истифода мегардад. Зимни таҳияи стратегия унсурҳои зеринро ҷудо кардан лозим аст: мақсади санҷиш, таъмини аудит бо иттилоот, соҳаи предмети санҷиш, мундариҷа ва тартиби санҷиши соҳаҳои предметӣ, мазмун ва шакли пешниҳоди ҳисоботи аудитор аз рӯи натиҷаҳои санҷиш, ки дар расми 1 модели стратегияи аудит барои аудити ҳисоботи молиявӣ (муҳосибӣ) пешниҳод шудааст.




**Расми 1. Стратегияи санҷиши аудитории ҳисоботи молиявӣ (муҳосибӣ)**

Ҷудокунии таъмини иттилоотии аудит ба унсури мустақили стратегия аз мавқеи баланд бардоштани сифати санҷиши аудиторӣ муҳим аст. Стратегияи санҷиши аудиториро ташаккул дода, муқаррар намудан зарур аст, ки кадом санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ талаботеро муқаррар мекунанд, ки фаъолияти субъекти ҳуқуқиро ба танзим медароранд. Ҳамзамон, ҷустуҷӯ ва банизомдарории чунин ҳуҷҷатҳо, омӯзиши талаботе, ки дар онҳо ҷой доранд, вақти зиёдеро мегирад. Мушкилот аксаран дар муайянсозии пурраи доираи чунин талаботҳо ифода меёбад. Масалан, масъалаҳои иҷозатдиҳӣ ба шаклҳои алоҳидаи фаъолият, одатан ба нақшаи санҷиши аудиторӣ дохил карда мешавад, ҳамзамон, талаботи қонунгузории зиддиинҳисорӣ, аз ҷумла назорат аз болои ба даст овардани молумулк ва ҳуқуқҳои молумулкӣ, баъзан аз мадди назар дур меафтанд ва дар таҷриба ин ба хатарҳои калон оварда мерасонад [4].

Ба ақидаи мо, ҳуҷҷатҳои кории таъмини иттилоотӣ бояд инҳоро дар бар гиранд:

1) номгӯи санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқии санҷиш;

2) шарҳи масъалаҳои проблемавии ҳисоби муҳосибӣ ва андозбандӣ;

3) таҳлили омилҳои умумии иқтисодӣ ва шартҳои фаъолияти шахси аудитшаванда.

Азбаски яке аз мақсадҳои аудит ифодаи афкор дар бораи мувофиқати тартиби пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ бо қонунгузорӣ мебошад, аудитор дар санҷиши иҷрои талаботҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки тартиби пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ (муҳосибӣ)-ро ба танзим медароранд, бояд диққати махсус диҳад. Дар робита ба ин, диққати асосӣ ба қоида дар хусуси он ки дар ҳуҷҷати корӣ шарҳи талаботи асосии санадҳои меъёрӣ бояд ҷой дошта бошад, равона мегардад. Илова бар ин, дар ҳолати тағйир ёфтани санадҳои қонунгузорӣ шарҳи хусусияти чунин тағйирот, муҳлати амалишавии онҳо ва шароити гузариш ба маврид аст. Омодасозии шарҳҳо оид ба масъалаҳои проблемавии баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандӣ низ аҳамияти калон дорад. Таҷриба аз он шаҳодат медиҳад, ки мухолифат ва коркарди нокифояи масъалаҳо ба дарки нодурусти он оварда мерасонад, ки бо хатарҳои калон барои субъекти иқтисодӣ ва аудитор алоқаманд аст. Таҳлили чунин масъалаҳо ва коркарди муносибати ягона ва асоснок барои ҳалли он вазифаи муҳими стратегияи санҷиш мебошад.

Бояд ба ҳисоб гирифт, ки омодасозии таъмини иттилоотии аудит ҷалби мутахассисонро ба соҳаи ҳуқуқ, аз ҷумла барои ҳифзи мавқеи интихобкарда дар мубоҳисаҳо (баҳсҳо) бо мақомоти андоз ва ба тартиби судӣ талаб карда метавонад. Бинобар ин, муҳимияти ташаккули мавқеи муайяни ширкати аудиториро дар муносибат бо миҷозон қайд кардан мумкин аст. Зимни таҳияи стратегияи аудит интихоби соҳаҳои предметии санҷиш мавқеи марказиро ишғол мекунад. Истилоҳи “соҳаҳои предметии санҷиш” дар стандартҳои аудит мустаҳкам нагардидааст, гарчанде ки дар адабиёти тахассусӣ мавриди истифода қарор дорад.

Зимни расонидани ҳамон як хизмат ба мизоҷони гуногун соҳаҳои гуногуни предметӣ ҷудо гашта метавонанд, ки дар навбати аввал бо хусусияти фаъолияти ташкилот муайян карда мешавад.

Азбаски барои ифодаи нуқтаи назар дар хусуси саҳеҳияти ҳисоботи молиявӣ (муҳосибӣ) санҷидани бақия ва гардиш аз рӯи суратҳисобҳо зарур аст, ки аз ҳама аудиторӣ (аммо на аз ҳама самаранок) муносибате мебошад, вақте ки барномаи санҷиш нисбати суратҳисобҳои алоҳидаи баҳисобгирии муҳосибӣ ба роҳ монда мешавад. Аммо миқдори калони суратҳисобҳо (ва объектҳои дигари санҷиш) дар ташкили санҷиши аудиторӣ аз рӯи ин принсип мушкилотро ба вуҷуд меоранд. Барои содакунии нақшаи аудит ва иттилооти он суратҳисобҳоро аз рӯи аломатҳои муайян гурӯҳбандӣ кардан лозим аст [5].

Сиклҳои амалиёти хоҷагидорӣ гардиши даврии сармояи ташкилотро тавсиф медиҳанд ва танҳо зимни қатъи фаъолияти он ба охир мерасонад. Ҷудокунии сиклҳои амалиёти хоҷагидорӣ ба истифодаи тестиронии мақсаднок ва таҳқиқи намудҳои гуногуни фаъолияти корхона дар рафти аудит имкон медиҳад. Ҳамзамон, санҷиши аудитории сиклҳои зерини амалиётҳо имкон дорад:

- сикли касб ва харҷи захираҳои моддӣ-истеҳсолӣ;
- баҳисобгирии захираи маводҳо, ташкил ва хариди онҳо, қабул ва супоридан, арзёбии захираҳои моддӣ, баҳисобгирии хароҷоте, ки бо ташкилу нигоҳдории захираи маводҳо ва қарздории кредиторӣ, назорат аз болои миқдори маводҳо аз рӯи ҷойи нигоҳдорӣ ва ғайраро дар бар мегирад;
- сикли истеҳсолот амалиётҳои хоҷагидориро оид ба банақшагирӣ ва назорат аз болои истеҳсолот, истеъмоли истеҳсолии унсурҳои истеҳсолоту барориши маҳсулоти тайёр, ҳисобкунии арзиши аслии молҳои фурӯхташаванда, ошкорсозии натиҷаҳои фаъолияти истеҳсолӣ муттаҳид месозад;
- сикли татбиқ ва гирифтани даромад амалиётҳои хоҷагидориро, ки бо татбиқи маҳсулоти тайёр ва рӯёнидани қарзҳои дебиторӣ, ҳисобкунии харҷҳои фаъолияти молиявӣ-фурӯшӣ, назорат аз болои навъҳо ва фоиданокии маҳсулоти баровардашаванда, воридшавии пули нақд ва ғайринақдӣ алоқаманданд, дар бар мегирад;
- сикли молиявӣ-сармоягузорӣ пешгӯии кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати анбӯҳи пули нақд, сармоягузории маблағҳои нақдиро ба коғазҳои қиматнок, гирифтани фоида ва фоизҳоро фаро мегирад.

Вобаста ба мазмуни фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории ташкилоти мушаххас сиклҳои дигари амалиётҳои хоҷагидорӣ ҷудо карда мешаванд. Муносибати пешниҳодгардида ба талаботи баланд бардоштани сифати аудит ҷавобгӯ мебошад. Таҳияи методикаи аудит барои ҷараёнҳои тиҷоратии субъекти иқтисодӣ муносибати самаранок ба таҳияи стратегияи санҷиши аудиторӣ ҳисоб меёбад. Ҷараёнҳои тиҷоратиро ба сифати соҳаи предметии санҷиш баррасӣ карда, аудитор ба намудҳои фаъолияте, ки моҳияти ҷараёни технологияи табдилдиҳии маҳсулоти дохилӣ ба содиротӣ ва ғайраро муайян мекунанд, бояд баҳо диҳад. Ин ба методикаи аудит дохил кардани натанҳо тартиботи тасдиқ намудани маълумоти ҳисоботӣ, инчунин, тартиботе, ки ба арзёбии самаранокии фаъолият, низоми идоракунӣ ва ба татбиқи мақсадҳои гузошташуда, аз ҷумла стратегӣ равонаанд, дар назар дорад.

Муносибатҳое, ки ба ҷудокунии сиклҳои амалиётҳои хоҷагидорӣ ва ҷараёнҳои тиҷоратӣ асос ёфтаанд, имкон медиҳанд:

- ба пешниҳоди модели фаъолияти субъекти иқтисодӣ чун низоми таҳаррукӣ;
- ба арзёбии самаранокии фаъолият, дар маҷмӯъ, ва аз рӯи сиклҳои алоҳида ё ҷараёнҳо;
- ба ҷудокунии хатарҳое, ки ба сиклҳо ё ҷараёнҳо хосанд.

Самаранокии таҳлил, ки дар аудит истифода мегардад, аз ҳалли маҷмӯи масъалаҳои зерини аналитикӣ, ки ба арзёбии ҷанбаҳои муҳимтарини фаъолияти ташкилоти аудитшаванда имкон медиҳанд, вобаста аст:

- афзалияти стратегии ташкилот (кадом нақшаи ташкили арзиш дар ташкилот мавҷуд аст, кадом мавқеъро он ишғол мекунад, кадом афзалиятҳои нисбӣ ба он дар нигоҳдории мавқеъ кумак мерасонанд?);
- хатарҳои корӣ бадастории мақсадҳоро, ки дар стратегияи ташкилот қайд шудааст, зери хатар мегузоранд (ба ташкилот дар ташкили арзиши қайдшуда чӣ халал расонида метавонад, кадом қувваҳо қобилиятҳои онро зери шубҳа мегузорад, дар ҷараёнҳо он барои ташкили арзиш тибқи нақша кадом афзалиятҳоро бояд дошта бошад?);
- ченкунии самаранокии ҷараёнҳо ва муқоисакунии маълумоти воқеӣ бо нишондиҳандаҳои олӣ (бо кадом маълумотҳо тасдиқ кардан мумкин аст, ки арзиши интизоршаванда, дарвоқеъ, ташкил карда мешавад, яъне то кадом андоза ҷараёнҳо аз нуқтаи назари мақсадҳои стратегӣ дар қиёс бо рақобатнокӣ самараноктаранд; кадом қисми фоидаро дар натиҷаи афзалияти стратегии татбиқёфта ва самаранокии мувофиқи ҷараёнҳо фоидаи тозаро ташкил медиҳад?);
- қобилияти ташкилот дар ташкили арзиш ва ҳосил кардани анбӯҳи ояндаи маблағҳои пулӣ (кадом модели назоратии ташкилот дар бораи тиҷорат тасаввурот медиҳад ва ба ташаккули мулоҳизаҳои касбӣ нисбати арзҳои роҳбарияти ташкилот, таҳлил кардани ҷараёнҳо ва тавсифи хатарҳои корӣ имкон медиҳад?);
- кадом пешгӯӣ ба модели тиҷоратии ташкилот дар додани тасдиқоти нисбии калидӣ, ки дар тамоми ҳисоботи молиявӣ ва тасаввури мувофиқи иттилооти ба ҳисоб гирифташуда, дар ҳисоботҳо таҷассум ёфтаанд, имкон медиҳад.

Дар асоси муқоисаи натиҷаҳои молиявӣ, ки дар ҳисобот пешниҳод гардидаанд, бо маълумоти пешгӯишаванда барои муайян сохтани моҳияти ихтилофоти ошкоршуда тестҳои иловагиро бояд муайян сохт [2, с. 210].

Ҳалли масъалаҳои гузошташуда муносибати нави системавиро ба гузаронидани аудит, ки бо вожагиҳои стратегияи санҷиши аудиторӣ тавсиф меёбад, талаб мекунад (Ҷадвали №1). Татбиқи муносибати системавӣ истифодаи таҳлили стратегиро дар ҷараёни аудит, ки мақсади он шиносоӣ бо мақсадҳо ва стратегияи ташкилот дар ҳошияи шароит дар соҳа ва муҳити иқтисодӣ мебошад ва дар он фаъолияти худро амалӣ мегардонад, дар назар дорад. Муқаррар намудан муҳим аст, ки дурнамои ташкилот аз нуқтаи назари хатарҳои бунёдии корӣ, ки ба стратегияи тиҷорат таъсир мерасонанд, чӣ гуна мебошад, кадом низому механимҳои назоратро роҳбарият барои идоракунии хатарҳо бунёд кардааст.

Таҳлили стратегия, арзёбии хатар ва низоми назорат ба аудитор дар гирифтани иттилооти кофӣ барои ошкорсозии ҷараёнҳои калидии тиҷоратӣ, ки амали бобарори ташкилотро таъмин менамоянд, имкон медиҳанд. Дар мақолаи мазкур методикае, ки

чор давраи асосии таҳлили стратегияро дар бар мегирад (ҷадвали №2) пешниҳод гардида, мазмуни он асоснок карда шудааст.

**Ҷадвали 1. - Тавсифномаи муносибати муосири системавӣ ба аудит**

| Унсурҳои стратегия | Тавсифномаи унсур |
|---|---|
| Муносибати умумӣ ба аудит | Нигаронида шудааст: ба арзёбии мукаммали тиҷорат, омӯзиши ҷанбаҳои дарозмуддат. Ба эътиқодот дар хусуси он ки донистани масъалаҳои умумӣ ба баҳодиҳии амиқ ба унсурҳои алоҳида имкон медиҳад, асос меёбад. |
| Омӯзиши фаъолияти субъекти иқтисодӣ дар асоси модели тиҷоратӣ | Дар назар дошта мешавад, ки идоракунии ташкилот дар асоси стратегияи рушд бояд амалӣ гардад. Мақсадҳои стратегияи пешбурди тиҷорат тавассути ҷараёнҳои калидии тиҷорат ба даст оварда мешаванд. Бинобар ин, барои арзёбии самаранокии фаъолияти ташкилот омӯзиши нишондиҳандаҳои стратегия ва ҷараёнҳои калидӣ зарур аст. |
| Дарки фаъолияти субъекти иқтисодӣ | Барои бадастории мақсадҳои аудит омӯзиши ташкилот ва муҳите, ки дар он фаъолият дорад, зарур аст. Аудитор дуршавӣ дар татбиқи мақсадҳои асосиро бояд омӯзад ва таҳлил кунад. |
| Муносибати системавӣ ба таҳлили фаъолият ва натиҷаҳои аудит | Ташкилот чун низоми таҳаррик дарк мегардад, ҳар як унсури он дар алоқа бо унсурҳои дигар бояд омӯхта шавад. |
| Арзёбии хатари аудиторӣ | Хатари аудиторӣ дар алоқа бо хатари кории ташкилот (хатари тиҷоратӣ) бояд арзёбӣ гардад. Фикри аудитор дар бораи саҳеҳияти ҳисобот, ки дар хулосаи аудиторӣ ирода ёфтааст, бо назардошти арзёбии хатари корӣ, ки аз тарафи роҳбарияти субъекти иқтисодӣ иҷро шудааст, баррасӣ мегардад. |

*Коркарди муаллифон*

Барои таҳияи нақшаи аудит (давраи қаблӣ) ва барои ташаккули хулосаҳои аудитор (давраи ниҳоӣ) таҳлили стратегӣ аҳамияти хосса дорад. Кори аудитор таҳлили ҳаматарафаи самаранокии фаъолияти ташкилотро бо истифодаи нишондиҳандаҳои молиявӣ ва ғайримолиявии фаъолияти онро дар бар мегирад [1].

Дар ҷадвали 2 мундариҷаи давраҳои асосии таҳлили стратегӣ нишон додааст, ки ҳар як давра фаъолияти мушаххасро ифода ва дар бар мегирад.

**Ҷадвали 2. - Мундариҷаи давраҳои асосии таҳлили стратегӣ**

| Давраҳо | Мундариҷа |
|---|---|
| Давраи I - таҳлили иттилооти умумии ибтидоӣ | Таҳлили модели як қисми фаъолият.<br>Таҳлили иттилоот аз рӯи соҳа.<br>Таҳлили иттилооте, ки ташкилотро тавсиф менамояд.<br>Дарки самаранокии фаъолияти ташкилот дар давраҳои пешина. |
| Давраи II - дарки мақсадҳои корӣ ва стратегияҳои ташкилот | Муқаррарсозии мақсадҳои кории ташкилот.<br>Дарки стратегияҳои ташкилот<br>Дарки стратегияҳои сатҳи иттиҳодиявии идоракунӣ.<br>Дарки стратегияҳои қисмҳои ташкилот.<br>Дарки стратегияҳо аз рӯи функсияҳо ва ҷараёнҳо.<br>Дарки ҷараёни идоракунии стратегии ташкилот |
| Давраи III - айниятсозии хатарҳои калони стратегӣ ва арзёбии низоми назорат | Айниятсозии хатарҳои калони стратегӣ.<br>Арзёбии низоми назорат.<br>Арзёбии таҳлили стратегӣ аз нуқтаи назари аҳамияти хулосаҳои он барои аудитор. |
| Давраи IV - консолтинги маълумоту хулосаҳои ҳосилшуда барои роҳбарияти ташкилот | Тасвияти ҳуҷҷатии маълумоту хулосаҳои ҳосилшуда |

*Коркарди муаллифон*

Ҷараёни ченкунии нишондиҳандаҳои фаъолият ба аудитор дар хубтар фаҳмидани натиҷаҳои кор низ кумак мерасонад. Методикаи пешниҳодшавандаи таҳлилӣ ба ошкорсозии саволҳои иловагӣ ба ташкилоти аудитшаванда ё хатарҳои корие, ки омӯзиши минбаъдаро талаб мекунанд, равона мебошад. Бо ёрии он аудитор пурра иҷро гардидани нақша, кифоягии исботи аудиторӣ ва хусусияти лозимии онҳо

барои ташаккули ақида оид ба ҳисоботи молиявии санҷидашаванда арзёбӣ карда метавонад.

Дар таҳлили стратегӣ нишондиҳандаҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ мавриди истифода қарор ёфта метавонанд. Нишондиҳандаҳои молиявӣ ба таҳлил кардани вазъи молу мулкӣ ва молиявӣ ва натиҷаҳои фаъолият дар таҳаррук дар асоси маълумоти бақайдгирифташуда, ки дар ҳисобот пешниҳод мегарданд, имкон медиҳанд. Чунин таҳлилро бо истифода аз муносибатҳои анъанавӣ ва воситаҳои таҳлили молиявӣ гузаронидан мумкин аст. Нишондиҳандаҳои ғайримолиявӣ самаранокии истифодаи захираҳо, ҷараёнҳо, омилҳои бозор, инчунин, алоқаи ин омилҳоро бо нишондиҳандаҳои молиявӣ бояд тавсиф намоянд. Арзёбии принсипи корхонаи амалкунанда самти муҳими таҳлили стратегӣ мебошад. Ташаккули мулоҳизаи касбӣ дар хусуси он ки то кадом андоза ин принсип ба консепсияи омодасозии ҳисоботи молиявӣ мувофиқ аст, вожагиҳои хоси худро дорад. Натиҷаҳои таҳлили стратегӣ дар ҳуҷҷатҳои кории аудит пешниҳод шуда метавонанд:

- таҳлили самаранокии фаъолияти ташкилот дар давраҳои қаблӣ;
- шарҳи пешакии аналитикӣ;
- тасвири модели тиҷоратии ташкилот;
- тасвири хатарҳои ташкилот;
- тасвири ҷараёнҳои тиҷорати калидӣ;
- тасвири низоми назорат;
- хулосаҳо оид ба таҳлили стратегӣ аз нуқтаи назари мақсади аудит ва имконият барои беҳгардонии вазъи ташкилот.
- нақша ва барномаи аудит;
- тасвири стратегияи ташкилот.

Ҳамин тариқ, татбиқи муносибати системавӣ ба аудити ҳисоби молиявӣ талаботро ба сатҳи дониши аудитор дар соҳаи таҳлил баланд мебардорад ва муносибати махсусро ба ташкили санҷиши аудиторӣ талаб мекунад.

**Адабиёт**


1. Азарская М.А. Теория и методология обеспечения качества аудита: автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора экономических наук/ М.А. Азарская. - Йошкар-Ола, 2009. – 24 с.
2. Арабян К.К. Организация и проведение аудиторской проверки: учеб. пособие/ К.К. Арабян. – М.: Юнити-Дана, 2009. – 447 с.
3. Исматов А.Ҳ. Тартиби гузаронидани аудити дохилӣ: воситаи таълимӣ/ А.Ҳ. Исматов. - Душанбе, 2019.- 144 с.
4. Нурмухамедова Д. А. Контроль качества работы в аудите /Д.А.Нурмухамедова//Материалы международной научно–практической конференции «Вопросы совершенствования бухгалтерского учета, аудита и анализа в условиях модернизации экономики». - Ташкент, 2017. - С. 281-290.
5. Нурмухамедова Д. А. Методика и организация обеспечения качества аудиторской деятельности /Д.А.Нурмухамедова//Материалы международной научно-практической конференции «Вопросы совершенствования бухгалтерского учета, аудита и анализа в условиях модернизации экономики». – Ташкент, 2017. - С. 296-302.
6.Холиқова С. Аудит қисми 2. Китоби дарсӣ/ С. Холиқова. – Бохтар, 2019. - 480 с.



**УДК: 330. 322. 321 1**


# ТАҲЛИЛИ ФАЪОЛИЯТИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


***Давлатов Фарҳод Ҳалимович*** *- муаллими калони кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 730467, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи. Нахимов 64/14. Тел.: (+992) 918677747.*



*Дар мақола дар бораи масъалаҳои муҳими рушди фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар, ки барои пешрафти муносибатҳои бозоргонӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ва воридоти технологияҳои пешқадам мусоидат мекунанд, маълумот дода шудааст. Бояд тазаккур дод, ки минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ ҳамчун омили асосии рушди босуботи иқтисодиёт аз ҳисоби фаъолгардонии гардиши байналхалқии мол, ҷалби сармоя, истеҳсолоти молҳои воридотивазкунанда, рушди муносибатҳои тиҷоратӣ, соҳаи сайёҳӣ ва тақвияти ҷараёнҳои ҳамгироии иқтисодӣ фаъолияти пурсамарро таъмин менамоянд. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ чун объекти муносибатҳои иқтисодӣ барои рушди саноатикунонии иқтисодиёти мамлакат ва ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ мусоидат мекунанд.*

*Инчунин, дар мақола масъалаи таъсиси МОИ-и шакли муосир ва зарурати ҷалб кардани тамоми неруи кишвар аз захираҳои буҷавӣ сар карда, то тамоми имкониятҳои иштирокчиёни фаъолияти хоҷагидорӣ таҳлил карда шудааст. Маҳз дар чунин ҳолат, ба қавли муаллиф, МОИ ҳамчун институти иқтисодиёти бозоргонӣ самараи калони хоҷагидорӣ дода, барои ҳалли дигар масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ мусоидат мекунад.*
***Калидвожаҳо:** минтақаҳои озоди иқтисодӣ, рушди муносибатҳои истеҳсолӣ, сармоягузорӣ, гардиши моли байналхалқӣ, иқлими мусоиди сармоягузорӣ, имтиёзҳои гумрукӣ ва андозбандӣ, паст намудани сатҳи камбизоатӣ, амнияти иқтисодӣ, мавҷудияти захираҳои корӣ.*

## АНАЛИЗ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СВОБОДНЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ЗОН В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

***Давлатов Фарход Халимович** – старший преподаватель кафедры таможенного дела, Таджикский государственный финансово-экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: (+992) 918677747.*

*В статье освещаются важные вопросы развития свободных экономических зон в стране, которые способствуют развитию рыночных отношений, созданию новых рабочих мест, привлечению иностранных инвестиций и импорту передовых технологий. Следует отметить, что свободные экономические зоны в стране являются ключевым фактором устойчивого экономического развития за счет активизации международной торговли, инвестиций, производства импортозамещающих товаров, развития торговых отношений, туризма и усиления интеграционных процессов. Свободные экономические зоны являются объектом экономических отношений для индустриального развития экономики страны и формирования инновационной экономики.*

*В статье также анализируется вопрос создания современной СЭЗ и необходимость задействования всего потенциала страны, от бюджетных ресурсов до всех возможностей участников экономической деятельности. В этом случае, по мнению автора, СЭЗ как институт рыночной экономики дает большие экономические выгоды и способствует решению других экономических и социальных проблем.*
***Ключевые слова:** свободные экономические зоны, развитие производственных отношений, инвестиции, международная торговля, благоприятный инвестиционный климат, таможенные и налоговые льготы, сокращение бедности, экономическая безопасность, доступность трудовых ресурсов.*

## ANALYSIS OF THE ACTIVITY OF FREE ECONOMIC ZONES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Davlatov Farhod Halimovich** - Tajik state finance and economics university, Assistant of the Department of Customs, Address: 734067, Republic of Tadjikistan, Dushanbe, street Nakhimova, 64/14. Phone: (+992) 918677747.*
*The article highlights important issues of the development of economic resources in the country, which contribute to the development of market relations. It should be noted that free economic zones are in the key factors of economic development due to the intensification of international trade, the production of import-substituting goods, the development of trade relations, and the strengthening of integration processes. Free economic zones are intended for economic relations for the industrial development of the country's economy and the creation of an innovative economy.*

*The article also analyzes the issue of creating a modern FEZ of necessity and the use of the entire potential of the country, from budgetary resources to all the possibilities of participants in economic activity. In this case, according to the author, the SEZ as an institution of a market economy provides great economic benefits and a solution to other economic and social problems.*
***Key words**: free economic zones, development of industrial relations, investments, international trade, favorable investment climate, customs and tax benefits, poverty reduction, economic security, availability of labor resources.*

Дар шароити ташаккулёбии ҳамгироии иқтисодӣ яке аз масъалаҳои муҳими рушди фаъолияти хоҷагидории кишвар, ки барои пешрафти муносибатҳои бозоргонӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва воридоти технологияҳои пешқадам мусоидат мекунанд, минтақаҳои озоди иқтисодӣ мебошанд. Ба ғайр аз ин, баъди тағйир ёфтани траекторияи иқтисоди ҷаҳон ва бартараф кардани оқибатҳои бухрони ҷаҳонии молиявӣ бисёр кишварҳо наметавонанд дар чунин шароит ба имкониятҳои худ такя кунанд. Инчунин, дар шароити рушди муносибатҳои молиявӣ ва гузаштан ба модели рушди сармоягузорӣ ташаккулёбии иқлими мусоиди сармоягузорӣ ва дар ин замина, ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ самти афзалиятноки сиёсати хоҷагидории кишвар ба шумор меравад [14, с. 70].

Таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар қаламрави махсуси иқтисодӣ роҳи воқеии ҷалби сармоягузорӣ барои рушди минтақаҳо ба ҳисоб рафта, яке аз воситаҳои танзими давлатии иқтисодиёти кишвар арзёбӣ мегарданд [3, с. 28].

Мувофиқи маълумотҳо, дар 1 январи соли 2020 аҳолии кишвар 9,5 миллион нафарро ташкил менамояд, ки аз он танҳо 27,5% дар шаҳрҳо зиндагӣ мекунанд [2, с.79]. Ин маънои онро дорад, ки аксарияти аҳолӣ бо истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ машғул буда, дар таъмини нафақат талаботи хеш, балки амнияти озуқаворӣ низ саҳм мегузоранд. Дар айни замон, сатҳи ҳосилнокии меҳнат низ паст мебошад, зеро арзиши даромади ҳар сари аҳолӣ, аз як тараф, зиёд шуда истодааст ва аз тарафи дигар бошад, омилҳои беруна барои рушди устувори кишвар халал мерасонанд.

Ҳамзамон, дар шароити номуайянии тамоюли рушди иқтисодиёти ҷаҳон ва дар натиҷаи бухронҳои иқтисодиву молиявӣ сатҳи тахассусии аҳолии Тоҷикистон низ дар сатҳи хеле паст боқӣ мондааст ва яке аз нишондиҳандаҳои ғайримустақим, ин ҳиссаи ками сокинони шаҳр дар аҳолии кишвар мебошад [17, с. 25]. Аз тарафи дигар, қайд кардан зарур аст, ки суръати тези афзоиши ММД нишон медиҳад, ки дурнамои кишвар метавонад дар оянда муътадил арзёбӣ гардад. Асоси динамикаи ташаккулёфтаи иқтисодӣ саноати ватанӣ ва соҳаҳои истихроҷ боқӣ мемонанд. Дар 5 соли охир ҳиссаи истеҳсолот дар ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ 56,6%, истихроҷи маъдан 21,7% афзоиш ёфт, ки ин ба мо имкон медиҳад, ки дар қаламрави минтақаҳои озоди иқтисодӣ базаи устувори истеҳсолӣ ва коркарди ашёи хом таъсис намоем [6].

Аз нуқтаи назари тадқиқоти мо, қайд кардан зарур аст, ки Тоҷикистон кишвари аграрӣ-саноатӣ ба ҳисоб рафта, дорои иқтидори бузурги нақлиётиву гидроэнергетикӣ, боигариҳои калони маъданҳои фоиданок мебошад. Инчунин, мавқеи мусоиди ҷуғрофӣ барои муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва наздикии бозорҳои бузурги истеъмолии Россия ва Қазоқистон, Чин, Афғонистон ва Покистон барои кишвар имконият медиҳад, ки минтақаҳои озоди иқтисодиро ба як қувваи ҳаракатдиҳандаи рушди иқтисодиёти миллӣ табдил диҳад.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар таъмини рушди босуботи иқтисодӣ нақши минтақаҳои кишвар дар шароити кунунӣ афзоиш ёфта истодааст. Азбаски аксарияти аҳолии кишвар дар деҳот зиндагӣ мекунанд, дар истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва дар қонеъ намудани талаботи бозор саҳми зиёдтар доранд. Қайд кардан зарур аст, ки имрӯз минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи рушд қарор дошта, дар таҳкими тараққиёти кишвар мавқеи муҳимро ишғол мекунанд. Мавқеи минтақаҳои кишвар дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. - Ҳиссаи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иқтисодиёти миллӣ дар соли 2020**

| | Ҳиссаи минтақаҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Дар шумораи умумии аҳолӣ, бо % | ММД, бо % | Дар ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ, бо % | Дар ҳаҷми истеҳсолоти кишоварзӣ, бо % | Дар ҳаҷми ҷамъоварии андоз, бо % |
| **Дар ҷумҳурӣ** | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| **шаҳри Душанбе** | 9,3 | 21,1 | 8,3 | 0 | 42,4 |
| **вилояти Суғд** | 29,2 | 31,2 | 50,2 | 28,9 | 29,7 |
| **вилояти Хатлон** | **35,8** | **28,5** | **33,7** | **51,8** | **15,6** |
| **ВМКБ** | 2,5 | 1,7 | 0,9 | 2,6 | 1,4 |
| **НТҶ** | 23,2 | 17,3 | 6,7 | 16,5 | 10,8 |

***Сарчашма:*** *Юнусзода Х.К. Такмили ташхис ва методҳои арзёбии рушди иҷтимоиву иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05. // Юнусзода Х.К.. - Душанбе - 2020. - 35 с.*

Аз ҷадвал маълум мегардад, ки аз рӯи аҳолӣ вилояти Хатлон дар ҷойи аввал истода, 35,8 фоизро ташкил менамояд. Саҳми минтақа бошад, дар сохтори маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 28,5 фоиз мебошад, ки назар бар вилояти Суғд 2.7 % камтар мебошад. Сабаби асосии зиёд будани саҳми вилояти Суғд дар он мебошад, ки дар вилоят корхонаҳои саноатӣ зиёдтар буда, саҳми истеҳсолоти саноатӣ 50,2 фоизро ташкил менамояд, ки назар бар вилояти Хатлон ин нишондиҳанда 16,5 % зиёдтар аст.

Аз рӯи истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ бошад, вилояти Хатлон дар ҷойи аввал истода, аз рӯйи ин нишондиҳанда 51,8 фоизи маҳсулотро истеҳсол мекунад, ки назар ба вилояти Суғд 36,2 % зиёдтар мебошад. Дар ҳаҷми ҷамъоварии андоз чӣ тавре ки аз ҷадвал бармеояд, ҷойи аввалро шаҳри Душанбе ишғол намуда, аз рӯйи ин нишондиҳанда 42,4%-ро ташкил менамояд. Сабаби асосии афзоиши ҷамъоварии андозҳо дар шаҳри Душанбе аз зиёд будани субъектони фаъолияти хоҷагидорӣ ва иштироки фаъоли бозори маркази кишвар дар низоми иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Вилояти Хатлон бошад, аз рӯйи ин нишондиҳанда дар ҷойи сеюм истода, 15,6%-и ҷамъоварии андозро дар кишвар ташкил менамояд.

Тавре ки мо дар боло қайд кардем, таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар вилояти Хатлон, аз ҷумла минтақаи Кӯлоб нафақат барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид дар минтақа, балки барои афзоиши нишондиҳандаҳои дар боло зикршуда мусоидат мекунад. Шароити имрӯзаи кишвари мо, ки иқтисодиёти он ба низоми хоҷагидории бозорӣ ва сиёсати давлатии «дарҳои кушод» асос ёфтааст, таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ қобили ҷонибдорӣ буда, ба ҳадафу вазифаҳои стратегияи миллии рушд дар мамлакат мувофиқат мекунад [1, с. 215].

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар расми №1 оварда шудаанд.




**Расми 1. - Мавқеи ҷуғрофии минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Тавре ки мо аз расм мушоҳида мекунем, панҷ минтақаи озоди иқтисодӣ аз рӯи мавқеи ҷуғрофӣ ва иқтидори калони захираҳои моддиву истеҳсолӣ барои рушди фаъолияти хоҷагидории кишвар ва умуман, барои ташаккулёбии соҳибкории худу миёна ва инчунин, барои таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ мусоидаткунанда мебошанд. Дар баробари ин, аз расм бармеояд, ки ҳамаи минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар наздикии марказҳои асосии нақлиётиву ҳавопаймо ва роҳи оҳан ҷойгир мебошанд. Ин барои фаъолияти пурсамари субъектони минтақаҳои озоди иқтисодӣ шароити мусоиди иқтисодиву тиҷоратӣ фароҳам меоварад. Қайд кардан зарур аст, ки минтақаҳои озоди иқтисодии вилояти Хатлон дар наздикии шаҳр ва даруни шаҳри Кӯлоб, яъне дар минтақаи аҳолинишин ва дорои иқтидори истеҳсоливу саноатӣ ҷойгир мебошанд. Чунин бартариятҳо ба минтақаҳои озоди иқтисодии вилояти Хатлон имкон медиҳад, ки барои татбиқи ҳадафи стратегӣ, яъне саноатикунонии мамлакат ва гузаштан аз модели истеъмолӣ ба модели сармоягузорӣ заминаи устувори моддиву техникӣ гузошта шавад.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ифодакунандаи инкишофи робитаҳои тиҷоратию молиявӣ, истеҳсолию технологии давлатҳо ба шумор рафта, ба макони густариши

муносибатҳои бозорӣ, рушди соҳибкорӣ, такмили технологияҳои истеҳсолӣ ва санъати идоракунӣ мубаддал гаштаанд [16, с. 12].

Инфрасохтори Хатлон шабакаи тараққикардаи роҳҳои автомобилгард, роҳи оҳан ва ҳавоӣ ба ҳисоб меравад. Саноати хӯрокворӣи сабук, кимиё, электротехникӣ ва металкоркунӣ рушд ёфта истодааст. Дарёҳои асосӣ, дарёи Панҷ, Вахш ва якчанд обанборҳо захираҳои бепоёни гидроэнергетикӣ доранд. Шароити табиӣ ва иқлимии минтақа, ки дар он офтоб, об, инчунин, водиҳои ҳосилхез зиёданд, имкон медиҳад, ки дар як сол то 3 маротиба сабзавот ва мева парвариш карда шавад[12].

Захираҳои бойи табиӣ, инфрасохтори калон, шумораи аҳолӣ ва иқтидори илмиву техникии вилояти Хатлон имконият медиҳад, ки дар қаламрав барои рушди устувори минтақаҳои озоди иқтисодӣ шароити мусоиди иқтисодиву сармоягузорӣ фароҳам оварда, барои таҳким бахшидан ба рушди иқтисодиёти минтақаву миллӣ мусоидат намояд. Яке аз мақсадҳои асосии таъсиси минтақаҳои озодӣ иқтисодӣ дар вилояти Хатлон, ин ҷалби сармоягузории ватаниву хориҷӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолии минтақа ба ҳисоб меравад.

Вилояти Хатлон 25% маҷмӯи маҳсулоти минтақаи кишварро ташкил медиҳад. Ҳамзамон, ҳиссаи саноат дар рушди иқтисоди миллӣ дар соли 2019, 31%, кишоварзӣ 49% -ро ташкил дод. Дар вилояти Хатлон 88% неруи барқ, 60% пахта, 64% ғалладона, 50% сабзавот ва 42% мева истеҳсол карда мешавад [10]. Аз нуқтаи назари тадқиқоти мо, қайд кардан зарур аст, ки истифодаи самараноки иқтидори вилояти Хатлон ба мо нафақат рушди минтақа, балки ворид шудан ба ҷараёнҳои ҳамгироӣ ва иштироки фаъол дар тақсимоти байналхалқии меҳнат имкон медиҳад. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ бошад, дар кишвар ҳамчун элементи рушди иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб рафта, аз самаранок истифода бурдан ва танзими дурусти давлатии онҳо таъмини тараққиёти минбаъдаи минтақаҳои кишвар вобастагии калон дорад.

Мувофиқи сомонаи Вазорати рушди иқтисод ва савдо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар айни замон, дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамагӣ 75 ширкати ватанию хориҷӣ ҳамчун субъект ба қайд гирифта шудааст [15]. Шумораи умумии субъектони минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2. - Шумораи иштирокчиёни фаъолияти хоҷагидорӣ дар ҶТ**

| МОИ Данғара | | МОИ Суғд | | МОИ Панҷ | | МОИ Ишкошим | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Истеҳсолӣ | Хизматрасонӣ | Истеҳсолӣ | Хизматрасонӣ | Истеҳсолӣ | Хизматрасонӣ | Истеҳсолӣ | Хизматрасонӣ |
| 22 | 3 | 24 | 5 | 12 | 4 | 4 | 1 |

***Сарчашма**: Дар асоси маълумотҳои сомонаи Вазорати рушди иқтисод ва савдо тартиб дода шудааст. [манбаи электронӣ] http://fez.tj/tj/newstaj/ (санаи муроҷиат: 9.12.2020 с.)*

Тавре ки аз ҷадвали 2 бармеояд, дар минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар ҳамагӣ 75 ширкати ватаниву хориҷӣ ба қайд гирифта шуда, фаъолият доранд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз ҳама фаъолтар минтақаи озоди иқтисодии Суғд ба ҳисоб меравад. Шумораи ширкатҳои дар ин минтақа бақайдгирифташуда 29 ададро ташкил менамояд, ки назар бар МОИ-и Данғара 4 адад дар соли 2019 зиёдтар мебошанд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар умум, дар вилояти Хатлон, дар МОИ-и Данғара ва Панҷ 41 адад ширкатҳои ватаниву хориҷӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки аз минтақаи Суғд 12 адад зиёдтар мебошанд. Минтақаи озоди иқтисодии Ишкошим бошад, чӣ тавре ки аз ҷадвал маълум мегардад, тамоюли на он қадар рушдро доро мебошад. Сабаби асосии суст тараққӣ кардани ин минтақа дур будан аз маркази кишвар ва иқлими сахти табиӣ мебошад. Дар минтақаи озоди иқтисодии Панҷ бошад, 16 адад ширкатҳо ба қайд гирифта шудаанд, ки барои таҳким бахшидан ба рушди тиҷорату иқтисодиёти минтақа мусоидат мекунанд.

Барои дуруст дарк кардани масъала қайд кардан муҳим аст, ки яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва вусъати шуғли пурмаҳсул ба ҳисоб меравад. Мувофиқи маълумотҳои оморӣ, то соли 2023 аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 10 миллион нафарро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ барои кишвар дар чунин шароит проблемаи рақами як ба ҳисоб меравад. Дар

баробари ин, таҷрибаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ташкили ҷойҳои нави корӣ саҳми калон доранд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон, дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамагӣ 1072 корманд кору фаъолият мекунанд. Аз шумораи умумии кормандон 407 нафари онҳо ба МОИ «Данғара», 599 нафар ба МОИ «Суғд», 52 нафар ба МОИ «Панҷ» ва 14 нафар ба МОИ «Ишкошим» рост меояд [7]. Таҳлилҳо нишон додаанд, ки иштироки ширкатҳои ватаниву хориҷӣ дар қаламрави МОИ сол то сол зиёд шуда, дар таҳкими вусъати шуғли пурмаҳсул мавқеи муҳимро ишғол мекунанд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва дар ин замина, таъмини шуғли пурмаҳсул ба афзоиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодии кишвар, истеъмолот, пасандозҳо ва сармоягузориҳо мусоидат мекунад. Мувофиқи пешбиниҳо, шумораи аҳолии қобили меҳнат соли 2030 ба 6,8 млн. нафар мерасад. Шумораи умумии аҳолии ба шуғл машғулбуда бояд то 70 фоиз аҳолии қобили меҳнат дар соли 2030 зиёд гардад. Дар баробари ин, аз рӯи сенарияи индустриалӣ ё индустриалию инноватсионӣ дур шудан аз бартарияти ҳиссаи шуғл дар соҳаи кишоварзӣ бояд қисми муҳими ислоҳот дар соҳаи шуғл ва афзоиши маҳсулнокии меҳнат гардад ва бо таҷдиди сохтории бахши воқеӣ алоқаманд бошад. Ҳиссаи аҳолии дар соҳаи хизматрасонӣ машғулбуда аз 27,6 фоиз то 60 фоиз, дар саноат аз 3,3 фоиз то 15-20 фоиз афзоиш ёбад. Ин маънои онро дорад, ки тақрибан 70 фоиз афзоиши захираҳои меҳнатӣ дар деҳоти ҷумҳурӣ дар давоми солҳои 2016-2030 дар соҳаҳои саноат, иҷтимоӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ машғул бошанд [13, с. 78].

Дар оянда мо бояд ба модели иқтисодиёти индустриалӣ дар натиҷаи татбиқи ҳадафҳои стратегӣ гузарем ва аз ин лиҳоз, саноатикунонии босуръатро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар қабул кардем. Маҳз дар заминаи рушди саноат, мо метавонем ташкили ҷойҳои нави корӣ, афзоиши иқтидори содиротии мамлакат ва инчунин, таъмини рушди босуботи иқтисодии кишварро амалӣ намоем.

Таҳлилҳо нишон додаанд, ки дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда, дар 7 соли охир ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ қариб 3 баробар (аз 10 миллиард сомонӣ) ва ҳиссаи соҳа дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар 5,1 банди фоизӣ (аз 12,6 ба 17,7 фоиз) зиёд гардидааст [11, с.11]. Дарк кардан зарур аст, ки нишондиҳандаҳои соҳа барои иҷрои самараноки барномаҳои иқтисодии қабулгардида ҳанӯз нокифоя буда, корҳо дар самти баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ, афзоиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ ва инчунин, татбиқи сиёсати мусоидат ба содирот ва воридотивазкунӣ қонеъкунанда нестанд. Бинобар ин, барои татбиқи ҳадафҳои стратегӣ барои мо лозим меояд, ки тамоми имкониятҳои мавҷударо ба таври кофӣ ва самаранок истифода бурда, истеҳсоли маҳсулоти саноатиро рушд диҳем.

Имрӯз, аллакай маълум аст, ки самти афзалиятнок барои истеҳсоли молҳои воридотивазкунанда ва ба содиротнигаронидашуда ва инчунин, барои гузаштан ба модели индустриалӣ таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун элементи рушди иқтисодиёти миллӣ зарур меояд. Таҳлилҳо нишон додаанд, ки дар соли 2019, дар минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар ба маблағи 200,83 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шудааст. Аз ин маблағ дар МОИ «Суғд» 163,2 млн. сомонӣ, МОИ «Данғара» 36,8 млн. сомонӣ, МОИ «Панҷ» 0,8 млн. сомонӣ ва МОИ «Ишкошим» 0,03 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол шудааст. Аз оғози фаоълияти минтақаҳои озоди иқисодӣ дар маҷмӯи маҳсулоти саноатӣ, хизматрасонӣ ва амалиётҳои воридоту содиротӣ ба маблағи 711,7 млн. сомонӣ баробар гардид [8]. Истеҳсолоти маҳсулот дар минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар дар диаграммаи 1 оварда шудааст.

Тавре ки аз диаграмма бармеояд, дар соли 2019 ҳаҷми маҳсулот аз ҳама зиёд дар минтақаи озоди иқтисодии Суғд истеҳсол шудааст, ки 163,2 миллион сомониро ташкил менамояд. Дар минтақаҳои озоди иқтисодии вилояти Хатлон, Панҷ ва Данғара, дар маҷмӯъ, маҳсулот дар ҳаҷми 37,6 миллион сомонӣ истеҳсол шудааст, ки 125,6 миллион сомонӣ камтар мебошад.

**Диаграммаи 1. - Истеҳсоли маҳсулот дар МОИ ҶТ**




***Сарчашма:*** *Аз рӯи сомонаи Вазорати рушди иқтисод ва савдо тартиб дода шудааст. [манбаи электронӣ]: [http://fez.tj/tj/newstaj/](http://fez.tj/tj/newstaj/) (санаи муроҷиат: 13.11.2020с.)*

Аз оғози фаоълият, чӣ тавре ки мо дар боло қайд кардем, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, хизматрасонӣ ва амалиётҳои воридоту содиротӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар ба маблағи 711,7 млн. сомонӣ баробар гардид, ки саҳми аз ҳама зиёд минтақаи озоди иқтисодии Суғд ва Данғара мушоҳида мешавад. Дар баробари ин, аз рӯйи диаграмма мушоҳида мешавад, ки ҳаҷми истеҳсолоти молу хизматрасонӣ ва инчунин, амалиётҳои воридотиву содиротӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар афзоиш ёфта истодааст. Танҳо дар минтақаи озоди иқтисодии ноҳияи Ишкошим нишондиҳандаи мазкур бетағйир боқӣ мондааст. Дар дигар минтақаҳо бошад, истеҳсолоти молу хизматрасонӣ тамоюли баландшавиро пайдо кардааст, ки барои рушди минбаъдаи кишвар ва таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ мусоидаткунанда мебошад.

Имрӯз самаранокии минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба ҳама маълум гашта, яке аз самтҳои афзалиятноки ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ ба ҳисоб меравад. Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, воридоти умумии сармоягузории хориҷӣ дар соли 2019, 607,1 миллион доллари ИМА-ро ташкил додааст, ки аз он 345,9 млн. доллари ИМА сармоягузории мустақим ва 261,2 млн. доллари ИМА қарзҳои аз ҷониби корхонаву ташкилотҳо ҷалбгардида мебошанд. Ҳамагӣ аз соли 2007 то инҷониб ба иқтисодиёти кишвар 9865,7 млн. доллари ИМА ҷалб гардидааст, ки барои рушди иқтисодиёт ва татбиқи ҳадафҳои стратегӣ заминаи устувор гузошт [5].

Таҷрибаи давлатҳои тараққикарда дар самти ташаккулёбии МОИ нишон дод, ки дар баробари дигар омилҳои рушд, ба монанди маҳсулнокии меҳнат, ҷалби сармояи хориҷӣ, сатҳи истеҳсолоту даромаднокии аҳолӣ омили муҳими ташаккулёбӣ ва рушди МОИ ба ҳисоб меравад. Қайд кардан зарур аст, ки ҳаҷми сармоягузории мустақим дар минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар дар соли 2019 ба 146,5 млн. сомонӣ баробар гардид. Саҳми асосии сармоягузориҳои азхудшуда ба минтақаҳои озоди иқтисодии Суғд 9,5 млн. сомонӣ ва Данғара 129,2 млн. сомонӣ рост меояд [9].

Таҳлили таҷрибаи давлатҳои тараққикарда нишон медиҳад, ки рушди иқтисодиёти минтақавӣ ва умуман, тараққиёти фаъолияти хоҷагидории кишвар дар ҳолати таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ имконпазир мегардад. Маҳз таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун яке аз шаклҳои фаъоли ҷалби сармоягузорӣ барои самаранок истифода бурдани маблағгузории ватаниву хориҷӣ заминаи устувор мегузорад. Он имтиёзҳое, ки дар қаламрави минтақаҳои озоди иқтисодӣ, ба монанди низоми махсуси гумрукӣ, имтиёзҳои андозбандӣ барои иштирокчиёни фаъолияти хоҷагидорӣ дар МОИ, тартиби содакунии воридоту содироти молу маҳсулот ва инчунин, арзон будани қувваи корӣ барои сармоягузорон аз нуқтаи назари ба даст овардани фоида аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Қайд кардан зарур аст, ки имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар марҳилаи рушд

қарор дошта, барои ҷалби сармояи хориҷӣ ва воридоти технологияи муосир шароитҳои муфидро фароҳам овардаанд.

Таҳлили таҳқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳад, ки фаъолияти мӯътадили МОИ Данғара ва Панҷ имкониятҳои сармоягузории минтақаи Хатлонро беҳтар менамоянд. Аввалан, он рушди иқтисодии минтақаро таъмин менамояд, ки дар раванди он технологияҳои нав татбиқ карда мешаванд. Баъдан, он соҳибкории саноатӣ ва истеҳсолиро рушд медиҳад, ки барои афзоиши истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда мусоидаткунанда мебошад. Саввум, он ба фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва баланд бардоштани сатҳи иқтидори сармоягузорӣ, инчунин, барои ҷалби сармоягузорони ватанию хориҷӣ хизмат мекунад [4, с. 194].

Ҳамин тариқ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқи ҳадафҳои стратегӣ тамоми имкониятҳо, аз ҷумла ташаккулёбии минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар кишварро самаранок истифода бурда, дар ин замина, иқлими мусоиди сармоягузориро дар минтақаҳои мухталиф таъсис додааст. Таъсиси панҷ минтақаи озоди иқтисодӣ дар кишвар ва аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташаккулёбии онҳо заминаҳои ҳуқуқиву инфрасохторӣ муҳайё намудан, аз самаранокии иқтисодии онҳо шаҳодат медиҳад. Мақсади асосии таъсиси МОИ, ин натанҳо таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ ва муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ, балки ба як минтақаи рушдёфта табдил додани ин минтақаҳо ба шумор меравад. Эълон намудани «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» (2019-2021) ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» барои ташаккулёбии МОИ ҳамчун яке аз шаклҳои ҷалби сармоягузорӣ ва элементи муҳими рушди иқтисодиёти минтақавию миллӣ равона гардида буд. Барои ба таври кофӣ ташаккул додани минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва ба қувваи иловагии тараққиёти иқтисоди миллӣ дар кишвар табдил додани онҳо корҳои зиёдеро, ба монанди баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ, афзоиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ, баланд бардоштани маданияти иқтисодиёти бозоргонӣ ва инчунин, татбиқи сиёсати мусоидат ба содирот ва воридотивазкунӣ ба анҷом расонидан лозим меояд.

**Адабиёт**


1. Алиев М.Б. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва нақши онҳо дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.Б. Алиев, С. Шарипов, Х. Ҳабибов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2019. - №4 (29). - С.215-221.

2. Кравчук В.И. Экономическое развитие Республики Таджикистан и роль свободных экономических зон/В.И. Кравчук//Инновационная экономика. – 2020. -№2 (23). - С.79-88

3. Коновалова Т.А. Анализ эффективности деятельности особых экономических зон на территории Российской Федерации //Вопросы экономики и управления. - 2018. - №3 (14).- С.28-33. [электронный ресурс] URL: https://moluch.ru/th/5/archive/90/3244/ (дата обращения: 07.11.2020г.).

4. Комилов С.Д. Роль свободных экономических зон в развитии инвестиционного потенциала региона (на примере Республики Таджикистан) / Д.С. Комилов, Ф.М. Гафаров // Проблемы современной экономики 2017.- № 3 (63).- С.-194-197.

5. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [манбаи электронӣ]: https://investcom.tj/tj/sarmoya/faolijati-sarmojaguzor/27-omori-sarmojaguzorii-hori.html. Санаи муроҷиат 14.11.2020.

6. Министерство экономического развития и торговли Республики Таджикистан [электронный ресурс]. URL: http://fez.tj (дата обращения: 10.11.2020).

7. МОИ - http://fez.tj/tj/newstaj/194-faoliyati-mintaaoi-ozodi-itisodii-umurii-toikiston.html - https://moluch.ru/th/5/archive/90/3244/ (дата обращения: 07.11.2020).

8. МОИ ҶТ - минтақаҳои устувори сармоягузорӣ. [манбаи электронӣ]: URL: 13.11.2020).

9. МОИ ҶТ - минтақаҳои устувори сармоягузорӣ. [манбаи электронӣ]: http://fez.tj/tj/newstaj/194-faoliyati-mintaaoi-ozodi-itisodii-umurii-toikiston.html. http://fez.tj/tj/newstaj/194-faoliyati-mintaaoi-ozodi-itisodii-umurii-toikiston.html. (санаи муроҷиат: 07.11.2020).

10. Открытие экономического форума «Свободные экономические зоны в Республике Таджикистан: возможности для развития» в городе Кулябе. [электронный ресурс] http://noviykhatlon.tj/2019/10/14/otkrytie-jekonomicheskogo-foruma-svobodnye-jekonomicheskie-zony. (дата обращения: 10.11.2020).

11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ. ш. Душанбе, 26 декабри соли 2019. - С. 11.

12. Свободные экономические зоны в Республике Таджикистан. [электронный ресурс]URL: https://mfa.tj/ru/berlin/view/5832/svobodnye-ekonomicheskie-zony. (дата обращения: 07.11.2020).

13. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. С. 78

14. Содиқов М.С. Таҳлили омилҳои таъсиррасон ба чораёни ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ дар ҶТ. / М.С. Содиқов, А.А. Сафаров // Паёми молия ва иқтисод. 2020. - №2 (22). - С.70-76.

15.Фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон h[манбаи электронӣ]: URL ttp://fez.tj/tj/newstaj/194-faoliyati-mintaaoi-ozodi-itisodii-umurii-toikiston.html. (санаи муроҷиат: 12.11.2020).
16. Ҳамитов М.С. Фаъолияти истеҳсолию тиҷоратии минтақаҳои озоди иқтисодӣ /М.С. Ҳамитов, А.А. Ҳакимов, А. Ҳакимзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 2019.- №2(27). - С. 12-18.
17. Чиниев Д.Б. Цифровое государство в Таджикистане: основные этапы формирования, проблемы и возможности./ Д.Б.Чиниев // Россия и Азия. – 2019. – № 4 (9). – С. 25-31.

**УДК: 338.43/633**

# ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ ҚАНД ВА МАНФИАТҲОИ ИҚТИСОДИИ ИСТЕҲСОЛИ ОН ДАР ҶАҲОН ВА ТОҶИКИСТОН

***Рустамҷони Сайдуллои Қузратзода*** *– муаллими калони кафедраи назарияи иқтисодӣ ва менеҷменти инноватсионии Донишгоҳи давлатии Данғара. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Данғара, кӯчаи Марказӣ. Тел.: 901313868.*

*Дар мақолаи мазкур муаллиф дар бораи таърихи пайдоиши қанд ва истеҳсоли ин маҳсулот дар мамлакатҳои ҷаҳон маълумоти муфассал додааст. Самаранокии истеҳсоли ин маҳсулотро таҳлил намуда, дар соҳаи иқтисодӣ, инчунин, дар дигар самтҳои фаъолияти хоҷагидорӣ самараи хуб ба бор оварданашро таъкид сохтааст.*

*Муаллиф ҷорисозии истеҳсоли шакарро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур шуморида, манфиати бештари иқтисодии онро бо мисолҳо оварда, ҷорисозии истеҳсоли шакарро дар иқтисодиёти кишвар ва рушди баъзе соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ бо далелҳои мушаххас нишон додааст.*

***Калидвожаҳо:*** *истеҳсоли қанд, ҳосилнокӣ, селюллоза, меласса, этил, этанол, сӯзишвории биологӣ, найшакар, лаблабуи қанд.*

## ИСТОРИЯ ПОЯВЛЕНИЯ САХАРА И ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ПРЕИМУЩЕСТВА ЕЕ ПРОИЗВОДСТВА В МИРЕ И В ТАДЖИКИСТАНЕ

***Рустамджони Сайдуллои Кузратзаде*** *– старший преподаватель кафедры экономической теории и инновационного менеджмента Дангаринского государственного университета. Адрес: Республика Таджикистан, р. Дангара, ул. Маркази. Тел.: 901313868.*

*В статье автор представляет подробную информацию об истории происхождения сахара и его производства в странах мира. Анализируя эффективность производства этой продукции, он отмечает ее хорошее влияние, как в экономической сфере, так и в других сферах экономической деятельности.*

*Автор считает необходимым внедрение производства сахара в условиях Республики Таджикистан и приводит примеры его больших экономических выгод.*

*В конце автор подтверждает важность производства сахара для экономики страны и развития некоторых социально–экономических секторов на конкретных примерах.*

***Ключевые слова:*** *производство сахара, производительность, целлюлоза, меласса, этил, этанол, горячее топливо, сахарная свёкла*

## THE HISTORY OF THE APPEARANCE OF SUGAR AND ECONOMIC ADVANTAGES OF ITS PRODUKTION IN THE WORLD AND IN TAJIKISTAN

***Rustamjoni Saidulloi Kuzratzode*** *– Assistant, Department of Economic Theory and Innovation Management, Dangara State University. Address; Republic of Tajikistan, d, Dangara, st. Markazi. 901313868.*

*In this article, the author provides detailed information about the history of the sugar and its production in the countries of the world. Analyzing the production efficiency of these products, he notes that it has a good influence both in the economic sphere and in other areas of economic activity.*

*The author considers it necessary to introduce sugar production in the Republic of Tajikistan and gives examples of its great economic benefits.*

*In the end, the author confirms the importance of sugar production for the country`s economy and the development of some – economic sectors with specific examples.*

***Key words:*** *sugar production, productivity, sululose, molasses, ethyl, ethanol, hot fuel, trust, sugar beet.*

Яке аз масъалаҳои ҳалталаб дар пешбурди содирот, ин муаррифӣ нагардидани маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ ва иштироки нокифоя дар намоишгоҳҳои байналмилалӣ буда, аз масъулон, аз ҷумла Палатаи савдо ва саноат тақозо менамояд, ки дар ин самт корро ҷоннок намоянд. Ба ин мақсад ва ҷиҳати дастрасӣ ба маълумот оид ба номгӯи маҳсулоти содиротӣ ва корхонаҳои истеҳсолкунанда, зарур аст, ки Портали савдои

Тоҷикистон такмил дода шуда, корхонаҳои саноатӣ барои муаррифии маҳсулот ва пайдо намудани шариконӣ хориҷӣ сомонаҳои интернетии худро таъсис диҳанд [6].

Ба ин васила, моро зарур меояд, ки оид ба маҳсулотҳое, ки дар кишвар истеҳсолашро ба роҳ мемонем, маълумоти пурра ва аниқ дошта бошем. Дар мақолаи мазкур сухан оид ба маҳсулоте меравад, ки ҳангоми ба роҳ мондани истеҳсоли он манфиати бештаре ба буҷаи давлат ворид мешавад. Ин истеҳсоли қанд аз лаблабуи қандӣ мебошад.

Қанд маҳсулотест, ки дар зиндагӣ ва рӯзгори мардум яке аз маҳсулотҳои зарурӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷост, ки инсоният баъд аз маълумот пайдо кардан дар бораи шакар истеҳсоли ин маҳсулоти бениҳоят муҳимро ба роҳ монд [5, с. 134]. Баъд аз он ки олимон муайян карданд, ки қанд дар таркиби кадом маҳсулотҳо зиёд аст, истеҳсол ва саноаткунонии онро ба роҳ монданд. Ба мо маълум аст, ки бештари давлатҳои истеҳсолкунандаи қанд онро аз ду чиз омода мекунанд: найшакар ва лаблабуи қанд. Албатта, ҳастанд зироатҳое, ки аз онҳо низ қанд истеҳсол мегардад, аммо на онқадар самаранокии хуб дода метавонанд.

Дуруст аст, ки аввалин маротиба қанд аз найшакар истеҳсол ва ба тамоми ҷаҳон паҳн гардидааст. Ҳоло ҳам дар тамоми ҷаҳон бештари давлатҳо онро аз найшакар истеҳсол мекунанд. Дар охирҳои асри XIX ва аввалҳои асри XX 85% шакари ҷаҳонро ва дар солҳои 2007 – 2010 бошад, яъне аниқтараш дар аввали асри XXI 60% шакари ҷаҳонро аз найшакар истеҳсол менамуданд.

Аввалин бор қандро мардуми Ҳинд аз найшакар гирифта буданд. Найшакар зироати бисёрсола буда, тез қад мекашад ва то 3-4 метр мерасад. Аз 11 то 18,36% қанд, 81% об ва дигар моддаҳоро доро мебошад. Мардуми Ҳинд коркарди найшакарро аз қадимулайём ба роҳ монда, аз он қанд истеҳсол мекарданд. Баъдтар Искандари Мақдунӣ ба Ҳиндустон ҳуҷум менамояд ва ин маҳсулотро дида, аз он ҷо ба Аврупо меорад. Дар Аврупо истеҳсоли найшакарро бори аввал дар давраи ҳукмронии Искандар ба роҳ монда, аз он қанд истеҳсол менамуданд. Азбаски он бениҳоят камчин буд, ҳамчун дору истифода мебурданд. Дар он замон қанди истеҳсолнамударо "асали бе занбӯр" меномиданд. Баъдтар найшакарро ба Африкаи шимолӣ, ҷазираҳои Ситсилия, Канария, Мадерия дар асри XII (ба ақидаи баъзе олимон арабҳо бурдаанд) меоранд. Дар асри XIV онро ба Россия, ба назди соҳили Волга ва заминҳои назди Қафқоз меоранд, вале бенатиҷа мемонад. Аммо дар Америкаи Марказӣ боқӣ монд ва дар асрҳои XVI нархи ин доруи ширин паст гардид. Чунки як секунҷаи истеҳсоли қанд (Аврупо, Африка ва Америка) ба вуҷуд омад. Дар ин давра бештари мардуми африқоиро ба қитъаи Амрико барои кор кардан дар майдонҳои қандзор (сахарная плантация) мебурданд ва маҳсулоти истеҳсолнамударо ба Аврупо меоварданд. Бештар ин фаъолиятро Британияи Кабир ба роҳ монда буд ва аз ин кор фоидаи зиёд ба даст меовард. То ин замон дар дигар давлатҳои ҷаҳон низ истеҳсоли қанд ба роҳ монда шуда буд. Гуфтаҳои боло дар ҷадвали зерин ба пуррагӣ оварда шудааст [4].

**Ҷадвали 1. - Солҳои паҳнгардии найшакар дар дигар давлатҳои дунё**

| № | Давлатҳо | Соли бурдан |
|---|---|---|
| 1 | Аз Аврупо ба Америка, ҷазираи Антил | 1492 |
| 2 | Бразилия | Асри XVI аниқ мавҷуд нест |
| 3 | Мексика | 1520 |
| 4 | Гавана | 1600 |
| 5 | Ҷазираи Мартиника | 1650 |
| 6 | Ҷазираи Маврики | 1750 |
| 7 | Дар тамоми Америкои Лотинӣ | Охирҳои асри XVIII |

**Сарчашма: Сахарная свёкла [манбаи электронӣ]URL: http.org/wiki/.**

Соли 1747 химики немис Андрей Маргграф аз лаблабуи одӣ як навъ маҳсулоти қандӣ гирифт. Аввалин шуда, шогирди ӯ Франс Карл Ашар онро дар амалия кор карда, ҳаёти худро барои истеҳсоли ин маҳсулот бахшид. Ҳамин буд, ки дар Германия якумин заводи истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд ба роҳ монда шуд. Баъди як сол дар Россия, дар шаҳри Алябевои вилояти Тула низ заводи коркарди қанд сохта шуд. Баъди

якчанд сол вақте ки Напалеон содироти молҳои Британияи Кабирро манъ кард, истеҳсоли қанд дар тамоми Аврупо яке аз шуғлҳои беҳтарин гардид [4, с. 8].

Дар сарзаминҳои Россия ва Украина бошад, дар солҳои 1799 профессор, дорусоз ва химики яке аз донишгоҳҳои Россия, И.И. Биндгейм, усули коркарди қанд аз лаблабуи сафедро ихтироъ кард. Соли 1799 – 1801 Я.С. Есипов усулҳои хубтари истеҳсоли онро ба роҳ монд. Соли 1802 заводи коркарди спирт аз ин маҳсулот сохта шуд. Аввалин заводи истеҳсоли қанд аз лаблабуи қандро дар Россия соли 1809, И.А.Малсовим сохтааст [4, с. 8].

Дар замони имрӯза давлатҳои асосии истеҳсолкунандаи қанд аз лаблабуи қандӣ давлатҳои зерин мебошад, ки дар ҷадвали 2 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 2. - Давлатҳои асосии истеҳсолкунандаи қанд аз лаблабуи қанд дар ҷаҳон (млн. тонн).**

| Ҷой | Номгӯи давлатҳо | 2010 | 2016 | 2019 |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Россия | 2,7 | 6,6 | 6,1 |
| 2 | Фаронса | 2 | 6,2 | 6 |
| 3 | ИМА | 4,86 | 4,95 | 5,36 |
| 4 | Германия | 1,1 | 1,3 | 1,535 |
| Бақия | Ҳамагӣ истеҳсолот | 10,66 | 19,05 | 18,995 |

**Сарчашма: Рынок сахара. Состояние и прогнозы. [электронный ресурс] URL. WWW. vetren. ru.(дата обращения: 09.03.2019г.)**

Умуман, дар ҷаҳон ин намуди маҳсулотро ба таври васеъ истифода мебаранд.

Аммо бо сабабҳои гуногун дар ҷумҳурии мо истеҳсолоти ин шакар ба роҳ монда нашудааст. Агар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2021-2023 истеҳсолоти ин маҳсулотро ба роҳ монад, манфиати бештари иқтисодию иҷтимоӣ ба даст меорад. Инчунин, дар шароит ва иқлими ҷумҳуриамон имконияти истеҳсол ҳам аз лаблабуи қанд ва ҳам аз найшакар имконпазир мебошад.

Давлатҳои асосии истеҳсолкунандаи шакар аз найшакар инҳо мебошанд: Бразилия, Ҳиндустон, Хитой, Тайланд, Покистон, Мексика, Австралия, Куба, ИМА, Гватемала, Индонезия, Филиппин, инчунин, дигар давлатҳо, ба монанди Аргентина, Ветнам, Миср, Венесуела, Эквадор, Перу ва ғайра. Аз даҳ давлати асосии истеҳсолкунанда, ки асоси истеҳсоли шакарро дар ҷаҳон ташкил медиҳанд, дар ҷойи аввал Бразилия 34,5%, ҷои дуюм Ҳиндустон 22,34% шакари ҷаҳонро аз найшакар истеҳсол менамоянд. Ҷойи сеюмро бошад, Хитой бо 6,7% истеҳсоли шакар дар ҷаҳон ишғол мекунад. Тайланд низ дар истеҳсоли шакар аз найшакар пешсаф мебошад, вале дар ҷойи чорум буда, 4% шакари ҷаҳонро истеҳсол мекунад [1].

**Диаграммаи 1. - Давлатҳои пешсафи истеҳсолкунандаи шакар аз найшакар дар ҷаҳон**




**Сарчашма: Основы агробизнеса. Сахарная свекла, белый сахар: учебное пособие. – 2009. - 56с.**

Дар диаграмма мо мебинем, ки аз ҷиҳати истеҳсоли шакар аз найшакар ин чор давлати ҷаҳон мавқеи асосӣ дошта, қисми зиёди шакари ҷаҳонро истеҳсол мекунанд. Дар соли 2019-2020 бошад, дар ҷойи аввал Ҳиндустон буда, истеҳсоли бениҳоят зиёди шакарро ба роҳ мондааст, ки бештари давлатҳои Осиёро бо шакар таъмин мекунад.

Мувофиқи пешгӯиҳои Ассотсиатсияи фабрикаҳои истеҳсолии шакар дар Ҳиндустон, дар соли 2018-2019 истеҳсоли шакар ба 33,6 млн. тонна баробар мегардад. Аммо ин нишондиҳанда дар соли 2020 4 % кам мегардад. Сабаби ин баланд кардани нархи харидории шакар мебошад [9]. Бразилия бошад, дар ҷои дуюм қарор дошта, истеҳсоли шакар нисбат ба Ҳиндустон дар ин кишвар хеле кам гаштааст. Бо вуҷуди ҳамаи ин, нархи шакар дар бозорҳои ҷаҳонӣ паст нагардида, баръакс баланд гашта истодааст. Мувофиқи ақидаи олимони ин соҳа гарм гаштани иқлим ва камборишӣ боиси кам гирифтани ҳосилнокӣ аз найшакарзорҳо мебошад, ки сабаби болоравии нархҳо гаштааст. Сабаби дигари ин истеҳсоли биоэтанол мебошад, ки Бразилия кӯшиш намуда истодааст, ки то соли 2028 тамоми автомобилҳояш бо сӯзишвории биологӣ ҳаракат кунанд. Агар нархи як килограмм шакар дар бозори ҷаҳонӣ ба 0,35$ баробар бошад, нархи як литр биоэтанол ба 1 $ баробар аст.Аз 1 тонна найшакар 138 кг шакар истеҳсол мешавад, ё 72 литр биоэтанол ҳосил мегардад. Аз истеҳсоли биоэтанол Бразилия манфиати бештар ба даст меорад. Шакари истеҳсолнамудаашро танҳо барои истеъмолоти дохилӣ истифода мебарад [8, с. 6].

Аз таърих бармеояд, ки имконияти истеҳсол ва миқдори он то ба ҳол коҳиш наёфтааст. Бо зиёд шудани аҳолии рӯи замин талабот ба ин маҳсулот низ зиёд мегардад. Ягона маҳсулотест, ки дар солҳои охир нархи он паст нагардидааст ва самаранокии баланд дорад. Фаъолияти бештари корхонаву фабрикаҳои гуногуни истеҳсолӣ аз ин намуди маҳсулот вобастагӣ дошта, боис гаштааст, ки нархи ин маҳсулот дигар паст нагардад.

Самаранокии лаблабуи қанд дар он аст, ки ин маҳсулот метавонад фаъолияти якчанд корхонаҳои дигаррро низ ба роҳ монад. Инчунин, метавонад нарху навои бештари маҳсулотҳои ниёзи мардумро паст гардонида, фаровонии молу маҳсулотҳои ватаниро зиёд гардонад. Аз ин ҷост, ки таҳлили пурсамари ин самт натанҳо самари дилхоҳ дар соҳаи иқтисодӣ, инчунин, дар дигар самтҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ба бор меорад.

Дар шароити имрӯза аз ҳар як гектар лаблабузор 50 тонна лаблабуи қандӣ бо 18% қанднокӣ гирифтан имконпазир мебошад. Ин имконият медиҳад, ки аз як гектар 7,5 тонна шакари майда, 15-20 тонна барги сабз (бениҳоят хӯроки фоидаовар барои чорвои ширдеҳ) гирифта мешавад, ки манбаи иловагии даромад мебошад [7]. Инчунин, аз як гектар 25 тонна тилф ва дигар маҳсулотҳо гирифта мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нархи бештари молу маҳсулотҳои кишоварзӣ ба талабот ҷавобгӯ нестанд. Махсусан, гӯшт ва шир, ки маҳсулоти ниёзи аввалаи мардум мебошад. Саршумори чорво ҳар сол зиёд мегардад, аммо бовуҷуди ҳамаи ин, нархи ин маҳсулотҳо баланд гашта истодааст. Сабабаш баланд шудани арзиши хӯрокаи чорво мебошад. Масалан, агар мо нархи гӯштро гирем, барои ба даст даровардани 1 кг гӯшт 8 воҳиди хӯрока барои чорво лозим меояд. Як воҳиди хӯрока баробар ба 1,1 килограмм кунҷора рост меояд. Як килограмм кунҷора дар бозорҳои ҷумҳурӣ 4 сомонӣ арзиш дорад. Танҳо барои хӯронидани чорво барои мо 32 сомонӣ рост меояд, ки ин, албатта, нарх ва арзиши маҳсулотро баланд мегардонад. Барои шир, қанд ва дигар маҳсулотҳо низ чунин хароҷот рост меояд. Аз ин ҷо моро мебояд, ки ин самтро пурра омӯхта, дар аввал маҳсулоти аввалиндараҷа, яъне аз лаблабу қандашро гирифта, баъдан, аз боқимондаи он истеҳсоли хӯроки чорво ба роҳ монда шавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нархи қанд ва шакар рӯз аз рӯз меафзояд. Сабаб дар моли воридотӣ будани он мебошад, ки дар шароити имрӯз бештари молҳои воридотӣ нархгузории баланд доранд. Аз натиҷаи таҳлилҳои мо бармеояд, ки дар бозорҳои кишвар нархи гӯшт, шакар ва шир, ки маҳсулотҳои аввалиндараҷа дар рӯзгори мардум мебошанд, баланд гардидааст.

Дар ҷадвали зер натиҷаи мушоҳидаҳои мо дар тӯли шаш моҳ аз бозорҳои панҷ шаҳр ва ноҳияи кишвар оварда шудааст. Аз натиҷаи таҳлилҳои ҷадвали 3 ба мо маълум мегардад, ки нархи маҳсулоти аввалиндараҷа бениҳоят баланд гардидааст. Нархи шакар бошад, аз ҳама зиёдтар боло рафтааст. Дар ҳар як моҳ ба ҳисоби миёна нархи шакар 6 % баланд гаштааст. Ҳар сол болоравии нархи ин маҳсулот дар мавсими муайян (пеш аз консервакунонии меваҷот) мушоҳида мегардид.

**Ҷадвали 3.- Натиҷаи таҳлили мушоҳидаҳо аз бозорҳои шаҳру ноҳияҳои кишвар**

| № | Номгӯи шаҳр ва ноҳияҳо | Нархи гӯшт бо сомонӣ | Нархи шир бо сомонӣ | Нархи қанд бо сомонӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | шаҳри Душанбе | Дар моҳи июл 50, дар моҳи декабр 55-58 | Дар моҳи июл 3-4, дар моҳи декабр 6 | Дар моҳи июл 7-8, дар моҳи декабр 10-11 |
| 2 | шаҳри Бохтар | Дар моҳи июл 49, дар моҳи декабр 53-55 | Дар моҳи июл 4, дар моҳи декабр 5-6 | Дар моҳи июл 7-8, дар моҳи декабр 10-11 |
| 3 | шаҳри Кӯлоб | Дар моҳи июл 47-49, дар моҳи декабр 50-53 | Дар моҳи июл 4, дар моҳи декабр 5 | Дар моҳи июл 7-8, дар моҳи декабр 10 |
| 4 | шаҳри Норак | Дар моҳи июл 50, дар моҳи декабр 55-58 | Дар моҳи июл 3-4, дар моҳи декабр 6 | Дар моҳи июл 7-8, дар моҳи декабр 10-11 |
| 5 | ноҳияи Темурмалик | Дар моҳи июл 49, дар моҳи декабр 53-55 | Дар моҳи июл 4, дар моҳи декабр 5-6 | Дар моҳи июл 7-8, дар моҳи декабр 10-11 |
| 6 | ноҳияи Данғара | Дар моҳи июл 50, дар моҳи декабр 53-57 | Дар моҳи июл 4, дар моҳи декабр 5 | Дар моҳи июл 7-8, дар моҳи декабр 10,5 |
| Ба ҳисоби миёна ва % баландгардии нархҳо | | 10% дар шаш моҳ баланд гардидааст | 15 % дар шаш моҳ баланд гардидааст | 40-42 % дар шаш моҳ баланд гардидааст |

**Сарчашма: Ҷадвал дар асоси пурсишномаҳо аз бозорҳои ҳамин минтақаҳо тартиб дода шудааст**.

Имсол бошад, бо суръати баланд новобаста аз мавсим нарх боло рафтааст. Ба ҳисоби таҳлилҳои мо, дар моҳи марти соли 2021 нархи шакар ба 13 сомонӣ мерасад. Моро зарур меояд, ки ин самтро пурра омӯхта, истеҳсоли ин намуди маҳсулотро ба роҳ гузорем.

Ҳангоми пурра таҳлил намудан ва фаъолиятро ба роҳ мондан натанҳо як самти истеҳсоли он ҳамчун маҳсулоти озуқаворӣ, балки боиси рушд кардани дигар самтҳои истеҳсолию истеъмолӣ низ мегардад. Ба роҳ мондани истеҳсоли ин маҳсулот ба мо имкон медиҳад, ки чунин самтҳо рушд намоянд:

-ташкили заводҳои калон ва хурд барои истеҳсоли шакар дар ҷумҳурӣ ҳамчун маҳсулоти ватанӣ ва ба талаботи санитарию гигиенӣ ҷавобгӯ;

-ба роҳ мондани истеҳсоли хӯроки чорво, ки яке аз самтҳои муҳими соҳаи чорводорӣ мебошад;

-ташкили корхонаҳои хурд ва калони агросаноатӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар;

-ташкили фермаҳо ва ба роҳ мондани корхонаҳои истеҳсоли гӯшт ва шир;

-зиёд намудани маҳсулоти ширӣ ва гӯштӣ бо нархҳои дастраси аҳолӣ, ки боиси зиёд гардидани истеъмоли аҳолӣ мегардад;

-ташкили корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти қандӣ;

-ташкил ва ба роҳ мондани корпоратсияҳои хоҷагиҳои деҳқонию фермерӣ дар минтақаҳои гуногуни вилояти Хатлон;

-ташкил ва ба роҳ мондани соҳаи моҳипарварию харгӯшпарварӣ дар назди комплекс;

-ташкили сехҳои коркарди маҳсулоти полифенӣ барои борпечонии маҳсулоти худӣ;

-ба вуҷуд омадани ҷойҳои нави корӣ барои мардум ва кам гаштани муҳоҷират;

-кам ворид гаштани маҳсулоти номбаршуда аз давлатҳои гуногун ва нигоҳ доштани болоравии асъори хориҷӣ (девалватсия) дар кишвар;

-баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум;

-аз ҳама муҳим, ба даст даровардани даромади максималӣ дар муддати кӯтоҳ мебошад.

Зарурати ба роҳ мондани истеҳсоли шакар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, дар зиёд гардидани талабот ба ин маҳсулот дар ҷумҳурӣ ва ҷаҳон ва рӯз то рӯз баланд шудани нархи он мебошад ва дар натиҷа, воридоти ин маҳсулот ба ҷумҳурӣ кам мегардад. Ишора бояд кард, ки баробари бароҳмонии истеҳсоли шакар хӯроки серғизо барои чорво ҳосил мешавад. Ҳамчунин, дар оянда корхонаҳои дигари саноати хурокворӣ ба вуҷуд омада, ҷойҳои нави корӣ бештар мегарданд. Маҳсулот аз коркарди аввалия то ба маҳсулоти тайёр дар мамлакат коркард карда мешавад, ки ин василаест барои таъсир расонидан ба арзиши аслии маҳсулоти тайёр.

Умуман, хулоса кардан мумкин аст, ки истеҳсоли шакар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба рушди иқтисодиёт ва боло бурдани сатҳи зиндагӣ ва некуаҳволии халқи мамлакат мусоидат намояд.

Бояд гуфт, ки чанд омиле ҳаст, ки садди роҳи истеҳсоли шакар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гардидааст, аз қабили:

- набудани технологияи коркарди шакар;
- таҷрибаи кофӣ набудан дар ин самт ва надоштани мутахассисони баландихтисоси ин соҳа;
- то солҳои наздик паст будани нархи ин маҳсулот дар бозори ҷаҳонӣ;
- кам будани заминҳои обӣ ва аҳамияти ҷиддӣ надодан ба зироатҳои ширадори хӯроки чорво;
- набудани сармояи кофӣ барои ташкили корхонаи истеҳсолӣ ва маблағгузорӣ аз давраи аввал то ба маҳсулоти тайёр.

Новобаста ба проблема ва монеаҳои зикршуда, моро зарур аст, ки дар ин самт бештар кор ва тадқиқотҳои илмӣ анҷом дода, ҷиҳати пайваст намудани илм бо истеҳсолот ва дар ин замина роҳандозӣ намудани истеҳсоли шакар аз имконоти мавҷуда фаровон истифода барем. Албатта, истифодаи таҷрибаи кишварҳои хориҷи дар ин соҳа муваффақ аз аҳамият холӣ нест.

**Адабиёт**


1. Агроэкономика. Оценка производства продукции растениеводства в Бразилии и Венесуэле /А.Н. Жаров, Николас Пьерр, Жозеф Мико. – М.: Российский университет дружбы народов. – С. 45-53.
2. Большая Советская энциклопедия/Главный редактор Б.А.Введенский. – М.,1957. – 648с.
3. Инновация для будущего в области продовольствия и сельского хозяйства [электронный ресурс] URL: http://www.fao.org/home/ru/ (дата обращения: 09.12.2019г.)
4. Новицкий И. Выращивание сахарной свеклы: особенности посадки и ухода/ И. Новицкий//Растениводство, 2016. - №4. – С. 123-134.
5. Основы агробизнеса. Сахарная свекла, белый сахар: учебное пособие. – 2009. – 56с.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 декабри соли 2017.//Ҷумҳурият. – 2017.- 22 декабр.- №258.
7. Сардоров М.Н. Истеҳсолоти хӯроки чорво (дар заминҳои корам) /М.Н.Сардоров. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг,2008.- 146с.
8. Энциклопедический словарь Брокгауза и Ефрона: Сахарный тростник 86 т. (82 т. и 4 доп.). - СПб., 1890-1907.
9. www. Latifundist.com (санаи муроҷиат: 27.11.2019) ва Sugar.ru (санаи муроҷиат: 20.02.2020).
10. www.brazil.ru (санаи муроҷиат: 01.11.2018)



**УДК: 338.45.01**


## ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ СТРАТЕГИЯИ РУШДИ КОРКАРДИ САНОАТИИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ


***Намозализода Шафқат Намозалӣ*** *– ассистенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи. Нахимов 64/14. Тел.: 550556355. Email (Shafqat.n.tj@mail.ru)*



*Дар мақола ҷанбаҳои назариявии ташаккули стратегияи рушди коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ бо назардошти нуқтаи назари олимони ватанию хориҷӣ ва нақши корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмини талаботи аҳолӣ бо маводи озуқаворӣ пешбинӣ гардидааст. Ҳамчунин, истифодаи самараноки ашёи хоми кишоварзӣ ва ба коркарди саноатӣ нигаронидани он, ки фоиданокиро якчанд маротиба зиёд мекунад, оварда шуда, маҳсулоте, ки коркарди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконпазир мебошанд, нишон дода шудааст. Муаллиф роҳу усулҳо ва омилҳои таъсиррасонро вобаста ба вазъи иқтисодию иҷтимоии мамлакат дида баромада, роҳҳои ҳалли мушкилот ва самтҳои такмилдиҳии фаъолияти корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзиро бо дарёфти захираҳои молиявӣ ва баҳисобгирии маҳдудияти онҳо таҳлил намудааст.*



***Калидвожаҳо****: корхонаҳои коркард, саноат, минтақа, маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом, таъмини талабот, рушди иқтисодиёт, комплекси агросаноатӣ.*


## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ФОРМИРОВАНИЯ СТРАТЕГИИ РАЗВИТИЯ ПРОМЫШЛЕННОЙ ПЕРЕРАБОТКИ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ПРОДУКТОВ

***Намозализода Шафкат Намозали*** - *ассистент кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Тел.: 550556355. E-mail: Shafqat.n.tj@mail.ru*

*В статье представлены теоретические аспекты стратегии развития промышленной переработки сельскохозяйственной продукции с учетом взглядов отечественных и зарубежных ученых и роли предприятий по переработке сельскохозяйственной продукции в экономическом развитии Республики Таджикистан и обеспечении продовольственной безопасности. Также показано эффективное использование сельскохозяйственного сырья и его ориентация на промышленную переработку, что увеличивает рентабельность в несколько раз, и показаны продукты, которые можно перерабатывать в Республике Таджикистан. Автор рассматривает пути и методы воздействия на социально-экономическое положение страны, анализирует пути решения проблем и направления совершенствования деятельности промышленных предприятий по переработке сельскохозяйственной продукции с привлечением финансовых ресурсов и учетом их ограничений.*

***Ключевые слова:*** *перерабатывающие предприятия, промышленность, регион, сельскохозяйственная продукция, сырье, снабжение, экономическое развитие, агропромышленный комплекс.*

## THEORETICAL ASPECTS OF FORMATION OF A DEVELOPMENT STRATEGY FOR INDUSTRIAL PROCESSING OF AGRICULTURAL PRODUCTS

***Namozalizoda Shafqat Namozali*** *- assistant of the Department of Finance of the Tajik State Financial and Economic University. Address Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Nakhimova street, 64/14. tel: 550556355. Email (Shafqat.n.tj@mail.ru)*

*The article presents the theoretical aspects of the strategy for the development of industrial processing of agricultural products, taking into account the views of domestic and foreign scientists and the role of enterprises for processing agricultural products in the economic development of the Republic of Tajikistan and ensuring food security. It also shows the effective use of agricultural raw materials and its orientation towards industrial processing, which increases profitability several times, and shows products that can be processed in the Republic of Tajikistan. The author examines the ways and methods of influencing the socio-economic situation of the country, analyzes the ways of solving problems and directions of improving the activities of industrial enterprises for the processing of agricultural products with the involvement of financial resources and taking into account their limitations.*

***Keywords:*** *processing enterprises, industry, region, agricultural products, raw materials, supply of demand, economic development, agro-industrial complex.*

Комплекси агросаноатӣ барои давлат яке аз соҳаҳои афзалиятнок ва муҳим ба шумор рафта, дар таъмини рушди иқтисодӣ ва амнияти озуқаворӣ нақши босазо дорад. Аз ин рӯ, ташаккул ва равнақи соҳаи кишоварзӣ иқтидори иқтисодии давлатро боло бардошта, ҳамчун як системаи махсуси тарҳрезишуда таъсири худро ба рушди иқтисодиёти кишвар мерасонад. Яке аз соҳаҳои муҳими иқтисодиёти кишвар, ки аҳолии мамлакатро бо маводи озуқаворӣ таъмин менамояд, ин коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 1746 ташкилоти амалкунандаро дар бар мегирад, ки шумораи коргарон дар ин соҳа ба 50,3 ҳазор нафар баробар аст [7, с. 26].

Коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ корхонаҳои хурду калони соҳаҳои хӯрокворӣ, нӯшокиҳои спиртӣ ва ғайриспиртӣ, консервабарорӣ, шароб, сигорбарорӣ, қаннодӣ, гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, шир ва маҳсулоти ширӣ, орду нонпазӣ ва коркарди меваю сабзавотро дар бар гирифта, аҳолиро бо маводи озуқа ва корхонаҳои соҳаи саноатиро бо ашёи хоми ватанӣ таъмин менамояд. Мақсади асосие, ки дар назди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ гузошта шудааст, аз таъмин намудани аҳолии кишвар бо маводи озуқаворим кафолатнок ва босифат иборат мебошад. Кафолатнок ва босифат будани маҳсулоти истеҳсолшуда аз мавҷудияти сарчашмаҳои ашёи хоми ватанӣ ва фондҳои захиравии зарурӣ вобастагӣ дорад.

Яке аз ҳадафи муҳиме, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муайян гардидааст, яъне гузариши иқтисодиёти кишвар аз рушди аграрию индустриалӣ ба индустриалию аграрӣ мебошад, ки боиси ташаккул ва равнақи корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ мегардад, ки метавонад талаботи истеъмолкунандагонро бо маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ таъмин намояд.

Аз ин лиҳоз, ҳуҷҷати стратегии номбурда барои корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ зарурати андешидани чораю тадбирҳо барои барқарор намудани иқтидорҳои истеҳсолӣ, муайян намудани самтҳои асосӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушд ва равнақи ин соҳаи муҳими комплекси агросаноатии ҷумҳуриро ба миён овард. В.И. Ленин индустриаликунонии мамлакатро ҳамчун асоси моддие мешуморид, ки шаҳру деҳот, саноату зироатро мепайвандад. “Ягона асоси моддии сотсиализм саноати калони машинишуда метавонад ва қобил аст, ки зироатро аз нав созад” [4, с. 515].

То ҳол, қисми зиёди маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ дар шакли ашёи хом бо арзиши ночиз ба кишварҳои хориҷ бароварда мешаванд, ки агар мо коркарди онҳоро ба роҳ монем, якчанд маротиба фоидаи зиёд ба даст оварда, аҳолиро бо маҳсулоти босифати ватанӣ, ки аз ҷиҳати экологӣ тоза мебошанд ва барои нигоҳдории саломатӣ нақши муҳимро мебозанд, таъмин намоем. Ҳамзамон, дар Тоҷикистон таъсис додани як ҷойи кории дар саноат ташкилшуда метавонад даромадро нисбат ба бахши аграрӣ 9,7 маротиба зиёдтар таъмин кунад [9, с. 26]. Маҳсулоте, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мондани коркарди саноатии онҳо имконпазир буда, фоиданокиро якчанд маротиба зиёд менамоянд, чунин соҳаҳоро дар бар мегиранд (ниг. ба расми 1):




**Расми 1. - Таркиби соҳавии коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ. Таҳияи муаллиф**

Таҳлили нақшаи таҳиягардида нишон медиҳад, ки соҳаи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ доираи васеи истеҳсолотро фаро гирифта, имконияти ба роҳ мондани шаклҳои гуногуни соҳибкории истеҳсолиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меорад. Барои ба роҳ мондани истеҳсол ва коркарди маҳсулоти номбаршуда, ки дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва бо шуғл фаро гирифтани аҳолӣ нақши муҳим доранд, ҷалби мутахассисони баландихтисосе, ки аз таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ бохабаранд ва роҳҳои беҳтар ва самараноки истеҳсолотро бо истифода аз захираҳои моддию молиявӣ пеш бурда метавонанд, зарур мегардад. Ба ин восита, метавонем анвои нави маҳсулотро истеҳсол намуда, ҷиҳати аз худ намудани таҷрибаҳои пурсамари хориҷӣ ва тайёр намудани кадрҳои варзида дар ин самт заминагузор бошем.

Бо гузаштан ба муносибатҳои бозаргонӣ, фурӯши маҳсулот тавассути бастани шартномаҳои тарафайн, байни истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, корхонаҳои миёнарав ва коркардкунандагон ба роҳ монда мешавад. Принсипи асосӣ ва муҳими ҳама гуна корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ, ин шиори: "арзон истеҳсол карда, гаронтар мефурӯшам" мебошад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ яке аз вазифаҳои асосии рушди комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин истифодаи самараноки захираҳои дохилӣ ва беҳтар кардани муносибатҳои ташкилию иқтисодии корхонаҳои коркард ва истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Дар соли 1991 ҳиссаи саноати сабук ва хӯрокворӣ дар таркиби соҳа якҷо 70,6 фоиз ва саноати вазнин 29,4 фоизро ташкил медод, ки ин нишондиҳандаи афзалият доштани соҳаҳои коркард дар кишвар буд. Дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ дар қатори дигар соҳаҳо саноати кишвар ба зарбаи шадид дучор гардид. Дар натиҷа, соли 1997 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии кишвар 32,3 фоизи ҳаҷми соли 1990-умро ташкил кард. Иқтидори корхонаҳои истеҳсоли нахи пахта 3 баробар, пойафзол, шоҳиворӣ, қолинҳо 30-40 баробар ва маҳсулоти ширӣ 90 баробар коҳиш ёфт ва садҳо ҳазор нафар бекор монданд [8, с. 2]. Ҳамзамон, бо ин, қисми зиёди корхонаҳои саноатӣ, ки баъзеи онҳо солҳои 50-60-уми асри гузашта ташкил шуда буданд, аз ҷиҳати технологӣ фарсуда ва таҷҳизоти онҳо куҳна гардиданд. Бояд гуфт, ки дар кишвар як қатор корхонаҳои хусусигардонидашуда шартҳои озмунро пурра иҷро накарданд ва аз фаъолият бозмонданд. Майдонҳои истеҳсолӣ ба соҳибкорон ба иҷора дода шуда, имрӯз ҳамчун анбори маҳсулоти воридотӣ истифода мешаванд ва як қисми онҳо ба соҳибкорон барои ташкили коргоҳҳои хизматрасонӣ супорида шудаанд. Айни замон 85 фоизи корхонаҳо, 60 фоиз маҳсулот ва беш аз 70 фоизи кормандони соҳаи саноати кишвар ба саноати коркард рост меоянд [8, с. 10]. Аз ҷумла, дар соли 2019 шумораи корхонаҳое, ки истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, нӯшокиҳо ва тамокуро ба уҳда доранд, ба 462 адад баробар буда, дар ин соҳа 12,5 ҳазор нафар кору фаъолият доранд. Истеҳсоли нассоҷӣ ва дӯзандагӣ 368 адад 15,6 ҳазор нафар, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол 18 адад 0,8 ҳазор нафар, тахта ва истеҳсоли маснуот аз чӯб 17 адад 1,1 ҳазор нафар, истеҳсоли селюлозаю коғаз, фаъолияти табъу нашр 142 адад 1,5 ҳазор нафар, истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ 23 адад 0,3 ҳазор нафар, истеҳсоли кимёвӣ 58 адад 1,4 ҳазор нафар, истеҳсоли маҳсулоти резинӣ ва пластмассӣ ба 77 адад ва 1,3 ҳазор нафар баробар гардидааст [7, с. 19-22].

Нишондиҳандаҳои зикргардида маълум менамоянд, ки баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ соҳаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбатан рушд ёфта истодаанд, ки ин бо дастгириҳо ва имтиёзҳои бевоситаи Ҳукумати мамлакат вобастагии мустақим дорад.

Аммо бо вуҷуди имтиёз ва дастгириҳои молиявие, ки аз тарафи Ҳукумати мамлакат ба соҳибкорон дода мешавад, маҳсулоти истеҳсолкардаи баъзе аз соҳаҳои кишоварзӣ, ки ба коркард эҳтиёҷ дорад, ба манбаи ашёи хоми кишварҳои хориҷӣ табдил ёфтаанд. Масалан, соли 2018 корхонаҳое, ки бо коркарди пурраи нахи пахта машғул буданд, аз 6 намуди андоз озод карда шуданд. Дар маҷмӯъ, Ҳукумати кишвар дар замони Истиқлолияти давлатӣ барои соҳибкорону сармоягузорон беш аз 100 намуди имтиёзҳо ва сабукиҳоро ҷорӣ намудааст, ки нисфи онҳо барои дастгирии соҳаҳои истеҳсолӣ пешбинӣ шудаанд.

Дар самти коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ва рушди он олимони ватанию хориҷӣ корҳои зиёди илмию таҳқиқотӣ анҷом доданд ва нисбати муаммоҳои дар он ҷойдошта ақидаҳои хешро иброз доштанд. А. Ҳомидов қайд менамояд, ки масъалаи инкишоф додани корхонаҳои саноатӣ ва ёрирасон дар деҳот проблемаи муҳими иҷтимоӣ низ ҳисоб меёбад. Зеро сохтани корхонаҳои саноатии коркардабароянда боиси мустаҳкамшавӣ ва мукаммалгардии қувваҳои истеҳсолкунанда дар деҳот ва тадриҷан бархам хӯрдани фарқи байни шаҳру деҳот, меҳнати коргару деҳқон мегардад. Зарурати ҳалли ин масъаларо ҳаёти имрӯза талаб менамояд [12, с. 5-6].

Ба ақидаи М.К. Каримов, соҳаи нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, бахусус, барои иқтисодиёти Тоҷикистон аҳамияти беандоза зиёд дорад. Аввал он

имконият медиҳад, ки ҷумҳуриро аз сарзамини содиркунандаи ашёи хом берун кашад, дуюм, маҳсулоти аз нав коркардшуда, ки нисбат ба ашёи хом қиматтар аст, метавонад ҳам аҳолиро бо маҳсулоти ғизоӣ таъмин кунад ва ҳам ба хориҷи кишвар содир карда шавад, сеюм, аҳолиро бо ҷойҳои корӣ таъмин намуда, ба истифодаи мунтазами захираҳои меҳнатӣ дар фаслҳои сол мусоидат намояд. Азбаски ҳиссаи асосии корҳо дар соҳаи мазкур ба давраи тирамоҳу зимистон рост меояд ва машғулиятҳои аҳолии деҳот дар сатҳи камтарин қарор мегирад, сохтмони анборхонаҳо ва муассисаҳои коркардкунандаро дар деҳот мутамарказонидан ба мақсад мувофиқ мебошад [3, с. 4-5].

Ба андешаи З. Абдуллоев, корхонаҳои агросаноатӣ яке аз шаклҳои ташкилии ҷараёни якҷояшавии соҳаи кишоварзӣ ва саноат ба ҳисоб меравад. Онҳо корхонаҳое мебошанд, ки сарфи назар аз мансубияти моликияташон коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзиро ба уҳда доранд. Бинобар ин, колхозу совхоз ва дигар корхонаҳои кишоварзӣ корхонаҳои агросаноатӣ шуда метавонанд, ба шарте, ки дар дохили худ сех, хати коркард, ё заводи хурди коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзиро дошта бошанд [1, с. 30].

Аз нуқтаи назари мо, хулосаи З. Абдуллоев қобили дастгирист, чунки яке аз роҳҳои ба мамлакати саноатӣ табдил ёфтани ҷумҳурӣ аз якҷояшавии соҳаи кишоварзӣ бо саноат вобастагӣ дорад, аммо шароити имрӯза талаб менамояд, ки корхонаҳои агросаноатӣ дар алоҳидагӣ низ ташкил ёбанд. Дар пайравӣ ба ақидаи мазкур мо пешниҳод менамоем, ки дар соҳаи кишоварзии Тоҷикистон аз кластерҳо истифода кардан, аз як тараф, мушкилоти камзамин будани Тоҷикистонро то як дараҷа таъмин намуда, мавсимияти фаъолияти аҳолиро ба сатҳи назаррас кам намуда, бехатарии озуқавориро беҳтар карда, соҳаи кишоварзиро бо воситаҳои истеҳсолот ва технологияи зарурӣ таъмин менамояд. Яке аз самтҳои муҳими истифодаи кластерҳо дар кишоварзӣ, ин қобилияти зеҳнии аҳолии деҳотро ба талаботи бозори меҳнати ҷаҳонӣ мувофиқ гардонидан ба ҳисоб меравад.

Ф. Хоҷаев қайд кардааст, ки дараҷаи тараққиёти саноат ҳар қадар баланд бошад, барои тараққӣ додани хоҷагии қишлоқ ҳамон қадар шароиту имконият муҳайё мегардад. Хоҷагии қишлоқ низ ба саноат таъсири рӯзафзун мерасонад. Афзоиши истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ барои кори соҳаҳои бисёри саноат шароити мусоид фароҳам меорад [11, с. 5-6].

Дар ҳақиқат, сатҳи инкишофи қисмати муайяни соҳаҳои саноат аз таъминоти ашёи хоми соҳаи кишоварзӣ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, рушди босуботи соҳаи кишоварзӣ метавонад барои инкишофи босуръати соҳаҳои саноат заминаҳои мусоид фароҳам оварад. Дар ин замина, ҳаҷми истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ зиёд гардида, сатҳи таъмини талаботи аҳолӣ бо маҳсулоти тайёр беҳтар мегардад.

Дар баробари ин, ташкили коркарди саноатии ашёи хоми кишоварзӣ алоқаи интегратсионии соҳаҳоро ба вуҷуд меорад, аз тарафи дигар, имконияти истеҳсоли маҳсулоти ниҳоиро таъмин менамояд. Дар ҳамин замина, корхонаҳои саноатии дар сарҳади минтақаҳо бунёдёфта метавонанд шуғли пурсамарро таъмин карда, имконияти содиротии аз талаботи дохила зиёдро фароҳам оваранд. Аз тарафи дигар, имконияти пардохти андозҳоро таъмин карда, маҳдудияти захираҳои молиявиро барои минтақаҳо нисбатан ҳал карда метавонанд.

Ҷ.С. Пиризода, Ш.Т. Одинаев, Х.М. Давлатов иброз медоранд, ки яке аз ҷараёнҳое, ки ба ҳалли масоили соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шомилшавӣ ба рӯйхати кишварҳои пешрафтаи тамаддунӣ имконият медиҳад, ин гузариш ба усул ва татбиқи амалии равандҳои инноватсионӣ дар фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ ва аз худ намудани технологияҳои муосири ояндадор мебошад. Аз ин рӯ, барои рушд додани истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ дар мадди аввал мебояд ба азнавкунии таҳкурсии техникӣ, яъне рӯ ба азнавкунии таҷҳизоту технологияҳои муосири ҷаҳонӣ овард, ки он имконияти сарфакунии захираҳои табиию энергетикиро медиҳад. Инчунин, дар ин замина, ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва коркарди он ба стандартҳои ҷаҳонӣ ва ба талаботи истеъмолгарон бояд ҷавобгӯ бошад [6, с. 115-116].

Ақидаи олимони номбурда қобили дастгирӣ бошад ҳам, маҳдудияти шадиди захираҳои молиявии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳукмрон, имконияти ҳамаҷониба ба

роҳ мондани коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзиро тавассути технологияи нави инноватсионӣ таъмин карда наметавонад, бинобар ин, мо пешниҳод менамоем, ки технологияи инноватсионии ба кишоварзӣ ва саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ воридкардашаванда бо истифода аз лизинг нисбат ба бунёди корхонаҳои коркард ба роҳ монда шавад. Истифодаи лизинг дар бунёди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ барои аҳолии дар ин бахш фаъолияткунанда имконияти иштирокро дар ҷустуҷӯҳои инноватсионӣ нисбат ба такмилу таҷдиди воситаҳои истеҳсолоти бо роҳи лизинг ба минтақа воридшударо, аз як тараф, таъмин намояд, аз тарафи дигар, имконияти анҷомдиҳии корҳои илмию таҳқиқотиро нисбат ба истеҳсоли навъҳои нави маҳсулоти кишоварзӣ фароҳам меорад.

Дар муайянкунии мафҳуми корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ нақши олимони рус низ хеле бузург аст. Зеро аксари падидаҳои илмӣ ва амалӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурии мо тавассути забони илмӣ ва таҷрибаи амалии онҳо ҷорӣ гардидаанд. Баъзе аз нуқтаҳои назари олимони русро дар ин мавзӯи баҳс мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Аз назари олимон В.Д. Гончаров, В.А. Клюкач дар марҳилаи кунунии рушди комплекси агросаноатӣ истифодаи пурраи ҳама намуди маҳсулоти кишоварзӣ ва кам кардани арзиши он аҳамияти муҳим дорад. Ба андозаи назаррас, ин аз такмили таносуби афзоиши истеҳсоли корхонаҳои коркард ва нигоҳдории он, инчунин, беҳтар шудани муносибатҳои иқтисодию истеҳсолӣ ва робитаи байни кишоварзию саноати коркард, ташкилотҳое, ки бо хариду фурӯш ва нигоҳдорӣ машғуланд, вобаста аст [2, с. 3].

Дар баробари ин, барои кам кардани арзиши аслии маҳсулоти коркардшуда дар минтақаҳое, ки имконияти таъмин кардани ашёи хомро доранд, сохтани корхонаҳои хурди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба мақсад мувофиқ буда, хароҷоте, ки барои интиқол додани маҳсулот сарф мешавад, кам гардида, талафёбии маҳсулоти зудвайроншавандаро аз байн мебарад ва самаранокии вақти кориро низ таъмин намуда, муносибатҳои тиҷоратии байни минтақаҳои эҳтиёҷдоштаро ба миён меорад.

Ба ақидаи муаллиф, ташаккул ва инкишофи корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар деҳот барои амалӣ гардидани ҳадафи стратегӣ, яъне "рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" нақши муҳим мебозад. Ташкили корхонаҳои коркард дар деҳот боиси он мегардад, ки аҳолӣ бо ҷои кори доимӣ таъмин гардида, сатҳи урбанизатсияи аҳолии деҳотро дигаргун менамояд ва боиси камшавии кӯчиши аҳолии деҳот ба шаҳр гардад. Як қисми аҳолии деҳот тарзи меҳнатгузориашро дигар намуда, ба меҳнати саноатӣ мувофиқ менамояд. Вобаста ба ин масъала Ф. Энгелс чунин қайд намудааст: "Ташкили хоҷагиҳои калони деҳқонӣ ва ба кор бурдани мошинҳои хоҷагии қишлоқ ба тариқи дигар чунин маъно дорад: меҳнати хоҷагии қишлоқи қисми зиёди деҳқонони камбизоат барзиёд шуда мемонад. Барои он ки одамони аз кори зироат маҳрумшуда бекор намонанд, ё ноилоҷ дар шаҳрҳо ҷамъ нашаванд, онҳоро дар худи деҳот ба меҳнати саноатӣ машғул кардан зарур аст"[5, с. 345].

Дар мавриди корхонаҳои кишоварзӣ ва корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ Ҷ.Ҳ. Тағоев чунин қайд кардааст, ки аз рӯи самти истифода МУК (маҳсулоти умумии кишоварзӣ) ба 2 қисм ҷудо карда мешавад: як қисми МУК бевосита ба истеъмолкунанда пешниҳод карда мешавад, қисми дигар бошад, барои коркард ба корхонаҳои саноатӣ ворид мегарданд ва баъди дараҷаҳои гуногуни коркард ба истеъмолкунанда пешниҳод карда мешаванд [10, с. 236]. Ба фикри мо, дар ин нуқтаи назар, доираи фаъолият ва сарчашмаи ашёи хоми корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ аниқ карда шудааст.

Соҳаи кишоварзӣ базаи ашёи хоми корхонаҳои саноати коркард буда, қисми ҷудонашавандаи комплекси агросаноатиро ташкил медиҳад. Аз ин лиҳоз, бояд қайд намуд, ки равандҳои истеҳсолот бевосита бо кишоварзӣ алоқаманд мебошанд, ки барои корхонаҳои коркард манбаи ашёи хом мебошад. Инчунин, ба ҷойгиршавии корхонаҳои кишоварзӣ ва омилҳои иҷтимоӣ-демографӣ таъсир мерасонад: захираҳои меҳнатии минтақа дар навбати худ аҳолии истеъмолкунандаи асосии маҳсулоти кишоварзиро ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, ҳангоми асосноксозии иқтисодии тақсимоти оқилонаи корхонаҳо, инчунин, ҳолат ва сатҳи рушди зироатпарварӣ ва чорводорӣ,

мавҷудияти захираҳои сӯзишворию энергетикӣ, имкони истифодаи шаклҳои гуногуни нақлиётро дар интиқоли ашёи хом ва маҳсулоти тайёр, сатҳи тамаркузи қувваҳои истеҳсолкунанда, сатҳи рушди корхонаҳои саноатию хӯрокворира ба назар гирифтан зарур аст. Дар асоси қонунҳои объективии ҷойгиршавии истеҳсолот, чунин принсипҳои умумиро қайд кардан зарур аст, ба монанди наздик кардани истеҳсолот ба манбаъҳои ашёи хом, энергия, сӯзишворӣ ва макони истеъмоли маҳсулот, истифодаи ҳамаҷонибаи намудҳои самараноки захираҳои табиӣ ва тақсимоти самараноки қувваҳои истеҳсолкунанда. Дар асоси ин принсипҳо, нақши асосиро дар коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ, корхонаҳои коркард ва таъминкунандагони ашёи хоми кишоварзӣ ташкил медиҳад, ки онҳоро чунин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст.




**Расми 1. - Таъминкунандагони корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ бо ашёи хом**
*Таҳияи муаллиф*

Дар фаъолияти корхонаҳои коркард нақши асосиро таъминкунандагони ашёи хом бозида, раванди бо кори доимӣ банд кардани корхонаҳо ва аз байн бурдани мавсимияти кор аз захираҳои ашёи хоми истеҳсолкардаи минтақаҳо вобастагии калон дорад, ки онҳоро аз шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ ба даст овардан мумкин аст. Вобаста ба шароити табиӣ, захираҳои ашёи хоми минтақаҳои ҷумҳурӣ имконияти ба роҳ мондани коркарди саноатиро ба миён меоранд.

Ҳамин тариқ, омӯзиши мавзӯи интихобшуда ва баррасии фикру ақида ва пешниҳодҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ баҳо дода шуда, дар ин асос самтҳои такмилдиҳии фаъолияти корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ва дарёфти захираҳои молиявӣ бо баҳисобгирии маҳдудияти онҳо имкон медиҳад, ки чунин хулосабарорӣ намоем.

- Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки стратегияи рушди коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ таҳия гардида, аз ҳадафҳои стратегии давлат ва гузариш аз модели аграрӣ-индустриалӣ ба индустриалӣ-аграрӣ такмил дода шавад.
- Интихоби дурусти муҳити ташкили корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзиро вобаста ба захираҳои ашёи хоми дар минтақаҳо мавҷудбуда ба роҳ мондан;
- Таъмини манбаъҳои молиявӣ ва маблағгузории соҳаро аз шаклҳои гуногуни сармоя ба мисли маблағҳои буҷетӣ, қарзҳои бонкӣ ва сармоягузории дохилию хориҷӣ амалӣ намудан;
- Бо истифода аз лизинги молиявӣ фондҳои асосии корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзиро таъмин намуда, технологияи нави бо сифати баланд истеҳсолкунандаро ворид намудан;

▪ Ташаккул ва равнақи корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар бештари мавридҳо аз ҳисоби дар амал татбиқ намудани инноватсияҳо ё ин ки модернизатсияи фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ бояд сурат гирад;

▪ Диверсифатсия намудани корхонаҳо ва маҳсулоти коркардшуда дар минтақаҳо;

▪ Бо истифода аз таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ ба роҳ мондани нигоҳдорӣ ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ.

Дар охир қайд кардан ба маврид аст, ки барои баланд бардоштани самаранокии иқтисодии истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ аз тарафи давлат фароҳам овардани имтиёзҳои молиявию қарзӣ ва андозӣ зарур мебошад, ки ин барои бунёди корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ нақши муҳим дошта, имконияти таъмини шуғли пурмаҳсули аҳолии деҳотро ба миён оварда, сатҳу сифати зиндагии онҳоро баланд мебардорад.

**Адабиёт**

1. Абдуллоев З. Ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ / З. Абдуллоев. – Душанбе: Маориф, 1996. - 303 с.
2. Гончаров В.Д. Комплексное развитие сельского хозяйства и перерабатывающей промышленности / В.Д. Гончаров, В.А. Клюкач. - М.: Агропромиздат, 1988. - 127 с.
3. Каримов М.К. Асосҳои назариявии технологияи нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ / М.К. Каримов. - Душанбе: Ирфон, 2006. - 132 с.
4. Ленин В.И. Сочинение. / В.И. Ленин. - М.: Инситиут марксизма- ленинизма при ЦК КПСС. – Т. 32. 1967. - 840 с.
5. Маркс К. Сочинение / К. Маркс, Ф. Энгельс. - М.: Государственное издательство политической литературы. - Т.19. 1954. - 870 с.
6. Пиризода Ҷ.С. Механизми ташкилию иқтисодии рушди ҷараёни инноватсионӣ дар КАС. Монографияи коллективӣ / Ҷ.С. Пиризода, Ш.Т. Одинаев, Х.М. Давлатов. – Душанбе, 2017. - 148 с.
7. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ //Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2020. - 90 с.
8. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони соҳаи саноати кишвар аз 14.10.2019с. [манбаи электронӣ] URL: https://investcom.tj/tj/sokhibkori/743 (санаи муроҷиат: 18.08.2020 с.)
9. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030. – Душанбе, 2016. - 114 с.
10. Тағоев Ҷ.Ҳ. Иқтисодиёти кишоварзӣ/Ҷ.Ҳ. Тағоев ва диг.- Душанбе: Ирфон, 2005.- 273 с.
11. Хоҷаев Ф. Кооперативонидани корхонаҳои хоҷагии қишлоқ бо саноат /Ф. Хоҷаев. - Душанбе: Ирфон, 1975 - 96 с.
12. Ҳомидов А. Корхонаҳои саноатӣ ва ёрирасон дар хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон/ А. Ҳомидов. - Душанбе: Дониш, 1978. - 232с.

**УДК: 336.7**

# РЫНОК СТРАХОВАНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН: ПРОБЛЕМЫ И ПУТИ ЕГО РАЗВИТИЯ

***Шарифова Рухсора Нуриддиновна*** *- старший преподаватель кафедры бухгалтерского учёта Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: 935527653. E-mail: rukhsora80@bk.ru*

*В данной статье рассматривается проблема развития страхового рынка в Республике Таджикистан и пути их преодоления. Условия рыночных отношений и мировой глобализации требуют того, чтобы страховой рынок, как и все виды рынков, имел современную инфраструктуру, отвечающей нынешним условиям жизни.*

*Необходимо отметить, что общественная потребность в таких услугах на рынке страховых услуг страны возрастает. Но, к сожалению, условия предоставления данных услуг страховыми компаниями не отвечают международным стандартам. Эти услуги не совершенны и лишь начинают формироваться, кроме того, в Республике Таджикистан наблюдается низкая степень защищенности страхователей.*

*За последние десятилетия законодательство страны, которое позволило привлечь в страховой рынок Таджикистана иностранных инвесторов, привело к развитию капитализации рынка страхования*

*и страховых организаций и учреждений со стороны нерезидентов до 20 %. Из общего количества около 4 % принадлежат инвесторам из России, а остальные 16 % – инвесторам из Китая. Это даёт возможность производить и создавать новые страховые продукты, находить дополнительные пути продажи страховых услуг. Таким образом, устойчивость развития рынка страховых услуг, согласно требованиям международных стандартов, охватывающих большой круг социальных групп и классов, приведут к стабильности роста экономики страны.*
***Ключевые слова:*** *страхование, рынок, услуги, страховой продукт, проблемы, государство, информация, стимулирование, инфраструктура.*

## БОЗОРИ СУҒУРТА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МУАММОҲО ВА РОҲҲОИ РУШДИ ОН

***Шарифова Рухсора Нуриддиновна*** **-** *муаллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: 935527653. e-mail: rukhsora80@bk.ru.*

*Дар мақолаи мазкур муаммоҳои рушди бозори суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои бартараф кардани он баррасӣ гардидааст. Шароити муносибатҳои бозоргонӣ ва ҷаҳонишавӣ талаб менамояд, ки бозори суғурта ба мисли ҳамаи намудҳои бозорҳои мавҷуда дорои инфрасохторе бошад, ки ба талаботи замон ҷавобгӯ бошад.*

*Қобили қайд аст, ки зарурати ҷамъиятии чунин хизматрасониҳо дар бозори хизматрасонии суғуртавии кишвар меафзояд. Аммо, мутаассифона, шарту шароити пешниҳоди чунин хизматрасониҳо аз ҷониби ширкатҳои суғуртавӣ ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ нест, хизматрасониҳои мазкур мукаммал набуда, дар оғози ташаккул ҳастанд. Ба ғайр аз ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаи пасти ҳимояи суғуртакунандагон дида мешавад.*

*Тайи даҳ соли охир қонунгузории кишвар, ки ба бозори суғуртаи Тоҷикистон сармоягузорони хориҷиро ҷалб намуд, боиси афзоиши сармоягузории бозори суғуртаву ташкилотҳои суғуртавӣ аз ҷониби ғайрирезидентҳо то 20% гардид. Аз онҳо тақрибан 4% ба сармоягузорони Россия ва 16% ба сармоягузорони Чин таааллуқ доранд. Ҳамаи ин амалҳо барои истеҳсоли маҳсулоти нави суғуртавӣ ва дарёфт намудани роҳҳои иловагии фурӯши хизматрасонии суғуртавӣ мусоидат менамояд. Дар робита бо ин, рушди устувори бозори суғурта ва хизматрасонии суғуртавӣ мутобиқи талаботи стандартҳои байналмилалӣ, ки доираи калони гурӯҳҳои иҷтимоиро ба худ зам мекунад, ба рушди устувори иқтисодиёти кишвар оварда мерасонад.*
***Калидвожаҳо:*** *суғурта, бозор, хизматрасониҳо, маҳсулоти суғуртавӣ, муаммоҳо, давлат, маълумот, ҳавасмандгардонӣ, инфрасохтор.*

## INSURANCE MARKET REPUBLIC OF TAJIKISTAN: PROBLEMS AND WAYS OF ITS DEVELOPMENT

***Sharifova Rukhsora Nuriddinovna*** *- Senior lecturerOf the Department of Accounting, Tajik state University of Finance and Economics. Adduess 734067 Republik of Tajikistan, s. Dushanbe, Nakhimov Street 64/14 Telefone:935527653, e-mail rukhsora 80*

*This article discusses the problem of development of the insurance market in the Republic of Tajikistan and ways to overcome them. The conditions of market relations and global globalization require that the insurance market, like all types of markets, have a modern infrastructure that meets the current living conditions.*

*It should be noted that the public demand for such services in the country's insurance market is increasing. But unfortunately, the conditions for providing these services by insurance companies do not meet international standards, these services are not perfect and are only beginning to be formed, in addition, there is a low degree of protection of policyholders in the Republic of Tajikistan.*

*Over the past decades, the country's legislation that allows attracting foreign investors to the insurance market of Tajikistan has led to an increase in the capitalization of the insurance market and insurance organizations by non-residents up to 20 %. Of these, about 4% belong to investors from the Russian Federation and 16% belong to investors from China. This contributes to the development of new insurance products and additional ways to sell insurance services. In this regard, the sustainable development of the insurance market in accordance with the requirements of international standards, covering an increasing range of social groups and classes, will lead to stable growth of the Republic's economy.*
***Keywords:*** *insurance, market, services, insurance product, problems, government, information, incentives, infrastructure.*

Являясь системой экономических отношений, страхование имеет большое значение, как в социальной сфере жизни общества, так и в совершенствовании инвестиционно-финансового механизма инвестиционной политики государства. В последние годы экономическое положение страны было относительно стабильно, но из-за распространения пандемии COVID-19, нанесший огромный ущерб экономическому росту не только Таджикистана, но и всего мира. Кроме того,

неустойчивость отечественных страховых компаний, низкая страховая культура и недоверие жителей Республики Таджикистан способствуют в должной мере тому, что данная отрасль и по сей день не имеет своего развития.

За последнее время для развития рынка страхования были привлечены иностранные инвесторы. Предпринятые меры будут способствовать развитию капитализации рынка страхования, страховых организаций и учреждений со стороны нерезидентов до 20 %. Из общего числа около 4 % - это доля инвесторов из России, а остальные 16 % – инвесторов из Китая. Это даёт возможность производить и создавать новые страховые продукты. Кроме того, есть возможность найти иные пути продажи страховых услуг. Исходя из этого, можно отметить, что устойчивый рост рынка страховых услуг, который отвечает требованиям международных стандартов и охватывает при этом широкий круг социальных групп общества способствует стабильному развитию экономических процессов в стране.

Динамичные рыночные отношения в Республике Таджикистан приведут к коренным изменениям сектора страхования. Образующиеся преобразования могут сформировать систему, которая обеспечит социальную стабильность и безопасность населения, организаций и государства в целом [1,с.193].

Для реализации государственного регулирования и лицензирования страховой отрасли в Республике Таджикистан действует Закон РТ «О страховой деятельности», принятый 02.01.2018 г. № 1487. Нужно отметить, что быстрое развитие финансовой системы, особенно банковской, развитие малого и среднего бизнеса дают почву для дальнейшего роста различных услуг рынка страхования [6].

Полномочия по страховому надзору возложены на Национальный банк Таджикистана. В структурном составе Национального банка как подразделение, осуществляет свою деятельность Управление страхового надзора. Деятельность данного государственного органа направлена на обеспечение контроля, регулирования и эффективного развития страхования, в том числе и вопросы лицензирования, ведения Единого государственного Реестра специалистов рынка страхования, учета и отчетности, а также координирования работы в сфере страхования [8].

Процесс налаживания рыночных отношений в Республике Таджикистан привел к коренным изменениям сектора страхования, которые должны сформироваться в систему, которая обеспечивала бы социальную безопасность населения, организаций и государства в целом.

Необходимо отметить, что ещё одной из проблем оценки деятельности страхового рынка в Республике Таджикистан является недостаточно развитая система сбора и обработки статистической информации.

К примеру, отсутствие в статистических данных величины выплат по региональным страховым рынкам, премий страхования жизни по видам, по сегментам страхования жизни в Республике Таджикистан и т. д.

Имеющиеся в наличии достоверные статистические основы, разработка программ поддержки и развития институтов страхования, даст возможность повысить открытость сферы страхования для всех участников рынка страхования, в том числе зарубежных компаний, обеспечить реальную оценку показателей в области страхования.

Основные показатели рынка страховых услуг в отдельных странах и в сравнении с Республикой Таджикистан представлены в таблице 1.

**Таблица 1. Основные показатели рынка страховых услуг в отдельных странах за 2018 год**

| Страны | Показатели | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Собств. капитал (млн.долл.США) | Страховая премия (млн.долл.) | Население (млн.долл.) | Ср.плата на душу населения (долл.) | Кол-во страхов. компаний (ед.) |
| Страны с развитым страховым рынком | | | | | |
| США | 9765100 | 1350100 | 325 | 4154 | 1315 |
| Китай | 4321500 | 466400 | 1388 | 336 | 498 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Япония | 4475800 | 471500 | 1265 | 372,7 | 348 |
| Страны СНГ | | | | | |
| Армения | 59 | 73 | 2,98 | 24,5 | 7 |
| Белоруссия | 769 | 543,7 | 9,5 | 57,2 | 22 |
| Казахстан | 1266 | 1135,5 | 17,91 | 63,4 | 32 |
| Россия | 10266 | 21932,3 | 146,8 | 149,4 | 226 |
| Киргизстан | 42 | 15,6 | 6,14 | 2,5 | 20 |
| Таджикистан | 12 | 25 | 8,93 | 2,8 | 19 |

***Источник:*** *Отчеты Евразийской экономической комиссии / Официальный сайт Евразийского экономического союза. URL: http://www.eaeunion.org.21.01.2019г.*

**Диаграмма 1. - Основные показатели рынка страховых услуг в отдельных странах за 2018 год**




***Источник:*** *Отчеты Евразийской экономической комиссии / Официальный сайт Евразийского экономического союза. URL: http://www.eaeunion.org.21.01.2019г.*

Показатели таблицы 1. говорят о том, что расходы, связанные со страховыми услугами в среднем на одного человека, имеют сильное отличие.

Этот показатель в развитых странах, например, в США и Японии от 3 до 4 тысяч долларов, а в странах СНГ данный показатель более низкий. Так, по России - 149,4; Казахстану- 63,4; Белоруссии - 57,2; Армении - 24,56, по Киргизстану- 2,5 и Республике Таджикистан - 3 доллара. Расходы, связанные со страховыми услугами, также сильно отличаются по отношению к ВВП по ряду стран: США 7-8%, КНР- 10%, Япония - 8%, Россия - 1,39%, Белоруссия - 1%, Казахстан - 0,72%, Армения - 0,63%, Таджикистан - 0,37%, Киргизстан - 0,22%.

В условиях рыночных отношений развитие рынка страхования в республике имеет ряд сложностей, требующих своего решения, а именно:

1. Недоверие страхователей к страховым организациям государственного и частного сектора, что и способствует потери инвестиционной привлекательности рынка страхования.
2. Департамент по страховому надзору при Национальном банке Таджикистана не ведет должного регулирования в сфере своей деятельности, также отсутствуют инвестиционные инструменты.
3. Существует большой перечень обязательного страхования, который необходимо пересмотреть законодательными органами власти.
4. Низкий доход населения, при котором отсутствует интерес к страхованию.
5. Отсутствие инфраструктуры, отвечающего требованиям сегодняшнего дня на рынке страхования.

Страховые компании передовых государств с развитым рынком страхования могут стать эталоном для применения их опыта, что поспособствует наиболее быстрому решению возникших проблем.

Необходимо отметить роль Правительства Республики Таджикистан и банков в поддержке развития и функционирования страхового дела. Привлечение клиентов к страхованию от несчастных случаев и болезней и страхованию заложенного имущества, предлагая приемлемые условия, также посодействуют эффективному результату развития рынка страхования. Условия развивающейся рыночной экономики, новый курс индустриализации, по пути которой идёт наша страна, предусматривает совершенствование государством законодательной базы по рынку страхования при общественной поддержке. При условиях сегодняшней технологии необходимо улучшить виды малоэффективного страхования, создавать новые, отвечающие сегодняшнему спросу, страховые продукты, способствующие развитию рынка страхования. Решение этих проблем невозможно без совершенствования механизма страхования, который бы в будущем стал причиной стимулирования страхователей и страховых компаний.

Страховой платёж на душу населения представляет собой один из основных показателей рынка страхования. Данные о среднем страховом платеже на душу населения приведены в таблице 2.

**Таблица 2. - Средний страховой платеж на душу населения в Республике Таджикистан**

| Годы | Общая страховая премия (тыс.сом.) | Население (млн.чел.) | Средний Страховой Платёж (сом,дирам) |
|---|---|---|---|
| 2010 | 107557,1 | 7 498,30 | 14,34 |
| 2016 | 123961,2 | 8 576,90 | 14,45 |
| 2017 | 235844,7 | 8 769,20 | 26,89 |
| 2018 | 234202,6 | 8 965,80 | 26,12 |

***Источник:*** *Отчеты Евразийской экономической комиссии / Официальный сайт Евразийского экономического союза. URL: http://www.eaeunion.org.21.01.2019г.*

**Диаграмма 2. - Средний страховой платеж на душу населения в Республике Таджикистан**




***Источник:*** *Отчеты Евразийской экономической комиссии / Официальный сайт Евразийского экономического союза. URL: http://www.eaeunion.org.21.01.2019г.*

Из данных таблицы 2. видно, что высокий показатель отмечен в 2017 году, который составил 26,89 сомони, а со снижением страховой премии этот показатель в 2018 году уменьшился до 26,12 сомони.

При стабильном развитии рыночных отношений и сокращении доли государственных структур, возникает потребность в страховании, рост малого и среднего бизнеса поспособствует развитию страхования в стране, при этом в сферу страховых отношений будут вовлекаться большое количество объектов и субъектов. Для этого необходимо совершенствовать правовые, организационные и экономические механизмы управления страховым делом и необходимо провести следующие мероприятия:

–регулярно проводить массово-разъяснительную работу среди населения и по месту работы и проживанию, в средствах массовой информации для заинтересованности страхователей. Вызывать доверие к институту страхования. Представлять его как инструмент сохранения человеческого капитала, с гарантией возврата вложенных денежных средств;

–страховым компаниям следует разработать новые продукты страхового рынка, необходимые и отвечающие условиям рыночной экономики. Такими могут быть страхование заложенного имущества, страхование риска непогашенного кредита.

В связи с этим, можно надеяться на то, что страховой рынок в ближайшие годы покажет положительную динамику роста, в свою очередь, определит дальнейший вектор развития [4, с.59].

В последние годы на рынке страховых услуг в список обязательного страхования включили также:

- страхование государственных служащих;
- страхование работников, имеющих профессию, связанную с опасностью;
- страхование от пожара и др.

По имеющимся данным в общем объеме страховых платежей их процент составляет - 17, а остальные 83% поступают за счет ОСАГО.

Следующий показатель рынка страхования - это страховой продукт. Продажа страховых полисов говорит о том, что страховая компания в будущем выплатит взятое на себя обязательство и обещание, продает доверие, свое обещание выплатить в будущем, а этому способствует хорошая реклама компании, которая имела бы влияние на общество. Необходимо отметить, что развитию рынка страхования также способствует инвестирование компаний. За последние годы количественные и качественные показатели деятельности в инвестиционной сфере показали лучшие результаты, что стало причиной увеличения собственного капитала для более широкой инвестиционной деятельности.

Операции по перестрахованию представляют собой следующий показатель рынка страхования. Из имеющихся статистических данных следует, что от общего объёма страховых премий 35,2% перечислены на перестрахование. Страховые компании России и являются главными компаниями по перестрахованию. На их долю приходится 100% перестраховочных премий. По добровольному страхованию в 2017 году передано на перестрахование 111 393,1 сомони. Этот показатель в 2018 году составил 82 508,5 сомони. Следовательно, страховая премия, переданная на перестрахование, уменьшилась на сумму 28 884,6 сомони, или на 25,9% [9, с.11].

Таким образом, одной из главных причин низкого интереса и недоверия к страхованию - это низкое качество предлагаемых страховых продуктов. Необходимо разработать определенный механизм по суммам ущерба испорченного имущества. Большая часть населения, организации и предприятия подвержены большим рискам, что ведет к снижению страховых платежей и услуг. Страховые услуги должны, в большей мере, внедрены через банковскую систему при выдаче банковских кредитов.

**Литература**

1. Авезов А. Х. Стратегическое управление устойчивым развитием промышленности РТ/ А. Х.Авезов, А. А., Урунов, Ш. Рахими // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия: Естественные и экономические науки. 2017.- № 2 (41).- С. 190−194.

2. Алиев Б.Х. Специфика организации страхового маркетинга в условиях кризиса/ Б.Х. Алиев, Э.С. Вагабова, Р.А. Кадиева // Финансы и кредит. – 2011. - № 23. – С. 22-27.

3. Гребенщиков Э.С. Кому и как развивать отечественный страховой бизнес: (о конференции ― Стратегия развития страхового рынка: целеполагание и возможные результаты) // Финансы. 2013.-№ 4. - С. 69-70.

4. Джабаров Г.Н. Современные тенденции развития страхового рынка в Республике Таджикистан. Диссертация: на соискание ученой степени к.э.н.-Душанбе,2019. - С.59-62.

5. Зыкова М.Е. Маркетинг в страховом деле./ М.Е. Зыкова // Вестник: Орёл ГИЭТ. – 2009. - № .1/2 (7).- С. 43-47.
6. Закон Республики Таджикистан от 02.01.2018 г. №1487, ст.4. «О страховой деятельности» [электронный ресурс]. – Режим доступа: https://base.spinform.ru/show (дата обращения: 2.11.2020).
7. Кузнецова И.А. Страхование жизни и имущества граждан: Практическое пособие. /И.А. Кузнецова // - М.: Дашков и К, 2008. - 228 с.
8. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 1 октября 2016 года № 408 «О вопросах Государственной службы страхового надзора» [электронный ресурс]. - Режим доступа: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=89780 (дата обращения: 02.11.2020).
9. Статистический отчет департамента по страховому надзору при НБТ за 2018 год. -11с.
10. Статистический ежегодник Республики Таджикистан. Душанбе, 2019.

**УДК: 366.011**

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ПЕШБУРДИ СИЁСАТИ ФОИЗӢ ДАР БОНКҲОИ ТИҶОРАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Ҷумаев Исматулло Қурбонович*** *– ассистенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: +992 987 23 08 08. E-mail: ismat.j@mail.ru*

*Дар замони ҳозира баланд бардоштани сифати фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Бинобар ин, мақолаи мазкур яке аз мавзӯъҳои мубрами рӯз буда, барои ҳалли масъалаҳои муҳим равона гардида, ҷиҳатҳои назариявии пешбурди сиёсати фоизӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ тадқиқ карда шудааст. Дар асоси истифода бурдани адабиёти хориҷию ватанӣ, дар тадқиқоти мазкур истилоҳи фоиз тафсир гардида, намудҳои он муайян карда шудааст. Бо истифода аз истилоҳ ва намудҳои фоиз дар мақола меъёри фоизӣ дар асоси тадқиқоти олимон маънидод карда шудааст, ки замина барои тадқиқи сиёсати фоизӣ гардидааст. Барои самаранок истифода бурдани сиёсати фоизӣ якчанд пешниҳодҳои мушаххас оварда шудааст, ки боиси такмилдиҳии сиёсати фоизии бонкҳои тиҷоратӣ гардида, барои мустаҳкамгардонии ҳолати молиявии бонкҳо замина мегузорад.*

***Калидвожаҳо:*** *бонкҳои тиҷоратӣ, фоиз, меъёри фоиз, сиёсати фоизӣ, иқтисодиёти миллӣ, бонки миллӣ, рушд, иқтисодиёт, камбизоатӣ, функсияҳои фоизӣ, қурби асъор.*

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ПРОЦЕНТНОЙ ПОЛИТИКИ КОММЕРЧЕСКИХ БАНКОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Джумаев Исматулло Курбонович*** *- ассистент кафедры банковской деятельности Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: +992 987 23 08 08. E-mail: ismat.j@mail.ru*

*В настоящее время повышение активности коммерческих банков является одним из важнейших вопросов. По этой причине эта статья является одной из самых важных тем дня и направлена на решение важных вопросов. В статье исследуются теоретические аспекты проведения процентной политики коммерческих банков. На основе использования зарубежной и отечественной литературы в данном исследовании интерпретируется термин «процент» и выделяются его виды. Используя термины и типы процентов, в статье объясняется процентная ставка на основе научных исследований, которые служат основой для исследования политики процентных ставок. Для эффективного использования процентной политики был внесен ряд конкретных предложений. Эти предложения улучшат процентную политику коммерческих банков и создадут основу для укрепления финансового положения банков.*

***Ключевые слова:*** *коммерческие банки, процент, процентная ставка, процентная политика, национальная экономика, национальный банк, развитие, экономика, бедность, процентные функции, обменный курс.*

## THEORETICAL BASIS OF PERCENTAGE POLICY OF COMMERCIAL BANKS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Jumaev Ismatullo Qurbonovich*** *- Assistant of the Banking Department of Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Phone: +992 987 23 08 08. E-mail: ismat.j@mail.ru*

*One of the most important issues during the current period is the increase in the activity of commercial banks. For this reason, this article contains one of the most important topics of the day and is aimed at resolving important issues. The article examines the theoretical aspects of conducting interest rate policies of commercial banks. On the basis of the use of foreign and domestic literature in this study the term "percentage" is interpreted and its species are distinguished. Using the terms and types of interest, the article explains the*

*interest rate on the basis of scientific research, which serves as the basis for research on interest rates policy. For the effective use of interest rate policy, a number of specific proposals were made. These proposals will improve the interest rate policy of commercial banks and create the basis for strengthening the financial position of banks.*
***Keywords:*** *commercial banks, interest, interest rate, interest policy, national economy, national bank, development, economy, poverty, interest functions, exchange rate.*

Барои баробар тараққӣ ёфтани минтақаҳои ҷумҳурӣ ва пешрафти босуботи иқтисодиёти миллӣ яке аз омилҳои асосӣ рушд ёфтани соҳибкории хурду миёна ба ҳисоб меравад. Яъне, бо тариқи рушд додани соҳибкории хурду миёна дар давлат ҷойҳои кории иловагӣ барои аҳолӣ пешниҳод мегардад, ки дар натиҷа, боиси кам гардидани сатҳи камбизоатӣ дар кишвар мешавад. Рушд ва фаъолияти соҳибкорӣ аз дастгирии давлат тариқи кам кардани сатҳи меъёри андоз ё ин ки бо пешниҳоди меъёрҳои содакардашуда ва пешниҳоди фоизи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ вобастагии зич дорад. Ба хулоса омадан мумкин аст, ки яке аз омилҳои асосии рушддиҳандаи иқтисодиёти миллӣ ин пешниҳоди фоизи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ ба мизоҷон ба шумор меравад. Яъне, чӣ қадаре, ки фоизи қарзии бонкии паст ба мизоҷон пешкаш гардад, ҳамон қадар тиҷорат ва соҳибкорӣ дар давлат рушд меёбад.

Пеш аз оне, ки фоизи қарзии бонкҳои тиҷоратиро тадқиқ намоем, зарурати тадқиқи худи вожаи “фоиз” ба миён меояд. Дар ин самт, бисёр олимони ватанию хориҷӣ ақидаҳои худро дар рисолаҳою тадқиқоташон қайд намудаанд.

Масалан, дар тадқиқоти худ Н.В. Горелая қайд менамояд, ки: “фоиз ин як қисми фоидаест, ки қарзгиранда ба қарздиҳанда барои гирифтани қарз пардохт менамояд. Фоизи бонк, дар асоси истифода бурдани сармояи пулӣ, зери таъсири талабот ва пешниҳодҳо дар бозори сармояи қарзӣ ба роҳ монда мешавад” [5, с. 200]. Яъне, агар бо ибораи дигар гуфтаҳои Н.В. Горелеяро таҳлил намоем, фоиз муносибати байни қарздиҳанда ва қарзгирандаро дар асоси меъёри фоизи аниқ муайян менамояд.

Дар тадқиқоти худ П.А. Продолятченко қайд намудааст, ки: “Фоиз муносибати тарафайни бонк ва мизоҷ буда, муносибати бонкиро нисбат ба мизоҷ ифода менамояд ва меъёри он вобаста ба шарту шароити таклифоту пешниҳод тағйир меёбад. Ҳамчун субъекти муносибатҳои фоизӣ қарзгиранда ва пардохткунандаи он ба ҳисоб меравад. Фоизи бонкӣ хусусияти ҳатмии пардохтшаванда дошта, берун аз муносибатҳои қарзию амонатӣ амал карда наметавонад” [8, с. 74].

С.М. Багамолов дар рисолаи доктории худ оид ба мафҳуми фоиз чунин ибрози ақида намудааст: “мафҳуми фоиз дар натиҷаи муносибатҳои пулию қарзӣ пайдо шуда, ба яке аз омилҳои ҷудонашавандаи ин муносибатҳо табдил ёфт. Аммо нақш ва манфиати фоиз на танҳо байни муносибатҳои қарздиҳанда ва қарзгиранда дида мешавад, балки берун аз ин муносибатҳо низ мушоҳида мешавад. Фоизҳо ба таври ғайримустақим дар ҳаракати на танҳо қарз, балки ҳама гуна арзиши дигар низ иштирок мекунанд” [2, с. 145].

Ақидаи олимонро ба назар гирифта, ба хулосае омадан мумкин аст, ки фоиз яке аз даромадҳои асосии қарздиҳанда аз қарзгиранда мебошад, ки аз тарафи бонкҳо пешкаши мизоҷон гардида, дар асоси шартнома ва пардохти иловапулӣ амалӣ мегардад.

Бо истифода аз адабиёти иқтисодӣ, тадқиқоти олимон барои муайян намудани сиёсати фоизии қарзии бонкҳои тиҷоратӣ якчанд функсияҳои фоизро аз ҳамдигар ҷудо намудем:

- функсияи тақсимотӣ;
- функсияи танзимӣ;
- функсияи сарфаи фонди қарзӣ.

Функсияи тақсимотӣ - тақсими фоида байни субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолӣ ба нафъи яке аз онҳо бо воситаи фоиз, ки заминаи асосии барои ташаккулёбии даромади фоизии бонкҳо мебошад.

Функсияи танзимӣ - ба истеҳсолот бо воситаи тақсими фонди қарзӣ байни соҳаҳо, субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолӣ таъсир расонида, барои танзими сиёсати пулию қарзӣ таъсири худро мерасонад.

Функсияи сарфаи фонди қарзӣ - на танҳо суммаи авалияро нигоҳ медорад, балки бо воситаи даромади фоизӣ, ҳаҷми фонди қарзиро зиёд менамояд.

Фуксияҳои зикргардида барои муайян кардани намудҳои фоиз саҳми бузург доранд. Дар замони ҳозира якчанд намуди фоизҳо барои қарзҳо вуҷуд доранд, ки намудҳои асосии онҳоро пешкаши шумо мегардонем. (ниг. ба расми 1).




**Расми 1. Намудҳои фоизҳо дар бонкҳои тиҷоратӣ**

Тавре аз расм бармеояд, намудҳои асосии фоизҳо ба 4 гурӯҳ тақсим карда шудааст.

Гурӯҳи аввал, фоизи собитшуда, яъне ин чунин намуди фоизе мебошад, ки новобаста аз тағйир ёфтани вазъи иқтисодии мамлакат, бозори молиявӣ ва қурби асъор дар як сатҳ қарор мегирад;

Гурӯҳи дуюм, фоизи шинокунанда, яъне фоизест, ки меъёри он аз тағйирёбии вазъи иқтисодии мамлакат, бозори молиявии дохилӣ ва берунӣ, қурби асъор вобаста аст;

Гурӯҳи сеюм, фоизи базисӣ (асосӣ) буда, меъёри он ба воситаи фоизи собитшуда амалӣ мегардад, яъне аз сад як қисми ҳаҷми умумии маблағҳои қарзӣ ба ҳисоб меравад. Боиси қайд аст, ки як фоизи базисӣ ба 0,01 баробар мебошад;

Гурӯҳи чорум, фоизи тахфифӣ (дисконтӣ) ба ҳисоб меравад, ки меъёри фоизи он дар асоси пешниҳоди тахфиф аз маблағи муайян ба қарз ҷудо шуда, муайян карда мешавад.

Яке аз қисматҳои асосии таъсиррасонанда ба фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ меъёри фоиз мебошад, ки бо воситаи меъёри фоиз талабот ба қарзҳои пешниҳодшаванда муайян мегардад.

Меъёри фоизӣ мувофиқи шартҳои истифодаи сармояи қарзӣ муайян карда мешавад ва ҳамчун предмети пулӣ ва қарзӣ ба ҳисоб рафта, аз ҷониби бонки марказӣ ба танзим дароварда мешавад. Андозаи меъёри фоизӣ боиси ворид ва хориҷ шудани сармояи пулӣ ба бозори дохилӣ аз ҷониби бозорҳои пулии кишварҳои дигар мегардад. Аз ин рӯ, сармояи пулӣ дар бозорҳо молиявӣ хеле зиёд аст ва ҳаракати он байни бозорҳои молиявии миллии кишварҳои гуногун дар сатҳи фоизнокии он зоҳир мегардад. Бинобар ин, усули асосӣ барои баробаркунии меъёри фоизҳо, арбитражи фоизӣ ба ҳисоб меравад. Аммо, ба фикри мо, ҳаракати пулҳо, на ин ки дар асоси арбитражи фоизӣ, балки дар асоси тағйирёбии қурби асъор амалӣ мегардад.

Меъёрҳои фоизие, ки бонкҳои марказӣ муқаррар менамоянд, яке аз усулҳои муҳимтарин барои ба роҳ мондани сиёсати иқтисодии дохилӣ ва берунии кишвар ба

шумор меравад. Аз ин рӯ, ҷузъи асосии тарифҳо бозори пулӣ тарифҳои расмӣ ё меъёрҳои ҷорӣ, ки аз тарафи бонки марказӣ муайян гардидааст, ба шумор меравад.

Боиси қайд аст, ки ин меъёрҳои фоиз паст аст, нисбат ба меъёрҳои фоизие, ки аз тарафи бонкҳои тиҷоратӣ пешниҳод мегардад. Яъне, ба меъёрҳои фоизии бонкҳои тиҷоратӣ омилҳои дохилӣ ва берунӣ таъсири худро мерасонанд. Ба омилҳои берунии ба фоизи бонки тиҷоратӣ таъсиррасонанда, вазъи бозори қарзӣ, танзими давлатии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва механизмҳои андозбандӣ рост меояд. Ҳамчун омили дохилӣ бошад, баҳогузории сатҳи хавфи молҳои багаравгирифташуда ба ҳисоб меравад.

Сиёсати фоизии бонки тиҷоратӣ бо агентҳои иқтисодӣ ва муносибатҳои қарзии дуҷониба алоқамандии зич дорад, зеро бонк ҳангоми ҷалби маблағҳо муваққатан озоди дар суратҳисобҳои бонкӣ бекорхобида, ҳамчун қарзгиранда ва аз тарафи дигар, ҳамчун қарздиҳанда дар ҳолате пешниҳоди маблағҳои пулии дар суратҳисобаш бударо ба қарзгиранда баромад мекунад. Яъне, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки сиёсати фоизии бонки тиҷоратӣ низ дар ду самт ҷиҳати таҳлил қарор гирад, ҳам дар бозори амонатӣ ва ҳам дар бозори қарзӣ.

Асоси сиёсати фоизи бонкҳои тиҷоратиро сиёсати пулию қарзии бонки марказӣ ташкил медиҳад, ки ба сатҳи фоизи бонкҳои тиҷоратӣ дар асоси усулҳои танзимии бавосита ва бевосита таъсири худро мерасонад.

Дар тадқиқоти худ Л.А. Дробозина қайд намудааст, ки: “сиёсати фоизӣ маҷмӯи чорабиниҳои оид ба танзими муносибатҳои иқтисодӣ бо воситаи танзими меъёри фоиз мебошад. Мақсади асосии сиёсати фоизии бонкҳои тиҷоратӣ, ба дараҷаи ниҳоӣ бардоштани даромади фоизӣ аз амалиётҳои бонкӣ, суғуртанамоии хатарҳои қарздиҳӣ ва идоранамоии ликвиднокии бонк, ба шумор меравад” [6, с. 177].

Дар мақолаи илмии худ Т.И. Валецкая ибрози ақида намудааст, ки: “сиёсати фоизӣ дар танзими фаъолияти бонкӣ аҳамияти калон дорад. Ин як воситаи хеле мураккаб ба шумор меравад” [4, с. 123].

Тадқиқоти олимонро ба инобат гирифта, ба хулосае омадем, ки сиёсати фоизии бонкҳои тиҷоратӣ яке аз қисматҳои асосии сиёсати умумии бонк буда, барои пешбурди фаъолияти бонк, ҷалби сармоя дар намуди пулҳои хориҷӣ (доллари ИМА) ва ватанӣ (сомонӣ), ки барои таъминоти бозоргирии бонк равона гардидаст, ба ҳисоб меравад.

Дар замони ҳозира баланд бардоштани фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Бинобар ин, барои ба сатҳи нав, васеъ ва пурсамар намудани фаъолияти онҳо чунин пешниҳодҳо карда мешаванд:

1. Ҷорӣ намудани сиёсати пулию маркетингии бонкҳои тиҷоратӣ, ки барои таъмин намудани афзоиши активҳои бонкӣ ва зиёд гардидани даромади фоизӣ равона гардидааст;

2. Афзоиш, ё ин ки васеъ намудани критерияҳои меъёри фоизӣ барои амонатҳо ва кредитҳои бонкӣ;

3. Ҳавасмандгардонии аҳолӣ бо воситаи сиёсати фоизӣ, ки бо пешниҳоди меъёри фоизи ҷолиб, воситаҳои пулии бекорхобидаи аҳолиро ба бонк ҷалб менамояд.

Пешниҳодҳои дар боло зикршуда, дар ҳолати дар амал истифода бурда шудан, боиси такмилдиҳии сиёсати фоизии бонкҳои тиҷоратӣ гардида, барои мустаҳкамгардонии ҳолати молиявии бонкҳо замина мегузорад.

**Адабиёт:**


1. Азизбаев Р.А. Экономико-математический анализ состояния денежно-кредитной политики в Республике Таджикистан / Р.А. Азизбаев // Вестник ТГУПБП. - Худжанд, 2017. - №1(70). - С.26-35.
2. Богомолов С.М. Банковский процент: методология и механизмы формирования и использования / С.М. Богомолов / диссертация. - Саратов, 2006. - 384 с.
3. Бондаренко Т.Н. Ликвидность коммерческого банка: проблемы и совершенствование методов управления / Т.Н. Бондаренко // Современные научные исследования и инновации. - 2014. - №5. - С. 9.
4. Валецкая Т.И. Процентная политика коммерческих банков / Т.И. Валецкая // Теория и практика научных исследований: психология, педагогика, экономика и управление. - Москва, 2015. - С.120-127.
5. Горелая Н. В. Коммерческие банки: модели и информационные технологии в процедурах принятия решений: учебное пособие / Н. В. Горелая. – Москва, 2012. – 208с.

6. Дробозина Л.А. Финансы. Денежное обращение. Кредит: учебник для вузов / Под ред. проф. Л.А. Дробозиной. – М.: Финансы, ЮНИТИ, 2012. – 479 с.
7. Жиркина Н.И. Кредитование физических лиц: содержание, роль и принципы организации / Н.И. Жиркина // Экономика и наука. – Москва, 2012. - № 5 (78). - С. 302-305.
8. Продолятченко П.А. О роли банковского процента при формировании привлеченных ресурсов кредитной организации / П.А. Продолятченко // Дискуссия. Журнал научных публикаций. Экономические науки. – Москва, 2012. - №2 (20). - С. 72- 80.
9. Ризокулов Т.Р. Проблемы инфляции в экономике Таджикистана / Т.Р. Ризокулов. - Душанбе: Ирфон, 2006. – 239 с.
10. Саадулаева Т.А. Совершенствование денежно-кредитной политики России в современных условиях: дис. канд. экон. наук: 08.00.10. / Т.А. Саадулаева. – М., 2014.- С. 18-19.

**УДК: 502 338**

## ОМИЛҲОИ РУШДИ УСТУВОРИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ ГЎШТУ ШИР ДАР ТОҶИКИСТОН

***Олимов Дилшод Абдулхайрович*** *- ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кўчаи Нахимов 64/14. Тел.:+992 900-82-61-61. E-mail:dilshod.olimov.2019@mail.ru*

*Дар мақола масъалаи рушди самарабахши соҳаи чорводорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шуда, сабабҳои коҳиш ёфтани истеҳсоли маҳсулоти гўшт, шир, тухм ва дигар маҳсулотҳо нишон дода шудааст. Ҳамчунин, оид ба омўзиши тамоюли рушди соҳаи чорводорӣ ва омилҳои ба он таъсиркунанда, рушди соҳаи чорвои зотӣ, омилҳои баланд бардоштани маҳсулнокии чорво, ҳолати нигоҳ доштани зотҳои ирсӣ, имкониятҳои зиёд намудани саршумори чорво, истеъмоли умумии гўшту шир ва фонди истеъмолоти шахсии аҳолӣ, тавозуни истеҳсол, воридот ва захираҳои гўшт, тавозуни истеҳсоли шир, воридот ва содироти маҳсулоти ширӣ аҳамияти аввалиндараҷа дода шудааст.*

*Аз ҷониби муаллиф дар мақола роҳҳои ҳалли масъалаҳои дар соҳаи мазкур ҷойдошта нишон дода шуда, барои самаранокии бештари соҳаи чорводорӣ ҷалби сармоягузории давлатӣ ва хусусӣ тавсия дода шудааст. Истифодаи таклифу пешниҳодҳо, тавсияҳои дар мақолаи илмӣ нишондодашуда барои самаранокии иқтисодии соҳаи чорводорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.*

***Калидвожаҳо:*** *кишоварзӣ, муносибатҳои бозорӣ, чорводорӣ, самаранокӣ, бойторӣ, маҳсулнокии чорво, зотпарварӣ, рақобатпазирӣ, таносуби истеҳсол, тавозуни истеҳсолӣ, маҳсулоти гўштӣ ва ширӣ.*

## ФАКТОРЫ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ ПРОИЗВОДСТВА МЯСА И МОЛОКА В ТАДЖИКИСТАНЕ

***Олимов Дилшод Абдулхаирович*** *- ассистент кафедры бухгалтерского учета Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, Нахимова, 64/14. Тел.: (+ 992) 900-82-61-61. E-mail: dilshod.olimov.2019 @ mail.ru*

*В статье научно обоснованы вопросы эффективного развития животноводства, причины стремления производить мясо, молоко, яйца и другие промышленные товары в Республике Таджикистан. Научная статья предназначена для изучения и вклада сельского хозяйства в развитие животноводческого сектора и факторов, влияющих на развитие сектора животноводства, факторов высокой производительности населения, балансе производства, импорта и экспорта.*

*Автором в статье описываются пути решения проблем, в основном направленные на привлечение государственных и частных инвестиций. Реализация данных предложений и рекомендаций способствует эффективности функционирования животноводческого сектора страны.*

***Ключевые слова:*** *сельское хозяйство, рыночные отношения, животноводство, производительность, ветеринария, ответственность за животноводство, разведение, конкурентоспособность, коэффициент производства, производственный баланс, молочные продукты.*

## SUSTAINABLE DEVELOPMENT FACTORS OF MEAT AND MILK IN TAJIKISTAN

***Olimov Dilshod Abdulkhairovich*** *- Assistant of the Accounting Department of the Tajik State Financial and Economic University (734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova 64/14,) Tel: (+ 992) 900-82-61-61, e-mail: dilshod. olimov.2019 @ Mail.ru*

*The article scientifically substantiates the issues of effective development of animal husbandry, the reasons for the desire to produce meat, milk, eggs and other industrial goods in the Republic of Tajikistan. The scientific article is intended to study and the contribution of agriculture to the development of the livestock sector and the factors affecting the development of the livestock sector, factors of high productivity of the population, the balance of production, imports and exports.*

*From the side of the author, the article describes ways to solve problems. That is, it is mainly aimed at attracting public and private investment. The implementation of these proposals and recommendations contributes to the efficiency of the functioning of the country's livestock sector.*
***Key words:*** *agriculture, market relations, animal husbandry, productivity, veterinary medicine, responsibility for animal husbandry, breeding, competitiveness, production coefficient, production balance, dairy products.*

Соҳаи кишоварзӣ бахши муҳимтарини иқтисодиёти миллӣ ба шумор рафта, дар солҳои охир новобаста аз таъсироти офатҳои табиӣ ва омилҳои бухронӣ дар сатҳи устувор қарор дошта, он аҳолии мамлакатро бо маҳсулоти асосии озуқаворӣ ва қувваи кории деҳотро бо ҷои кори доимӣ таъмин менамояд.

Дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳои бозоргонӣ ҳалли масъалаҳои озуқаворӣ аҳамияти махсусро касб намудааст, зеро он бевосита ба устувории сатҳи иҷтимоию иқтисодии кишвар таъсири худро мерасонад. Айни замон, ҳангоми нокифоя будани таъминоти бахши аграрӣ бо захираҳои истеҳсолӣ, якбора бад гардидани вазъи молиявии истеҳсолкунандагони молу маҳсулот, таҳия ва татбиқи низоми ҳамаҷонибаи тадбирҳое, ки ба устуворӣ ва рушди минбаъдаи самаранокии соҳаи чорводорӣ нигаронида шудаанд, аҳамияти махсус дода мешавад.

Раванди устуворгардонӣ ва баланд бардоштани самаранокии соҳаи чорводорӣ бағоят мураккаб ва хеле тӯлонӣ буда, ҳалли масъалаи мазкур аз ҷиҳати илмӣ асосноккунӣ ва амалӣ намудани як қатор тадбирҳоро аз қабили корҳои ташкилӣ–иқтисодӣ, идоракуниро дар сатҳи мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ талаб менамояд.

Дар ҷараёни рушди соҳаи чорводорӣ ба истифодаи самараноки чарогоҳ, коркарди хӯрокаи имконпазири чорво, аз қабили коркарди зироатҳои хӯроки чорво, ҳамзамон истеҳсоли хӯрокаи омехта аҳамияти бештар зоҳир намудан лозим аст.

Рушди соҳаи чорводории зотӣ дар баробари истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ масъалаи аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад, чунки он имконияти зиёди таъмини рушди устуворро доро мебошад. Такрористеҳсоли саршумори чорво ва тамоюли рушди соҳа дар солҳои охир мавҷудияти иқтидорро барои рушди соҳа собит менамоянд ва бартарии дахолат накардани давлатро нишон медиҳанд [4, с. 63].

Вале танзими оқилонаи соҳа аз ҷониби давлат ба рушди устувори соҳа мусоидат намуда истодааст. Истифодаи бенизоми заминҳо бо мақсади чаронидани чорво дар атрофи деҳот(қишлоқҷойҳо) ва истифода нашудани 1 млн. гектар чарогоҳ метавонад боиси пурра аз гардиш баромадани онҳо шуда, масъалаи ҷиддии экологиро ба миён оварад. Ин чарогоҳҳо моликияти давлат буда, таҳти назорати пурраи хоҷагии ҷангал ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии маҳаллӣ қарор доранд.

Ҳангоми зарурат ба хоҷагии ҷангал ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии маҳаллӣ ҳуқуқ дода мешавад, ки чарогоҳҳоро барои истифодаи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва соҳибони чорвои хонагӣ дар асоси шартномаи дарозмуҳлат бо назардошти истифодаи оқилона ба иҷора диҳанд [7, с. 73].

Барои рушди устувори соҳаи чорводорӣ ба андешаи мо, дар баробари истифодабарии оқилонаи захираҳои табиӣ чораҳои зеринро амалӣ бояд намуд:

– таҳия ва даровардани тағйирот ба заминаи зарурии қонунгузорӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ барои мусоидат ба идоракунии истифодабарии устувори чарогоҳҳо, андешидани тадбирҳо оид ба баланд бардоштани ҳосилнокии чарогоҳҳо;
– мусоидат ба рушди хизматрасонии хусусии бойторӣ;
– рушди хоҷагиҳои тухмипарварии зироатҳои хӯроки чорво;
– вусъат додани кишти зироатҳои хӯроки чорво;
– ҷорӣ намудани киштгардони зироатҳои хӯроки чорво;
– мусоидат намудан ба истеҳсоли хӯрокаҳои омехтаи чорво;
– ҷорӣ намудани таҷрибаи истифодаи бонавбати чарогоҳҳо;

Рушди соҳаи чорводории мамлакат яке аз афзалиятҳои асосии барномаи давлатӣ, алалхусус, бо назардошти афзоиши саршумори чорво мебошад. Айни замон, кам гардидани манбаи хӯрокаи чорво барои пурра қонеъ гардонидани талаботи соҳа монеаҳоро ба миён овардааст.

Гаронии боҷи давлатӣ ва андозҳо ҳангоми воридоти хӯроки чорво ба пешрафти соҳа мушкилоти зиёд эҷод менамояд. Ҳамзамон, зиёдшавии саршумори чорвои калони шохдор ва паст гардидани қобилияти ирсии чорво ба кам шудани маҳсулнокии он

оварда расонд. Дар ин раванд, дастгирии давлатии соҳа нақши муҳимро мебозад. Ҳал нашудани ин камбудиҳо метавонад ба истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ ва дар маҷмӯъ, ба амнияти озуқаворӣи мамлакат таъсири манфӣ расонад.

Маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии ҷумҳурӣ дар соли 2019 аз рӯйи ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ бо нархҳои муқоисавӣ 27750,4 млн. сомониро ташкил намуд, ки афзоиши он нисбат ба соли 1991 2,1 барбар зиёд мебошад [11, с. 16].

Бо мақсади рушди соҳаи чорводорӣ ва баланд бардоштани маҳсулнокии он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Барномаи рушди соҳаи зотпарварӣ ва хушзоткунии чорво дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020"-ро қабул намудааст.

Барномаи мазкур барои ҷорӣ намудани сиёсати ягонаи истеҳсолӣ ва илмию техникӣ дар соҳаи зотпарварӣ ва хушзоткунӣ омода гардидааст. Барои нигоҳ доштани фондҳои ирсӣ, зиёд намудани саршумори чорвои зотӣ (махсусан, ҷавҳари зот) ва мукаммал гардонидани сифатҳои маҳсулнокию ирсии чорво ҳалли масъалаҳои зеринро зарур мешуморем:

– амалигардонии назорати ҳатмии илмию методӣ оид ба низоми пешбурди кори зотпарварӣ новобаста аз шакли моликият;

– дар ҳама минтақаҳои ҷумҳурӣ барқарор намудани иқтидорҳои истеҳсолии заводҳо ва хоҷагиҳои зотпарварӣ оид ба афзун намудани истеҳсоли чорвои зотӣ (ҷавонаҳои зотӣ) ва маҳсулоти зотӣ (нутфа):

– барқароркунии иқтидори нуқтаҳо ва парваришгоҳҳои давлатии зотпарварӣ оид ба намуд ва зотҳои чорво;

– эҳё намудани нуқтаҳо ва стансияҳои бордоркунии сунъии чорво ва таъмини онҳо бо маводҳои зотӣ (чорвои наслдеҳи баландсифат, нутфа ва ҷанин), махсусан дар назди ҷамоатҳо:

– гузаронидани санҷиши чорвои баландмаҳсул (буққа, қӯчкор ва таккаҳо) аз рӯи сифати насл ва маҳсулнокӣ;

– ворид намудани чорвои наслдеҳи баландмаҳсул ва маводҳои зотӣ аз хориҷи кишвар:

– таъсис додани хоҷагиҳои "элевер"-ӣ оид ба парвариши мақсадноки ҷавонаҳои хушзоти чорво дар назди хоҷагиҳои давлатии зотпарварӣ ва стансияҳои бордоркунии сунъӣ;

– аз нав дида баромадани вобастакунии майдонҳои чарогоҳҳои табиӣ вобаста ба ғунҷоиши саршумор ва оқилона истифода бурдани чарогоҳҳои мавсимӣ:

– бунёди бонки нутфа ва захираи маълумотҳо дар бораи фонди ирсии чорвои сермаҳсул;

– ҳавасмандгардонии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ (аҳолӣ) барои ташкил намудани фермаҳои хурди зотпарварии фермерҳо оид ба афзоишдиҳии чорвои ширию гӯштӣ ва гӯсфандони сергӯшту серравған;

– таҳия ва тасдиқи стандартҳои миллии меъёрҳо ва қоидаҳо (оид ба намуд ва зотҳо) дар соҳаи чорводорӣ;

– таъмин намудани санҷиши ҳатмии маҳсулоти зотӣ ва маводҳои зотпарварӣ;

– тайёр намудани мутахассисони соҳаи бордоркунии сунъии чорво ва такмили савияи тахассусии онҳо.

Илова бар ин, мақсади барнома аз таъмин намудани раванди такрористеҳсоли чорвои хушзот баҳри такмил додани сифатҳои ирсию маҳсулнокии он ва афзоишдиҳии чорвои сермаҳсул, инчунин, ҳифзи фондҳои ирсии зотҳои дар ҷумҳурӣ парваришёбанда, зоту намудҳои ҳайвонҳои камшумору азбайнрафтаистода, ки дар корҳои селексионӣ муфиданд, мебошад.

Мақсади таҳияи "Барномаи рушди соҳаи зотпарварӣ ва хушзоткунии чорво дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020" аз нигоҳи мо аз чунин бахшҳо иборат аст:

– нигоҳ доштан ва тадриҷан тараққӣ додани зотпарварӣ, ҷорӣ намудани технологияи пешрафтаи муосир дар соҳа;

– афзудани рақобатпазирии маводи зотӣ дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ тавассути зиёд намудани маҳсулнокӣ ва сифатҳои ирсии чорво:

– такмил додани тарзу усулҳо ва равандҳои (протсесҳои) технологӣ оид ба такрористеҳсолкунии маводҳои зотӣ;

– асоснок намудани ташкили воридот ва тақсимоту фурӯши чорвои хушзот, нутфа ва ҷанини онҳо.

Амалигардонии барномаи мазкур барои таъмини рушди устувор, нигоҳ доштани қобилияти ирсии зотҳои чорвои дар ҷумҳурӣ парваришёбанда, беҳтаргардонии аломатҳои наслҳои онҳо мусоидат карда, бо ин васила, дар маҷмӯъ, ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти соҳа мусоидат мекунад.

Дар соли 2019 истеҳсоли маҳсулот, дар умум, дар соҳаи чорводорӣ 8470,7 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 1991, 86,3 фоиз зиёд шудааст.

Соҳаи чорводорӣ дар ҷумҳурӣ тибқи маълумоти оморӣ ба ҳолати соли 2020 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ саршумори чорвои калони шохдор 2361915 сар, аз он модагов 1227217 сар, гӯсфанду буз 5686400 сар ва паранда 9036569 сар парвариш меёбанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 1991 мутаносибан саршумори чорвои калон 69,8 фоиз, модагов 2,1 баробар, гӯсфанду буз 69, 8 фоиз ва паранда 37,2 фоиз зиёд мебошад.

Маълумот оид ба саршумори чорво аз рӯйи ҳамаи категорияҳои хоҷагидорӣ дар ҷадвали зерин пешниҳод мегардад [10, с. 225-284].

Дар хоҷагиҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ истеҳсоли миёнасолонаи ширҷӯшӣ ба як сари чорво нисбат ба ҳисоби миёнаи ҷумҳурӣ дар соли 2019, 57,7% зиёд аст. Арзиши аслии 1 кг. гӯшти фурӯхташуда дар соли 2019 38,1 сомониро ташкил мекунад, ки ин нисбат ба арзиши аслии миёнаи як килограмм гӯшт дар ҷумҳурӣ 14,8 % кам аст. Нархи хариди гӯшт дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ соли 2019 ба 54,2 сомонӣ расидааст, ки нисбат ба нархи миёнаи солонаи он 1,5 банди фоизӣ кам аст.

**Ҷадвали 1. - Таносуби истеҳсоли умумии шир ва фонди истеъмолоти шахсӣ дар солҳои 1991-2018**

| № | Номгӯйи нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1991 | 2011 | 2012 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2018 в %к 1991 |
| | | Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | | | | | | | |
| 1 | Истеҳсол шуд, ҳазор тонна | 587,2 | 695,8 | 778,2 | 889,9 | 917,9 | 960, 1 | 983,0 | 167,4 |
| 2 | Истеъмол шуд, ҳазор тонна | 364,0 | 433,5 | 490,3 | 577,8 | 603,1 | 633, 6 | 681,7 | 187,3 |
| 3 | Таносуб (истеъмол нисбати истеҳсол)% | 62,0 | 62,3 | 63,0 | 65,0 | 65,7 | 66,0 | 69,0 | 111,3 |
| | аз он ҷумла дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | | | | | | | | |
| 1 | Истеҳсол шуд, ҳазор тонна | 138,2 | 141,2 | 177,8 | 197,5 | 199,8 | 205, 3 | 209,3 | 151,7 |
| 2 | Истеъмол шуд, ҳазор тонна | 89,8 | 92,9 | 117,4 | 131,3 | 132,8 | 140, 8 | 147,7 | 164,5 |
| 3 | Таносуб (истеъмол нисбат ба истеҳсол) бо % | 65,0 | 65,8 | 66,0 | 66,2 | 66,5 | 68,6 | 70,6 | 108,6 |

***Манбаъ:*** *Ҳисоби муаллиф аз рӯи маҷмӯи хоҷагии қишлоқи ҶТ. 2017 с. саҳ. 270.*

Чӣ тавре ки аз рақамҳои ҷадвали 1 мушоҳида мегардад, соли 2018 нисбат ба соли 1991 таносуби байни истеҳсолу истеъмоли шир ва фонди истеъмолоти шахсӣ аз 62% то ба 69% дар ҷумҳурӣ ва дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз 65,0 то ба 70,6% баробар шудааст. Сабаби асосии чунин афзоиш, аз як тараф, зиёдшавии саршумори чорвои ширдиҳандаи аҳолӣ бошад, аз тарафи дигар, бунёд ва рушди кооперативҳои истеҳсолӣ, истеҳсоли тиҷоратӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Бо мақсади оқилона истифода бурдани захираҳои моддӣ, пулӣ ва меҳнатӣ ба мақсад мувофиқ аст, ки дар асоси муттаҳид кардани хоҷагиҳои деҳқонии хурду миёна кооперативҳои истеҳсолии калонҳаҷм бунёд карда шаванд. Дар раванди бунёди чунин кооперативҳо хуб мешавад, ки коркарди саноатии шир ва гӯшт ба роҳ монда шавад.

Нақшаи идораи хароҷот ва идораи бизнес-раванд дар қисмати блокҳои

банақшагирӣ, методҳо, фишангҳо ва субъектҳои идора бо амалисозии қарорҳои вазифаҳои гузоштаи худ дорои махсусиятҳои алоҳида мебошанд.

Дар бораи динамикаи тавозуни истеҳсоли гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ дар хоҷагиҳои ҷумҳурӣ рақамҳои ҷадвали 2 гувоҳӣ медиҳанд:

**Ҷадвали 2. - Тавозуни истеҳсол, воридот ва захираҳои гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ (ҳазор тонна)**

| *№* | *Нишондиҳандаҳо* | *Солҳо* | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
| 1 | Захира дар аввали сол | 19 | 36 | 50 | 34 | 39 | 29 |
| 2 | Истеҳсол дар дохили ҷумҳурӣ | 99 | 109 | 117 | 124 | 131 | 136 |
| 3 | Воридот | 84 | 73 | 40 | 49 | 33 | 24 |
| 4 | Ҳамагӣ, захира | 203 | 218 | 207 | 207 | 203 | 189 |
| 5 | Ҳаҷми истеҳсолоти истеъмолӣ ва коркарди | | | | | | |
| | маҳсулоти хӯрока | | | | 0,1 | 0,1 | 0,4 |
| | а) Содирот<br>б) Талафот | 0,8 | 0,8 | 0,9 | 0,9 | 1,0 | 1,0 |
| 6 | Фонди таъминоти шахсии аҳолӣ | 166 | 167 | 173 | 168 | 173 | 164 |
| 7 | Бақия дар охири давра | 36 | 50 | 34 | 39 | 29 | 24 |
| 8 | Ҳамагӣ истифода карда шудааст | 203 | 218 | 207 | 207 | 203 | 189 |
| 9 | Вазни қиёсии ҳаҷми умумии истеҳсол нисбат ба ҳаҷми умумии захираҳо | 48,9 | 49,9 | 56,2 | 60,0 | 64,6 | 72,0 |
| 10 | Истеҳсол ба як нафар аҳолӣ, кг. | 12,0 | 12,9 | 13,5 | 14,1 | 14,5 | 14,5 |
| 11 | Коэффитсиенти худтаъминкунӣ, % | 59,6 | 64,8 | 67,2 | 73,8 | 75,2 | 82,5 |
| 12 | Истеъмол ба як нафар аҳолӣ, кг. | 20,1 | 19,8 | 20,0 | 19,0 | 19,2 | 17,4 |

***Манбаъ:*** *Ҳисоби муаллиф аз рӯи маҷмӯи оморӣ. Соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2019, с. 19 ва соли 2020 с. 19.*

Аз рақамҳои ҷадвали 2 чунин хулоса кардан мумкин аст: 1) ҳаҷми истеҳсоли гӯшт дар дохили мамлакат, дар зарфи солҳои 2014-2019 тамоюли зиёдшавиро дорад. Дар ин давра, ҳаҷми он 37 ҳазор тонна зиёд шудааст. Сабаби зиёдшавии он афзоиши истеҳсоли худӣ аст, дар ҳоле, ки воридоти гӯшт дар ин давра тамоюли камшавиро дошт, яъне дар ин давра воридоти гӯшт 60 ҳазор тонна кам шудааст. Чунин ҳолат аз зиёдшавии саршумори чорвои калони шохдори гӯштӣ ва бузу гӯсфанд, вазнафзункунии миёнаи шабонарӯзии чорво шаҳодат медиҳад; 2) дар ин давра фонди таъминоти шахсии аҳолӣ аз 166 ҳазор тонна ба 164 ҳазор тонна расид, ё ин ки 2 ҳазор тонна кам гардид. Ҳамзамон, дар ин давра вазни қиёсии ҳаҷми умумии истеҳсол нисбат ба ҳаҷми умумии захираҳо аз 48,7% то ба 71,9% расидааст. Истеҳсол ба як нафар аҳолӣ аз 12 килограмми соли 2014 ба 14,5 кг. расонида шудааст, ки ин 35,8% ҳаҷми меъёри талаботи аҳолӣ ба гӯштро ташкил медиҳад; 3) агар дар соли 2014 истеъмоли воқеии маҳсулоти мазкур ба як нафар 20,1кг-ро ташкил карда бошад, пас вай дар соли 2019 ба 17,4 кг. расид, ки ин аз 2,7 банди фоизӣ кам шудани он дарак медиҳад. Коэффитсиенти худтаъминкунӣ дар ҷумҳурӣ соли 2019 ба 82,5% расонида шудааст. Яъне, ҳоло дар ҷумҳурӣ бояд ҳаҷми истеҳсоли гӯшт вобаста ба имкониятҳои дохилии мамлакат фақат барои таъмини аҳолӣ аз 17,5 то 35% зиёд карда шавад. Барои расидан ба ин нишондиҳанда ҳосилнокии майдонҳои кишти алафзор, чарогоҳ дар талу теппаҳо ва дар заминҳои обёришаванда бояд зиёд карда шавад.

Ҳамзамон, хоҷагиҳо бояд ба ҷамъоварии алафҳои талу теппаҳо бештар машғул шаванд. Маълум аст, ки асоси рушди соҳаи чорводориро захираи мустаҳками ему хошок ташкил медиҳад. Ба ин мақсад, бояд ба низоми илмии киштгардон ва зиёд кардани миқдори дарави юнучқа аз як гектар дар мавсим диққати зарурӣ дода шавад. Ба ҷойи чорвои мавҷуда бештар зиёд кардани моли гӯштие, ки вазнашро дар як шабонарӯз 200-270 грамм зиёд мекунад, бояд парвариш карда шавад. Яъне, аз 2-3 гови маҳсулнокиаш кам дида, нигоҳ доштани чорвои вазнашро зиёдкунанда беҳтар аст.

Чӣ тавре ки аз рақамҳои ҷадвали 3 дида мешавад :1) захираи шир ва маҳсулоти ширӣ дар ҷумҳурӣ соли 2019 нисбат ба соли 2014 истеҳсоли дохилӣ аз 855 ҳазор тонна ба 1001 ҳазор тонна расонида шуд, ки ин нисбатан 17,1% зиёд аст. Дар ин давра, ҳаҷми воридот аз 41 ҳазор тоннаи соли 2014 ба 8 ҳазор тонна кам гардид. Бо назардошти захира дар аввали сол ҳаҷми захираҳо ба 1112 ҳазор тонна расонида шуд, ки ин нисбат ба соли 2014 20,2% зиёд аст; 2) дар соли 2019 ҳаҷми истеҳсолоти истеъмолӣ ва

**Ҷадвали 3. - Тавозуни истеҳсоли шир, воридот, содиротӣ ва маҳсулоти ширӣ (ҳазор тонна)**

| № | *Нишондиҳандаҳо* | *солҳо* | | | | | | *2019 бо % нисбат ба с.2014* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | |
| 1 | Захира дар аввали сол | 29 | 52 | 83 | 86 | 103 | 103 | 3,6 |
| 2 | Истеҳсол дар дохили ҷумҳурӣ | 855 | 889 | 918 | 950 | 983 | 1001 | 117,0 |
| 3 | Воридот | 41 | 38 | 30 | 24 | 18 | 8 | 19,5 |
| 4 | Ҳамагӣ захира | 925 | 979 | 1031 | 1060 | 1104 | 1112 | 120,2 |
| 5 | Ҳаҷми истеҳсолоти истеъмолӣ ва коркарди маҳсулот бо мақсади хӯроки чорво | 197 | 218 | 227 | 238 | 239 | 244 | 123,4 |
| 6 | Содирот | | 0,2 | 0,3 | 0,1 | 0,0 | - | - |
| 7 | Талафот | 5 | 5 | 5 | 5 | 5 | 5,5 | 1,110 |
| 8 | Фонди таъминоти шахсии аҳолӣ | 672 | 672 | 712 | 714 | 757 | 816 | 21,4 |
| 9 | Бақия дар охири давра | 52 | 83 | 86 | 103 | 103 | 47,0 | 90,4 |
| 10 | Ҳамагӣ истифодакардашуда | 925 | 979 | 1031 | 1060 | 1104 | 112 | 120,4 |
| 11 | Вазни қиёсии ҳаҷми умумии истеҳсол нисбат ба ҳаҷми умумии захираҳо | 92,4 | 90,8 | 89,0 | 89,6 | 89,0 | 89,9 | 97,3 |
| 12 | Истеҳсол ба як нафар аҳолӣ, кг. | 103,5 | 105,2 | 106,2 | 107,5 | 108,9 | 106,4 | 102,8 |
| 13 | Коэффитсиенти худтаъминкунӣ, % | 97,9 | 99,3 | 97,1 | 99,3 | 98,2 | 93,9 | 95,9 |
| 14 | Истеъмол ба як нафар аҳолӣ, кг. | 81,4 | 79,5 | 82,4 | 80,8 | 83,8 | 86,7 | 106,5 |

***Манбаъ:*** *Ҳисоби муаллиф аз рӯи Маҷмӯаи омории Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2019, с. 19 ва соли 2020 с. 19.*

коркарди маҳсулот бо мақсади хӯрока нисбат ба соли 2014 23,9% зиёд гардида, ҳаҷми содирот кам гардида, талафот бетағйир мондааст, фонди таъминоти шахсии аҳолӣ аз 672 ҳазор тоннаи соли 2014 ба 816 ҳазор тонна дар соли 2019 расонида шудааст; 3) вазни қиёсии ҳаҷми умумии истеҳсол нисбат ба ҳаҷми умумии захираҳо тағйирёбанда буда, аз 90% то 92,4%-ро ташкил дод. Истеҳсоли шир ба як нафар аҳолӣ аз 103,5 кг-и соли 2014 то ба 106,4кг. расонида шуд, ки ин нисбат ба меъёри истеҳсоли шир, ки соли 2019 тасдиқ карда шудааст, 7,8% кам аст; 4) дар ин давра истеъмоли воқеии шир ба як нафар аҳолӣ аз 81,4кг. ба 86,7кг. расонида шуда, коэффитсиенти худтаъминкунӣ соли 2019 93,9%-ро ташкил додааст.

Натиҷаи таҳлилҳо нишон медиҳад, ки ҳоло дар ҷумҳурӣ имконияти зиёд кардани истеҳсоли шир зиёд аст. Масалан, соли 2019 ширдӯшӣ ба ҳисоби миёна дар давоми сол аз як сар модагов дар ҷумҳурӣ 1870 кг. ва ба ҳисоби миёна дар хоҷагиҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 2949 кг-ро ташкил додааст, ки ин қариб аз ҳар сар модагов 1079 кг. зиёд аст. Ҳамин тавр, соли 2019 ширдӯшӣ дар хоҷагиҳои ноҳияи Ҳисор ба ҳисоби миёна 5265 кг., ноҳияи Турсунзода 5125 кг-ро ташкил дод. Ба андешаи мо, ба хоҷагидорон зарур аст, ки таҷрибаи хоҷагиҳои шаҳри Ҳисор ва Турсунзодаро оид ба татбиқи нақшаҳои инноватсияи соҳа дар фаъолияти худ бештар истифода кунанд.

**Адабиёт**


1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Маҷмӯи омори кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2020”.
2.Асроров И. Рыночная экономика и ее модели / И. Асроров, З. Шарипов. - Куляб: Сада, 2002. - 51 с.
3.Ашуров И.С. Интенсификации молочного скотоводства региона / И.С. Ашуров, Х.А. Муллоев - Душанбе: Эр-граф, 2017. - 171 с.
4. Ашуров И.С. Сельское хозяйство: состояние и перспективы форм хозяйствования / И.С. Ашуров - Душанбе: Адиб, 2008. - 96 с.
5. Бобоазиззода Ш. Развитие птице-продуктового подкомплекса АПК на основе модернизации и инновационной деятельности / Ш.Бобоазиззода –Душанбе: Кишоварз, 2015. - №2 (66). - С.86-88.
6. Бобоазиззода Ш. Развитие маркетинга продукции птицеводства / Ш. Бобоазиззода, Ш. Мирзоахмедов Душанбе: - Кишоварз, 2015. - №3(67). - С.92-94.

7. Бобоазиззода Ш. Эффективность продукции птицеводства в Республике Таджикистан / Ш. Бобоазиззода – Душанбе: Кишоварз, - 2015. - №4 (68).- С. 83-85.
8. Самандаров И.Ҳ. Ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ Қисмҳои 1 ва 2. /И.Ҳ. Самандаров ва диг. - Душанбе, 2008.-234с.
9. Барномаи рушди чорвопарварӣ барои солҳои 2015-2020.
10. Маҷмӯаи оморӣ. Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2020. - С. 225-248.
11. Маҷмӯаи омори Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2020. - С.16.

УДК:657.337.1

# НАҚШИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ, ТАҲЛИЛ ВА АУДИТ ДАР РУШДИ КОРХОНАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Каримов Нурмаҳмад Ярмаҳмадович*** *- унвонҷӯи Институти иқтисоди кишоварзии назди АИКТ. Суроға: 734049, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи. Ҳаёти нав 306. Тел.: +(992) 919 27 77 70. E-MAIL:: karimov.23.1971@mail.ru*

***Абдураҳмонов Сафаралӣ Абдукаримович*** *- ассисенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: 904252123.*

*Гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва инкишофи муносибатҳои бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси пайдо шудани шаклҳои нави фаъолияти хоҷагидорӣ ва идоракунӣ гардид. Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарурат ба миён омад, ки раванди пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудитро мувофиқи меъёрҳои ҷаҳонӣ ба роҳ монад.*

*Мавҷудияти гуногуншаклии муҳосибӣ ва ҳисоботдиҳӣ дар амалия муаммоҳои зиёдеро дар мавриди бурдани бизнеси байналмилалӣ ба миён меоваранд, чунки дар ин ҳолат онҳо маҷбуранд ба хусусиятҳои миллӣ ва меъёрҳои қонунгузории давлат мутобиқ шаванд.*

*Дар мақолаи мазкур нақши баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар рушди корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтасаран инъикос ва баррасӣ карда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *баҳисобгирии муҳосибӣ, муассисаҳои буҷетӣ, стандарт, назорат, ахбороти муҳосибӣ, аудит, захира, амалиёти хоҷагидорӣ, танзими иттилоот.*

## РОЛЬ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА, АНАЛИЗА И АУДИТА НА РАЗВИТИЕ ПРЕДПРИЯТИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Каримов Нурмахмад Ярмахмадович*** *- соискатель Института экономики сельского хозяйства ТАСХН Республики Таджикистан. Адрес: 734049, РТ, г. Душанбе, ул. Хаёти Нав,306. Тел.: +(992) 919 27 77 70. E-mail: karimov.23.1971@mail.ru*

***Абдурахмонов Сафарали Абдукаримович*** *- ассисент кафедры бухгалтерского учета, Таджикский государственный финансово-экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: 904252123.*

*Переход к рыночной экономике и развитие рыночных отношений в Республике Таджикистан привели к появлению новых форм экономической деятельности и управления. Поэтому в Республике Таджикистан необходимо вести бухгалтерский учет и аудит в соответствии с международным стандартом.*

*Разнообразие ведения бухгалтерского учета и отчетности на практике порождает множество проблем при ведении международного бизнеса, поскольку они вынуждены адаптироваться к национальной специфике и национальному законодательству.*

*В данной статье резюмируются и обсуждаются роль бухгалтерского учета, анализа и аудита в развитии предприятий Республики Таджикистан*

***Ключевые слова:*** *бухгалтерский учет, бюджетные учреждения, стандарты, контроль, учетная информация, аудит, ресурс, хозяйственные операции, информационное регулирование.*

## THE ROLE OF ACCOUTING ANALIYSIS AND AUDIT IN THE DEVELOPMENT OF ENTERPRISES OF THE REPUBLIC TAJIKISTAN

***Karimov Nurmahmad Yarmahmadovich-*** *applicant The Institute of Agriculture Economics of the Republic of Tajikistan Phone: +( 992) 919 27 77 70. E-mail: karimov.23.1971@mail.ru*

***Abdurahmonov Safarali Abdukarimovich, a****ssistant of accounting department - Tajik state finances-economy university. Address: Republic of Tajikistan Dushanbe, 64/14 Nahimova street. Phone: 904252123.*

*The transition to a market economy and the development of market relations in the Republic of Tajikistan have led to the emergence of new forms of economic and management activities. Hence the Republic of Tajikistan needs to conduct the accounting and auditing process in accordance with international standards.*

*The variety of accounting and reporting practices in practice creates many problems when conducting international business, as they are forced to adapt to national specifics and national legislation*

*This article summarizes and discusses the role of accounting, analysis and audit in the development of enterprises in the Republic of Tajikistan*

***Key words:*** *accounting, budgetary institutions, standard. monitor accounting information, audit, resource, business practice, information management.*

Барои дуруст ва самаранок ба роҳ мондани фаъолияти корхонаҳо ва ташкилотҳо, огаҳӣ доштан аз вазъ ва ҳолати онҳо, инчунин, назорати бевоситаи фаъолияти онҳо дар шароити муносибатҳои бозорӣ, бидуни ба роҳ мондани баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, шароити имрӯзаи иқтисодиёт, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ҳар як корхонаю муассисаҳои амалкунанда дар сатҳи ҷумҳуриро водор месозад, ки фаъолияти баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудитро дуруст ва мувофиқи меъёрҳои байналмилалӣ ба роҳ монанд.

Вобаста аз фаъолияташон, корхонаю муассисаҳо, ташкилотҳо ва дигар субъектони хоҷагидорӣ, талабот ва хусусиятҳои хоси фаъолияташонро ба назар гирифта, сиёсати баҳисобгирии худро кор карда мебароянд ва онро дар амал татбиқ менамоянд.

Сиёсати баҳисобгирӣ принсипҳои дақиқест, ки дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқнамудаи роҳбарияти ташкилот, маҷмӯи қоидаҳо, усулҳо ва тартиби пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявиро тибқи стандартҳои байналмилалӣ ва ё миллӣ муайян менамояд [5, с. 2].

Дар баробари ба роҳ мондани ҳисобгирии муҳосибӣ қонуну қоидаҳои баҳисобгирии муҳосибии амалкунанда, санадҳои ҳуқуқии аз тарафи Вазорати молия ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда, риоя карда мешаванд.

Ба роҳ мондани баҳисобгирии муҳосибӣ дар ташкилоту муассисаҳои ҷумҳурӣ, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», низомномаю дастурамалҳо ва дигар санаду дастурҳои амалкунанда сурат мегирад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» моҳияти баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, вазифаҳо ва қоидаҳои асосии пешбурди он, баҳодиҳии амвол ва уҳдадориҳо, таркиби ҳисоботи бухгалтерӣ, тартиб ва мӯҳлати пешниҳоди он, мафҳумҳои асосӣ дар бораи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисобот (дар бораи ҳисобҳо, навишти дутарафа ва ғ.) нишон дода шудааст [5, с. 6].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» 25 марти соли 2011 таҳти №702 қабул гардида, вазифаҳои зеринро тасдиқ намудааст:

- ташаккули иттилооти пурра ва боэътимод оид ба фаъолияти корхона ва ҳолати молу мулки он, ки ба истифодабарандагони дохилӣ ва берунии ҳисоботи молиявӣ заруранд;
- таъмини иттилооти зарурӣ барои истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ бо мақсади назорати риоя намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи амалиётҳои хоҷагӣ ва мақсаднок будани онҳо;
- иттилооти зарурӣ оид ба мавҷудият ва ҳаракати амвол, уҳдадориҳо, истифодабарии захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ мувофиқи меъёрҳо ва харҷнома (сметаҳо);
- пешгирӣ намудани натиҷаҳои манфӣ аз фаъолияти корхона, дарёфт намудани захираҳои дохили хоҷагӣ ва таъмини устувории ҳолати молиявӣ[5].

Самаранок идоракунии фаъолияти соҳибкорӣ (субъекти хоҷагидорӣ) аз сифати иттилооти ҳисоботи молиявӣ бевосита вобастагӣ дорад. Мақсади баҳисобгирии муҳосибӣ аз таҳлил, шарҳ ва истифодаи иттилоот бо мақсади таҳия ва қабули қарорҳои идорӣ иборат аст.

Дар ҷараёни таҳияи Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ (СИМД) бо дастгирии ҷамъиятҳои донорӣ (сармоягузорӣ) оид ба низоми амалкунандаи ҳисобдории молиявӣ дар бахши давлатӣ як қатор тадқиқотҳо гузаронида шуд. Тасдиқ гардид, ки Тоҷикистон ба мисли мамлакатҳои ИДМ ҳисобдории тағйирёфтаро бо усули пардохтнамоӣ, ки аз давраи Иттиҳоди Шӯравӣ ба мерос мондааст, истифода менамояд. Бо назардошти он ки усули пардохтнамоӣ хеле муносиб мебошад, хулоса

карда шуд, ки стандартҳои байналмилалии ҳисобдорӣ дар бахши давлатӣ бо усули пардохтнамоӣ бояд мутобиқ карда шаванд.

Тараққиёти босуботи муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, ташаккули ширкатҳои трансконтиненталӣ, гузориши сармоя ба мамлакатҳои хориҷӣ талаби ба як шакл даровардани истифодаи шаклу усулҳои муҳосибӣ дар асоси дастовардҳои ҳисобдории миллӣ ва урфу одатҳои миллиро ба миён гузошт.

Чуноне ки маълум аст, стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявиро мувофиқан ба талаботи корпоратсияҳои трансмиллӣ кор карда баровардаанд.

Мавҷудияти гуногуншаклии муҳосибӣ ва ҳисоботдиҳӣ дар амалия муаммоҳои зиёдеро дар мавриди бурдани бизнеси байналмилалӣ ба миён меоваранд, чунки дар ин ҳолат маҷбур мешаванд, ки ба хусусиятҳои миллӣ ва меъёрҳои қонунгузории давлат мутобиқ шаванд.

Яке аз омилҳои дигари истифодаи СБҲМ дар мамлакатҳо, ин ташкили бозори сармояи ҷаҳонӣ мебошад, ки мувофиқаи усулҳои ҳисобдориро талаб менамояд [1, с. 28].

Ба стандартҳои байналхалқӣ мутобиқ гардонидани баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботҳои бахши давлатӣ яке аз ҷузъҳои асосии ислоҳоти давлатии молиявӣ ба шумор меравад. Стандартҳои байналхалқии молиявӣ дар бахши давлатӣ (СБҲМБД) ва ҳуҷҷати роҳбарикунандаи омори давлатии молиявии соли 2001-ум аз қабили стандартҳои байналхалқие мебошанд, ки бояд баҳисобгирии муҳосибӣ ва дигар ҳисоботҳои бахши давлатӣ ба онҳо мувофиқат намоянд.

Мутобиқи Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои солҳои 2009-2018, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 марти соли 2009 қабул гардидааст, такмили низоми баҳисобгирии муҳосибии бахши давлатӣ, яке аз қисматҳои ислоҳоти умумии давлатии молиявӣ ба ҳисоб меравад.

Хусусияти ташкил ва пешбарии баҳисобгирии автоматикии ташкилот ва корхонаҳо, махсусияти фаъолият, шаклҳои таърихии баҳисобгирӣ, омилҳои инсониву ғайриинсонӣ, биологӣ ва дигар омилҳоро муайян менамояд.

Коркарди самараноки иттилооти баҳисобгирӣ дар шароити муосирро компютеркунонии равандҳои баҳисобгирии иттилоотии амалиётҳои хоҷагидорӣ таъмин намуд. Дар вобастагӣ аз сатҳи автоматикунонии коркарди иттилоот онро ба автоматикисозии дастӣ ва автоматикунонии низомҳои итилоотӣ ҷудо мекунанд. Дар низомҳои коркарди дастӣ ва автоматикӣ ҳамаи амалиётҳоро оид ба коркарди маълумотҳо корманди ҳисобдор амалӣ менамояд.

Техникаҳои ҳисоббарор метавонанд бо таври куллан коркард, интиқол ва танзими иттилооти баҳисобгириро ихтисор ва босуръат намоянд. Зеро ихтисори вақти гардиши иттилоот метавонад ба натиҷаҳои қарорҳои идоравӣ таъсир намояд. Дар марҳилаи ташаккули техналогияҳои иттилоотии мазкур барои баҳисобгирии бухгалтерӣ на автоматикисозии дастӣ, балки низомҳои автоматикунонии баҳисобгирӣ истифода мегарданд.

Ба ин гуна низомҳо чунин унсурҳои таркибиро дохил менамоянд:

- иттилооти баҳисобгирӣ;
- восита, усулҳо ва тарзҳои коркарди он;
- мутахассисони баҳисобгирӣ.

Айни замон дар корхонаҳо низомҳои ягонаи таснифотӣ ва кодгузории техникӣ-иқтисодӣ ва иттилоотӣ-иҷтимоӣ амал мекунанд. Дар шароити низоми муосири хоҷагидорӣ аз сабаби тараққиёти техника ва технологияҳои компютерӣ барои баҳисобгирии бухгалтерӣ, барномаҳои махсуси компютерӣ ба монанди: 1С «корхона», 1С «муҳосибот», «SGB.net» ва ғайра пайдо гаштаанд, ки ҳамаҷониба барои автоматикунонии ҷои кори муҳосибон (АҶКМ) ва инчунин, барои ноил гаштан ба яке аз талаботҳои асосии баҳисобгирии бухгалтерӣ, яъне сарфакориву сариштакорӣ, мусоидат мекунад. Дар вобастагӣ аз хусусиятҳои баҳисобгирӣ дар корхонаю ташкилотҳо базаи маълумотҳо сохторҳои гуногун дошта, бо таври ҳатмӣ метавонанд сохтори қабули нақшаи ҳисобҳоро, ки амалҳои мувофиқкунии системаро дар фаъолияти алоҳидаи ҳисобдорӣ муайян месозад, мувофиқат намоянд. Дар корхона ва ташкилотҳои гуногун фаъолият барои ҷорикунии раванди баҳисобгирии молу маҳсулот вобаста аз хусусиятҳои хоси фаъолиятии онҳо, низоми баҳисобгирии бухгалтерӣ ва идоракунии автоматикунонидашуда дар воситаҳои компютерӣ ташкил карда мешавад.

Барномаи «1С Муҳосибот» барномаи универсалии баҳисобгирии бухгалтерӣ буда, барои ҷорӣ намудани ҳисоботҳои аналитикӣ ва синтетикии (куллӣ ва ҷузъӣ) бухгалтерӣ аз рӯи намудҳои гуногуни баҳисобгирӣ пешбинӣ шудааст. Барномаи мазкур имконияти ҷорӣ намудани мукотиботҳои (проводка) дастӣ ва автоматии ҳисобҳоро дорад. Дар якҷоягӣ бо барнома, маҷмӯи зиёди ҳуҷҷатҳои аввала истифода мешаванд, ки дар ҳолатҳои гуногун метавонад дар шакли чопӣ ва алгоритмии пур кардани онҳо тағйиротҳо ворид карда шаванд. [4, с. 8].

Ғайр аз барномаи «1С Муҳосибот» дар муассисаҳои буҷетӣ барномаи дигари бухгалтерӣ «SGB.net» коркард шудааст, ки дар худ системаи универсалиро оид ба автоматикунонии ҳисоботҳоро дар муассисаҳои буҷетӣ, хоҷагии анбор ва соҳаҳои омехтаи фаъолияти корхонаҳоро дар бар мегирад. Системаи «SGB.net» ба тамоми хусусиятҳои баҳисобгирӣ дар корхонаҳои гуногун бо ёрии модули «SGB.net» амалӣ гардонида мешавад, ки имконияти амалисозии унсурҳои асосии барномавӣ бо ифода ва дарҷи ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ дар сохторҳои гуногуни корхона, ислоҳоти шаклҳои чопи онҳо, ташкили журналҳо ва кор бо ҳуҷҷатгузориҳои бухгалтериро бо таври пуррагӣ таъмин месозад.

Муассисаҳои буҷетӣ ташкилотҳое мебошанд, ки аз тарафи идораҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва субъектҳои он барои ба роҳ мондани фаъолияти идоракунӣ, иҷтимоӣ-маданӣ, илмӣ-техникӣ ва дигар фаъолиятҳои ғайритиҷоратӣ таъсис дода шуда, аз ҳисоби буҷаи давлатӣ маблағгузорӣ карда мешаванд [9, с. 68].

Муассисаҳои буҷетӣ низ ҳамчун субъектҳои хоҷагидорӣ вазифадоранд, ки дар асоси қонунҳои амалкунанда баҳисобгирии муҳосибиро дуруст ба роҳ монанд, таъмини якхелаи пешбурди баҳисобгирии амвол, ӯҳдадориҳо ва муомилоти хоҷагиро анҷом диҳанд, иттилооти муқоисавӣ ва саҳеҳро оид ба вазъияти молиявӣ, даромад ва хароҷотро, ки барои истифодабарандагони ҳисоботи муҳосибӣ зарур аст, мураттаб ва пешниҳод намоянд.

Тартиби ба роҳ мондани баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ дар “Дастурамал оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ” оварда шудааст, ки мувофиқи он, ин тартиб ба ҳамаи муҳосиботҳои марказонидашудаи идораҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, идораҳои давлатии субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, ташкилот ва муассисаҳо, академияи илмҳо, вазоратҳо ва дигар идораҳои давлатие, ки аз буҷет маблағгузорӣ мешаванд, дахл дорад [10, с. 120].

Такмилдиҳӣ ва истифодабарии барномаҳои муосири коркарди ахбороти муҳосибӣ дар муассисаҳо ва ташкилотҳои бахши давлатӣ, ин системаи «SGB.net» ба ҳисоб меравад.

Ислоҳоти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми ҳисобдорӣ ва назорат тақозо дорад, ки фаъолияти минбаъдаи онҳо тибқи қонуниятҳои нав роҳандозӣ гарданд. Гузаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибатҳои бозорӣ зарурати пайдоиши аудит - ҳамчун назорати нави молиявиро талаб кард.

Мақсади асосии аудит, ин таъмин намудани назорат барои сари вақт расондани иттилооти боэътимод ба истифодабарандагон мебошад, ки он дар ҳисоботи муҳосибӣ (молиявӣ) дарҷ меёбад [6, с. 12].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти аудиторӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» ба танзим дароварда мешавад. Ин қонун 22 июли соли 2013 таҳти №993 аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидааст.

Мақомоти ваколатдори танзими давлатии фаъолияти аудиториро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад, ки он чунин вазифаҳоро иҷро менамояд:

1. Дар доираи салоҳияти худ санадҳои меъёрии ҳуқуқиеро, ки фаъолияти аудиториро танзим менамоянд, қабул мекунад;
2. Стандартҳои фаъолияти аудиториро таҳия мекунад;
3. Аз тарафи аудиторони инфиродӣ ва ташкилотҳои аудиторӣ риоя намудани шарту талаботи иҷозатномавиро назорат менамояд;
4. Риоя намудани стандартҳои фаъолияти аудиториро аз тарафи аудиторони инфиродӣ ва ташкилотҳои аудиторӣ зери назорат мегирад;
5. Ҳаҷм ва тартиби ба мақомоти ваколатдор пешниҳод намудани ҳисоботҳоро барои аудиторони инфиродӣ ва ташкилотҳои аудиторӣ муайян менамояд;

6. Феҳристи бақайдгирии давлатии аудиторонеро, ки соҳиби аттестати тахассусӣ ва иҷозатнома мебошанд, пеш мебарад.

Комиссияи тахассусӣ дар маҷлиси умумии Палатаи аудиторон ба муҳлати 5 сол интихоб карда мешавад.

Аудит санҷишест, ки дар асоси шартнома бо дархости фармоишгар аз тарафи аудитори инфиродӣ ё ташкилоти аудиторӣ мутобиқи стандартҳои аудит бо мақсади изҳор намудани ақидаи мустақил оид ба саҳеҳӣ ва мутобиқати ҳисоботи молиявӣ ва дигар иттилооти марбут ба ҳисоботи молиявӣ ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ё стандартҳои миллии ҳисобдорӣ гузаронида мешавад [7, с. 24].

Ташкил кардани аудити давлатӣ барои корхонаю ташкилотҳо аҳамияти бузурги амалӣ дорад, ки он ҳамчун воситаи назорат барои баланд бардоштани натиҷаҳои молиявию хоҷагидории фаъолияти онҳо равона карда мешавад. Барои таъмини субъектҳои хоҷагидорӣ бо ахбори боварибахши молиявӣ ва ғайримолиявӣ онҳо бояд намояндаи худро дар корхонаҳояшон дошта бошанд, то ки доимо аз болои фаъолияти менеҷерони кироякардашуда назорат карда, кори онҳоро баҳогузорӣ намоянд. Бинобар ин, дар корхонаҳо ташкил кардани шуъба ё хадамоти аудити дохилӣ амри воқеӣ шуд.

Аудиторони дохилӣ ҷараёни корро баҳо медиҳанд ва мулоҳизаҳоро оид ба он ки то чӣ андоза назорат мувофиқи мақсад ҳаст ё не, тасдиқ мекунанд [7, с. 12].

Барои беҳтар кардани ҳолати назорати дохилӣ ва аудит дар корхонаҳо зарур аст, ки шуъбаи (хадамоти) аудити дохилиро таъсис дода, идоракунии хавфҳо ва мудирияти корхонаро беҳтар созанд. Хусусан, барои корхонаҳое, ки сармоягузорони он аз хизматрасонии роҳбарияти олии кироякардашуда истифода мебаранд, аудити дохилӣ яке аз воситаҳои асосӣ барои назорат ва баҳодиҳии сифати идоракунии корхона ба шумор меравад.

Сифати натиҷаи аудити дохилиро шахсони салоҳиятдори касбӣ, яъне кормандон таъмин менамоянд. Аз ин рӯ, баланд бардоштани савияи дониши кормандони аудити дохилӣ яке аз принсипҳои асосии фаъолияти корхонаҳо мебошад.

Дар асоси қонунҳои амалкунанда дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсони ҳуқуқӣ, яъне ширкатҳои аудиторӣ ва шахсони воқеӣ - аудиторон, инчунин, ширкатҳои аудитори хориҷӣ ба фаъолияти аудиторӣ машғул шуда метавонанд.

Хулоса, фаъолияти баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи талаботҳои замони муосир дар асоси техникаи компютерӣ бо истифода аз стандартҳои миллӣ ва барномаҳои махсусгардонидашудаи компютерӣ ба роҳ монда шудааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки ин ҳама тағйирот далели рушди соҳаи баҳисобгирӣ ва аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд.

**Адабиёт**


1. Бобомуродов П.Х. Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ / П.Х. Бобомуродов. – Душанбе: ЭР-граф, 2012. - 216 с.
2. Дастурамал оид ба тартиби гузаронидани аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ - Душанбе, 2013.
3. Дастурамал оид ба бурдани ҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ - Душанбе, 2001.
4. Каримов Н.Я. 1С: Предприятие. Учебное пособие. / Н.Я. Каримов, А.Ш. Комилов. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. - 130 с.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» №702 аз 25 марти соли 2011.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» №993 аз 22 июли соли 2013.
7. Қодирова Г.Т. Аудит. Васоити таълимӣ / Г.Т. Қодирова, Ф.Ф. Ғафоров. - Душанбе: Ирфон, 2013. - 230 с.
8. Низомномаи ҳисобгирии муҳосибӣ ҳисоботи муҳосибии корхонаҳо ПБУ 5\2001 №104 аз 16-уми июли соли 2001.
9. Шарифов З.Р. Баҳисобгирии бухгалтерӣ дар муассисаҳои буҷетӣ. Дастури таълимӣ / З.Р. Шарифов - Душанбе: Ирфон, 2015. - 316 с.
10. Шарифов З.Р. Баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ. Китоби дарсӣ / З.Р. Шарифов, С.Маъдиев, Н.Я. Каримов. – Душанбе: Мега-принт, 2019. - 550 с.

УДК: 336.7(575.3)

# ТАКМИЛИ ИДОРАКУНИИ ХАВФҲОИ АСЪОРӢ ДАР БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ

***Сулаймон Сайфуллозода*** *- унвонҷӯи кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Айнӣ 37. Тел.: (+992 93) 931-70-70 E-mail: ilm-tj@mail.ru*

*Дар мақола масъалаҳои марбут ба идоракунии хавфҳои асъорӣ баррасӣ гардидааст. Самтҳои асосии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ, ки ба хавфҳои асъорӣ бештар дучор меоянд, муайян карда шуданд. Омилҳои маҳдудкунанда муайян ва механизмҳои мушаххасе пешниҳод карда мешаванд, ки ба беҳтар намудани идоракунии хавфҳои асъорӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ дар асоси усулҳои классикӣ, ба монанди ҳеҷкунӣ ва дар заминаи усулҳои муосир, ба монанди "неттинг" ва "мэтчинг" нигаронида шудаанд. Модели кам кардани хавфҳои асъорӣ дар асоси муайян кардани таносуби ҳадди имконпазири оптималии асъорҳо дар сандуқи асъори бонк, бо мақсади ба даст овардани даромади ҳадди аксар аз амалиёти асъорӣ такмил дода шуд. Хавфи мавқеи кушода бо асъори гуногун аз ҳисоби ҷуброни зарари як асъор бо фоида нисбат ба дигар асъор ҳангоми сатҳи пасти корреляцияи қурбҳои мазкур коҳиш дода мешавад.*

***Калидвожаҳо:*** *амалиёти асъорӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, идоракунии хавфи асъорӣ, мавқеи кушодаи асъорӣ, мавқеи пӯшидаи асъорӣ, ҳеҷкунӣ, усули ҳисоб кардани хавфҳои асъорӣ «арзиши зери хавф» (VaR), хавфи бонкӣ, идоракунии дороиҳо, идоракунии уҳдадориҳо, қарзи бонкӣ, қурби асъор, амнияти асъорӣ.*

# СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ УПРАВЛЕНИЯ ВАЛЮТНЫМИ РИСКАМИ В КОММЕРЧЕСКИХ БАНКАХ

***Сулаймон Сайфуллозода*** *- соискатель кафедры банковского дела Таджикского национального университета. Адрес: 734025,Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Айни, 37. Тел.: (+992 93) 931-70-70. E-mail: ilm-tj@mail.ru*

*В статье рассматриваются вопросы, связанные с управлением валютнымых рисков. Выявлены основные направления в деятельности коммерческих банков, которые более подвержаны валютным рискам. Выявлены сдерживающие факторы и предложены конкретные механизмы, направленные на совершенствование управления валютными рисками в коммерческих банках, на основе как классических инструментов, таких как хеджирование, так и на основе современных инструментов, таких как неттинг и мэтчинг. Доработана модель по минимизации валютных рисков на основе определения максимально-допустимого оптимального соотношения валют в валютном портфеле банка, с целью получения максимального дохода от валютных операций. Минимизация риска открытых валютных позиций (по разным валютам) достигается при условии низкой степени корреляции курсов валют, путем перекрытия убытков по одной валюте прибылями по другой.*

***Ключевые слова:*** *валютные операции, коммерческие банки, управление валютными рисками, открытая валютная позиция, закрытая валютная позиция, хеджирование, метод расчета валютных рисков "Стоимость под риском" (Value at Risk, VaR), банковские риски, управление активов, управление обязательств, банковский кредит, курс валюты, валютная безопасность.*

# IMPROVING CURRENCY RISK MANAGEMENT IN COMMERCIAL BANKS

***Sulaymon Saifullozoda****, Applicant to the Department of Banking. Tajik National University. 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 37 Ayni str. Phone: (+992 93) 931-70-70 E-mail: ilm-tj@mail.ru*

*The article discusses issues related to the management of foreign exchange risks. The main directions in the activity of commercial banks, which are more susceptible to currency risks, have been identified. Restraining factors are identified and specific mechanisms are proposed aimed at improving the management of foreign exchange risks in commercial banks, based on both classical instruments, such as hedging, and on the basis of modern instruments, such as netting and matching. The model for minimizing currency risks has been improved on the basis of determining the maximum permissible optimal ratio of currencies in the bank's currency portfolio, in order to obtain the maximum income from currency transactions. Minimization of the risk of open foreign exchange positions (for different currencies) is achieved under the condition of a low degree of correlation of exchange rates, by overlapping losses in one currency with profits in another.*

***Keywords:*** *currency operations; commercial banks; foreign exchange risk management; open currency position; closed currency position; hedging; method of calculating currency risks "Value at Risk" (VaR), banking risks, asset management, liability management, bank loan, currency exchange rate, currency security.*

Долларикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол дар сатҳи баланд қарор дорад. Ҳолати мазкур аз сохтори иқтисодиёти давлат, ҳаҷми калони воридот ва ҳаҷми пасти содирот вобаста мебошад [8, с. 137].

Таҳлили тавозуни пардохт нишон медиҳад, ки беш аз 70%-и он аз воридот иборат буда, нигаронкунанда мебошад [9, с. 103]. Ҳолати мазкур талаб мекунад, ки дар ин самт фавран чораҳои дахлдор, аз ҷумла ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагони маҳсулоти воридотивазкунанда ва дастгирии содироткунандагони маҳсулоти тайёр андешида шаванд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, аҳамияти амалиёти асъорӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ хеле назаррас мебошад. Самаранокии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ аз дуруст истифода намудани онҳо ва идора намудани хавфҳо аз рӯйи амалиёти мазкур вобастагӣ дорад.

Фаъолияти бонкҳо дар бозорҳои асъорӣ, бо идоракунии дороиҳо ва уҳдадориҳо бо асъори хориҷӣ, хавфҳои асъорӣ, ки дар рафти истифодабарии асъори гуногун ҳангоми анҷомдиҳии амалиёти бонкӣ ба амал меояд, вобаста мебошад. Хавфи асъорӣ, ин хавфи талафот ё пурра нагирифтани фоида бо пули миллӣ, бинобар тағйирёбии манфии қурби асъор мебошад. Дар навбати худ, хавф ин эҳтимолияти талафот ва хароҷоти иловагӣ ҳангоми анҷомдиҳии амалиёти молиявие, ки он дар сатҳи зарурӣ пурра таҳлил карда нашудааст, нодуруст ҳисоб шудааст ё ҳолати пешгӯинашаванда дорад. Хавфи асъорӣ намуди хавфи молиявӣ мебошад, аз ин рӯ, ҳангоми арзёбӣ намудани он аз сарчашмаҳое истифода мекунем, ки тибқи онҳо ҳолати бонкро таҳлил менамоем ва дар маҷмӯъ, арзёбии вазъияти пурраи молиявии бонк бе арзёбии алоҳидаи хавфи асъорӣ ғайриимкон мебошад [6, с. 70].

Мо шартан такмили се гурӯҳи идоракунии хавфҳои асъории бонкҳои тиҷоратиро пешниҳод менамоем:

1. Хавфҳое, ки дар рафти қарздиҳии асъорӣ пайдо мешаванд;
2. Хавфҳои вобаста ба сандуқи асъории амонатҳо;
3. Хавфҳои вобаста ба мавқеи асъорӣ.

Ҳар яке аз гурӯҳҳои номбаршударо дар алоҳидагӣ баррасӣ менамоем.

1. Хавфҳое, ки дар рафти қарздиҳии асъорӣ пайдо мешаванд, дар натиҷаи пешниҳоди қарзҳо бо асъори хориҷӣ ба миён меоянд. Хатари қарздиҳӣ бо асъори хориҷӣ дар он мебошад, ки дар баробари ба амал омадани хавфи асъорӣ, инчунин, ба пайдо шудани хавфи қарзӣ ва хавфи мавқеи асъорӣ мусоидат менамояд. Бо мақсади аз ҳам фарқ намудани хавфҳои дар боло зикршуда, мо онҳоро дар алоҳидагӣ баррасӣ менамоем.

Якум, қарздиҳии асъорӣ, пешниҳоди қарзро бо асъори хориҷӣ дар бар гирифта, пардохтҳои қарзӣ бошад, тибқи ҷадвали пардохт бо сомонӣ анҷом дода мешавад. Аз тарафи дигар, қонунгузорӣ ба мизоҷон имкон намедиҳад, ки пардохтҳои қарзиро бо асъори хориҷӣ анҷом диҳанд. Ҳамин тариқ, бонкҳои тиҷоратӣ аз мизоҷон пардохтҳои қарзии асъориро бо пули миллӣ қабул намуда, онҳоро ба асъори хориҷӣ мубодила намуда, сипас маблағи мазкур ба пардохти қарзи асъорӣ равона карда мешавад. Ин ҳолат дар он замон имконпазир мегардад, ки барои мубодила намудани сомонӣ ба асъори хориҷӣ, мавқеи асъорӣ имкон диҳад. Ҳангоми мавқеи асъорӣ имкон намедиҳад, ки амалиёти мазкур анҷом дода шавад, бонкҳои тиҷоратӣ маҷбур мешаванд, ки амалиёти мазкурро иҷро намуда, дар ин ҳолат хавфи мавқеи кушодаи асъорӣ пайдо мегардад (дар бораи хавфи мавқеи кушодаи асъорӣ мо муфассалтар дар поён сухан менамоем).

Тасодуфан мо ин бандро бо сатҳи баланди долларизатсияи иқтисодиёт оғоз накардем. Ин ҳам дар ҳолест, ки БМТ дар ин самт корҳои назаррасро иҷро менамояд [10, с. 79].

Бояд тазаккур дод, ки бонкҳои тиҷоратӣ барои пешниҳоди қарз ба мизоҷон аз сарчашмаҳои гуногун маблағ ҷалб менамоянд, аз ҷумла аз хориҷи кишвар бо асъори хориҷӣ, аммо фоизнокии ҷалби чунин маблағҳо аз хориҷи кишвар нисбат ба фоизнокии он дар дохили ҷумҳурӣ хеле паст мебошад. Пас аз ҷалб намудани маблағҳо, бонкҳои тиҷоратӣ кӯшиш менамоянд, ки онҳоро ҳарчи зудтар ҷойгир намоянд, аммо дар ин ҳолат масъалаи асъори он кушода мемонад. Аксарияти мизоҷон мехоҳанд

қарзро бо пули миллӣ гиранд, аммо бонкҳои тиҷоратӣ маблағҳои озодро бо асъори хориҷӣ зиёдтар доранд. Дар ин ҳолат, ҳар як бонк, вобаста аз вазъи молиявии худ, роҳи ҳалли беҳтаринро интихоб мекунад. Аз рӯйи адолат бояд қайд кард, ки бонкҳо дар ин ҳолат интихоби калон надоранд. Дар ин ҷо ду ҳолати асосӣ имкон дорад:

- пешниҳоди қарз бо асъори хориҷӣ - ҳамин тариқ, бонкҳо хавфи асъориро ба зиммаи мизоҷ вогузор намуда, хавфҳои асъории хешро коҳиш медиҳанд;
- пешниҳоди қарз бо пули миллӣ - дар ин ҳолат агар бонкҳо инструменти ҳеҷро истифода набарад, пас хавфи асъориро пурра ба зиммаи худ мегирад.

Маълумоти ҷадвали 1 сохтори сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратиро аз рӯйи асъорҳо нишон медиҳад.

**Ҷадвали 1. - Сохтори сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ аз рӯйи асъорҳо ба ҳолати 1-уми январи соли 2020**

| Номгӯи бонкҳои тиҷоратӣ | бо сомонӣ | бо асъори хориҷӣ |
|---|---|---|
| БДА ҶТ «Амонатбонк» | 66% | 34% |
| ҶСК «Ориёнбонк» | 22% | 78% |
| ҶСК «Бонки Эсхата» | 60% | 40% |
| ҶСП «Халик Бонк Тоҷикистон» | 20% | 80% |
| ҶСП «Спитамен Бонк» | 22% | 78% |
| ҶСП «Аввалин бонки молиявии хурд» | 65% | 35% |
| ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон» | 62% | 38% |
| ҶСП «Коммерсбонки Тоҷикистон» | 59% | 41% |
| ҶСП «Кафолатбонк» | 96% | 4% |
| ҶСК «Тавҳидбонк» | 97% | 3% |
| ҶСП «Бонки Арванд» | 86% | 14% |

***Сарчашма:*** аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти Бонки миллии Тоҷикистон тартиб дода шудааст.

Таҳлили ҷадвал нишон медиҳад, ки дар байни бонкҳои тиҷоратӣ вазъияти ҳиссаи қарзҳои асъори хориҷӣ дар сандуқи қарзӣ гуногун мебошад. Агар як қисми бонкҳо, новобаста аз сатҳи баланди хавфи қарзӣ дар сохтори сандуқи қарзии хеш аз 60% то 80% қарзҳои асъорӣ дошта бошад, пас саҳми қарзҳои асъорӣ дар сандуқи қарзии дигар ташкилотҳои қарзӣ дар доираи 30%-50% қарор дорад.

Сабаби қарори бонкҳои тиҷоратӣ бо фоизи баланд ё на он қадар миёна гирифтани қарзҳои асъорӣ дар сохтори сандуқи қарзӣ дар чист? Дастрасӣ ба захираҳои қарзии бонкҳои тиҷоратӣ тақрибан якхела мебошанд. Ба ақидаи мо, ҷавоб ба ин савол, сохтори мизоҷони бонк ба шумор меравад. Яъне, агар бонк қарзҳоро ба мизоҷони корпоративие, ки қарзҳои дарозмуддат гирифта, сохтори тиҷоратии он ба воридоти маҳсулот вобаста мебошад, пешниҳод намояд, пас чунин мизоҷон ҳангоми муайян кардани нархгузориҳои хеш, хавфи асъориро ба инобат мегиранд ва дар ин ҳолат, бонкҳо хавфҳои асъории худро коҳиш медиҳанд. Аммо, агар бонкҳои тиҷоратӣ корхонаҳои хурд ва миёнаро, ки нархгузориро бо назардошти хурд ва миёна будани ҳаҷми савдо ба танзим дароварда наметавонанд, хизматрасонӣ намояд, пас ба онҳо гирифтани қарзҳои асъорӣ хеле хатарнок аст ва бонкҳои хизматрасонӣ бояд ба онҳо қарзҳо бо пули миллиро пешниҳод намояд. Сиёсати бонки мазкур оид ба ҷалби маблағҳо бояд максималӣ ба ҷалби маблағҳо бо сомонӣ ва ё асъори хориҷӣ бо фоизи паст бо мақсади ҳеҷкунии он равона карда шавад. Ҳамзамон, арзиши маблағҳои ҷалбшуда бо назардошти ҳеҷкунии он бояд дар сатҳи зарурӣ бошад, ки бонк бо назардошти маржаи хеш тавонад онро дар бозор ҷойгир намояд.

2. **Хавфҳои вобаста ба сандуқи асъории амонатҳо.** Бо назардошти он ки қурби пули миллӣ нисбат ба асъори хориҷӣ устувор нест ва доимо зери таъсири лапишҳои қурбӣ қарор дорад, инчунин бо назардошти сатҳи таваррум қисми зиёди сандуқи амонатии бонкҳо бо асъори хориҷӣ мебошанд (нигаред ба ҷадвали 2).

Новобаста аз ҳолати вазнини иқтисодиёт, эътимоди пасти аҳолӣ ба низоми бонкӣ, инчунин, қурби ноустувори сомонӣ, сохтори сандуқи амонатии бонкҳои тиҷоратӣ аз ҳамдигар фарқ доранд. Такрор менамоем, ки сохтори сандуқи амонатии

бонкҳои тиҷоратӣ ба сандуқи қарзии онҳо, сохтори мизоҷон ва талаботи онҳо зич алоқаманд мебошад.

**Ҷадвали 2. - Сохтори сандуқи амонатии бонкҳои тиҷоратӣ аз рӯйи асъорҳо ба ҳолати 1-уми январи соли 2020**

| Номгӯи бонкҳои тиҷоратӣ | бо сомонӣ | бо асъори хориҷӣ |
|---|---|---|
| БДА ҶТ «Амонатбонк» | 71% | 29% |
| ҶСК «Ориёнбонк» | 12% | 88% |
| ҶСК «Бонки Эсхата» | 64% | 36% |
| ҶСП «Халик Бонк Тоҷикистон» | 11% | 89% |
| ҶСП «Спитамен Бонк» | 18% | 82% |
| ҶСП «Аввалин бонки молиявии хурд» | 71% | 29% |
| ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон» | 69% | 31% |
| ҶСП «Коммерсбонки Тоҷикистон» | 64% | 36% |
| ҶСП «Кафолатбонк» | 98% | 2% |
| ҶСК «Тавҳидбонк» | 99% | 1% |
| ҶСП «Бонки Арванд» | 89% | 11% |

*Сарчашма:* Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти Бонки миллии Тоҷикистон тартиб дода шудааст.

3. **Хавфҳои вобаста ба мавқеи асъорӣ.** Ба ақидаи мо, ин гурӯҳи хавф хеле муҳим буда, ҳангоми анҷомдиҳии амалиёти асъорӣ мониторинг ва банақшагирии мунтазами фаъолияти бонкро талаб менамояд.

Мавқеи асъорӣ - таносуби талабот ва уҳдадориҳои иштирокчии амалиёти ҳосилавӣ дар бозори асъор нисбат ба як асъори хориҷист, ки ба қисмҳои зерин тақсим мешавад (нигаред ба ҷадвали 3) [1].

**Ҷадвали 3. - Мавқеи асъорӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ ва намудҳои он**

| Номгӯ | Тавсиф |
|---|---|
| Мавқеи кушодаи асъорӣ | Фарқи бақияи дороиҳо ва амалиёти ғайритавозунӣе, ки дороиҳоро афзун мегардонанд ва бақияи уҳдадориҳо ва амалиёти ғайритавозунӣе, ки уҳдадориҳоро бо асъори гуногуни хориҷӣ афзун мегардонанд, мебошад. Мавқеи кушодаи асъорӣ ду намуд мешавад: кутоҳ ва дароз |
| Мавқеи кушодаи кӯтоҳи асъорӣ | Мавқеи кушодаи асъорӣ бо асъори алоҳидаи хориҷӣ дар он вакт ҳисобида мешавад, ки уҳдадориҳо аз дороиҳо зиёд бошанд. Инчунин, вақте ки амалиёти ғайритавозунӣе, ки уҳдадориҳоро зиёд мекунанд, аз амалиёти ғайритавозунӣ, ки дороиҳоро дар ҳамин асъори хориҷӣ зиёд мекунанд, зиёд бошанд. |
| Мавқеи кушодаи дарози асъорӣ | Мавқеи кушодаи асъорӣ бо асъори алоҳидаи хориҷӣ дар он вакт ҳисобида мешавад, ки дороиҳо аз уҳдадориҳо зиёд бошанд. Инчунин, вақте амалиёти ғайритавозунӣе, ки дороиҳоро афзун мекунанд, аз амалиёти ғайритавозунӣе, ки уҳдадориҳоро бо ин асъори хориҷӣ афзун мекунанд, зиёд бошанд. |
| Мавқеи пӯшидаи асъорӣ | Мавқеи пӯшидаи асъорӣ бо асъори алоҳидаи хориҷӣ дар он вакт ҳисобида мешавад, ки дороиҳо ва уҳдадориҳо бо ин асъори хориҷӣ баробар бошанд. Инчунин, вақте ки амалиёти ғайритавозунӣе, ки дороиҳоро афзун мекунанд, бо амалиёти ғайритавозунӣ, ки уҳдадориҳоро бо ин асъори хориҷӣ афзун мекунанд, баробар мебошанд. |
| Мавқеи умумии кушодаи дарози асъории ташкилотҳои қарзии молиявӣ | Ҳисоби умумии мавқеи дарози ташкилоти қарзии молиявӣ аз рӯйи ҳамаи намудҳои асъор аз рӯйи амалиёти тавозунӣ ва ғайритавозунии ташкилоти қарзии молиявӣ |
| Мавқеи умумии кушодаи кӯтоҳи асъории ташкилоти қарзии молиявӣ | Ҳисоби умумии мавқеи кутоҳи ташкилоти қарзии молиявӣ аз рӯйи ҳамаи намудҳои асъор аз рӯйи амалиёти тавозунӣ ва ғайритавозунии ташкилоти қарзии молиявӣ |

*Сарчашма:* Аз ҷониби муаллиф дар асоси маводи зерин тартиб дода шуд: Дастурамали №175 «Оид ба меъёрҳои ҳадди ниҳоии мавқеи кушодаи асъорӣ ва тартиби ҳисоби онҳо барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ» аз 30.11.2018 г. №159. - [манбаи электронӣ]. - http://nbt.tj/upload/iblock/b35/instruc_175_tj.pdf (санаи муроҷиат: 18.03.2020).

Таҳлили ҷадвали 3 нишон медиҳад, ки барои бонкҳои тиҷоратӣ мавқеи пӯшидаи асъорӣ аз ҳама беҳтар мебошад. Бинобар ин, хавфҳои асъорӣ ҳангоми мавқеи кушодаи

асъорӣ ба амал меояд. БМТ бо мақсади коҳиш додани хавфҳои асъорӣ меъёри мавқеи кушодаи асъориро муқаррар намудааст. Лозим ба ёдоварист, ки меъёрҳои мазкури муқаррарӣ барои амалиёти ҳаррӯза нисбат ба ҳар як асъори хориҷӣ муқаррар карда шуда, аз сатҳи асъори хориҷии қобили табдили озод вобастагӣ дорад.

Ба хусусиятҳои муҳимтарини сифати раванди идоракунии мавқеи асъорӣ дар сатҳи бонкҳо дохил мешаванд: саривақтӣ ва саҳеҳ будани низомҳои иттилоотии бонкӣ; таҷриба, дониш, салоҳиятнокӣ ва ҳавасмандии роҳбарият ва ҳайати кормандон. Ин ҳолат бояд бо технологияҳои бонкии боэътимод таъмин шуда, аз низоми баҳисобгирии муҳосибавии дақиқ ва боэътимод дар ташкилоти қарзӣ асос ёфта бошад [2, с. 40]. Ин маънои онро дорад, ки дар ташкилоти қарзӣ бояд модели идоракуние мавҷуд бошад, ки назорати мавқеи кушодаи асъорӣ ва саривақтии қабули қарору хулосаҳоро таъмин намояд, зеро дар давоми рӯзи корӣ риоя кардани меъёрҳои мавқеи кушодаи асъорӣ ғайриимкон аст. Дар ҳоле, ки меъёрҳои муқарраркардашуда дар амалиёт риоя карда шаванд, пас бонкҳои тиҷоратӣ фоидаи кофӣ ба даст оварда наметавонанд. Ҳамин тариқ, ҳолати гуногун пайдо мешавад, зеро меъёрҳои мавқеи кушодаи асъорӣ дар сатҳи рӯзи корӣ муқаррар карда шудааст, яъне дар охири рӯзи корӣ меъёри мазкур бояд риоя шавад, аз тарафи дигар, дар давоми рӯзи корӣ меъёри мавқеи кушодаи асъорӣ муқаррар карда нашудааст, ки ин ҳолат дар бонкҳои тиҷоратӣ ба хатоиҳо оварда расонида, ба талафоти калони молиявӣ мусоидат менамояд.

Инструментҳои хеҷкунӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ барои танзими меъёри мавқеи кушодаи асъорӣ бо мақсади пурра бастан, кам кардан ва гузаронидани чунин амалиёт бо асъори хориҷӣ истифода бурда шуда, аз баландшавии мавқеи асъорӣ нигоҳ медорад. Инструментҳои хеҷкунии мавқеи кушодаи асъории бонкҳо инҳо мебошад: бастани аҳдҳои гуногуни ҳосилавии тавозунӣ оид ба хариду фурӯши асъори хориҷӣ; дасткашии пеш аз мӯҳлат аз иҷро ва тамдид намудани аҳдҳои пештар басташуда; бастани аҳди «своп», инчунин, гузаронидани амалиёте, ки дар онҳо мубодилаи як асъор ба дигар асъор пешбинӣ намешавад; баҳисобгирии талабот ва ӯҳдадориҳои мавҷуда бо як контрагент барои коҳиш додани шумораи аҳдҳо тавассути калон намудани он [7, с. 45].

Ба ақидаи А.А. Давидова, «Хеҷкунии бонкҳо суғурта (ҳифз) намудани маблағҳои пулӣ аз тағйирёбии номусоиди қурби асъор тавассути бастани аҳдҳои ҳосилавӣ (опсион, форвард, фючерс) дар бозори асъорӣ мебошад». Иштирокчии тиҷорати хориҷӣ бо бонк барои фурӯши (хариди) асъори хориҷӣ дар санаи пардохт бо қурби дар санаи аҳд пешбинишуда аҳд баста, ҳамин тариқ, талафотро аз тағйирёбии қурби асъор бартараф менамояд [3, с. 97-99].

Роҳҳои идоракунии хавфҳои асъорӣ дар ҷадвали 4 [4, с. 429-430] нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 4. - Роҳҳои идоракунии хавфҳои асъорӣ**

| Роҳҳо | Механизми амал |
|---|---|
| Интихоби ҳисоби асъорӣ | Тавассути ин роҳ аз ҷониби ширкат ҳисобҳои асъории хеш, бо мақсади гузоштан ва ё тақсим кардани хавфҳои асъорӣ бо харидор интихоб карда мешавад. Инчунин, ширкат метавонад хавфҳои асъории худро ба воситаи истифодаи сабади асъорӣ, аз ҷумла SDR ҳамчун ҳисоби асъорӣ диверсификатсия намояд. SDR воҳиди ҳисоби СБА ва баъзе аз созмонҳои молиявии ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Нишондиҳандаи он аз сабади асърҳои байналмилалии калидӣ иборат мебошад. |
| Стратегияи «leads&lags» | Интихоби озоди санаи пардохтро пешбинӣ намуда, дар муносибатҳои байни ду ширкат, ки бо ҳамдигар зич алоқамананд, мебошанд, қобили қабул аст, зеро мавҷудияти ҳадафҳои умумӣ барои ёфтани роҳи муфидтар барои ҳисоббаробаркуниҳои муштарак кумак мекунад. Стратегияи мазкур дар он вақт самаранок мешавад, ки ширкати асосӣ зери ширкатҳои дигари вобастаи худ ва филиалҳои худ назорати пурра дошта бошад, зеро тамдид гаштани мӯҳлати пардохт ба ҳолати бадшавии вазъияти молиявии яке аз ширкатҳои иштирокчии стратегияи мазкур оварда мерасонад, аммо на ба зарари вазъияти маҷмӯии корпоратсия. |
| Неттинг | То ба ҳадди ниҳоӣ кам кардани шумораи аҳдҳои асъорӣ ба воситаи калон кардани онҳо. |
| Баҳисобгирии | Он бо роҳи тарҳ кардани воридоти асъор аз хориҷшавии он амалӣ мегардад |

| | |
|---|---|
| мутақобилаи хавфи дороиҳо ва ухдадориҳо, методи «Мэтчинг» | ва чун қоида, аз ҷониби бонкҳои фаромиллӣ ва дигар ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ истифода мешавад. Тавассути роҳи мазкур қурби асъори интизорӣ истифода бурда мешавад, ки ба воситаи он мунтазам пардохтҳои мубодилавӣ то ба андозае мутақобила ҷуброн карда мешавад ва гардиши маблағҳои пулӣ ба бақияи пардоххои мазкур баробар карда мешавад. |

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бонкҳои тиҷоратӣ ҳангоми аҳду амалиёт бо бонкҳои контрагенти хориҷӣ, методи «неттинг»-ро истифода мебаранд, аммо ба ақидаи мо, методи «мэтчинг» нисбат ба методи «неттинг» хубтар мебошад.

Тавре дар боло қайд кардем, яке аз роххои бехатар барои бартараф намудани хавфи асъорӣ, ин нигоҳ доштани мавқеи пӯшидаи асъорӣ мебошад. Алтернативаи мавқеи пӯшидаи асъорӣ аз лиҳози гирифтани фоида ва дар ин замина, коҳиш додани хавфҳои асъорӣ, ин диверсификтсияи хавф аз ҳисоби муайян намудани таносуби зиёдтарини муносиби асъор дар сандуқи қарзии бонк ба шумор меравад. Хавфи мавқеи кушода бо асъори гуногун аз ҳисоби ҷуброни зарари як асъор бо фоида нисбат ба дигар асъор ҳангоми сатҳи пасти коррелятсияи қурбҳои мазкур коҳиш дода мешавад.

Барои исбот намудани асоснокии амсилаи мазкур мо алгоритмеро пешниҳод менамоем, ки дар асоси он муайян кардани фоида ё зарар зимни анҷом додани амалиёти асъорӣ дар мавқеи кушодаи асъорӣ барои ҳар як асъори алоҳида имконпазир мебошад.

Мисол, асъори асосие (онҳоро ҳамчун **h** нишон медиҳем) мавҷуд аст, ки бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо онҳо амалиёти асъорӣ мегузаронанд.

Барои асъори мазкур (**h**) нисбат ба сомонӣ ҳамарӯза, барои асъори алоҳида рӯзе чанд дафъа (**t**) қурб муқаррар мегардад. Қурби асъорро ба таври мазкур нишон медиҳем: $p_{ti}$, ки дар инҷо $t \in [1;t]$, $i \in [1;h]$.

Дар асоси маълумоти дар боло овардашуда, метавонем меъёри фоида/зиёни бонки тиҷоратиро барои ҳар як рӯз нисбат ба ҳар як асъори хориҷӣ аз рӯйи формулаи зерин ҳисоб намоем:

$$g_{ti} = \frac{g_{ti} - g_{ti} - 1}{g_t - 1i + i}, (1),$$

ки дар инҷо $g_{ti}$ – фоидаи/зарари ҳаррӯза.

Дар асоси маълумоти ҳаррӯза дар бораи фоида ва зарар ҳисоб намудани меъёри фоида/зарари **G** имконпазир мегардад. Барои мавқеи кушодаи (дарози) вобаста ба асъори алоҳида ҳамчун меъёри миёнаи арифметикии ҳамаи давраҳои дахлдор формулаи зерин истифода мегардад:

$$Gi = \frac{1}{t-1}\sum_{t=1}^{t-1} g_{ti} \quad (2)$$

Ифодаи t-1 дар таркиби формула ин шумораи рӯзҳо дар давраи вақт тарҳи як мебошад, зеро ҳаҷми фоидаро дар давраи аввал ҳисоб намудан ғайриимкон аст, бинобар набудани маълумоти давраи аввал.

Аз ин лиҳоз, даромаднокии миёнаи мавқеи кушода маълум гашт. Аммо, барои қабул намудани қарор бояд нишондиҳандаи радкунии миёнаквадратиро муайян намоем. Радкунии миёнаквадратии меъёри фоида бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$\sigma_i = \sqrt{\frac{\sum_{t=1}^{t-1}(g_{ti} - G_i)^2}{t-2}} \quad (3)$$

Мувофиқи мақсади гузошташудаи таҳқиқот, бояд таносуби оптималии мавқеи кушодаи асъорӣ барои коҳиш додани хавф дар сатҳи даромаднокии дахлдор пайдо карда шавад. Мо таносуби дилхоҳи Z-ро ҳамчун сатр нишон медиҳем: Z= {z1; z2; ... zh}. Ҳангоми $z_i > 0$, пас мавқеи асъорӣ бо асъорӣ **i** кушодаи дароз мебошад, агар $z_i < 0$ бошад, пас мавқеи кушодаи кутоҳи асъорӣ ва агар $z_i = 0$ бошад, пас мавқеи пӯшида нисбат ба асъорӣ **i** ҷой дорад.

Агар меъёри даромаднокии ҳар як асъор маълум бошад, пас меъёри

даромаднокии умумии мавқеи асъорӣ бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$G = G_1Z_1 + G_2Z_2 + ... + G_hZ_h \quad (4)$$

Хавфи умумии мавқеи асъорӣ бошад, бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$Y = \sum_{k=1}^{h}\sum_{j=1}^{h}\sum_{w=1}^{h}...\sum_{f=1}^{h} Iz_k z_{jw...f} I\sigma_{kjw...f} \quad (5),$$

ки дар ин ҷо $\sigma_{kj}$ ковариатсияи меъёри даромаднокии мавқеӣ бо асъорҳои k-(доллари ИМА), j-(Евро), w-(рубли русӣ), f-(юани хитоӣ) мебошад. Нишондиҳандаи мазкур ба таври зерин ҳисоб карда мешавад:

$$\sigma_{kjw..f} = \frac{1}{t-1}\sum_{t=1}^{t-1}(g_{tk} - G_k)(g_{tj} - G_j) \quad (6)$$

Модели дар боло нишондодашуда имкон медиҳад, ки таносуби беҳтарини мавқеи кушодаи асъорӣ дар асоси коркарди маълумоти оморӣ гирифта шавад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло амалиёти асъорӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ дар мадди назар қарор доранд. Дуруст ва самаранок истифода намудани фишангҳои гуногун барои хубтар идора намудани хавфҳо ба бонкҳои тиҷоратӣ имкон медиҳанд, ки даромади худро зиёд намуда, сатҳи оптималии хавфро таъмин намоянд.

Ба ҳар ҳол, бонкҳои тиҷоратӣ ҳангоми таҳлили хавфҳо ва коҳиш додани онҳо бояд эҳтиёткор бошанд. Вобаста ба он, ба бонкҳои тиҷоратӣ тавсия дода мешавад, ки яке аз методҳои маъмули ҳисоб намудани хавфҳои асъории «арзиши зери хавф»-ро (Value at Risk, VaR) истифода баранд.

Дар маҷмӯъ, дар ҳисоботи VaR тағйирёбии ҳаррӯзаи қурби асъор инъикос карда мешавад. Ҳамзамон, дар аксарияти ҳолатҳо барои андозаи якрӯзаи тағйирёбӣ радкунии миёнаквадратиро ба инобат мегиранд, ки онро дар асоси маълумоти таърихӣ ҳисоб намудан имконпазир аст. Барои уфуқҳои вақт, ки аз як рӯз зиёд мебошанд, имкони тағйирёбии қурби асъор ба давомнокии вақти уфуқӣ гузошта мешавад. Ин ҳолат имкон медиҳад, ки арзёбии хавфи асъорӣ барои ояндаи зарурӣ тавассути калон кардани андозаи якрӯзаи VaR гирифта шавад. VaR бо вақти уфуқии T - рӯзҳо ва фосилаи боварии x%, бе назардошти ҳолатҳои фавқулода ба таври зерин ҳисоб карда мешавад [7]:

$$VAR = KX * \sigma * \sqrt{T},$$

ки дар ин ҷо:

kx - коэффитсиенти тасҳеҳкунанда (квантӣ), ки мавқеи нишондиҳандаи андозаи тасодуфиро нисбат ба андозаи миёна, ки ба шумораи радкунии миёнаквадратӣ ифода меёбад, муайян менамояд;

σ - радкунии миёнаквадратии (тағйирёби якрӯза) қурби асъор бо фоиз.

Инчунин, тавсия дода мешавад, ки санҷиши такрорӣ барои муқоиса бо натиҷаҳои воқеии арзёбиҳо ва пешниҳодҳо, ки бо истифодаи маълумот ва усулҳои дар боло зикршуда анҷом дода шудаанд, истифода бурда шаванд. Ҳар як бонки муосири тиҷоратӣ, ки худро иштирокчии фаъоли бозори асъорӣ мешуморад, ҳангоми ташаккул додани низоми худии идоракунии хавфҳо бояд ба татбиқ намудани методологияи VaR диққати махсус диҳад. Методологияи мазкур имкон медиҳад, ки талафоти зиёди амалиёти асъорӣ аз нақшаи пешбинишуда кам карда шавад [5].

Ҳамин тариқ, такмили идоракунии хавфҳои асъорӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ бояд дар асоси диверсификатсияи дурусти амалиётҳои асъорӣ, ки он ҷуброни зарари як намуди амалиётро аз ҳисоби фоидаи дигар намуд амалиётҳои асъорӣ таъмин мекунад, асос ёфта бошад. Бояд қайд намуд, ки яке аз хусусиятҳои амалиётҳои асъорӣ ин иҷроиши онҳо дар шароити баланди хавф мебошад ва самаранок идоракунии ин хавф аз дуруст идоракунии онҳо вобаста мебошад. Ин дар навбати худ аз кормандони роҳбарикунандаи бонкҳои тиҷоратӣ талаби истифодабарии усул ва инстурментҳои идоракунии хавфҳои асъориро, ки ба талаботи замон ҷавобгӯ мебошанд, талаб мекунад. Дуруст ва самаранок истифода намудани инструментҳои гуногун барои хубтар идора намудани хавфҳо ба бонкҳои тиҷоратӣ имкон медиҳанд, ки даромади худро зиёд намуда, сатҳи оптималии хавфро таъмин намоянд.

**Адабиёт**

1. Дастурамали БМТ №175 «Оид ба меъёрҳои ҳадди ниҳоии мавкеи кушодаи асъорӣ ва тартиби ҳисоби онҳо барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ» аз 30.11.2018 г. № 159. – [манбаи электронӣ]. URL - http://nbt.tj/upload/iblock/b35/instruc_175_tj.pdf (санаи мурочиат: 21.12.2020с).
2. Банковское дело. Под ред.: Г.Н. Белоглазовой, Л.П. Кроливецкой: - СПб. Питер. – 2008. – 240 с.
3. Давыдова, А.А. Методы управления валютным риском / А.А. Давыдова // Сборник статей победителей VIII Международной научно-практической конференции: в 3 частях. – 2017. – С. 97-99.
4. Купреева, Н.А. Хеджирование валютных рисков / Н.А.Купреева, Д.А. Головенкин // Сборник статей участников Международной научнопрактической конференции IV Уральского вернисажа науки и бизнеса. Под общей редакцией Е.П. Велихова. – 2017. – С. 429-430.
5. Малащук Д.В. Организационно-экономические аспекты оптимизации валютных рисков // Universum: Экономика и юриспруденция: электрон. научн. журн. 2015. № 4 (15). – [электронный ресурс] URL http://7universum.com/ru/economy/archive/item/2027 (дата обращения: 18.03.2020г.).
6. Нуриева Ю.О.: Банковская система и ее роль в рыночной экономике./Ю.О. Нуриева - М.: КноРус, 2009. – 327 с.
7. Фетисов Г.Г. Организация деятельности центрального банка /Г.Г. Фетисов - М.: КноРус, 2007. – 432 с.
8. Хикматов У.С. Теоретические аспекты сущности валютных операций в коммерческих банках Таджикистана / У.С.Хикматов, С.Сайфуллозода // Труд и социальные отношения. 2019. - Том 30.- №4.- С.136-149.
9. Ҳикматов У.С. Хусусиятҳои ташкили амалиётҳои асъории бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон / У.С.Ҳикматов, К.Ф.Сайфуров, С.Сайфуллозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ.- Душанбе, 2020.- №6.- С.103-109.
10. Ҳикматов С. Низоми бонкӣ дар рушди соҳаҳои иқтисодиёти кишвар ва камбудиҳои онҳо/С. Ҳикматов, С. Маҳмадризоиён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ.- Душанбе, 2020. - № 4. - С. 78-82.


**УДК: 633.5(575.3)**

# ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ СОҲАВИЮ МИНТАҚАВИИ ТАШАККУЛЁБИИ КЛАСТЕРҲОИ АГРОСАНОАТӢ

***Халифазода Ҷовидон Бобохон** – ассистенти кафедраи суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға**:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: 000022336. E-mail: jovidhalifa@mail.ru*

*Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои назариявӣ ва хусусиятҳои соҳавию минтақавии ташаккулёбии кластерҳои агросаноатӣ ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ нишон дода шудааст. Инчунин, моҳияти мафҳуми зернизом ва кластер, нақши кластерҳои агросаноатӣ дар занҷираи истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулоти озуқаворӣ ва то ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ расонидани онҳо амиқ арзёбӣ гардидааст. Роҳҳои ҷалби бештари сармояҳо ба рушди минтақаҳои кишвар ва кластерҳои агросаноатӣ нишон дода шудаанд. Дар мақола ба тавсифи корхонаҳои низоми комплекси агросаноатӣ ва мақоми кластерҳои минтақавӣ дар баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ ва рушди бозори озуқаворӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ диққати махсус дода шудааст.*

***Калидвожаҳо:** кластери агросаноатӣ, зернизом, ҷалби сармояҳо, рақобатнокии маҳсулот, кооператсия ва ҳамгироӣ, самаранокии истеҳсолот, ҳамгироии амудӣ, ҳамгироии уфуқӣ.*

# ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ И РЕГИОНАЛЬНЫЕ ОСОБЕННОСТИ РАЗВИТИЯ АГРОПРОМЫШЛЕННЫХ КЛАСТЕРОВ

***Халифазода Джовидон Бобохон** – ассистент кафедры страхования Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес**:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: 000022336. E-mail: **jovidhalifa@mail.ru***

*В статье представлены теоретические подходы и региональные особенности развития теории агропромышленных кластеров и повышение эффективности сельскохозяйственного производства в регионах республики, а также понятия подкомплекса и кластера, рассмотрена роль агропромышленных кластеров в цепочке производства, переработки и продажи продовольственных продуктов и их доведение до конечных потребителей. Автором рассматриваются основные направления привлечения инвестиций в развитие регионов и агропромышленных кластеров. Сделан акцент на развитие предприятий агропромышленных комплексов и на роль региональных кластеров в повышении эффективности сельского хозяйства и продвольственных рынков в условиях рыночной экономики.*

**Ключевые слова:** *агропромышленные кластеры, подкомплекс, привлечение инвестиций, конкурентноспособность продукций, кооперация и интеграция, эффективность производства, вертикальная интеграция, горизонтальная интеграция.*

# THEORETICAL ASPECTS AND REGIONAL FEATURES OF THE DEVELOPMENT OF AGRO-INDUSTRIAL CLUSTERS

***Khalifazoda Jovidon Bobokhon*** *- Assistant of the Insurance Department of Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe siti, Nakhimov street 64/14. Phone: 000022336. E-mail:* ***jovidhalifa@mail.ru***

*The article presents theoretical approaches and regional features of the development of the theory of agro-industrial clusters and increasing the efficiency of agricultural production in the regions of the republic, as well as the concept of a sub-complex and a cluster, the role of agro-industrial clusters in the chains of production, processing and sale of food products and their delivery to end consumers is considered. The author examines the main directions of attracting investments in the development of regions and agro-industrial clusters. The emphasis is made on the development of enterprises of agro-industrial complexes and the role of regional clusters in increasing the efficiency of agriculture and food markets in a market economy.*

***Key words:*** *agro-industrial clusters, subcomplex, attracting investments, competitiveness of products, cooperation and integration, production efficiency, vertical integration, horizontal integration.*

Дар шароити ҳозира рушди иқтисодиёти минтақаҳои мамлакат хеле мушкил гардида, зарурати мустаҳкам намудани алоқаҳои хоҷагидорӣ ва шаклҳои гуногуни ҳамгироиро дар низоми комплекси агросаноатӣ (КАС) тақозо менамояд. Бо ҳамин мақсад, барои баланд бардоштани рақобатпазирии соҳаҳои КАС ва баланд бардоштани ҳосилнокии маҳсулот аз чораҳо ва воситаҳои муҳимтарин истифода бурда, роҳҳои расидан ба ҳадафҳои рушди устврои иқтисодиёти миллиро дар минтақаҳои кишвар бояд таъмин намуд.

Омӯзиши ҷанбаҳои назариявии ташкили истеҳсолот дар низоми комплекси агросаноатӣ нишон медиҳад, ки яке аз шаклҳои самараноки ҳамгироии соҳаҳои он, ин ташаккулёбии кластерҳои агросаноатӣ мебошад, ки бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот дар минтақа ва вазъи иҷтимоии аҳолӣ равона карда шудааст. Дар таҷрибаи кишварҳои пешқадам сохтори мазкур дар шаклҳои гуногун, ба монанди холдингҳои агросаноатӣ, иттиҳодияҳо ва ассотсиатсияҳо, ки алоқаи байниҳамдигарии худро дар асоси принсипҳои ташкили кооператсия ва ҳамгирой амалӣ менамоянд, фаъолият мекунанд.

Мафҳуми кластер аз калимаи англисии «cluster» [4] гирифта шуда, маънояш даста, якҷояшавӣ ва гурӯҳ мебошад, ки дар асри XX ба арсаи илм ворид карда шудааст. Кластер ба фаҳмиши гурӯҳбандии объектҳои истеҳсолӣ шабоҳат дорад. Кластер дар адабиёти иқтисодӣ ҳамчун комплекси соҳаҳое арзёбӣ гардидааст, ки аз як гурӯҳи муттаҳидшудаи бо ҳам алоқаманд дар минтақаҳои алоҳида, (бахусус ширкатҳо, корпоратсияҳо, донишгоҳҳо, бонкҳо ва ғайра) иборат аст ва вазифаи таъминкунӣ, истеҳсол ва истеъмоли молу хизматрасониҳоро бо мақсади таъмини рақобатпазирии корхонаҳои низоми КАС ба роҳ мемонад.

Мафҳуми «кластер» аввалин маротиба аз ҷониби олими амрикой М. Портер дар солҳои 1990 дар чорчӯбаи консепсияи «рақобати байналхалқӣ» истифода бурда шуда, ба ақидаи ӯ кластерҳо «…аз ҳамкориҳои судманд ва якдигарро пуркунандаи ширкатҳо, соҳаҳои гуногун ва ниҳодҳо маншаъ гирифта, рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ва минтақаҳои кишварро дар бозори ҷаҳонӣ таъмин менамоянд…» [8, с.268]. Дар ин маврид, қариб тамоми паҳлуҳои афзалиятнок ва хусусиятҳои минтақавии кластер, инчунин, алоқаи миёни корхонаҳои комплекси агросаноатӣ ва робитаҳои байнисоҳавии он фаро гирифта шудааст. Мувофиқи назарияи М. Портер «кластерҳо» ин гурӯҳи ширкатҳои аз нигоҳи географӣ алоқаманду ҳамҳудуд аст, ки (таъминкунанда, истеҳсолкунанда ва истеъмолкунандаи молу маҳсулот), ташкилотҳои бо онҳо алоқаманд (муассисаҳои таълимӣ, хадамоти идораҳои давлатӣ, инфрасохтори бозорӣ ва ғ.), ки дар як соҳаи муайян ва якдигарро пурракунанда муттаҳид шудаанд [7, с.896]. Дар таърифи мазкур М. Портер тамоми паҳлуҳои афзалиятнок ва хусусиятҳои муҳими иқтисодии кластерҳо, бахусус маҳаллисозӣ дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидориро хеле хуб баён намудааст.

Дар назарияи илми иқтисод ҳанӯз то давраи М. Портер дар таҳқиқотҳои дигар олимон низ мафҳуми кластер ва алоқамандии байнисоҳавии онҳоро дида баромадаанд. Масалан, Д. Рикардо дар назарияи таҳлили хароҷоти истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзӣ мафҳуми ба кластер шабоҳатдоштаро истифода бурдааст. Рушди назарияи кластер дар корҳои олимони дигари соҳа Й. Тюнен ва А. Маршалл низ ҷой дорад. Масалан, Й. Тюнен ҳангоми шарҳи «...принсипҳои асосии кластерикунонӣ дар татбиқи назарияи ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунандаи соҳаи кишоварзӣ ин мафҳумро васеътар истифода бурдааст...» [10, с.326]. Вай барои муайян намудани қонуниятҳои ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда дар кишоварзӣ, махсусан, минтақабандии

кишоварзӣ роҳандозӣ карда мешавад, ки барои баъзе унсурҳои ташаккулёбии кластерҳои агросаноатӣ дар шароити кунунӣ мубрамияти махсус дорад.

Дар муқоиса бо назарияи Й. Тюнен, дар корҳои илмии А. Маршалл диққати махсус ба бартариятҳои ташкили истеҳсолот дар ташаккулёбии кластерҳои агросаноатӣ дода мешавад. Вай дар китоби худ «Принсипҳои иқтисодӣ» оид ба «локализатсияи (маҳалисозии) истеҳсолот» мафҳуми кластерро ҳамчун шакли ҳамгироии иқтисодӣ ва махсусгардонии истеҳсолот барои рушди самараноки соҳаи кишоварзӣ ва алоқамандии он бо рушди минтақа рабт додааст [5, с.257]. Инчунин, вай оид ба самтҳои афзалиятноки минтақабандӣ, ки дар рушди кластерҳои агросаноатӣ мақоми хоса дошта, аз чунин унсурҳои асосӣ: шароити табиӣ, тавсифи иқлим ва хок, шумораи муайяни канданиҳои фоиданок таркиб ёфта, таъсири онҳо ба рушди минтақа ва ташаккулёбии кластерҳои агросаноатӣ хеле калон мебошад, диққати махсус додааст.

Дар шароити минтақа кластерҳо метавонанд нақши пешбарандаро бозида, дар ҳудудҳои муайян барои таъмини рушди устувори иқтисодиёт хизмат намоянд. Аз ин рӯ, кластерро ҳамчун «…як сохтори муҳими иҷтимоӣ медонанд, ки тавассути он ширкат дар ҳамкории якҷоя таҷриба андухта, дар алоқамандии байниҳамдигарии фаъолияти ширкатҳои маҳаллӣ ва корпоратсияҳо бевосита иштирок менамояд...» [3, с. 91]. Дар навбати худ, ҳар як минтақа ва ҳиссаи маҳсулоти озуқаворӣи он дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ метавонад стратегияи рушди иқтисодиро таъмин намуда, ба рақобати шабакавии (локалии) низоми КАС ва минтақа таъсири худро расонад. Яке аз шаклҳои маъмули он ташкили кластерҳои агросаноатӣ ба ҳисоб меравад, ки он дар шароити иқтисоди бозорӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар раванди ташаккулёбии иқтисодиёти рақобатнок ва инноватсионӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои иқлимӣ-географӣ муҳим мебошанд, ки он амалкарди шаклҳои хоҷагидорӣ ва рушди инфрасохтори бозориро барои рушди кластерҳои агросаноатӣ муҳайё месозад. Ин ҷо «хусусияти фарққунандаи кластер аз дигар шаклҳои ҳамгироии соҳавӣ ва истеҳсолӣ дар он аст, ки дар кластер натанҳо соҳаи истеҳсолот, инчунин, соҳаҳои хизматрасонии таъминотӣ, идоракунандагони сифати маҳсулот ва бизнеси инноватсионӣ (илм, техникаю технология) ва тайёр кардани кадрҳо бо ҳам пайваст мегарданд...» [6, с. 417], ки он барои рушди минтақа ва таъмини бехатарии озуқаворӣи кишвар яке аз унсурҳои муҳим дар шароити гузариш ба модели индустриалӣ-аграрӣ мебошад.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ масъалаи муҳими рушди босуръат ва рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа ин ташаккулёбии кластерҳои агросаноатӣ бо назардошти хусусиятҳои минтақавӣ ва ҷалби бештари сармояҳо аз ҳисоби дигаргунсозии сохторӣ мебошад. Дар ин ҷо «...мафҳуми кластер гурӯҳи корхонаҳои як ҳудуди муайянро фаро гирифта, истеҳсолкунандагони ашёи хом, корхонаҳои саноатии коркард, ташкилотҳои савдои яклухт ва чакана, соҳибкорони фардӣ, муассисаҳо ва ташкилотҳои хизматрасонӣ, институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ, муассисаҳои таълимӣ ва дигар ташкилотҳо, ки бартариятҳои рақобатии ҳам ширкатҳои алоҳида ва ҳам ҳамаи шариконро фаро мегирад...» [2, с. 45], аст, ки барои таъмини рушди босуботи иқтисодиёти мамлакат, махсусан низоми комплекси агросаноатӣ дар минтақаҳои кишвар мусоидат менамояд.

Барои дарки воқеии кластерҳо мо бояд ба фаҳмиши мафҳумҳои кластер ва ҳаммаънои он зернизом сарфаҳм равем. Мафҳуми «зернизом» ва «кластер» мафҳумҳои ба ҳам монанд, вале дар навбати худ фарққунанда аз ҳам мебошанд (ҷадвали 1.).

**Ҷадвали 1. - Муқоисаи мафҳуми «зернизом» ва «кластер» дар шароити минтақа**

| Нишондиҳандаҳо | **Зернизом** | **Кластер** |
|---|---|---|
| Категория | Занҷираи технологии истеҳсолот | Марҳилаи баланди рушди зернизом аз нуқтаи назари сатҳи интегратсия, эҳтимолияти наздикшавии минтақа ва соҳаи иҷтимоии он |
| Мавқеъ дар иқтисодиёти минтақа | Мақоми махсус дар низоми КАС-и минтақа | Мақоми асосиро дар иқтисодиёти минтақа ишғол намуда, муҳаррики рушди соҳаҳои КАС-и минтақа ва иқтисодиёти миллӣ мебошад |
| Вазифаҳои асосӣ | Таъмини аҳолии минтақа бо маҳсулоти баландсифат | Баланд бардоштани рақобатнокии иқтисо-диёти минтақаро бо роҳи истеҳсоли маҳсулот-ҳои баландсифати озуқаворӣ ва фурӯши он берун аз минтақа таъмин менамояд |

| | | |
|---|---|---|
| Ҷамъбасти низоми идоракунӣ | Самаранокии амалкарди ҳамаи субъектҳои алоҳидаи зернизом | Самаранокии кластерҳои агросаноатии минтақавӣ, ки дар амалӣ намудани лоиҳаҳо иштирок менамоянд |

*Таҳияи муаллиф*

Ба мисли зернизом кластер низ таъминкунанда, истеҳсолкунанда ва истеъмолкунандаи як гурӯҳ ё якчанд марҳилаи истеҳсолӣ буда, он зери ҳамгироии амудӣ суръат гирифта, ширкатҳо ва корхонаҳои иштирокчиёни он бештар мустақилияти иқтисодӣ доранд. Бар замми ин, «..иқтисоди бозорӣ дар навбати худ тағйироти куллиро ба миён оварда, иштирокчиёни кластерҳо аз ҳисоби ташкилотҳои хизматрасон, инфрасохтори бозорӣ ва органҳои давлатии танзими истеҳсолот ва ғайраҳо зиёд мегардад...» [1, с. 196]. Дар ин маврид, яке аз бартариятҳои асосии он ҳамгироии амудӣ дар занҷираи истеҳсолот, коркард ва фурӯши маҳсулоти КАС ба ҳисоб рафта, арзиши кластер дар рақобати дохилии иштирокчиён бештар мегардад.

Аксари олимон ва мутахассисони соҳа муносибати кластерро нисбат ба рушди иқтисодиёти минтақавӣ рабт дониста, низоми комплекси агросаноатиро дар фаъолияти онҳо мавриди омӯзиш қарор додаанд. Ин ҷо бояд қайд кард, ки бо рушди кластерҳои агросаноатӣ, пеш аз ҳама, ҳосилнокии меҳнат баланд шуда, рушди кооператсия таъмин гардида, ҳамкориҳои судманди истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони молу хизматрасониҳои низоми КАС таъмин карда мешавад.

Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки шакли аз ҳама самараноки ташкили кластерҳои агросаноатӣ ин ҳамкориҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ мебошад, ки дар он мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ дар минтақаҳо, сохторҳои тиҷоратӣ ва сармоягузорони хусусӣ якҷоя иштирок намуда, дар татбиқи лоиҳаҳои низоми КАС фаъолона иштирок менамоянд. Иштироки якҷоя дар кластер барои онҳо имконият медиҳад, ки хароҷоти истеҳсолӣ кам гардида, вазъи молиявии иштирокчиёни онҳо хеле хуб шавад. Махсусан, дар рушди иқтисодиёти минтақа мақоми кластерҳои агросаноатӣ ва фаъолияти самараноки иштирокчиёни он ба воситаи ҳамгироӣ ва алоқаҳои тарафайн, ҳамоҳангсозии ҳамдигарӣ ва истифодаи таҷрибаи якдигар хеле муҳим мебошад. Вобаста ба ин, мо модели консептуалии ташаккулёбии кластерҳои агросаноатиро дар минтақа пешниҳод намудем, ки ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти минтақа ва рақобатпазирии иштирокчиёни он мусоидат намуда, сарчашмаи асосии боигарии давлат мегарданд. Кластерҳои минтақавӣ ва соҳаҳои КАС дорои имконияти баланди самаранокӣ дар миқёси байналхалқӣ хоҳанд гашт(расми 1).

Модели консептуалии мазкур ба рушди иқтисодиёти минтақа дар заминаи истифодаи самараноки ҳамгироӣ ва кооператсияи истеҳсолот, коркард ва истифодаи технологияҳои пешқадами истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин, иқтидори табиӣ-захиравии минтақа равона гардидааст. Илова бар ин, «...дар марҳилаи кунунии рушди равандҳои азнавсозии низоми иқтисодии мамлакатҳои дунё фаъол гашта, раванди ҷаҳонишавӣ ва ҳам рушди минтақаҳо муттаҳид намудани фаъолияти субъектҳои хоҷагидориро тақозо менамояд» [9, с. 118]. Ин раванд ба ташаккулёбии кластерҳои агросаноатӣ дар бахши истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, таъмини ашёи хоми саноатӣ ва то ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ расонидани он мусоидат менамояд.

Дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои алоҳидаи он барои ташаккулёбии кластерҳои агросаноатӣ заминаҳои хуб мавҷуд мебошад ва истифодаи самараноки онҳо рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа, зиёд гардидани ҷойҳои нави корӣ, ҳаҷми истеҳсоли молу маҳсулоти озуқаворӣ ва саноатӣ, талаботи бозори дохилиро бо маҳсулоти рақобатпазири ватанӣ таъмин намуда, иқтидори содиротии мамлакатро пурзӯр ва вазъи зиндагии аҳолиро беҳтару хубтар мегардонад. Фаъолияти кластерҳои агросаноатӣ самаранокии амалкарди якҷояи онҳоро баланд бардошта, ба кам кардани таваккалҳои гуногун ва сарфи ками хароҷотҳои истеҳсолӣ мусоидат менамояд. Бо ин мақсад, мушоҳидаи вазъи идораи кластерҳо ва натиҷаи кори онҳо ба самтҳои зерин равона карда мешаванд: самаранокии фаъолияти ҳайати корӣ ба мавқеи асосӣ; самаранокии фаъолияти идоракунии гурӯҳ, самаранокии таъсири ҳамгироии амудӣ; таҳлили омилҳои муваффақиятҳо, камбудиҳо ва амсоли инҳо.




**Расми 1.- Модели консептуалии ташаккулёбӣ ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар шароити минтақаҳо**

Инчунин, дар шароити кунунӣ дар доираи кластерҳои агросаноатӣ ёрии шаклҳои нави хоҷагидорӣ, яъне тараққиёти корхонаҳои коркарди саноатӣ ва хоҷагиҳои нави деҳқонӣ (фермерӣ) низ ба назар гирифта мешавад.

Ҳамин тариқ, таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ташаккулёбии кластерҳои агросаноатӣ нишон медиҳад, ки он рушди самараноки истеҳсолотро дар минтақа таъмин намуда, афзоиши маҷмӯи маҳсулоти соҳаҳои КАС-ро зиёд ва барои рушди босуботи иқтисодиёт заминаҳои устувор мегузорад, ки барои амалӣ намудани ин мақсадҳо чораҳои зерин аз фоида холӣ нест:

-омӯзиши ҷанбаҳои назариявии кластерикунонии фаъолияти соҳаҳои комплекси агросаноатӣ нишон медиҳад, ки он яке аз унсурҳои асосии таъминкунандаи рақобатнокии истеҳсолоти минтақавӣ ва рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Он дар шароити минтақаҳои ҷумҳурӣ аҳамияти махсус пайдо намуда, ба рушди маҳсулоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда, инчунин, рушди босуботи иқтисодиёти кишвар мусоидат менамояд;

-фаъолияти самараноки кластерҳои агросаноатӣ яке аз омилҳои муҳими муайянкунандаи рушди иқтисодиёти минтақа ва иштирокчиёни он ба ҳисоб рафта, дар асоси самаранокии соҳаҳои КАС ба воситаи ширкатҳо, корхонаю ташкилотҳо, инчунин, аз ҳисоби самаранок истифодабарии иқтидори табиӣ-захиравӣ, истифодаи таҷрибаи пешқадам ва алоқаи байниҳамдигарӣ ба натиҷаҳои баланди рушди минтақа ва сатҳу сифати баланди зиндагии мардум оварда мерасонад;

-аз ҳисоби рушди кластерҳои агросаноатӣ ҳосилнокии меҳнат ва ҳамгироӣ миёни иширокчиёни низоми кластер афзуда, самараи ҳамкории истеҳсолкунандагони низоми комплекси агросаноатӣ аз ҳисоби арзиши иловашуда зиёд гардида, шумораи ҳайати коркунон дар натиҷаи таъсиси корхонаҳои нав афзуда, рақобатпазирии онҳо дар миёни дигар субъектҳои хоҷагидорӣ таъмин карда мешавад;

-таҷрибаи давлатҳое, ки усули кластерҳои агросаноатӣ дар онҳо тараққикарда мебошад, нишон медиҳад, ки кластерикунонии соҳаҳои комплекси агросаноатӣ имконияти ба зинаи нави рушди иқтисодӣ ноил гаштанро дорад, таъмини аҳолӣ бо маводи озуқаворӣ ва соҳаи саноат бо ашёи хом дар сатҳи хуб ба роҳ монда мешавад.

-дастрасии дурусти иттилоотӣ барои танзими дурусти фаъолияти иштирокчиёни кластери агросаноатӣ ва рушди бозори дохилӣ дар минтақаҳои кишвар мусоидат намуда, барои пешгӯӣ ва банақшагирии фаъолияти якҷояи онҳо барои соли оянда мусоидат менамояд.

Хулоса, кластер ин як шакли ҳамгироии низоми комплекси агросаноатӣ мебошад, ки аз алоқаи васеи махсусгардонидашудаи корхонаҳои алоқаманди бахши хусусӣ ва ташкилотҳои гуногуни он дар минтақа вобаста аст. Дар он маҷмӯи корхонаю ташкилотҳои аз ҷиҳати географӣ ҳамсоя ва ба ҳамдигар мувофиқ ва бо ташкилотҳои давлатии амалкунанда алоқаманд буда, муттаҳидшавӣ ва алоқамандии соҳаҳои гуногуни низоми комплекси агросаноатиро бо мақсади иҷрои вазифаҳои истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ дар асоси рақобатнокӣ ва рушди технологияи инноватсионии минтақаҳои ҷумҳурӣ ба роҳ монда шудаанд.

**Адабиёт**


1. Александрова Л.А. Экономика и управление народным хозяйством: краткий курс лекций. / Л.А. Александрова. - Саратов: ФГБОУ ВПО «Саратовский ГАУ», 2014. -196 с.
2. Аминов И.А. Продовольственный рынок: проблемы развития товарно-торгового бизнеса. / И.А. Аминов. - Душанбе: Ирфон, 2013. - 45с.
3. Донченко А.С. Кластеры в АПК: сущность, проблемы, формирование и функционирование / А.С. Донченко, Ю.А. Новоселов//Сибирский вестник сельскохозяйственной науки. - 2001. - №11-12. – С. 91-97.
4. Кластер википедия, свободная энциклопедия. [электронный ресурс] URL: http://ru.wikipedia.org/wiki/ (дата обращения: 02.01.2021)
5. Маршалл А. Принципы политической экономии. Пер. с англ. - т.3./А. Маршалл. - М: Прогресс,1984. – 257 с.
6. Низомова Т. Д. Иқтисодиёти саноат. Китоби дарсӣ/Т.Д. Низомова. - Душанбе, 2020. – 417 с.
7. Портер М. Международная конкуренция. Пер. с анг./М.Портер. - М: Международные отношения,1993. - 896 с.
8. Портер М. Конкуренция/М.Портер. - С-Пб: Издательский дом «Вильямс», 2002. – 2010. – 268 с.
9. Солеҳзода А.А. Назарияи таҳлили таъмини бехатарии озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаккули стратегияи он: монография / А.А.Солеҳзода, И.С. Фасеҳзода. - Душанбе: Ирфон, 2019. – 118 с.
10. Тюнен Й. Изолированное государство/Й.Тюнен. - М.: Экономическая жизнь, 1926. - 326 с.

МУНДАРИҶА


| ИҚТИСОДӢ | |
| --- | --- |
| *Хайрзода Ш.Қ.* МУАММОҲО ВА ИХТИЛОФОТИ ИСТИФОДАБАРИИ «НАЗАРИЯИ ПАЙРОҲА» ВА ТАШАККУЛИ МАТРИТСАИ ИНСТИТУТСИОНАЛӢ ДАР НИЗОМИ БОНКИИ БОЗОРҲОИ РУШДЁБАНДА | 7 |
| *Ризоқулов Т.Р.* АНДОЗ АЗ ДАРОМАДИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР ҒАНӢ ГАРДОНИДАНИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ | 15 |
| *Иброҳимзода И.Р., Сафарова М.И.* ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МУОСИР ВА ТАМОЮЛИ РУШДИ ФОНДИ НАФАҚА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 20 |
| *Файзуллоев М.Қ., Шамсуддинов А.Х.* САНОАТИ МИЛЛӢ ДАР МАРҲАЛАИ ТАШАККУЛЁБИИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ | 26 |
| *Солеҳзода А.А., Сафаров Қ.С.* ТАҲЛИЛИ ХАВФҲОИ НИЗОМИ БОНКИИ КИШВАР ДАР ДОИРАИ ЧОРАҲОИ СИЁСАТИ МАКРОПРУДЕНСИАЛӢ | 36 |
| *Сафаров Б.Г., Амиров М.С.* АРЗЁБИИ ОМИЛҲОИ БЕРУНА ВА ДОХИЛАИ ИДОРАКУНИИ ХАВФИ МОЛИЯВИИ КОРХОНА | 43 |
| *Раҳмонзода З.Ф.* ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ТАЪЛИМӢ ДАР МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ: МАФҲУМ, ОМИЛҲО ВА РАВАНДҲОИ АСОСӢ | 49 |
| *Ҷумъабоев Х.Қ.* БЕҲТАРНАМОИИ НИЗОМИ АНДОЗБАНДИИ МИЛЛӢ ВА АҲАМИЯТИ ОН ДАР ҶАЛБИ САРМОЯИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶӢ | 57 |
| *Кодирзода Ф.А.* НАҚШИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ ДАР ТАЪМИНИ РУШДИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 62 |
| *Мираков Қ.М., Давлатов Ф.С.* РАВЗАНАИ ЯГОНАИ БАРАСМИЯТДАРОРИИ АМАЛИЁТҲОИ СОДИРОТИЮ ВОРИДОТӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ СОДИРОТИ КИШВАР | 68 |
| *Буриева М.Ч., Ҳакимов М.А.* АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ СОҲИБКОРИИ ИҶТИМОӢ | 73 |
| *Содиқов М.С., Абдуллоев С.И.* ТАҶРИБАИ ҶАҲОНИИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА | 80 |
| *Давлатмуродов Ш.М., Икромов Ф.Н.* МАСОИЛИ НАЗАРИЯВИЮ АМАЛИИ ФОНДИ НАФАҚА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 87 |
| *Урунбоев А., Урунбаева Н.А., Файзулоев Х.П.* САМАРАНОКИИ ИҚТИСОДИИ ИДОРАКУНИИ УСТУВОРИ ОБ ДАР ШАРОИТИ ЗАМИНҲОИ ОБЁРИШАВАНДА | 94 |
| *Маҳкамова Г.М.* НАҚШИ ЗАНОН ДАР ОМУЗИШИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МОЛИЯВИИ НАВ БО МАҚСАДИ ВУСЪАТИ РАВАНДИ ФАРОГИРИИ МОЛИЯВӢ ДАР БОЗОРИ РУШДЁБАНДА | 101 |
| *Хоҷазода Д.Қ., Наимов Д. М.* АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТӢ | 107 |
| *Сафаров И.Н.* АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИБУҶЕТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 112 |
| *Юнусзода Х.Қ.* ТАШХИС ВА АРЗЁБИИ МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЗАМИНАИ ПЕШГӮИИ ИНДЕКСИ РУШДИ НЕРУИ ИНСОН | 117 |
| *Ҷураева Х.Ҳ., Шодиев Б.С.* ТАШКИЛИ НИЗОМИ НАЗОРАТИ ДОХИЛӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАЪМИНКУНАНДАИ СИФАТИ АУДИТ | 124 |
| *Давлатов Ф.Ҳ.* ТАҲЛИЛИ ФАЪОЛИЯТИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 130 |
| *Қузратзода Р.С.* ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ ҚАНД ВА МАНФИАТҲОИ ИҚТИСОДИИ ИСТЕҲСОЛИ ОН ДАР ҶАҲОН ВА ТОҶИКИСТОН | 138 |
| *Намозализода Ш.Н.* ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ СТРАТЕГИЯИ РУШДИ КОРКАРДИ САНОАТИИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ | 143 |
| *Шарифова Р.Н.* БОЗОРИ СУҒУРТА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МУАММОҲО ВА РОҲҲОИ РУШДИ ОН | 150 |
| *Ҷумаев И.Қ.* АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ПЕШБУРДИ СИЁСАТИ ФОИЗӢ ДАР БОНКҲОИ ТИҶОРАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 156 |
| *Олимов Д.А.* ОМИЛҲОИ РУШДИ УСТУВОРИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ | 160 |

| | |
|---|---|
| ГУШТУ ШИР ДАР ТОҶИКИСТОН | |
| *Каримов Н.Я., Абдураҳмонов С.А.* НАҚШИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ, ТАҲЛИЛ ВА АУДИТ ДАР РУШДИ КОРХОНАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 166 |
| *Сайфуллозода С.* ТАКМИЛИ ИДОРАКУНИИ ХАВФҲОИ АСЪОРӢ ДАР БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ | 171 |
| *Халифазода Ҷ.Б.* ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ СОҲАВИЮ МИНТАҚАВИИ ТАШАККУЛЁБИИ КЛАСТЕРҲОИ АГРОСАНОАТӢ | 178 |


**СОДЕРЖАНИЕ**


| ЭКОНОМИЧЕСКИЕ | |
|---|---|
| *Хайрзода Ш.К.* ПРОБЛЕМЫ И ПРОТИВОРЕЧИЯ ПРИМЕНЕНИЯ «ТЕОРИИ КОЛЕИ» И ФОРМИРОВАНИЕ ИНСТИТУЦИОНАЛЬНОЙ МАТРИЦЫ В БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЕ РАЗВИВАЮЩИХСЯ РЫНКОВ | 7 |
| *Ризокулов Т.Р.* НАЛОГ НА ДОХОДЫ ФИЗИЧЕСКИХ ЛИЦ И ЕГО РОЛЬ В ПОПОЛНЕНИИ ГОСУДАРСТВЕННОГО БЮДЖЕТА | 15 |
| *Иброхимзода И.Р., Сафарова М.И.* АНАЛИЗ СОВРЕМЕННОГО СОСТОЯНИЯ И ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ ПЕНСИОННОГО ФОНДА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН | 20 |
| *Файзуллоев М.К., Шамсуддинов А.Х.* НАЦИОНАЛЬНАЯ ПРОМЫШЛЕННОСТЬ В ПЕРИОД ФОРМИРОВАНИЯ РЫНОЧНОЙ ЭКОНОМИКИ | 26 |
| *Солехзода А.А., Сафаров К.С.* АНАЛИЗ РИСКОВ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ СТРАНЫ В РАМКАХ МЕР МАКРОПРУДЕНЦИАЛЬНОЙ ПОЛИТИКИ | 36 |
| *Сафаров Б.Г., Амиров М.С.* ОЦЕНКА ВНЕШНИХ И ВНУТРЕННИХ ФАКТОРОВ УПРАВЛЕНИЯ ФИНАНСОВЫМИ РИСКАМИ ПРЕДПРИЯТИЯ | 43 |
| *Рахмонзода З.Ф.* ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫЕ УСЛУГИ В ВЫСШИХ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЯХ: ПОНЯТИЕ, ФАКТОРЫ И ОСНОВНЫЕ ПРОЦЕССЫ | 49 |
| *Джумабоев Х.К.* СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ НАЛОГОВОЙ СИСТЕМЫ И ЕГО ЗНАЧЕНИЕ В ПРИВЛЕЧЕНИИ ВНУТРЕННЕЙ И ВНЕШНЕЙ ИНВЕСТИЦИИ | 57 |
| *Кодирзода Ф.А.* РОЛЬ ИНОСТРАННЫХ ИНВЕСТИЦИЙ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ЭКОНОМИЧЕСКОГО РОСТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН | 62 |
| *Мираков К.М., Давлатов Ф.С.* ЕДИНОЕ ОКНО ОФОРМЛЕНИЯ ЭКСПОРТНО-ИМПОРТНЫХ ОПЕРАЦИЙ И ЕГО РОЛЬ В РАЗВИТИИ ЭКСПОРТА СТРАНЫ | 68 |
| *Буриева М.Ч., Хакимов М.А.* ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ СОЦИАЛЬНОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА | 73 |
| *Содиков М.С., Абдуллоев С.И.* МИРОВОЙ ОПЫТ ГОСУДАРСТВЕННОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ МАЛОГО И СРЕДНЕГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА | 80 |
| *Давлатмуродов Ш.М., Икромов Ф.Н.* ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И ПРАКТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ ПЕНСИОННОГО ФОНДА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН | 87 |
| *Урунбоев А., Урунбаева Н.А., Файзулоев Х.П.* ЭКОНОМИЧЕСКАЯ ЭФФЕКТИВНОСТЬ УПРАВЛЕНИЯ УСТОЙЧИВОГО ВОДОПОЛЬЗОВАНИЯ В УСЛОВИЯХ ОРОШАЕМОГО ЗЕМЛЕДЕЛИЯ | 94 |
| *Махкамова Г.М.* РОЛЬ ЖЕНЩИНЫ В ОСВОЕНИИ НОВЫХ ФИНАНСОВЫХ ТЕХНОЛОГИЙ ДЛЯ УСКОРЕНИЯ ФИНАНСОВОЙ ИНКЛЮЗИИ В РАЗВИВАЮЩИХСЯ РЫНКАХ | 101 |
| *Ходжазода Д.К., Наимов Д.М.* ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИННОВАЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В АГРОПРОМЫШЛЕННОМ КОМПЛЕКСЕ | 107 |
| *Сафаров И.Н.* ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ МЕЖБЮДЖЕТНЫХ ОТНОШЕНИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН | 112 |
| *Юнусзода Х.К.* ДИАГНОСТИКА И ОЦЕНКА РЕГИОНОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН НА ОСНОВЕ ПРОГНОЗИРОВАНИЯ ИНДЕКСА РАЗВИТИЯ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО ПОТЕНЦИАЛА | 117 |
| *Джураева Х.Х., Шодиев Б.С.* ОРГАНИЗАЦИЯ СИСТЕМЫ ВНУТРЕННЕГО КОНТРОЛЯ КАК ФАКТОРА ОБЕСПЕЧЕНИЯ КАЧЕСТВА АУДИТА | 124 |
| *Давлатов Ф.Х.* АНАЛИЗ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СВОБОДНЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ЗОН В | 130 |

| | |
|---|---|
| РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН | |
| *Кузратзаде Р.С.* ИСТОРИЯ ПОЯВЛЕНИЯ САХАРА И ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ПРЕИМУЩЕСТВА ЕЕ ПРОИЗВОДСТВА В МИРЕ И В ТАДЖИКИСТАНЕ | 138 |
| *Намозализода Ш.Н.* ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ФОРМИРОВАНИЯ СТРАТЕГИИ РАЗВИТИЯ ПРОМЫШЛЕННОЙ ПЕРЕРАБОТКИ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ПРОДУКТОВ | 143 |
| *Шарифова Р.Н.* РЫНОК СТРАХОВАНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН: ПРОБЛЕМЫ И ПУТИ ЕГО РАЗВИТИЯ | 150 |
| *Джумаев И.К.* ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ПРОЦЕНТНОЙ ПОЛИТИКИ КОММЕРЧЕСКИХ БАНКОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН | 156 |
| *Олимов Д.А.* ФАКТОРЫ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ ПРОИЗВОДСТВА МЯСА И МОЛОКА В ТАДЖИКИСТАНЕ | 160 |
| *Каримов Н.Я., Абдурахмонов С.А.* РОЛЬ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА, АНАЛИЗА И АУДИТА НА РАЗВИТИЕ ПРЕДПРИЯТИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН | 166 |
| *Сайфуллозода С.* СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ УПРАВЛЕНИЯ ВАЛЮТНЫМИ РИСКАМИ В КОММЕРЧЕСКИХ БАНКАХ | 171 |
| *Халифазода Дж.Б.* ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ И РЕГИОНАЛЬНЫЕ ОСОБЕННОСТИ РАЗВИТИЯ АГРОПРОМЫШЛЕННЫХ КЛАСТЕРОВ | 178 |
| | |


THE CONTENTS


| ECONOMY | |
|---|---|
| *Khairzoda Sh.K.* PROBLEMS AND CONTRADICTIONS OF APPLICATION OF «THE THEORY OF PATH DEPENDENCE» AND FORMATION OF THE INSTITUTIONAL MATRIX IN THE BANKING SYSTEM OF DEVELOPING MARKETS | 7 |
| *Rizoqulov T.R.* PERSONAL INCOME TAX AND ITS ROLE IN SUPPLEMENTING THE STATE BUDGET | 15 |
| *Ibrokhimzoda I.R., Safarova M.I.* ANALYSIS OF THE CURRENT STATE AND DEVELOPMENT TRENDS OF THE PENSION FUND IN THE REPUBLIC OF TAJIKSTAN | 20 |
| *Faizulloev M.K., Shamsuddinov A.Kh.* NATIONAL INDUSTRY DURING THE FORMATION OF THE MARKET ECONOMY | 26 |
| *Solekhzoda A.A., Safarov K.S.* ANALYSIS OF THE RISKS OF THE COUNTRY'S BANKING SYSTEM IN THE FRAMEWORK OF THE MACROPRUDEN POLICY MEASURES | 36 |
| *Safarov B.G., Amirov M.S.* ASSESSMENT OF EXTERNAL AND INTERNAL FACTORS OF FINANCIAL RISK MANAGEMENT OF THE ENTERPRISE | 43 |
| *Rahmonzoda Z.F.* EDUCATIONAL SERVICES IN HIGHER PROFESSIONAL EDUCATION INSTITUTIONS: CONCEPT, FACTORS AND BASIC PROCESSES | 49 |
| *Jumaboev Kh.Q.* IMPROVEMENT OF THE NATIONAL TAX SYSTEM AND ITS IMPORTANCE IN ATTRACTING THE DOMESTIC AND FOREIGN INVESTMENT | 57 |
| *Kodirzoda F.A.* THE ROLE OF FOREIGN INVESTMENT IN ENSURING THE ECONOMIC GROWTH OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN | 62 |
| *Mirakov K. M., Davlatov F. S.* THE SINGLE WINDOW FOF THE REGISTRATION OF EXPORT-IMPORT TRANSACTIONS AND ITS ROLE IN THE DEVELOPMENT OF THE COUNTRY'S EXPORT | 68 |
| *Burieva M.Ch., Hakimov M.A.* THEORETICAL FOUNDATIONS OF THE FORMATION OF SOCIAL ENTREPRENEURSHIP | 73 |
| *Sodikov M.S., Abdulloev S.I.* WORLD EXPERIENCE IN STATE REGULATION OF SMALL AND MEDIUM-SIZED BUSINESSES | 80 |
| *Davlatmurodov Sh.M., Ikromov F.N.* THEORETICAL AND PRACTICAL ISSUES OF THE PENSION FUND IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN | 87 |
| *Urunboev A., Urunbaeva N.A., Faizuloev H.P.* ECONOMIC EFFICIENCY OF SUSTAINABLE WATER USE MANAGEMENT UNDER CONDITIONS OF IRRIGATED AGRICULTURE | 94 |
| *Makhkamova G.M.* WOMEN IN LEARNING NEW FINANCIAL TECHNOLOGIES TO ACCELERATE FINANCIAL INCLUSION IN EMERGING MARKETS | 101 |
| *Khojazoada D.K., Naimov D.M.* THEORETICAL BASIS OF INNOVATION ACTIVITY IN | 107 |

| | |
|---|---|
| THE AGRO-INDUSTRIAL COMPLEX | |
| *Safarov I.N.* THEORETICAL BASIS OF INTERBUDGETARY RELATIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN | 112 |
| *Yunuszoda H.K.* DIAGNOSTICS AND ASSESSMENT OF REGIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN BASED ON PREDICTION OF THE INDEX OF HUMAN POTENTIAL DEVELOPMENT | 117 |
| *Dzhuraeva Kh.Kh., Shodiev B.S.* ORGANIZATION OF THE INTERNAL CONTROL SYSTEM AS A FACTOR OF ASSURING THE AUDIT QUALITY | 124 |
| *Davlatov F. H.* ANALYSIS OF THE ACTIVITY OF FREE ECONOMIC ZONES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN | 130 |
| *Kuzratzode R.S.* THE HISTORY OF THE APPEARANCE OF SUGAR AND ECONOMIC ADVANTAGES OF ITS PRODUKTION IN THE WORLD AND IN TAJIKISTAN | 138 |
| *Namozalizoda Sh.N.* THEORETICAL ASPECTS OF FORMATION OF A DEVELOPMENT STRATEGY FOR INDUSTRIAL PROCESSING OF AGRICULTURAL PRODUCTS | 143 |
| *Sharifova R.N.* INSURANCE MARKET REPUBLIC OF TAJIKISTAN: PROBLEMS AND WAYS OF ITS DEVELOPMENT | 150 |
| *Jumaev I.Q.* THEORETICAL BASIS OF PERCENTAGE POLICY OF COMMERCIAL BANKS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN | 156 |
| *Olimov D.A.* SUSTAINABLE DEVELOPMENT FACTORS OF MEAT AND MILK IN TAJIKISTAN | 160 |
| *Karimov N.Y., Abdurahmonov S.A.* THE ROLE OF ACCOUTING ANALIYSIS AND AUDIT IN THE DEVELOPMENT OF ENTERPRISES OF THE REPUBLIC TAJIKISTAN | 166 |
| *Saifullozoda S.* IMPROVING CURRENCY RISK MANAGEMENT IN COMMERCIAL BANKS | 171 |
| *Khalifazoda J.B.* THEORETICAL ASPECTS AND REGIONAL FEATURES OF THE DEVELOPMENT OF AGRO-INDUSTRIAL CLUSTERS | 178 |

## Ба таваҷҷуҳи муаллифон

Дар маҷаллаи илмию амалии «Паёми молия ва иқтисод» мақолаҳое, ки натиҷаҳои тадқиқоти илмию амалии соҳаҳои иқтисодию молияро дар бар мегиранд, чоп мешаванд.

Мақолаҳо дар давоми сол қабул карда мешаванд. Маводе, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд ва ё дар арафаи чопанд, қабул карда намешаванд.

Мақолаҳои пешниҳодшаванда бояд ҷавобгӯи чунин талабот бошанд:

1. Ҳаҷми мақола якҷоя бо расм, нақша, рӯйхати адабиёт ва матни аннотатсия ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бояд аз 12 саҳифаи компютерӣ кам набошад.
2. Мақолаҳо дар шакли электронӣ ва дар шакли чопӣ (1 нусха) пешниҳод карда шаванд.
3. Мақолаҳо паз аз гузаронидани барномаи «Антиплагиат» бо пешниҳоди маълумотнома қабул карда мешаванд.
4. Мақолаҳо дар системаи Microsoft Word бо чунин тарз: мақолаҳои тоҷикӣ бо гарнитураи Times New Roman Tj, русӣ бо гарнитураи Times New Roman андозаи ҳуруфи матни асосӣ – 14, рӯйхати адабиёт – 12, фосилаи байни сатрҳо – 1,5 см, сархат аз гӯшаи чапи варақ бо андозаи – 1,25 см, фосилаҳо аз боло – 3 см, аз поён – 2,5 см, аз чап – 3 см, аз рост – 2 см пешниҳод шуда, ҳамаи саҳифаҳо рақамгузорӣ карда шаванд.
5. Дар саҳифаи аввали мақола УДК, номи мақола, ному насаб ва маълумот дар бораи муаллиф (муаллифон) ва ташкилот ё муассиса, аннотатсия ва калидвожаҳо бо се забон нишон дода мешаванд.
6. Мақола бо аннотатсия ва калидвожаҳо бо се забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ (курсив, андозаи 12) оғоз гардида, бояд мухтавои асосии мақоларо амиқ дар бар гирад ва дар шакли алоҳида ба нашр мувофиқ бошад (на камтар аз 10 сатр). Калидвожаҳо тасвири кӯтоҳи мундариҷаи маводи илмӣ буда, дар бораи мавзӯъ ва сохтори он маълумоти умумӣ медиҳанд ва аз 8 то 10 калима ва ё ифодаро дар бар гирифта, бо вергул ҷудо карда мешаванд.
7. Маълумот дар бораи муаллиф бояд инҳоро дар бар гирад: ному насаби пурраи муаллиф (муаллифон), дараҷаи илмӣ, вазифа, ҷойи кор, суроға, телефон ва E-mail (шрифти курсив 12).
8. Иқтибосҳо дар дохили қавсҳои чоркунҷа, ба мисли [1, с. 24] нишон дода мешаванд. Рӯйхати адабиёт (аз 10 номгӯй кам набошад) дар охири мақола бо нишон додани ҳаҷми умумии саҳифаҳои сарчашма аз рӯи алфавит бо зерсарлавҳаи «Адабиёт» (Литература) оварда мешавад. Адабиёти истифодашуда қатъиян бо риояи ҳамаи меъёр ва қоидаҳои тартиби библиографӣ таҳия мегардад.
9. Ҷадвал, расм, диаграммаҳои дар мақола истифодашуда бояд қатъиян аз рӯи талаботи муқарраргардида нишон дода шуда, рақам ва номгузорӣ карда шаванд.
10. Мақолаҳои илмии пешниҳодшаванда бояд хулосаи коршинос ва тақризи мусбӣ аз ҷониби аъзои ҳайати таҳририяи маҷалла барои имкони чопи мақола дошта бошанд.
11. Матни мақола бояд саҳеҳу мукаммал ва дар шакли ниҳоӣ пешниҳод гардад.
12. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаҳои илмиро ихтисор ва таҳрир намояд.
13. Мақолаҳое, ки ба талаботи мазкур ҷавобгӯ нестанд, қабул карда намешаванд.

## К сведению авторов

В научно-практическом журнале «Финансово-экономический Вестник» печатаются статьи, содержащие результаты научно-практических исследований по экономическим наукам.

Статьи принимаются в течение года.

Представление в журнал работ, ранее опубликованных или принятых к печати в других изданиях, не допускается.

При направлении статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила:

1. Размер статьи должен состоять из 12 страниц компьютерного набора, включая текст, таблицы, рисунки, библиографию и тексты аннотаций на таджикском, русском и английском языках.
2. Материалы предоставляются на электронном носителе и в распечатанном виде (1 экземпляр).

3. Научная статья принимается с предоставлением справки о прохождении через программу «Антиплагиат».

4. Статья должна быть подготовлена в системе Microsoft Word. Рукопись должна быть отпечатана на компьютере (гарнитура Times New Roman Tj), размер шрифта основного текста – 14, списка литературы – 12, интервал 1,5, абзацный отступ – 1,25. Размер полей: сверху – 3 см, снизу – 2,5 см, слева – 3 см, справа – 2 см. Все страницы статьи должны быть пронумерованы.

5. Титульная страница должна содержать: УДК, название статьи (шрифт прописной 14), фамилию и инициалы автора (авторов), учреждение или организация (полностью) на трех языках.

6. Статья начинается с аннотации и ключевых слов (шрифт строчный 12, курсив) на том языке, на котором написана статья и продолжить аннотациями на другом языке (таджикском или русском) и английском языках. Аннотация должна ясно излагать основное содержание статьи и быть пригодной к публикации отдельно от статьи (не менее 10 строк). **Ключевые слова** должны обеспечить наиболее полное раскрытие содержания статьи, является кратким изложением содержания научного произведения, дающим обобщенное представление о его теме и структуре, оформляются через запятую (8-10 слов).

7. Сведения об авторе должны содержать: фамилию и инициалы (полностью) автора (авторов), его ученую степень, звание, должность, место работы и контактную информацию (почтовый адрес, телефон, E-mail) (шрифт строчный 12, курсив) на таджикском, русском и английском языках.

8. Ссылки на цитируемую литературу даются в квадратных скобках, например, - [1, с. 24]. Список литературы (не менее 10 наименований) приводится в конце статьи с общим объемом страниц источника в алфавитном порядке под заголовком «Литература» (шрифт строчный 12). Использованные источники производятся строго с соблюдением всех норм и правил оформления библиографии.

9. Использованные в статье таблицы, рисунки, диаграммы должны быть оформлены строго по установленным стандартам.

10. Научная статья, представленная в редакцию журнала, должна иметь экспертное заключение и отзыв специалистов о возможности опубликования.

11. Текст статьи должен являться окончательным и быть тщательно выверен и исправлен.

12. Редколлегия оставляет за собой право отбирать материал, производить сокращения и редакционные изменения статьи.

13. Статьи, не отвечающие настоящим требованиям, не принимаются.

Котиби масъул: Носиров С.Ш.
Муҳаррирон: Абдуллоева М.Н., Умарова Б.Ҳ., Каримова Б.А., Ҷобиров Н.
ДДМИТ, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, бинои 4
E-mail: vestnik@tgfeu.tj
Сайти ДДМИТ: www.tgfeu.tj

Ответственный редактор: Носиров С.Ш.
Редакторы: Абдуллоева М.Н., Умарова Б.Х., Каримова Б.А., Джобиров Н.
ТГФЭУ, г.Душанбе, ул. Нахимова 64/14, 4-й корпус
E-mail: vestnik@tgfeu.tj
Сайт ТГФЭУ: www. tgfeu.tj

Responsible editor: Nosirov S. Sh.
Editors: Abdulloeva M.N., Umarova B.Kh., Karimova B.A., Jobirov N.M.
TSUFE, Dushanbe city, Nakhimov street 64/14, Building 4.
E-mail: vestnik@tgfeu.tj
Webpage: www.tgfeu.tj

**Тарҳ ва дизайни Ф. Убайдуллоев**

Ба чоп супорида шуд 12.03.2021. Ба чоп иҷозат шуд 08.05.2021
Формати 60x84 1/8. Когази офсетӣ.
Ҳуруфи адабӣ. Чопи RISOGRAPH.
Ҳаҷм 23,75 ҷ. ч.. Теъдод 50 нусха.
Дар матбааи ДДМИТ чоп шудааст

**Верстка и дизайн Ф. Убайдуллоев**

Сдано в набор 12.03.2021. Подписано в печать 08.05.2021
Формат 60x84 1/8. Бумага офсетная.
Гарнитура литературная. Печать RISOGRAPH.
Объём 23,75 усл. печ.л. Тираж 50 экз.
Отпечатано в типографии ТГФЭУ

**Layout and design F. Ubaidulloev**
Finished in set 12.03.2021. Signed to print on 08.05.2021
Format 60x84 1/16. Offset paper.
The garniture is literary. Print RISOGRAPH.
The volume of 23,75 conv. b.p. Circulation 50 copies.
Printed in the printing house of TSUFE